**Аброр Зоҳир**

# БОЗГАШТ

***Роман***

Душанбе
«Адиб»
2012

ББК 84 Тоҷик 7-4
З-48

Муҳаррир *Зиё Абдулло*

З-48 **Аброри Зоҳир. Бозгашт** (роман). – Душанбе, «Адиб», 2012, 240 саҳ.

Романи нави нависандаи бозавқи тоҷик Аброри Зоҳир дар мавзӯи бисёр ҷиддии равонии (психологии) халқи мо бахшида шудааст. Нигоҳи мардуми деҳот ва бо нигоҳи нави шаҳрӣ, ақидаи нави ҷаҳонӣ бо собиқаи инсонӣ бархӯрдҳои тезутунде доранд. Ва нависанда хеле дилнигарона ба нигоҳҳо ва ақида ворид мешавад ва пеши хонанда чун дастархон мекушояд.

ISBN 978-99947-2-230-3

© Аброри Зоҳир, 2012

Пирамард бинои шонздаҳошёнаро тавассути зина баромад. Паси дари кулбаи писар дам гирифта нафас рост кард. Борхалтаи вазнину пурашро ба такяи девор ниҳод. Дар ин халта чиҳое нест, ҳамсараш барои писари олимаш гандумбирёни бо нахуд ва кунҷид омехта, нони чаппотӣ, кулчаи чойӣ, ғулинг, мавиз, чормағз, мағзи зардолуву бодомро дар бастаҳои махсус гузошта буд. «Кампири сода, испанду кокутӣ ҳам гирифта буд. Базӯр гардондам. Намефаҳмад. Гӯё дуд додани ҳазориспандро сунҳори ӯ хуш дошта бошад» – пирамард инро гуфту пеши назараш воқеаи даҳ сол пеш рӯй дода омад. Он вақт аз тарафи Пажӯҳишгоҳ, ки писараш он ҷо фаъолият менамояд ба ӯ хона доданд. Ана ҳамин хонаро, ки паси дараш нафас рост мекард, то ки ранҷу кӯфтагии роҳро аз худ дур кунад. Ба кулбаи писар бо рӯҳу нерӯи тоза ворид шавад. Он рӯз ҳамроҳи ҳамсараш омада буд. Кампир дар болои қуттии холии консерв испанд дуд дод. Ба ҳуҷраҳо даромада дуои маъмулиро хонд:

Испанди ҳазордона,
Дудут ба ҳазорхона,
Ҳар кас суқу чашм дора,
Чашмакша бикафона…

Сунҳораш якбора оташ гирифт. Гӯё чашмони кабуди дудияш ба ҷисмаш ҳарорати гармиро интиқол дод.

– Чӣ кор кардед? – сари кампири содаи деҳотӣ, ки бо як самимияту хайрхоҳӣ амали худро идома медод, дод зад. Кампир моту маҳбут монд. Надонист чӣ ҷавоб гӯяд. Ба ҷойи ӯ писараш суол дод:

– Чӣ гап шудааст?

– Кур нестӣ, бин модарат чӣ кор кард? – дасту пойи ҳамсараш меларзид. Лабони сурхимолидааш пир-пир мепариданд.

– Чӣ кор кард? – бо нармӣ бори дигар суолашро такрор намуд.

– Дуди ин, – ба испанд ишора намуд, – хонаро, ин деворҳои сафедро сиёҳ кард. Намебинӣ?

– Ҳеҷ гап не…

– Ту ба хонаи ман киро овардӣ? Ин шаманҳои ҷодугаратро гум кун!

– Ором шав!

– Гум кун, ки худамро аз балкон ба поён мепартоям.

Пирамард худи ҳамон замон ҳамроҳи ҳамсараш рахти сафар барбастанд. Ва дуюмбора нияти шаҳр, ёди хонаи фарзанд накард. Ҳаќу ҳамсояҳо, онҳое ки ќазияи хона гирифтани Ғуломалӣ, писари пирамардро шунида буданд, суол мекарданд аз онҳо. Зану шавҳар як гап доштанд. «Худо насибашон кунад, ҳуҷраҳои барҳаво дар ошёнаи шонздаҳум…». Аз шӯру мағали сунҳор дилашон сиёҳ буд. Пирамард, тӯли даҳ сол ки ёди шаҳр намекард, борҳо бо писараш вохӯрда, сари сӯҳбат нишаста буд. Борҳо гуфта буд, ки ҳанӯз сари вақт аст. Аз ин зан ҷудо шавад. Аммо писар гапи худро дошт. «Писарам ранҷ мекашад…» Пирамард гапи зиёд намегуфт. Танҳо худ ба худ ғур-ғур мекард. «Кӣ ба ин зот ҳуқуқ додааст, ки пеши мард даҳон кушояд? Кӣ андешаи ин ҷинсро аз фикри мард боло гузошта бошад? Чаро мард бояд ба гуфтаи зан кор кунад? Охир сухани ягон зан саҳеҳ нест…» Андешаи ӯ дар ин маврид якҷониба буд ва онро дурӯст ва мантиқӣ меҳисобид. Аммо боре ба худ намеандешид, давроне ки дар он ба сар мебарад, ҳама гуфтаҳои ӯро, пиндори ӯро ғайриқонунӣ арзёбӣ мекунад. «Эҳ, замонаи мардкуши моддапарвар…» Мушт ба каф кӯфта, сар меҷунбонд. Ӯ аз ҳамсараш розӣ буд. Аммо боре ба васфи ӯ даҳон намекушод. Ҳатто хӯроки пухтаашро тавсиф намекард. Гӯё хушомад ба зан боиси вайроншавии хулқу хӯи ин ҷинс мешуда бошад. Ҳамсараш ҳам боре тақозои ин амали ӯро надошт. Одат карда буд ба ин феълу хӯ. Аз духтараш, ки боре ба меҳмонии бародараш рафта, дую дубора орзӯи меҳмониро намекард, шунида буд, ки сунҳорашон дасташро ба оби гарм намезанад. Ҳама корро дар хона хизматгор иҷро менамояд, барои ин ба хизматгор маоши хуб таъин карда будаанд. Вазифаи сунҳор иборат будааст аз хӯрдан, хобидан, телевизор тамошо кардан, назди машшота рафтан, либосҳои мӯд пӯшидан ва онро ба хешон бахшидан. Пирамард ба гуфти духтараш бовар мекард. Аз ин чиз хиҷил буд. Дилаш ба ҳоли писари олимаш, ки хело барвақт ба мӯяш сафедӣ дамида буд, сахт месӯхт. Вале илоҷ надошт, зеро писараш ба гапаш набуд. Ӯ дар муҳити деҳ, урфу одати рӯсто парвариш ёфта дар шаҳр тағйир ёфта буд. Дар хона ҳамсараш ҳукм меронд. Як ҷавони ҳузарб бо

ҳамон гавдаи паҳлавонона, дасту бозуи рӯстамона пеши як занаки нокиро мокувор чарх мегашт. Модар низ аз ин ҷиҳат ғам мехӯрд. Боре ба шавҳараш дарди дил кард.

– Ҳайфи ин қаду баст…

– Киро мегӯӣ?

– Ғуломалиро.

– Ҳм…-пӯзханд зад, – Ғуломи ҳақиқӣ…

– Худаш хӯрок мепухтааст.

– Дилам аз ин бача кайҳо хунук шудааст. Ба мурдаи ман намеояд, аҷузааш иҷозат намедиҳад.

– Ба кӣ рафта бошад?

– Ана ҳаминро аз ту пурсиданӣ будам. Росташро бигӯ, аз пушти кист?

– Айба намедонӣ мардак. Якбор ба сурати ӯ нигар.

Пирамард он гуфторашро пеши рӯ оварду машаи ханда кард. Ва тугмаи садоро пахш намуд. «Кист?» Овои нарми сунҳораш баромад, вале барои пирамард он гӯшхарош расид. Боз тугмачаро пахш кард. Бо ин амалаш ба ин чеҳраи барояш манфур сазо додан мехост. «Кист?» Боз овоз баланд кард соҳибхона. Пирамард ҷавоб надод. Ва тугмаи садоро сар намедод.

– Кистед шумо?

– Ман… – Падари шавҳарат…

Танҳо баъд аз ин ҷавоб дарро ба рӯи пирамард кушод. Пирамард калушҳояшро дами дар кашида, борхалтаи вазнинашро дар такяи девори даромадгоҳ ниҳод. Ва ҷои саломи аҳволпурсӣ, амр намуд:

– Оби хунук биёр!

– Ҳозир, – гуфт сунҳораш ва ба ошхона даромад. Пирамард ба тоблуи овезони девори долон, ки ҳошияи чӯбинаш мунаққаш буду ранги зарҳаллин дошт, нигарист. «Ин чӣ бошад?» Ҳеҷ сарфаҳм намерафт, мақсади мусаввир аз офариниши ин манзара дар чист? Мошини «КАМАЗ» тасвир ёфта буд, ки ҷои чароғакҳо чашмони одамӣ дошт, ҳошияаш хун гирифта, даҳони каҷашро дандонҳои тези шамшермонанди, номураттаб рӯида, ишғол мекард. Дар теппаи сар ба сони мавҷгири телевизор ду шох дошт, ки дар нӯги он пӯпаки нарм меистод. «Мошини одамхӯр!» – гуфт. Инро бо овози баланд гуфт ва ё тайи дил, ки худ онро ташхис дода наметавонист. Дар наздаш сунҳораш ҳайрон меистод, ки дар даст косаи пуроби чинӣ дошт.

– Марҳамат.

– Ин акси бемаъниро, кӣ ин ҷо часпонд? – обро аз дасти ӯ гирифта ба лаб бурд.

– Маънии бисёр дорад.

– Нафаҳмидам, – косаи холиро баргардонда. – Одамон чӣ мефаранд, чӣ мекашанд? Ҳайронам. Боз инҳо онро дар девор овехтаанд. Ин чӣ маънӣ дорад? Малоик аз кулбаи шумо кайҳо фирор кардааст.

– Ин осори санъат аст, амак.

– Санъат? Инаш боз чӣ маънӣ дорад? Санъат гуфта Худову расулро фаромӯш кардаед. Охир ин симои Иблис аст.

Пирамард қасдан дурушт мегуфт, то ки бо ин фард боодобона рафтор накунад. Заррае хушгӯии ӯ ба дилаш меҳрро бедор насозад. Тавре ки даҳ сол пеш ба ин эҳсос нуқта гузошта буд. Ҳамин тавр дигар ба он барнагардад.

– Фаридун куҷост? – тавре ки рӯи сандалӣ нишаста буд суол кард пирамард.

– Дирӯз аз истироҳатгоҳ омад. Машқ рафтааст.

– Машқи чӣ?

– Машқи варзиш…

– Ғуломалӣ куҷост?

– Дар кор…

– Ҳм… – пирамард аз ғояти ғазаб дандон ба дандон месоид. Ҳеҷ наметавонист бо ин ҷинс, ки ба ҷигарбандаш ҳамхонаасту аз зиндагии якҷояашон фарзанд доранд, созиш кунад. Аввал, дар ин масъала ҳамраъйи писараш буд. «Бигзор писарам бо шахсе оила барпо кунад, ки маълумоти олӣ дошта бошад, шахсе ки аз занҳои деҳ як сару гардан боло». Аз ин издивоҷ хурсанд буд. Пеши ҳамдеҳагон тафохур ҳам дошт. Вале он қазия, дар рӯзи хонадароён андешаашро ба тамом дигар кард. Баъд аз он ки бо қаҳр кулбаи писарашро тарк кард, пеши худ мақсад гузошт ба ӯ аз деҳа зани сарпасту гапдаро пайдо мекунад. «Бигзор писарам аз зан ҳузӯр кунад. Ҳатман ба ӯ зани шикастапову бопадар медиҳам. Ба ин ранҷу заҳмат хотима бояд дод». Ӯ ин фикрашро ба ҳамсараш расонд. Дукаса ба ҷӯстуҷӯи арус шуданд. Хостгорон кам набуданд. Писари онҳо як гул буд, ки сад харидор дошт. Аммо Ғуломалӣ раъйи волидонро напазируфт. Муҳити бунёд намудааш барояш маъқул буд.

«Биё ба гапи ман даро. Пушаймон намешавӣ. Аз ин нашъаи

некӣ нест. Зане ки ба ашёи зиндагӣ таваҷҷӯҳ кард, мардро ба андозаи мӯр қадр намекунад. Дар зери пошнааш мемонӣ. Зане шикастанафс, чашмсер, пурбардошт лозим аст ба ту. Ту бояд дастёр дошта бошӣ, ки ҳаргиз дар рӯзгордорӣ ташвишат надиҳад. Мебинам, ки Баракс, ба ҳама кор як худат медавӣ. Иллат дар ҳамсарат аст» – Пирамард дар ҳар вохӯрӣ дар ин хусус гап мезад, писараш ночор гӯш мекард. Боре ба падараш фаҳмонд:

«Падар, ман аз ин зан ягон бадӣ надидаам. Баракс,, дастгиру кӯмакрасони ман аст. Дар ягон корам халал намерасонад». Аммо ин ба пирамард хуш наомад.

Инак,, рӯи сандалӣ нишаста, ба худ мепечид, гӯё рӯи хор нишаста бошад. Ҳарчанд ба ҳамсараш, ҳақу ҳамсояҳо, ки ба гуселаш баромада буданд, тӯли меҳмониашро дар хонаи писар даҳ рӯз гуфта буд, аллакай дар остони хонаи ӯ дар як лаҳза гулӯяшро чизе фишурд, нафасаш ба тангӣ баромад. Гардан ёзонда, тугмаи гиребони куртаашро кушод. Ва аз ҷой хест. Ваҷоҳаташ тира буд. Сунҳораш низ ба рафтори падаршӯяш, ки кӯфти роҳ ранҷӯраш намуда буд бефарқ менигарист. Пирамардро ин амалӣ ӯ торафт ба ғазаб меовард. Ба пиндори ӯ бетаввачӯҳии сунҳораш аз ғояти меҳмонбезорист, ки ӯро дар долон ҷой дода, ақли ба ҳуҷраи пазирой даъват карданро надорад. Пирамард гурусна ҳам буд. Субҳ, вақте ки аз масҷиди деҳа бонги азон баланд шуд ба масҷид рафт, намоз гузорид ва ҳини бозгашт ба Ҷалилу Саттор, ки гузари онҳо як буд, азми сафар доштанашро баён намуд. Ҷалил Ғуломалиро таъриф кард.

– Аз деҳаи кӯчаку назарногири мо ҳам одам баромад. Мегӯянд дар Маскаву шаҳрҳои калон баромад мекардааст…

– Меомад деҳаву дасти падарро мегирифт, хуб набуд? – фалсафаи худро гушзад кард Саттор.

– Не, – бо анчухи рӯ ӯро рад кард Ҷалил. – Мағзи ӯ дар деҳа намеғунҷадд. Ӯ бояд дар Душанбе, дар марказ бошад. Кори деҳаро Тағой ҳам мекунад.

– Тағой? – бо тааҷҷуб ба рӯи мусоҳибаш рӯ овард Саттор.

– Бале,… Барои дар деҳа зиндагӣ кардан ақли зиёд лозим нест. Ғуломалӣ барин мардони хушзеҳн дар деҳа хор мешаванд. Муаллими Саломро ҳам падараш намонд, ки дар шаҳр монад. Худаш ба назди ӯстодаш рафта оби дида рехтааст, ки дигар зӯраш ба нигоҳбинии гову молаш намерасад. Писарашро ҷавоб

диҳад. Дипломро гирифт. Акнун вақти он аст дастгири падару модар бошад. Устодаш гуфтааст. «Барои нигоҳбонии гову молат писари маро бар, ман розӣ писари ман ба нафъи илм коре намеояд. Аммо писари ту ба зинаҳои баланд мерасад». Аммо мӯйсафеди Ҷонон илтиҷои устоди писарашро рад кардааст: «Гузаштам аз баҳри илмаш. Модараш ҳам оби дида резонда, ба ҷону ҳолам намонд».

Салом дар деҳа монд. Борҳо устодаш омад, зориву тавалло кард. Зиндагиам хуб аст, гуфта нарафт. Фикр мекунӣ кори хуб кард? Не, дар шаҳр меистод шояд академик мешуд.

– Ба Ғуломалӣ салом расон, – гуфт Саттор.

– Осиёбро ба кӣ мемонӣ? – суол кард Ҷалил аз пирамард.

– Бигзор як муддат бекор монад. Новакаш шикастааст.

– Мардум куҷо мераванд?

– Дар Хами сафедорон Ҳомид осиёби барқӣ овардааст, сохти чинӣ. Сайдар таъриф кард, ки аз гандуми маҳалллӣ орди дараҷаи олӣ мебарорад. Бигзор он ҷо баранд гандумашонро. Кампири Саврӣ гуфтааст, ки рӯзи осиёббони мо чӣ хел мегузашта бошад? Рости гап дардам кард. Наход якумр хизмати мардумро куниву омада-омада як кампири худоихӯр таънаат занад.

– Хафа нашав!

– Чӣ хел хафа нашавам? Барои ин бояд сари чун Тағой бемағз дошта бошам. Ман дигар ҳаргиз ин корро ба гардан намегирам. Худат бигӯ Ҷалил дар ин вақти камобӣ ҷӯй бикан, санг тарош, девор бардор, бомро андова бикун, то ки мардум ранҷ кашида роҳи дур нараванд, осиёб бисоз, гапашонро бин!

– Хафа нашав! Осиёби барқӣ бо вуҷуди тезкорӣ зиён ҳам дорад, – ба гап даромад Саттор.

– Чӣ хел?

– Ширaи гандумро месӯзонад. Шунидам Рауф он ҷо гандумашро орд карда омадааст. Нони бастаи ҳамсараш дар танӯр дошт надода афтодааст.

– Ҳаминро нагуфтӣ ба одамон, – чашмони пирамард дурахшид, қоматаш рост шуд, дар гӯшаҳои даҳонаш осори табассум падид омад. Пирамард ба ҳавлиаш даромад, ки ҳамсараш тӯшаи роҳ омода кардааст. Рӯи суфа дастархон гӯстӯрда, ширчой овард, пирамард як пора нони расидаро ба коса реза карда хӯрд. Сипас пӯшокҳои хосаи сафарияшро ба бар карда бардам-бардам қадам монда, аз ҳавлӣ баромад.

– Фаридунро ҳатман биёр! – хоҳиш кард ҳамсараш.

– Агар иҷозат диҳанд.

– Иҷозат пурсида нашин!

– Келине дорӣ, ки қадри одамро медонад…

Ниҳоят Фаридун омад. Омаду худро ба оғӯши бобо партофт.

– О дар хоки поят мурам бачае… – пирамард набераашро гарм ба бағал гирифт. – Аз куҷо омадӣ?

– Аз машқ…

– Машқи чӣ?

– Карате…

– Чӣ?

– Карате, гӯштини ҷопонӣ…

– Гӯштини худамонро машқ бикун, барои ҳар як қавму миллат суннати худ даркор мешавад.

– Хоҳиши худаш ҳамин буд, – ҷуръат карда гап зад сунҳораш.

– Шумо куҷо нигоҳ мекардед? Бача чени фаҳмиши худаш амал мекунад, ӯро калоне даркор, ки ба роҳи дурӯст ҳидоят намояд.

– Бобоҷон дигар нарав!

– Куҷо?

– Деҳа…

– Наметавонам, бачам. Осиёб бекор мемонад. Мардуми деҳ ранҷ мекашанд.

Пирамард Фаридунро раҳо карду ба сунҳораш рӯ овард.

– Халтаро холӣ карда ба ман бидеҳ. Ман ҳамроҳи Фаридун тамошо мебароем.

– Чой нӯшида, баъд равед. Аз роҳи дур омадед, гурусна мондаед.

– Чой намехӯрем, – гуфт пирамард ва аз ҷой хест. Сунҳор халтаро холӣ карда, ба хусураш дод. Бобову набера, тавассути лифт поён фаромаданд. Пирамард аз ин пеш ба лифт савор нашуда буд, аммо шунида буд, ки чунин воситаи хизматрасонӣ мавҷуд аст. Ҳарду аз назди фавораҳои бинои маъмурӣ қадам зада, ҷониби биноҳои нави баландошёнаи истиқоматӣ раҳсипор шуданд.

– Бист сол пеш ин мавзеъ заминҳои киштбоб дошт. Пахта, гандум, ҷав ва дигар зироатҳоро кишт менамуданд. Имрӯз дар ҷои он биноҳои истиқоматӣ сохтаанд. Шаҳр доман паҳн меку-

над. Рӯз то рӯз заминҳои ҳосилхез кам мешавад. Агар зимоми давлат дар дасти ман мебуд ҳаргиз ба ин чиз роҳ намедодам. Биноҳоро дар ҷое месохтам, ки заминҳои ҳосилхез надорад. Охир, барои одам ба ғайр аз манзил ғизо ҳам зарур аст.

Фаридун ба суханони бобояш сарфаҳм намерафт. Дарк намекард, дарди ӯ аз куҷо сар задааст ва чӣ маъно дорад. Аммо бо ӯ будан, паҳлӯяш қадам задан ширину гуворо буд. Пирамард дар ин рӯзи тафсон кӯшиш мекард дар сояи дарахтони беҳосил қадам занад. Ин ҳам табъи дилаш набуд: «Агар ҷои ин дарахтони беҳосил, себ, нок, олуча мешинонданд кор ранги дигар мегирифт. Ақаллан каме ҳам бошад мушкилоти мева ҳалли худро меёфт». Пирамард ин хулосаашро аз дил гузаронд. Зеро медонист Фаридун ҳанӯз ба дарки ин маъно кунд аст. Ва моҳияти ин масъаларо дурӯст идрок наменамояд. Дар канори шаҳр, дар назди ҷӯйбори бузӯрг, ки аз соруҷу санг бунёд ёфта буд, дар сояи дарахти ақоқиё нишастанд. Пирамард ба шилдироси об нигариста хомӯш монд. Фаридун ба об сангча ҳаво дода, туф кард. Ин амали ӯ ба бобояш хуш наомад.

– Ба об ҳаргиз чизе намепартоянд, туф ҳам намекунанд.

– Барои чӣ бобо?

– Об ифлос мешавад…

– Ифлос?

– Бале, ҷони бобо… Дар Сарзамини мо об фаровон аст. Ҳарчанд солҳои охир он ҳам кам шудааст. Дар мамлакатҳои зиёд аз нарасидани об аҳолӣ азоб мекашанд. Ман дар замони хизмати аскариам азоби беобиро кашида будам. Он рӯз ҳамроҳи Олег ном ҳамхизматам, дар вақти машқи ҳарбӣ бо супориши қумондон мебоист нишонаи эҳтимолии мавқеи душманонро муайян мекардем. Азбаски ҳардуямон аз кутбнамо истифода карда наметавонистем. Дар биёбон роҳгум задем. Захираи обамон кам монда буд. Олеги сафедпӯст аз таъсири офтоб сӯхта, сиёҳ шуда буд. Ман бошам аз ӯ бадтар. Рег зери дандон ғиҷирос мезад. Хомаҳои регро бод ҳамвор мекарду дар ҷои дигар туб месохт. Мо ҳарду афтону хезон пеш мерафтем, ба умеде ки деҳе ва ё касеро мебинем. Се шабу се рӯз, шаб роҳ мепаймудему рӯз зери рег даромада мехобидем. Зеро рег нам дошт ва тафси офтобро рафъ менамуд. Аз гуруснагӣ морро кушта кабоб карда хӯрдем.

– Мор?

– Бале, бачаҷон, морро…

– Нон надоштед?

– Доштем, тамом шуд.

– Рӯзи сеюм ҳама силоҳҳоямонро дар биёбон партофтем.

– Барои чӣ бобо?

– Бори зиёдатӣ буд. Ҳатто обдону мӯзаҳоямон бароямон вазнинӣ мекард. Олег онро ҳам партофт, чун пойҳояш дар рег сӯхт, боз онро ба по кашид.

– Чӣ тавр аз он вазъият баромадед?

– Бадани Олег хушк шуда, ба ҷисми мӯмиёии мурдаи ҳазорсола монанд шуд. Чашмонаш ба косахона фурӯ рафта, лабонаш карахш баст. Пайваста об мегуфту об. Регро канда, то гулӯ дар замин гӯраш кардам. Ва худ ба шикори мору калтакалос баромадам, то ки барои намурдан ғизое омода кунам. Бо ин ният сари хомае баромада, кафи дастонро соябон карда, ба атроф нигаристам. Дар самти уфуқ наҳре дидам, мавҷ мезад. Хостам Олегро монда биравам, ба серӣ бинӯшам ва барои ӯ биёрам. Ҳушам ба сар зад, ки обдонҳоямонро чун ашёи нодаркор партофта будем. Дар ҷойям таваққуф кардам. Амиқтар нигаристам, ки он наҳр, ки бо мавҷаш маро ба сӯяш мехонд сароб аст.

– Сароб? – ҳайрон шуд Фаридун.

– Бале,, сароб… – Бозгаштам ба назди Олег, ки реги равон аллакай то манаҳ ӯро пӯшонда буд. Аз хок берунаш кашидам. Ин дам аз дур хати сафеде дар фазо намоён шуд. Шабеҳ буд ба чанги чархи мошин. Мутаваҷҷеҳ шудам. Як вақт чанг ба мо наздик шуд. Овои бузу гӯсфанд ба гӯш расид. Даҳмардаҳои тӯркман чорвояшонро аз саҳро мегузаронидаанд. Моро дида, об доданду нон ва ба шутӯрҳо бор карда, ба деҳаи наздиктарин расониданд. Дар қисми ҳарбӣ барои ҳардуямон даҳшабонарӯзӣ ҷазои ҳабс ҳукм баровcovарданд.

– Барои чӣ?

– Чунки хилофи оинномаи ҳарбӣ амал кардем. Аз он рӯз ин ҷониб ба об, манбаи ҳаёт эҳтиром ниҳодаам. Об, дар рӯдҳову чашмаҳо кам шудааст. Ба ин иллат ҳосили кишти мардум кам мешавад. Ту ҳам писарам ба об эҳтиром гузор, обро ҳаргиз гил макун…

Пирамард ба оби шилдиросии ҷӯй зиёд нигарист. Ҷӯе, ки чархи осиёби ӯро мечархонд, хеле камоб шуда буд. Нерӯи он ба гардондани чархи осиёб намерасид. Пирамард дар оғози баҳор ҷӯйро амиқтар канд, алафу хошоки дармондаро тоза намуд.

Осиёб ба кор даромад. Аммо назири онро дар деҳаи Хами сафедорон бунёд карданд. Акнун сафи мизоҷон кам нашуда бошад ҳам, аз назди осиёби ӯ гузашта, ба Хами сафедорон гандум бурдани ҳамдеҳагонро дида аламаш мекард. Азми сафари шаҳр карданаш бошад, аз ҷониби дигар маҳз ин амали ҳамдеҳагон буд, ки нисбати ӯву осиёбаш раво дида буданд. Ӯ ба рағми ин амали онҳо эътироз карда, шаҳр омад. Ба омадан омаду дар лаҳзаи аввал дилаш сард гашт. Асосан хоби дидааш ба ин боис шуд. Ғуломалиро хоб дид, ки бобои марҳумаш, падари пирамард сиёсат мекард. Тозиёна мезад Ғуломалӣ лом намегуфт. Хомӯш чун маркаби саворӣ дар як ҷо чарх мезад. Ва оби дида ҳам намерехт. Дар атрофашон мардуми деҳ ҷамъ омада буданд. Касе ёрои пурсиш надошт, ки ҷурму гуноҳи ӯро чӣ боис шудааст. Аммо бобояш худ ниҳоят дӯғу пӯписаро бас карда ба ҳозирон рӯ овард. «Ин, – ба Ғуломалии лолу сарафканда бо тозиёна ишора кард, – ба авлоди мо ба хонадони мо испод овард». Дигар чизеро шарҳ надод. Пирамард маънии таҳтонии хоби дидаашро, ки чун хобҳои дигараш дар худ маъниҳои мармузро ниҳон медошт, ташхис дода натавонист. «Чӣ бошад маънии ин хоб? Чӣ хиёнате дида бошанд, рӯҳу арвоҳи гузаштагон дар кирди ӯ? Яқин мутеу сарафканда буданаш аст, пеши ҳамсараш. Ҳафт пушти мо ба зан мутеъ набуд». Чунин хулоса карда пирамард ва лаби ҷӯй нишаст. Ҳарчи дида буд дар хоб ба об бигӯфт, то ки оби софу мубаррои анҳор ранҷу заҳмати ин ҳолати мармузи рӯҳониро бишӯяд. Пок созад. Сипас ба арвоҳи бобу ҷаддаш оят хонда бахшид. Ба ҳамсараш, ки ҳавлӣ мерӯфт амр намуд.

– Хамир бикун, чаппотӣ бипаз, – ва худ банди таккаи парвоиро, ки онро ҳатто ба пода ҳай намекард, зери чормағз овард. Ва ду лӯнда намакро ба даҳонаш ниҳод. Такка намакро хӯрду дастони соҳибашро лесид. Пирамард таи дил хандид. «Ана ҳамин тавр дастони қассобро мелесанд, ин зот». Ва кордро, ки бо ғилофаш дар рӯи суфа ниҳода буд, гирифт. Ҳамсараш дарк кард, пиракияш чӣ мехоҳад. Дигар даҳон накушод. Чунин одат буд дар ин хонадон, ки зан ҳаргиз ба марди хона суолу тагпурсӣ намекард. Ҳар кирду амале, ки мекард, бо хомӯшӣ таҳаммул менамуд. Ҳамсари мӯйсафед низ дарк карда буд, пиракияш нияти хайр дорад, ки бахри рафъи офат аст, ки ба пирамард рӯҳу арвоҳи гузаштагон башорат додаанд. Пирамард таккаро сар зада, дар навдаи чормағз аз лингаш овехт, сипас бо ҳавсала пӯст

канду ба қисмҳо ҷудо кард. Ва танҳо дар ниҳояти кор ба кампираш фармуд.

– Шӯрбо бипаз, калла почаашро бисузу бо ишкамбааш дар деги дигар андоз. Бегоҳ аҳли деҳаро хабар мекунем… Кампир дигар чизе нагуфт, фармони шавҳарашро бо хомӯшӣ қабул кард. Пирамард, чун одат ҷониби осиёбаш равон шуд, Хайбар саги гӯшу думбуридаи чӯпониаш аз қафояш омад, бо забони сурхи аз миёни дандонҳои ашк овезон. Пирамард аввал палаки тарбузу харбуза ва бодирингро хабар гирифт. Тарбуз чинду харбуза, бодирингу помидор, онрҳоо ба сари марз баровард. Сипас хӯрҷинро, ки дар пояи баромадаи зина овезон буд, гирифт. Дар як почаи хӯрҷин тарбуз дар дигараш харбуза андохт. Дар сабад аввал бодиринг ва аз болои он помидор ниҳод. Ва хари ҷавонашро, ки баъд аз марги хари солхӯрдааш, ки ба дарди нохуна гирифтор буд, ҳамин зимистон савориаш карда буд, аз янтоқзори қади дара гирифта туқум заду борашро болои он ниҳод. Дар назди осиёб бор набуд, касе ба ҳоҷат наомада буд. «Карими Хами сафедор, кори маро сабук кард,» – гуфт зери лаб. «Зиндагӣ дигар мешавад. Хар, ки як замон нақлиёти асосӣ буд. Имрӯз аз даст баромад. Дар ин гӯшаҳои дур аҳён-аҳён мондааст. Шаҳриён акнун харсаворро дида, механданд. Гӯё бобу ҷаддашон аз бефаҳмӣ, ба он савор мешудаанд. Ғуломалии мо ҳам фаромӯш кардааст деҳу одамонашро, ҳушу ёдаш ба кор. Ҳама таърифаш мекунанд. Муаллимонаш, ифтихори мо, мегӯянд. Дар мактаб сураташро овехтаанд. Аз ӯ ифтихор накарда ҳам намешавад. Муаллими Салом, ҳар вақте ки дар бораи Ғуломалӣ сухан равад, оҳи пурдард мекашад. «Эҳ ин мӯйсафеди мо, барвақт худо ҷонашро нагирифт, ки нафаси озод бикашам. Ба ҳар амале ки даст задам, моне шуд. Кашида ба ин ботлоқ овардам. Агар дар шаҳр мемондам…» Оҳ мекашиду таассуф мехӯрд. Акнун аз паи молу гов мегардад. Ба Ғуломалии мо ҳасад мебарад. Ва гоҳу ногоҳ дар ин маврид мегӯяд. «Шогирди ман аст». Ин сухани ӯ оҳанги эътирофро дорад.

Пирамард бегоҳ оши худоӣ дод. Ва таи дил гуфт: «Садақа ради бало». Дар ин нишаст боз аз Ғуломалии олим сухан рафт. Аз ҳама зиёд Ориф гап зад. Ин марди баландовози каммаърифат аз касе ва чизе шарм намекард. Дар ҳама маъракаҳо лаҷоми суханро ба даст гирифта дурӯғу рост мегуфт:

– Парерӯз Душанбе рафта будам. Ғуломалиро дар бозори

Шоҳмансур вохӯрдам. Ба ҷону ҳолам намонд, хонааш бурд. Аз Маскав омада будааст. Дар он ҷо «дакалод» карда, Америка рафтааст, дар Америка вақти дакалод телефонаш занг задааст. Аз Душанбе хабар додаанд, ки ҳама ҷамъ омада, интизоранд, ки дакалод кунад. Ғуломалӣ гуфтааст, ки писарамро баред, ки дакалод кунад. Писарашро бурдаанд. Писари якумхон чунон дакалод кардааст, даҳони ҳозирон воз мондааст…»

– Дар кадом мавзӯъ? – суол кард муаллими Салом.

– Мавзӯи дакалод…

– «Дакалод» ном дорад.

– Напурсидам…

– Дар Душанбе боз чӣ гап будааст? – суол кард Саттор.

– Душанбе дигаргун шудааст. Як иморатҳо, як иморатҳо бунёд кардаанд, ки илоҳи тавба…

– Хонаи Ғуломалӣ дар ошёнаи чандум аст? – суол кард Саттор.

– Рости гап ҳисоб накардам.

– Бо лифт баромадӣ ё бо зина?

– Зина…

– Биё мон, бӯяш баромад, – бехи гӯши Саттор пичирос зад Латиф.

Пирамард як пои таккаро дар оташи танӯр кабоб кард, ба ҳамсараш фармуд онро дар чаппотӣ печонда, дар рӯймолак бандад.

– Тарбузу харбуза ҳам мегирифтед? – гӯшрас кард кампир.

– Борам вазнин мешавад, дар бозорҳо пур… Аз ҳамон ҷо мехарам.

Ҳамроҳи Фаридун қадамзанон бозор даромаданд. Тарбузу харбуза харид. Сипас халтаро ба китф гирифта, ба чойхона даромаданд. Кабоб фармуду чойи кабуд.

– Писарам Фаридун кай деҳа меравӣ?

– Пагоҳ, маро бо худ бибар бобо…

– Очаат чӣ мегӯяд?

– Розӣ мешавад…

– Падарат чӣ?

– Ӯ дар ин хусус бо модарам маслиҳат кард.

– Кай?

– Ду-се рӯз пеш…

– Аз машқат қафо намемонӣ?

– Не… Дар он ҷо машқ мекунам.
– Он ҷо кор дигар хел аст.
– Бобо дар деҳа асп ҳаст?
– Ҳаст…
– Хар чӣ?
– Хар ҳам…
– Гов?
– Ҳаст…
– Бобо, ба ман як говатонро бидеҳед.
– Гов аз ту…
– Шаҳр оварда мешавад?
– Дар куҷо нигоҳ медорӣ?
– Дар болохона…
– Чӣ тавр мебарорӣ?
– Бо вертолёт, чун дар кинои «Мимино»…
– Ку вертолёт? Ин кори саҳл нест писарам. Агар дилат гов хоҳад деҳа биё.
– Деҳа?

Мӯйсафед чой гардонда, ба набераа ш ҳам муроат кард. Аммо ҳис намуд ба ӯ чой маъқул нест. Аз киса чанд танга баровард.

– Маҳ, яхмос бихар.

Писарак хурсанд, тангаҳоро гирифта ба дӯкони яхмосфурӯшӣ давид.

Пирамард як писару як духтар дошт. Писараш Душанбе хондан омаду духтараш шавҳар кард. Ӯ монду кампираш ва саги думу гӯшбуридааш Хайбар ва як хар. Бо ду гову чанд гӯсфанд, даҳ мурғу як хурӯс ва осиёби бобогӣ. Падарашро бо гуноҳи бой будан Сибир бадарға карданд. Он вақт чорсола буд. Ҷурмаш ана ҳамин осиёб буд, ки дошт. Гандуму ҷави мардумро орд мекард.

Зимомдорони навдавлат зану фарзандашро рӯи хотир накарданд. Дастонашро қафо баста, пеш-пеши камон бурданд. Ба бурдан бурданду дигар барнагашт. Ҳамин тавр пирамард дар тарбияи модараш монд. Модараш ҳанӯз ҷавон буд. Биступанҷ сол дошт. Ҳамаро рад мекард. Баҳонааш тайёр буд. «Аз шавҳарам нома гирифтам, меояд». Ҳамин тавр пою қадами хостгоронро аз остони хонааш канда мекард. Пирамард аз рафтори модари сатрпӯшаш, ки ҳамқадами замон набуд, ғам мехӯрд. Ҳатто пеши мардон сархам кор намекард, ки амали ӯ боиси ҷалби онҳо нашаваду ҷурми зинокориро қоил нагардад. Имрӯз

дар ин гӯшаи чойхона ба чӣ намуд занон рӯ ба рӯ назад. Суринҳои луч, пеши бари нимурён, сари лучу гардани ёзидаву чашмони хумор, лабони сурхидаву бӯсахоҳ. «Тавба!» – гиребон гирифт. Сунҳораш низ аз ин тоифа буд. Ҳарчанд дар оғоз ба интихоби писараш зид набаромад. Аммо тадриҷан ҳамаи ин ба назараш зишт намуд. Дар ин маврид бо писараш баҳс ҳам кард.

– Падар, дунё бо ҳамин роҳ қадам мезанад. Фардо ҳама ба ин роҳ мераванд. Зинда бошем мебинед, – гуфт Ғуломалии ошуфта. Пирамард ҳам сӯст намеомад. Бо далелҳои муътамад андешаи ӯро ботил мекард.

– Он рӯзро илоҳо ҳаргиз набинам…

– Падар, мард набояд бо ин ҷузъиётҳо худро овора кунаду вақти қимати хешро бо ин масъалаҳои камаҳамият кӯр намояд.

– Ахлоқи фарзандон чӣ мешавад? Чӣ бояд кард? Ту ки як марди донишмандӣ, ахлоқро масъалаи камаҳамият шумурданат камолоти тӯро нишон намедиҳад. Вазифаи мард чашм пӯшидан аз амалҳои ғайришаръӣ набуду нест.

– Падар, ман ҳаргиз ба ин пастӣ намеравам. Суханони Ғуломалӣ қатъӣ ва дурушт буданд. Пирамард аз ин ғусса мехӯрд, вале умедвор буд, ки рӯзе мерасаду писари сахтсараш чӣ будани ин масъаларо идрок менамояд.

Бегоҳ вақти офтобшин ба кулбаи писараш омад. Ғуломалӣ интизор буд. Ғайричашмдошти пирамард дастархони пурнозу неъмат ороста буданд. Сунҳораш низ, хуш омадед, мегуфт. Бо ҳар баҳона даро-баро мекард. Аммо ба пирамард ин лутфу меҳрубонии ӯ сохтаву дур аз самимият метофт. Ҳар дам ки ӯ вориди меҳмонхона мешуд лаб аз гуфтор мебаст, андармон мешуд ба пора кардани себ ва ё шикастани чормағзу писта. Ғуломалӣ ин амали падарро ҳис мекард, ки чӣ боис шуда, вале ҳеҷ намехост бо ифшои он табъи бе ин ҳам хираи ӯро хиратар созад. Пирамард аз рушду тараққии шаҳр хиҷил буд. аз ин боис мегуфт, то ба ҳадде ки писари олимаш гоҳо мулзам мемонд.

– Чаро дар заминҳои ҳосилхез иморат мекунанд?

– Бе ин ҳам намешавад…

– Мешавад, шумо куҷо нигоҳ мекунед? Шумо худро чашми давлат меҳисобед.

– Мо ба корҳои меъморӣ асло сарукор надорем. Вазифаи ман дигар аст.

– Чун шаҳрванд ҳақи баёни фикр дорӣ ку? Чаро мӯҳр ба лаб

бастай? Ё дар ин маврид ҳам ман бояд гап занам? Харамро туқум занаму раҳи дарозро тай кунам? Дар деҳа хурду калон аз илму дониши ту бо ҳарорат гап мезананд. Ба пиндори онҳо нигини Ҳокимият дар ангушти тӯст.

– Падар аз ҳама гап хабар доред, ку.

– Бале,, ман хабар дорам. Аммо аҳли деҳ аз куҷо медонанд, ки ҳамдеҳаи пурдонашон дар банди зулфи як зани беҳаё, дур аз фаҳму фаросот, одамбезор, бе рӯймолу беэзор, гурусначашм дармондааст.

– Падар, шунид…

– Бигзор, даҳ сол ба кулбаи ту қадам намондам, аз барои чӣ? Ҳоло ҳам захми он дар қалбам нишастааст. Наметавонист он лаҳза дамашро дарун гирад. Бо модари ту, шахсе, ки сабабгори ба олами ҳастӣ омадани шавҳараш шудааст, чунин муносибат кард. Не, Ғуломалӣ, ман то рӯзе ки зиндаам, ин кирдори ӯро фаромӯш намекунам. Модари ту дар умри як кам ҳафтодаш, ки панҷоҳсоли онро бо ман гузаронидааст ба чашмам рост нигоҳ накардааст. Ин тирмизак дар як рӯз қадри ӯро ба хоки замин баробар намуд. Пеши ман рӯширинӣ накунад, даҳон то баногӯш, хуш омадед, мегӯяд. Бигӯ, ки надарояд.

– Падар, сабр бикунед! «Аз хурд лағжидан аз бузӯрг бахшидан».

– Хотири ту баланд аст писарам, – оҳ кашид пирамард, Фаридунро, ки ин лаҳза аз дар даромад ба бағал кашиду навозиш намуд.

– Дар деҳа чӣ гапу хабар?

– Мавзеи Ҷангалакро геологҳо омада кофтуков карданиаnд, чӣ чизе ёфтаанд намедонам. Агар корашон барор гирад дар ҷои деҳаамон шаҳр месохтаанд.

– Кӣ гуфт?

– Муаллими Салом… Ӯ аз ҳама гапу кори олам бохабар аст. Даста-даста рӯзномаҳоро аз шаҳр барояш мебаранд. Ҳар моҳ ба арзиши як буз рӯзномаву маҷала, китоб мехарад. Китобхонаашро бинӣ даҳонат кушода мемонад. Ӯ гуфтааст, ки оянда доштани деҳаашон ба барори кори геологҳо вобастагӣ дорад. Агар корашон барор нагирад, деҳа побарҷо мемонад, ҳамон тарзе ки ҳаст. Бебарқ, бемағозаву дигар воситаҳои осонкунандаи рӯзгор. Агар барор гирад. Ба деҳа хати барқ мекашанд. Роҳро ҳамвору мумфарш мекунанд. Аввал мағоза, сипас ошхона бунёд мекунанд.

Аз он пас хонаҳои моро хароб карда, дар ҷояш иморатҳои баландошёна месозанд. Ба мо як ҳуҷрагӣ аз ин биноҳо медиҳанду халос. Осиёбро ҳам вайрон мекунанд. Зеро, обе ки аз он чархи осиёб ба гардиш меояд, барои дигар эҳтиёҷот сарф карда мешавад.

– Ободӣ хуб аст, – дар лабони Ғуломалӣ табассум падид омад.

Табъи пирамард якбора хира шуд, абрувонаш рӯи дидагонаш бор андохт. Дастонашро норозиёна бо сачоқ пок намуда, оҳи сард кашид. Ғуломалӣ идрок намуд мӯҷиби хиратабъии падар, хулосаи ӯ буд, ки ба дигаргуниҳои деҳ ҳамовозӣ намуд. Пирамард бошад ба тағйиротҳои рӯзгор бо душворӣ тан медод. Балки онро чун табаддулоти хунин, ҳеҷ истиқбол карда наметавонист. Агар зимом дар дасташ мебуд, ҳама инқилобгарони рӯзгорро аз бару гузар чун подаи хукон меронд.

Чуноне гоҳо галаи харобкори гурезонро, ки шабон гоҳ ба полизи палакаш медаромаданд, зада пеш мекард. Чандтояшро сари шохӣ мекард, бақияшро тарсонда, ба самти Ҷангалак, мавзеи пурфарку ақоқиё ва буттаву гиёҳҳои нодири давоӣ меронд. Ягон-ягон хуки ҳалокшударо ба Файзи урус медод, ки бо майхорагӣ дар деҳ шӯҳрат дошт. Файз хукро пӯст канда, шаҳр мебурд дар бозор ба русу олмониҳои шаҳр фурӯхта, аз он ҷо барои худ чил-панҷоҳ шиша арақ харида меовард ва ҳамин миқдор рӯз масту аласт мегашт.

– Хоки пота «блапум» урус, – ҳини мастиҳош бо тамоми овоз нидо мекард, дар кундаи пӯсидаи паси масҷид нишаста, сигор дуд медод.

– Беномус, – ғур-ғур мекард мӯйсафеди Абдуқаҳҳор, аз насли куҳансоли босмачиёни таҳҷоӣ, ки баъд аз қатли волидонаш аз дасти аскарони сурх дар ба дари мардум гашта ӯстухон сахт карда ба яке аз бунаҳои бонуфузи деҳа расида буд.

– Урус, маро аз дасти бойю феодалҳои бераҳму беинсоф халос кард. Соҳиби давлат кард, соҳиби шаҳру деҳаҳои обод намуд. Агар урус намебуд, чӣ будани аракро намедонистем. Ҳамин сигоре, ки мекашем, бародарони урус оварданд.

Абдуқаҳҳор ҳафт пушти Файзи урусро дашном дода, масҷид медаромад. Ба ҷавонон мефармуд, ки ин нафари мунофиқро шикамсерӣ лату кӯб кунанд. Аммо ҷавонон даст афшонда, босмачизодаро ором мекарданд, ки ба ӯ аҳамият надиҳад.

– Ҳарки ӯро ҷаноза мекунад мулҳид, аст, – мегуфт Абдуқаҳҳор.

– Ӯ гӯшти хуг мехӯрад, худам дидам, – гуфт Саттор.

– Хуг он тараф, гӯшти саг хӯрданашро дидам, – гуфт Абдулло.

– Агар бӯ накунад ин палид гӯҳашро мехӯрад, – гуфт Абдуқаҳҳор.

Пирамард дар радифи ба хотир овардани хукони ҷангалӣ аз Файзи урусу Абдуқаҳҳори бономус, ӯ худро ба хотири босмачизода буданаш чунин муаррифӣ мекард, ёдовар шуд.

– Дар деҳа аз ин бунёдкорӣ, ки дар таҳҷои деҳа карданианд, касе хурсанд нест. Ба ғайр аз Файзи урус дар он ҷову ту дар ин ҷо…

– Файзи урус мефаҳмад.

– Балоро мефаҳмад, – оташин шуд пирамард. Одами мефаҳмидагӣ, ақаллан як рӯз ҳушёр мегардад. Худро маймуну мардумро маймунбоз кардааст. Арақа мезанаду гов барин арасту ҷараст карда, кӯчаро ба сар мебардорад. Гоҳ зан, гоҳ фарзандашро дашном дода, месуронад. Дар умри сараш об гарм карда ба касе хайр накардааст. Падараш мурд, кафан наёфтанд. Сатторӣ ҳамсояаш обрӯш кард. Бадмасти худозада, дар рӯзи мурдаи падараш нӯшида буд. Ҷойи он ки ота гӯяд, саги олмониашро оғӯш карда мегирист. Мотам не, як деҳаро консерт дод. Сағиру кабир он рӯзро ба ёд оварда имрӯз ҳам механданд. Раҳматии падараш одами сипоҳ буд. Дар деҳа касе бе розигии ӯ маърака намеорост. Аз ана ҳамин хел одам ин бадмасти оламрин баромад. Боз ту ӯро таъриф мекунӣ?

– Падар, ман бадмаст будани ӯро намедонам, аммо нияташ ба дигаргуниҳо нек будааст. Маҳз ба ин хотир фаҳми ӯро ситоиш кардам…

– Фаҳмиши ӯ аз рӯи дарки масъала нест. Ӯро бунёди мағозаву ошхона мафтун кардааст, ки дар он ҷо шароб мефурӯшанду дар ошхонааш сарқуте ба ӯ мерасад.

– Ободӣ чӣ зарар дорад?

– Ту аз зиндагӣ қафо мондаӣ Ғуломалӣ, шаҳр тӯро дигар кардааст. Наход нафаҳмӣ, ки мардуми деҳ дар ингуна хонаҳо чӣ тавр зиндагӣ мекунанд? Чорвояшонро дар куҷо нигоҳ медоранд? Дар куҷо мечаронанд? Дар куҷо нон мепазанд? Ку бигӯ? Писарам, тағдири осиёб чӣ мешавад? Осиёб ҳафт пушти моро

хӯронду пӯшонд. Акнун чӣ кор мекунем?

– Намедонам. Фаҳми ман ба дарки ин масъалаҳо кунд аст.

– О ту олимӣ… – машаи ханда кард пирамард.

– Бале,, олими табиатшинос на зистшинос. Ман аз муҳити деҳот дур мондаам. Вақте ки аз деҳа баромадам ҳабдаҳсола будам. Як сол пас ба панҷоҳ медароям, боқии умрамро дар ин ҷо дар шаҳр гузаронидаам. Ба масъалаҳои деҳа фаҳмам намегирад.

– Тӯро мефаҳмам, – хомӯш монд пирамард, чойи пиёларо ҷуръа-ҷуръа нӯшид, нигоҳаш дар як нуқта дармонд. Ин лаҳза занги телефони дастӣ баланд шуд. Ғуломалӣ гӯширо ба даст гирифт.

– Бале,… Воалейк… Меҳмон дорам. Падарам омадааст, Бале, аз деҳа… Не, наметавонам. Узр… Агар бекор бошӣ биё. Мефаҳмам… Узр… – гӯширо ба рӯи мизак ниҳод. Ва ба падараш рӯ овард.

– Ҳамкорамон зодрӯз дорад, бегоҳ бояд мерафтам. Хона омадам, ки шумо омадед, барои ҳамин занг зада, аз наомаданам ба ташвиш афтодааст.

– Ваъда дода бошӣ бирав, ман ҳоло даҳ рӯз дар ин ҷоям…

– Не, узр хостам…

– Бобоҷон, ман шуморо пагоҳ боғи ҳайвонот мебарам. Он ҷо хирс, шер, паланг, оҳу, баҳмут нигоҳдорӣ мешавад, – ба миёни гап даромад Фаридун.

– Дар қафас… Дар Ҷангалак бошад, замоне ин ҷонварон озод мегаштанд.

– Ҷангалак дар куҷост?

– Дар болои деҳаи мо, тӯро ҳатман он ҷо мебарам.

– Кай?

– Ҳамин ки ба деҳа рафтем.

– Маро бибар бобо…

– Ҳатман мебарам.

– Бобоҷон ба ман гов бидеҳ!

– Садқаи сарат…

– Бобоҷон ҷонварони он ҷо дар қафасанд ё дар озодӣ?

– Дар озодӣ…

– Кӣ ба онҳо хӯрок медиҳад?

– Худашон ёфта мехӯранд…

– Хез, бирав пеши очаат, – ӯро аз дар берун ронд Ғуломалӣ, Фаридун дили бедилон аз ҳуҷра баромад.

– Мон бишинад, – эътироз кард пирамард.

– Халал мерасонад, – гуфт Ғуломалӣ, ба пиёлаи падар шарбати себ рехт.

– Даҳ сол боз дар ин ошёнаи баланд мезиед, фикри манзили заминӣ надоред?

– Ба ман ҳамин маъқул аст.

– Ту дар ин баландӣ зиндагӣ мекунӣ, парво надорӣ. Аммо ману модарат мудом дар ташвишем.

– Аз чӣ?

– Аз зилзила. Метарсам, ки рӯзе офат ба биноятон нарасад.

– Тарсидан даркор нест, падар. Офат, ки расид на хонаи заминӣ мегӯяду на бисёрошёна.

– Аз бало ҳазар писарам. Фикри ҷои бехавфро бикун! Бе ин намешавад. Бепавоиро аз сарат дур кун! Одамизод оқибатандеш нест. Агар чунин намебуд, ҳаргиз хоки заминро канда маъданашро намебаровард. Нафташро кашида, ковокиҳои зиёдро боқӣ намегузошт. Бомбаҳои атомӣ намесохт. Санҷишҳои ядроӣ намегузаронд. Метарсам писарам, ки рӯзе тавозуни замин халалдор мешавад. Тавозун, ки дигар шуд, замин аз мадораш мебарояд, тақдири наберахо чӣ мешавад? Ту олим шуда, дар ин хусус меандешӣ?

– Падар, дар ин хусус олимон фикр карда истодаанд.

– Боварам намеояд. Агар фикр мекарданд, ҳаргиз ба гӯшаҳои дурдаст чашми тамаъ намебастанд., ки хокашро сӯрох карда, барои қонеъ кардани нафси саркаш маъдан бароранд. Чаро одамон қонеъ нестанд? Чаро аз хоки замин сер намешаванд? Чаро, ту ба ман бигӯй. Деҳаи мо монда буд. Он ҷоро низ вайрон мекунанд. На танҳо замин, балки ақлҳоро, нафсро. Ҳама чун Файзи урус ҳаромхӯр мешаванд. Шарму ҳаёро гум мекунанд. Дар эзорҳошон тар карда мегарданд. Муҳим барои онҳо лаззат аст, ки аз хӯрдан мебинанд. Дар деҳаи мо барқ нест, газ нест, ангишт нест, мағоза нест, ошхона нест. Аммо мардум қонеъ аст. Ба додаи Худо қаноат мекунанд. Худо накарда ин неъматҳо барояшон муҳайё шавад, дигар касе садди тамаъкориву бешармишон шуда наметавонад.

– Падар, деҳаи мо аз ҳама ҷиҳат қафомонда аст. Мардум аз паси чорво мегарданду бо усулҳои ибтидоӣ кишту кор мекунанд. То ҳол чӣ будани телевизиорро намедонанд. Мо дар асри XXI зиндагӣ мекунем. Халқҳои олам ба сайёҳати коинот баро-

маданд. Мо бошем ҳанӯз дар ҷамъияти ибтидоӣ қарор дорем. Мардуми деҳ ҳақ доранд аз воситаҳои замонавии рӯзгордорӣ баҳравар шаванд.

– Ман мутлаққо муқобилам…

– Чаро?

– Тафаккури одамон, хулқу хӯяшон дигар мешаванд. Одамон ба ҳайвон бадал меёбанд. Аммо ин хулқу хӯяшонро воситаҳои ёрирасони зиндагӣ мепӯшонад. Гумон мекунед, зиндагӣ пеш меравад. Дар асл инсон ба ҷонвари ҳамахӯру ҳамакуш табдил меёбад, ки баҳри қонеъ гардондани нафс аз ягон хабисӣ рӯй намегардонад. Саломи муаллим мегӯяд, киштиҳои кайҳонӣ қабати атмосфераро сӯрох мекунад. Ин сурохиҳо ба сайёра таъсири номатлуб мерасонад. Мо одамон сайёраро хароб карда истодаем. Ман гузаштам аз баҳри барқу газу нафташ, барои ман сайёра, осмони соф, сарчашмаҳои поку мубаррои об зарур асту қадру қимат дорад.

– Падар, талаботи неъматҳои модӣ одамонро ба ҷӯстуҷӯи воситаҳои нави рӯзгузаронӣ ҷалб мекунад. Мо набояд ба оянда бо ноумедӣ, бо тарсу ҳарос назар кунем.

– Амале, ки одамон карда истодаанд боиси тарс асту ҳарос. Бубин ба деҳаи мо ҳам чашм ало кардаанд. Имрӯзу пагоҳ, заминҳои ҳосилхезро бо соруҷу санг пӯшонда, ба майдонҳои сохтмонӣ табдил медиҳанд. Дарахтонро мебуранд, парандагонро меронанд, чорворо аз чарогоҳҳо маҳрум мекунанд. Магар ин хуб аст? Худат бигӯ Ғуломалӣ.

Ғуломалӣ ба якравиҳои падар, ки дар ин шаби равшан, ки барқ мӯҷиби он буд ҷавоб медод, то ки заррае ҳам бошад, ӯро ба рафту низоми замон мувофиқ намояд. Дилашро ба дигаргуниҳои ҷомеа, ки маҳсули тафаккури инсон аст, гарм гардонад. Мутаассифона пирамард, аз ҳамаи ин дилхунук буд. Тоби шунидану дидани дигаргуниҳоро надошт.

– Падар то ин ҷо бо чӣ омадед?

– Мошин…

– Мошин бо чӣ мегардад?

– Равғани нафт…

– Дидед, агар нафтро кашида нагиранд, мошинро бо чӣ ба ҳаракат медароранд? Бо чӣ меомадед? Аз он деҳа, то ин ҷо харакӣ дар се шабу се рӯз базӯр мерасидед. Ин чӣ бадӣ дорад? Дар ду соат дар шаҳр ҳозир шудед? Агар ба деҳа равона гардед

дар ҳамин муддат он ҷо мешавед. Одамон дар як рӯз аз Амрико ба Душанбе меоянд ва аз Душанбе ба Амрико мерасанд. Тавассути чӣ? Тавассути тайёра. Тайёра бо чӣ мепарад? Бо равғани нафт. Нафтро тилои сиёҳ меноманд. Чуноне ки пахтаро дар мо «Тилисми сафед» мегӯянд. Эй падар, биё ин гапҳоро монеду аз деҳаву одамонаш бигӯед. Аз Файзи урусу Абдуқаҳҳори баномус ҳарф бизанед, бигӯед, ки Ориф чӣ ҳол дорад.

– Гаштаанд шукронаи Худо карда. Мардуми деҳаи моро Худоду Худотарсу ба Худо наздик бигӯем хато намекунем. Шояд дар рӯшани дунё чун мардуми мо набошад мардуме ба ин андоза қаноатпеша.

– Шояд…

– Дигарон аз хоки гӯру лаҳад сершавӣ надоранд. Дур намеравем Хами сафедорон. Мардумаш аз ҳама чиз таъминанд. Роҳи мумфарш доранд, барқ доранд, мағоза доранд, клуб доранд, мактаб доранд, дар ҳар як хонадонаш телевизиору радио, телефон мавҷуд аст. Аммо дар ин деҳаи мусулмонишин тӯли ҳаштодсол аст, ки як масҷид нест. Замоне, пеш аз инқилоб масҷид доштаанд. Масҷидро Сайдулло кофир, ҳамон аскари сурхи номина, ки нимпайкарааш дар гардиши ноҳия бунёд кардаанд, худаш бо каланд ба хок яксон карда, сутунҳои мунаққашашро оташ задааст. Дар гулхани он фаранҷӣ сӯхтаанд. Ва рӯзи ҳаштуми март озодии занон гӯён, бо фармони ана ҳамин қаҳрамони замон, Сайдулло кофир, мардон занони худро ба се ҷиҳат озод карда, занонро иҷозат додаанд, мувофиқи табъ мард интихоб кунанд. Қариб ҳама домани қаҳрамонро гирифтаанд. Аммо Сайдулло кофир ба ҳозирон рӯ оварда гуфтааст:

– Ҳокимияти шӯроҳо бисёрзаниро маҳкум менамояд. Ман танҳо ба як зан ҳуқуқ дорам. Шумо низ ҳар кадом як мардро интихоб кунед. Аз миёни Хами сафедориён танҳо мулло Сайфулло ном марди бохабар, ба фармудаи ӯ гӯш намедиҳад. Ва аз хона намебарояд. Хабар ба Сайдулло кофир мерасад. Бо амри ӯ муллоро саҳни масҷид кашон-кашон меоранд. Ва дастонашро ба гарданаш ҳалқа карда, барои сарпечӣ аз амру фармони қумондон ба дор мекашанд. Ҳамсараш бошад, ба онҳое, ки фаранҷиашро гирифта ба оташ андохтанӣ мешаванд сар нафуроварда худро ба коми гулхан меандозад.

Аз ҳамин рӯз ин ҷониб дар ин деҳа як мулло нест. Намозхон ҳам надоранд. Аммо сари ҳар як хона як мошини сабукрав, ду-се

гови ҷушо, боғу роғи сарсабз мавҷуд аст. Ба ин ҳам қонеъ нашуда, иморатҳояшонро ду-се, баъзе ҳангомаҷӯяшон чор панҷ ошёна бардоштаанд. Тую сурашонро ба ду-се рӯз идома дода, дар маъракаи ҷаноза ду барзаговро забҳ намуда, ҳама рафта маросимро то ба гӯр мондани маит дар навор сабт мекардаанд. Файзи урус бошад, назди масҷид масту аласт нишаста, ба намозгузорон Хами сафедоронро мисол меорад, ки як намозхон надоранд, вале зисту зиндагияшон, аз зиндагии шумо ҳазор бор хубтар аст. Баъзе сӯстниҳодҳо ҳарфи бадмастро дурӯст ҳисобида, сар меҷунбониданд. Аммо мардони Худо, ки ин ҳама карру фарро ба пушти нохун мезаданд ба ин ҳангӣ мефаҳмонданд, ки ба марди носерам дунёро диҳӣ кам аст, қаноатпешаро дунё ба ком аст…

Марде аз Хами сафедор барои рақобат нишон додан, бо ман дар деҳа осиёби барқии сохти чиниро бунёд ниҳодааст. Ин носерам мардуми деҳи кӯчаки моро ҳам ба сӯи худ хондааст. Ба гумонаш нони моро нимта мекунад.

– Агар дар деҳа барқ мебуд чунин осиёбро ҳатман муҳайё мекардам.

– Осиёби сангӣ чӣ бадӣ дорад?

– Осиёбҳои сохти чинӣ, навъи ордро дигаргун мекунад.

– Осиёби чинӣ шираи гандумро месӯзад. Ҳоло он одамоне, ки аз назди осиёби ман гузашта Хами сафедорон рафта буданд, пушаймон мешаванд. Рӯяшон дуд карда меоянд. Мебинед…

– Дунё чунин сохта шудааст, падар. Агар рақобат набошад, пешравӣ намешавад. Деҳаи мо бо одамони карахту беҳавсалааш ба ҷое намерасад. Агар сад соли дигар ҳам гузарад.

– Пешравӣ дар чист? Дар доштани барқ, мошин, газ…

– Падар, ман дар қаноатпешагии шумову аҳли деҳ ягон ҷурм намебинам. Аммо аз як чиз хиҷилам, чаро дигарон пеш рафтаанд, воситаҳои рӯзгорро бархӯрдоранд, аммо ҳамдеҳагони мо не. Бад – ин ҷиҳат ранҷ мекашанд.

– Чӣ ранҷ мекашанд? Аз ягон ҷиҳат камбудӣ надоранд.

– Агар як зани шаҳриро он ҷо барем, як рӯз тоқат намекунад.

– Дурӯст.Чунки зани шаҳрӣ ба хӯрдани ошу оби тайёр одат кардааст. Деҳа, муҳити он, ӯро гурезон мекунад.

– Хами сафедорон, бо чӣ хусусият аз аҳли деҳи мо қафо мондааст?

– Дар он ҷо таассуб рушд кардааст. Бе пул фарзанд ба халқи

падар об намечаконад. Ҳамин ки падар мурд, фарзанд намоишкорона маърака мeорояд, ба дарачае, ки аҳсант шунавад.

– Дар мо чӣ?

– Шукри Худо инсоф ҳанӯз ҳаст.

Сӯҳбат поси шаб хунук шуд, дар чашмони Ғуломалӣ хоб омад, пирамард ҳам ҷойнамоз гӯстӯрд барои адои намози хуфтан. Дастархонро ғун доштанд. Барои пирамард дар рӯи диван рахти хоб гӯстӯрданд. Шаб барои пирамард оғоз ёфт, дар ҷойи бегона, вале дар кулбаи писар, дар ошёнаи шонздаҳум, дар пойтахт, рӯи диван дароз кашид. Ба хоб хӯ гирифта наметавонист. Чашмаш бедор буду мағзаш тозаву сабук, чуноне ки аз хоби даҳ соата бедор шуда бошад. «Бигзор бираванд, Хами сафедорашонро ёфтаанд. Боз ҳамонҳое осиёби он ҷоро таъриф кардаанд, ки ба ҳоли онҳо пӯзханд зада, аблаҳию худоношиносияшонро овоза мекарданд. Мегуфтанд, ки аз Хами сафедорон ҳазар. Ҳо… Боз мегуфтанд, ки Хами сафедорӣ агар ба гурбаи модаамон хостгорӣ кунад розӣ намешавем. Беномусҳо… Файзи урус бошад, ба хиёнаткорон аҳсант хондааст, ки нав ақлатон ба кор даромад. То кай дар осиёби аз давраи доқиёнус монда навбат мепоед. Осиёбон аз

даромади кораш писарашро ба донишгоҳ дохил кард, хононд, аспирант шуд, номзад, доктор, кадом рӯз академик мекунад. Аммо шумо боз гандуматонро ба осиёби ӯ мебаред. Писари ӯ дар шаҳр нони сафедак мехӯрад. Шумо бошед, бо нони сиёҳу сабӯс қаноат кардаед. Ҳайфи шумо…

Вақтҳои охир корам баста шудааст. Пешравӣ нест. Сангу чӯб пичинг мезанад. Ҳатто ин бадмасти Худозада, ки гоҳу ногоҳ ғами бачагонашро хӯрда як халта нимхалта сабӯс мефиристодам. Хугҳои вайронкорро кушта, ба ихтиёраш медодам, каллапочаи чорвои забҳкардаро мефиристодам. Бо таври худ ба аҳли деҳ нишон додааст. Агар дасти ман

намак медошт кур шуда буд. Афсӯс ки чунин нест. Некии маро касе намедонад. Ҳатто ин келин, ки бо як ишораи Ғуломалӣ розӣ шуда сур барпо намудам. Дар шаҳр барои ҳамкорону хешу ақрабояш, дар деҳаи худамон барои аҳли деҳ маърака бунёд намудам. То имрӯз ғайриодигиву хотирмонии сурро хурду калон тавсиф мекунанд. Аммо ин кӯрнамак рӯихотир накард. Диламро сиёҳ намуд. Даҳ сол остони дарашро зер накардам. Ношукрӣ нашавад, гуфта бо Ғуломалӣ даст медодем, сӯҳбат меоростам.

Аммо ҳаргиз нияти ташриф ба кулбаи ӯро дар сар намепарваридам. То рӯзе ӯ дар ин хона ҳаст, ман ба хонаи ту намеравам, мегуфтам, ҳар сол ки ба деҳа меомад, дар ҳар вохӯрӣ бо ӯ. Аммо қасамро шикастам. Ба ҳамааш ин қазия сабаб шуд. Дилам аз ҳамдеҳагон сиёҳ шуд. Ку як ду ҳафта дур бошам. Аз барои онҳо шуда, шабе дар ҷое намеистодам. Боз орди касе тамом нашуда бошад? Эҳтиёҷоти онҳоро ҳама вақт пеши рӯ меовардам…

Пирамард рӯи диван дароз кашида буду гумон мекард, чизе тахтапушташро сӯрох мекунад. Нармии диванро ҳис намекард. Аз ҷой хест, рӯи хона қадам зад. Рӯи роҳаткурсӣ нишаст. Ба мебели хона, ашёи он зеҳн монд ба рафҳои сурхи пур аз китоб, мизу курсӣ назар афканд. Ба қолини мураббаъ, ки акси ӯ тасвир ёфта буд нигарист. «агар аз модарашро мефармуд, гапи дигар буд. Ман суратгириро хуш надорам. Аммо ӯ мувофиқи табъи худ кардааст. Ба ҳамин ҳам шукр. Худованд ҳаминро ҳам насибмон гардондааст. Ҳазорон бор шукр».

Сипас китоберо аз раф гирифта, ба муқоваи он ба акси марди нуронӣ, ки мӯи мошубиринҷи дароз, мӯйлабҳои болои лабон хамида, чашмони сиёҳ, ки зераш ожанг бардамида буд нигарист. Ба унвони он диққат дод. «Алберт Эйнштейн». Ба Сталин монанд будааст. Ӯ кӣ бошад? Эйнштейн…

Пирамард, китобро варақ зад, вале нахонд. Онро боз ба ҷои худ гузошт. Ва боз ба диван дароз кашид. Не, хобаш наомад. Чунин фикре ғолиб ба сараш омад: «Ин шабро бо бедорӣ ба рӯз мерасонад». Ҳарчанд ӯ инро намехост, вале иродааш дар ихтиёраш набуд. Ва чуноне, ки табиби деҳа, Соро, борҳо аз Ғуломалӣ ва хоҳараш баъди сӯзандору гузаронидан, хоҳиш мекард, ки чашмонашро пӯшида то сад ҳисоб кунанд. Ӯ низ ҳисоб кард, то саду – дусад… Нашуд. Хобаш парида буд, чун мурғи сурӣ. Ва боз аз ҷой хест. Пардаро яктараф карда, аввал ба само, ба ситораҳо, ба моҳи дар шино нигарист. Сипас ба чароғони равшани кӯча. Ба мошини даргузар, ба ягон-ягон роҳгузар нигарист. Ҳама ҷо ором буд. Шарфаву садое ба гӯш намерасид.

Пирамард ба андеша афтод. Дар ин шаҳри ношинос чӣ кор мекунад? Як рӯз тамошо мекунад, ду рӯз, баъд чӣ? Чӣ аҷобат дорад? Ҳама ҷо хонаҳои қуттимонанд. Мудаввар… Бозорҳои фаровон. Мағозаҳои пурҷиҳоз. Хӯрданиҳои ранги ба ранг. Занони нимурён, мардони мутакаббир. Кӯдакони хаста. Гадоёни хору зор. Ҷӯгиёни фарбеҳу димоғчоқ, вале талбанда сари ҳар

қадам вомехӯрданд. Шаҳр боз мошин дорад, гуногунтамға, ронандагонаш низ намоишкоранд. Аз таги биниат

ногаҳон мебароянд. Гуноҳ содир мекунанду узр намепурсанд. Бечораҳолонро ба ин маҷбур мекунанд. Замона чунин касонро мепарварад. Писари ман ба кадом тоифа одамон медаромада бошад?

Кадом тоифа одамон дар ин шаҳр нуфузи беш дорад? Барои ман маълум нест. Даҳ сол боз аз ин муҳит дур мондаам. Ба гуфти Ориф, ки аз сад як гапаш рост аст ё не. Ғуломалӣ дар сатҳи боло нуфузи калон дорад. Дар ҷамъомадҳои давлатӣ, ҷаласаҳои Ҳукуматӣ ширкат меварзад. Кадом як ихтирооташро дар Амрико ба якчанд миллион доллар харидаанд. Ба ин гапи Ориф муаллими Салом чун одат бо шубҳа нигарист.

– Агар миллион кор карда бошад, як хати барқ намегузаронад, то деҳа.

– Барқ чӣ даркор? – эътироз кард Абдуқаҳҳор.

– Равшанӣ ба кӣ зиён кардааст?

– Дил равшан бошад. Худованд равшаниро ба торикӣ баробар додааст. То ки қаноат кунем. Нафс, ки аз ҳад гузашт, дигар аз чизе серӣ надоред. Ба равшании Худодод қонеъ намешавед, – гуфт Абдуқаҳҳор, ин пирамард низ ба навгониҳои рӯзгор некбин нест. Ба деҳаи ба гуфти Файзи урус аз ёди Худову пайғамбар фаромӯшшуда омчунон дилбастагӣ дорад, ки шояд муҳаббат дар дили Маҷнун нисбати Лайлӣ ба ин андоза вуҷуд надошта бошад. Файзи урус ҳам деҳаро паст мезаду аз он безорӣ мекард. Вале ҳаргиз андешаи тарк карданаш надошт. Ҳар вақт ки шаробаш тамом мешуд, хари ҳамсояро амонат мегирифту мерафт Хами сафеддорон он ҷо шикамсерӣ пиво менӯшид. Дар як рӯз даҳ понздаҳ бакал ва бо нафақаи модараш як бушкаи дигар харида, худаш савора, дар пеш бушка меомад. Бушкаро дар қади ҷӯйбор мемонд, ки хунук шавад. Ва худаш то тамом шудани он дар лаби ҷӯ гилем гӯстӯрда ғалтанак мезад. Менӯшиду мехобид. Пашшаҳояшро набераи пашшаронаш пеш мекард. Ҳини пашшаронӣ шарфаву садо броварданро манъ карда буд. Дар осмон пашшаро бидор мегуфт. То ки пИнак,аш вайрон нашавад.

Пирамард ба пулдории фарзандаш кам бовар дошт. Агар пул медошт, дар нӯги осмон намезист. Поён мефаромад чун дигар одамон. Ва дар ягон гӯшаи шаҳр чени қудраташ иморат месохт. Ҳамин ҳам хона шуд? Дилам мекафад. Ӯ ба ин одат кардааст.

Чун мурғони катак, ки ягон-ягон соҳиб аз маскан берунаш мекунад. Муҳити зисти писар бо ҳама ашёяш дар мағзаш эҳсоси ногувореро бедор кард. На ҷевони китоб, на радиову телевизор, на ҷевони либосу на роҳаткурсӣ, мизаки дар миёни он ду истода, диван, мизу курсиҳо, шамолдиҳак, чароғҳои рангаи қандил, қолини асил. Чизе ӯро мутаваҷҷеҳ накард. Ҳатто он тоблуи дар чаҳорчӯбаи мунаққаш афтодаи ҷангал, ки амсоли анбӯҳи дарахтони Ҷангалак нест, ӯро хушбахт накард. Баракс, эҳсоси ногувору мағшуш иродаи ӯро фишор дод. Ба ёдаш говони ҷӯшоӣ, гусолаи хароби лингдароз, гӯсфандони дар ин фасли сармо гӯштрехта, бузҳои дубаҳра ва мурғони хонагияш омад, ки ҳар субҳ ҳамсараш аз катаки онҳо панҷ-шаш дона байза мебардошт. Ҳатто хари ҷавони ҳанӯз камбардошташро, ки аз андак бор миёнаш хам мезад ёд кард. «Аҳволи ӯ чӣ шуда бошад? Фикри алафашро карда бошанд? Сағираи шума, қадами мондааш наҳс аст».

Пирамард хари ҷавонашро дар айёми хӯтикиаш боре гум карда буд. Бачаҳои шӯх Ҷангалак бурда, саворияш карда буданд. Ба пиндорашон пирамард даст аз хӯтик мешӯяд. Дар оббурдае барояш сарпаноҳ муҳайё намуданд. Рӯз савораш мешуданду шом дар обурда ниҳон мекарданд. Пирамардро гӯшаш бод ёфт, ки харкурäро дар Ҷангалак пинҳон кардаанд. Як субҳ вақти намоз хесту роҳи Ҷангалакро пеш гирифт. Дар паси чанори чорқӯша, ки ба ин бузӯргӣ дарахте дар ин бору гузар набуд, камин гирифт. Ва интизор нишаст. Бачагони деҳ бо сардории Додар пайдо шудаанд. Анбонҳои мактабиро зери буттае пинҳон карданду рафтанд ҷониби оббурда, харро берун оварданд. Пирамард, ки дар паи онҳо буд аз раҳашон баромад. Додар аз тарс худро аз болои хар партофт, бо азми фирор, вале пояш ба санг бархӯрда шикаст. Ба деҳа харсавор оварданд. Анбонҳои мактабияшонро дар почаҳои хӯрҷин ҷой карда, аввал мактаб бурданд. Дар маҷлиси пагоҳӣ, пеши хонандагони мактаб ба дарсгурезон танбеҳ доданд. Ба Додар, ки худ сазо дида буд, унвони харсавор дода, ба хонаашон бурданду шикастабанди деҳ, бобои Абдуқаҳҳори номус пойашро гаҷбандӣ кард.

Аз он рӯз се сол сипарӣ шуда бошад ҳам пирамард дилаш аз Додари харсавор пур набуд. Дар симои ӯ падари лаққиву бадмасташро медид, ки рӯзе ба ин ҷода хоҳад рафт. Аз хиёли пирамард деҳ бо ҳама ҷузъиёташ мегузашт. Осиёб зиёди зиёд хаво-

тираш карда буд. Аз он рӯзе, ки дар Хами сафедорон осиёби баркӣ пайдо шуд, дилаш аз одаму олам монд. Пиндошт дигар осиёби ӯ ба касе лозим намешавад. Нав ҳамавақт кӯҳнаро ба гузашта месупорад. Танҳо хотира боқӣ мемонад, он ҳам муддате. Фирор ба шаҳр маҳз дар ӯ аз ин сарчашма об мехӯрд. Ва муддати даҳ рӯз аз деҳу одамонаш дур будан мехост. Бигзор ба осиёби ӯву худи ӯ зор шаванд. Бигзор баракати осиёби сангиро дарк намоянд. Мегуфт худ ба худ. Барои ӯ осон набуд тарки деҳа. Фироқи ҳамсаре, ки дар панҷоҳ соли зиндагии якҷоя овози баландашро нашунидааст. Чашмае, ки оби мусаффояш ҷигарашро мудом тар намудааст. Қуллае, ки офтобро ҳар субҳ дар дӯш доштааст. Самое, ки ахтаронро дар фазои деҳа ба ҷилва овардааст. Шаҳр бо вуҷуди макони фарзандаш будан, барояш дилфаро набуд. Нametавонист дар ин ҷо бо дили шоду хотири ҷамъ даҳ рӯзро сипарӣ кунад. Аллакай нахӯстин шабаш бо вуҷуди чароғон будан, дар қалбаш чун гӯр тираву тор афтод. Дилаш ба кафидан наздик буд, гӯё рӯи хор нишаста бошад, ки рӯи хона қадам мезад. Фарорасии субҳро интизор буд. Якбора азм кард, деҳа меравад, ин ҷо тоби истоданаш нест. Косаи сабраш якбора лабрез шуд. Ҳатто як лаҳза дами осуда гирифта наметавонад. Ба чашмаш ғанаб намеояд. «Ин чӣ рӯз буд, ки ба сари худ овардам. Номусамро поймол кардам. Қасамро шикастам. Омадам ба хонаи касе, ки даҳ сол аз остонаи ӯ дур будам. Даҳ сол тоқат кардам. Омада-омада дар як рӯзи одӣ ба ҳама ин заҳмат, ки дар бунёди сабру ирода кашидам хати бутлон гузоштам. Не, намеистам, агарчи фарзанди азизам худованди хона аст.

Пирамард нороҳатии хешро дар нармии аз ҳад зиёди диван дид ва дар рӯи замин болои кӯрпача дароз кашид. Чашмонашро пӯшонд. Фикру хаёлашро мутамарказ намуд, ба хоб дод худро. Не-не, ин ҳам кӯмакаш накард. Наметавонист, ки хобро ба ҷисмаш ғолиб гардонад, бедорӣ, ки аз ҳушёрии рӯҳу равон нерӯ мегирифт, ба рағми азму иродааш дастболо буд. Гӯё хоб ҳеҷ гоҳ дигар ба чашмаш намеояд. Хоб ин ҷузви ҷудонашавандаи ҳаёт, ин лаҳза ӯро ба тамом тарк намуда буд. Кӯрпачаро низ аз зераш гирифт, рӯи қолин дароз кашид. Пиндошт ғанаб рафтанҳо дар болои хараки кунҷи осиёб, ки гоҳу ногоҳ аз ғояти хастагӣ болои он такя медод, ин лаҳза чун хуморӣ, ба ҷисмаш меҳмон шудааст. Ва рӯи қолини дурушт паҳлӯ гашт, дастонашро зери сар болин кард. Ин ҳам фоидааш накард, чун ним соат аз он гузашт. Ним-

хез шуд. Аз чойник ба пиёла чой рехт, чанд ҷуръа нӯшид. Боз ёдаш ба деҳа рафт. Палакҳо дар чӣ ҳол бошанд? Додари мурданбоб, харигарияш ояду калаҳои тарбузу харбузаро бо корд аз яксар бурида партояд? Аз дасти ӯ меояд. Чуноне ки полизи Абдуқаҳҳори бономусро як шаб бо супориши падараш аз як сар чун хук поймол карда буд. Абдуқаҳҳор камон гирифта, як ҳафта раҳи хукҳоро поид. Аммо Файзи урус нияти ӯро шикаст. Мастомаст ба Абдуқаҳҳор дӯғ зад, ки палакҳоятро каллакан кардам бо писарам, акнун навбати худат аст. Сари тӯро ҳам чун тарбуз хоҳам канд. Он гоҳ Себзор гул мекунад, обод мешавад, вагарна ту фарзанди босмачӣ, садди ҳамагуна пешравӣ будӣ ва ҳастӣ. Ман то охир мубориза мебарам. Ман бояд деҳаро аз ту барин душманон раҳо кунам. Бандҳои тилисмро бо дасти тавоно барканам… Файзи урус чунон бурро, бе ягон сакта ҳарф зад, ки Абдуқаҳҳори номус ҷуръатро гум кард ва дар баёни сухан лол монд. Ва то як ҳафта забонашро зери дандон карда гашт. Танҳо ба Орифи лоф, ки аз палаку тақдири хукҳо пурсон шуд, ҷавоб дод:

– Э додар, гуноҳро ба сари хукҳо бор карда, саҳл монда буд, ки ба хуни ҷонварон зомин шавам. Палакро хукҳои маҳаллӣ, Файзи урусу Додари харсавор хароб карда будаанд. Орифи лофӣ ҳамон замон қазияро ба хурду калон қисса кард.

Пирамард ба ғазаб омад, гунаҳояш аз ғояти он барҷастанд. «Агар нисбати ман чунин амалро раво бинанд. Худам бо ин дастон падару писарро буғӣ карда мекушам. Агар дар дами пирӣ ба ин ҷурм осӣ ҳам шавам. Охир, ман ба касе ин ҷазоро раво мебинам, ки дар умри сараш ба касе хубӣ накардааст. Аз забонашон заҳр мерезаду аз қадамаш оташ. Фарзанди худро ҳатто ба роҳи рост ҳидоят накардааст. Магар зистани ӯ равост. Хуб нест, ки буз каму ҷаҳон пок бошад?» Пирамард ба ғазаб омада буд, ба хусус баъд аз он ки ба осиёби ӯ бадгӯӣ кардааст. Ҳатто ба хотир наовардааст, он халтаҳои сабӯсу ордро, ки гоҳ-гоҳ ба хотири фарзандонаш шуда, бурда медод. Ҳамсараш бо овози баланд дуои хайр медод, осиёббони хайрхоҳро. Акнун минат мекард ин амали худро. Ҳарчанд медонист минат кардан ҳар гуна амали некро ботил мекунад. Хобаш, ки ба чашм намеомад, васваса мағзашро тира гардонда буд. Ва дар ин ҳуҷраи мураббаъ ба тангӣ нафас мегирифт, деворҳои симентӣ фишораш медод. «Намеистам, як рӯз ҳам дигар тоб намеорам. Меравам

ба ҳамон деҳи кӯчаки худ. Маро манзили худам мебардорад. Марғзори Ҷангалак, гургу меши деҳи худам, гову гӯсфанди хонаам, хари ҷабркашам мехонад бе овову ишора. Маро меҳри он ҷонварон ба худ мехонад. Маро осиёбам интизор аст. Агар як рӯзи дигар дар ин ҷо бимонам, тамом ҳама аз даст меравад. Ҳама ба Хами сафедорон мераванд. Осиёби барқӣ бартарии зиёд дорад. Нав-нав аст. Ҳарчанд аз он ҷурму гуноҳ меҷӯям. Наметавонам ба ин созиш кард. Имкон додам, ки мизоҷи ӯ шаванд. Бояд пеши онро гирифт. Мубориза бурд. Вагарна кор аз кор мегузарад. Агар бо ин худро тасалло дода аз мубориза даст кашам, обам ранг намегирад. Ҳар лаҳза, ҳар нафасро бояд ғанимат донам…

Пирамард рӯи диван нишаст, ҳама ҷо ором буд. Ягон-ягон овои сагони велгард ба гӯш мерасид. Садои мошинҳои шабмондаву корафтода, ки худро чун ҳокими шоҳроҳ танҳо медиданд, бо шасту суръати худ гӯшро харош медоданд. Хост радиоро монад. Аммо мурватҳои он барояш ноошно буданд. Радиои ӯ нисбатан хурдҳаҷм, ба назараш содатар менамуд. Ӯ бисёр вақт радио мемонд. Хабарҳои охиринро мешунид. Мусиқӣ мешунид. Хонишҳои адабиро ҳаргиз сарфи назар намекард. Ба Ҳикмат Ризо ихлос дошт. Гурғӯлихонии ӯро дӯст медошт. Поси шаб, чун радио дар иҷрои ӯ достонҳои эпоси халқиро мешунавонд, як ҷаҳон ҳаловат мебурд. Аммо дар шаҳр, дар маркази тамаддун аз ин бархӯрдор набуд. Агар хоҳиш кунад, барояш ҳама чизро муҳайё мекарданд, аммо гарданаш ёрӣ намедод. Ду радио дошт, якто дар осиёб, дигараш дар долони хона овезон буд. Бо батарея кор мекард. Батареяро барои ӯ донишҷӯён, ки дар шаҳр мехонданд, мебурданд. Гоҳ-гоҳ ба ин хотир Хами сафедорон мерафт. Равғану биринҷ, қанду дигар воситаҳои рӯзғорро харид мекард. Ва дар ин навбат батарея мегирифт, то ки аз хабарҳои радио бенасиб намонад. Аммо имшаб аз ҳама чиз бенасиб буд. Ба ҷуз дидори фарзанд. Оҳ кашид, як паллаи тирезаро кушод. Ба хона шамоли серун вазид. Аввал ба ситораҳо, сипас ба замин нигарист. Ҳанӯз торик буд. Шаҳр дар иҳотаи чароғҳои кӯча, ғанаб мерафт. Ҳама хоб буд. Ба ҷуз ин меҳмони сарсахт, ки моҷарои деҳи кӯчакро ба ҳоли худ гузошта фирор карда буд, то дар ин макони сернуфус муддате осуда ба сар барад. Фориғ аз гирӯдорҳои дунёи номуназаму номураттаб. Хомӯшиву оромии шаҳр дар худ тавоҳуме дошт, ки касе наметавонист ин лаҳза,

онро аз дӯши ӯ барканор бикунад. Мағзашро аз андешаҳои беҳадду ҳудуд тамиз намояд. Инсофро ба ҳама хотироти мағшуш ғолиб. Ва хобро чун воситаи роҳатбахш дар рӯҳу равонаш ҷорӣ гардонад, то ки даме фориғ бошад, аз оламу одам. Аммо ин ҳама орзу буд, ки нокирову ҳақир чун уштӯри гаронбор дар кавири сӯзон уфтода. Намедонист аз кӣ имдод пурсад, чунин нерӯи фавқулода ҳам набуд, ки овои ӯро эҳсос кунад, дасти тараҳҳум ҷонибаш ёзонад, то ки ба мадади ӯ бархезад. Шаб чун сангпушт шитоб надошт. Пирамард субҳро интизор буд. Равшаниро дар либоси шаҳр меҷӯст. Онро дидан мехост. Як вақт дари ҳуҷра кушода шуд, шиддати бод фузун шуд, пардаи тиреза ларзид. Пирамард қафо нигарист. Дами дар Фаридун истода буд. Беҷуръату ҳаросон.

– Нахобидӣ?

– Хобам набурд.

– Барои чӣ?

– Намедонам.

– Бирав бихоб, бачам…

– Хобам намебарад.

– Доим хобат намебарад?

– Ҳамин шаб.

– Сабабашро дар чӣ мебинӣ?

– Бобо маро деҳа мебаред?

– Мебарам…

– Кай?

– Пагоҳ…

– Чизҳоямро ғун дорам?

– Ғун дор!..

– Хуб.

Фаридун дарро пӯшид. Пирамард танҳо монд. «Кош меистод. Гуфтугӯ мекардем». Муддате рӯи диван нишаст. Ва якбора азм кард Фаридунро даъват мекунад. Бо ӯ нишаста кӯфту хастагӣ мебарорад. Гузашти вақтро пай намебаранд. Бо ин мақсад аз ҷой хеста, бе шарфаву садо, ба ҳуҷраи ӯ сар даровард. Фаридун ҷиҳозашро ҷамъ меовард. Ҳуҷраи хоби ӯ ҳама чизро дошт. Ба ғайри кати хоб, рафи китоб, мизи хатнависӣ, компютер, пианино, маркази мусиқӣ, телевизору радио ва як чанд дастгоҳҳои барои мӯйсафед ношинос. Фаридун ба истиқболи бобояш аз ҷояш хест.

– Биё бобоҷон… – курсиро барои нишастан пеш кашид.
– Чизҳоятро, ки ғун доштӣ, дам бигир, бихоб!
– Агар хобам биояд, ҳатман мехобам.
– Бо ту сӯҳбат кардани будам. Лекин фикр кардам хобиданат хубтар аст.
– Бобоҷон шинед!
– Ту дар деҳа чӣ хел мехобӣ?
– Чӣ хеле ки дар ин ҷо мехобидам.
– Он ҷо чунин кати нарм нест.
– Боке нест.
– Боз азоб накашӣ.
– Азоб намекашам.
– Он ҷо компютеру телевизор ҳам нест.
– Ҳеҷ гап не…
– Барқ ҳам нест.
– Медонам…
– Ту ки бо ин чизҳо одат кардаӣ зиқ мешавӣ он ҷо.
– Бобоҷон, ин чизҳо ба дили ман задаанд. Ман аз ҳамаи ин чизҳо дур будан мехоҳам.
– Хонданро хуш надорӣ?
– Баракс,, дӯст медорам. Боз афсонаҳои бибиамро…
– Бибиат афсонаҳои бисёр медонад.
– Шумо чӣ?
– Ман? Медонам, хело кам.
– Барои чӣ бобо?
– Чунки ман бештар ба кор банд ҳастам. Ба афсонагуфтану афсонашунидан вақт нест. Деҳа ки рафтам, ба ту албатта афсона мегӯям. Афсонаи Ҷангалак ва Себзорро.
– Ин чӣ хел афсонааст бобо?
– Деҳа ки рафтем, он ҷо ҳикоят мекунам. Ҳоло ту чизҳоятро ҷамъ биёр. Ман тӯро аз корат монондам, – пирамард ба ҳуҷраае, ки барояш чудо карда буданд, баргашт. Вақт ҳанӯз ҳам бо сустӣ гом мезад. Пирамард инро аз тик-тики бонизом ва сусти соат, ки дар девори ҳуҷра овезон буд эҳсос кард. Рӯи роҳаткурсӣ нишаст, ба пиёла чой рехт. Ҷуръа-ҷуръа нӯшид, ба тиреза нигарист, ки дар паси пардаи ҳарири сунъӣ ҳанӯз ҳам тира менамуд. Соат $3^{20}$ буд. Дар ин вақт ягон инсон бедор нест, ба ҷуз корафтодаву ночор, навбатдору мардони кор. Аммо ӯро ҳанӯз хоб ба чашм наомадааст, ҳанӯз ҳам бо хаёлоти мармузу воқеӣ банд аст. Наме-

тавонад аз ин ҳолат раҳо шавад.

Ба наберааш деҳа хуш меомада бошад? Меандешид пирамард. Ин бачаи шаҳрӣ, ки ҳама неъматҳо барояш бе ранҷ муҳайё шудааст, дар деҳи пуршебу фароз, ки кӯчактарин неъматашро наметавон бе ранҷ ба даст овард, чӣ гуна тоб меорад? Чӣ гуна бе чароғи барқ шабро рӯз мекунад? Дар аввал на ман ва на ҳамсарам ба гӯшаи хотир намеовардем, ки чунин мушкилиҳо ҷой дорад, ки ӯро дар як, тӯл кашад ду рӯз деҳ дилхунук мекунад. Ӯ низ ҳоло орзуву ҳавас дорад деҳаро. Ба пиндораш чун шаҳр, ширро аз мағоза мехаранд, нони тайёр мегиранд. Ба даст овардани як литр шир чӣ қадар заҳмат аст. Падари олимат деҳа, зиндагиро дар он шунида ба даҳшат меояд. Тасаввур карда наметавонад, ки модари ту дар он муҳит як рӯз тоб оварда метавонад ё не. Ҳол он ки ту мушкилиҳоро на бо чашм дидаӣ ва на дар тасаввурат меғунҷадд. Бале,, Фаридун писарам. Ту ҷӯраҳоятро ёд мекунӣ, театр, кино, боғи ҳайвонот, аз ҳама беш яхмосро… Майлаш ман дили тӯро аз деҳа хунук карданӣ нестам. Бобоят ҳаргиз монеи деҳа рафтанат нест. Бибият гаштаву баргашта таъкид кард, ки бе ту барнагардам. Аммо мушкилоти деҳа, маро ба шубҳа овардааст. Оё ту ба он тоб меоварда бошӣ? Боз ду рӯз пас, ду пора ба як мӯза андохта, падарамро ёд кардам, модарамро хоб дидам, гуфта оби дида нарезӣ, – пирамард ин суханонро бо овози баланд мегуфт, гӯё бо Фаридун баҳс мекарда бошад. Бехудона мегуфт, чун инро дарк кард, шармаш омад. Ва дарро тела дода ба ҳуҷраҳои дигар диққат дод, ки боз касе ин ҳама пархошу ҳазёнгӯиҳои ӯро пай набурда бошад. Ва бо тамасхур ба худу феъли хеш сари баровардаашро даруни ҳуҷра кашид. Рӯи диван нишаст, сарашро ба болин ниҳод. Хост фикру андешаҳоро ба тамом хотима дода, домани хобро сахт дорад. Вале воқеаҳои гузашта,

дидаву шунида пеши назараш меомаду азмаш ноиҷро мемонд. Наметавонист аз фикру андеша фориғ бошад. Ӯро ин чиз азият медод, ҳарчанд тахайюлоташ рангин буд, соатҳо метавонист дар атрофи ҷузъиёте, ки ба деҳу одамонаш, гирду атрофи он, деҳаи ба назараш торик, Хами сафедорон, ки ёди он мағзашро нохун мезад, андеша ронад. Масоилеро, ки ба зеҳнаш меғунҷадд маъқул донаду чизе, ки ба табъу завқаш мувофиқ нест, аз мадди назар дур андозад. Шаҳр, ки шабро дар оғӯши он мегузаронд, он қадар дилгир набуд, ӯ ин муҳитро бо афкори

мағшуши худ сохта буд. Балки ин эҳсосро худ бунёд гузошта буд, ки гӯё мӯҷиби он сунҳораш маҳсуб меёбад. Ва сари ин масъала фикрашро борҳо дигар ҳам кард, вале дар фарҷом, хулосаи қаблияшро, ки даҳ сол дар моварои он ба сар бурда буд дурӯст меҳисобид. «Охир, ӯ ҳам инсон аст, аз ҷурму гуноҳ барӣ нест. Метавонад хато кунад. Шояд аз кори худ пушаймон шудааст. Шояд он рӯз сари эҳсос ва ҷурми камхирадӣ, ки мӯҷиби он ҷавонӣ ва бетаҷрибагиаш буд, ба ин амал даст зада бошад? Ӯ ку пушаймон шуд, чаро ман ӯро набахшам? Инро медонам, вале аз ғояти ғурур наметавонам гуноҳи худро эътироф кунам. Наметавонам ӯро бубахшам. Шояд ӯ дар ин қазия боз ҳам модари Ғуломалиро гунаҳгор дониста бошад? Шояд… Охир, боре бахшиш напурсид. Нагуфт, ки дар ин қазия гуноҳи ӯ зиёд аст. Кина нагиред! Баракс, хомӯшӣ ихтиёр кард. Боре ба деҳа наомад. Шояд моро бо деҳотӣ будан муттаҳам ҳам кунад? Гӯё ин гуноҳи азим бошад? Яқин чунин фикр дорад. Пирамард дар банди андешаҳои худ, надонист чӣ гуна аз ҷой хестааст. То ин дам, тӯли даҳ сол, боре фикри бахшиши гуноҳи сунҳораш ба гӯшаи хотираш наомада буд. Тағйири андеша табаддулоти ғайриодӣ ва ғайричашмдоште буд, ки ҳеҷ гоҳ интизор набуд, ки дар фазои афкораш ба вуҷуд меояд. Ҳарчанд табаддули афкори нав, ҳанӯз дар реши рӯҳу равонаш амиқ ҷой нагирифта буд, балки бархӯрди ду ақида боис гашт, ки аз банди карахтӣ барояд. Дар фазои ин кайфият дар дохили ҳуҷра, пешу пас қадам зад, дастон паси пушт, чуноне дар кӯчаи бузӯрги деҳа мегашт хушҳол буд, гӯё ҳеҷ вақт ғам надошт. Чашмаш ба манзараи дар чаҳорчӯба гирифташудаи қуллаи барфпӯш афтод. «Қуллаи барфшуха». Аз дилаш гузашт. Хушаш омад. «Кӣ кашида бошад? Ғуломалии мо чандон беандеша нест, ки мепиндорем. Ӯ бономус аст. Вагарна ин қуллаи бузӯргро ба рассом намефармуд, ки бо ин ҳашамату зебоӣ биофарад. Рангҳоро аҷиб интихоб кардааст. Ифтихори мо Себзориҳо дар ин қулла ҷой гирифтааст. Инро Ғуломалӣ медониста бошад? Ман як осиёббони одӣ аз ин чиз хабар дорам, ӯ намедонад». Пирамард, дар фаҳму идроки санъат бахусус санъати тасвирӣ ба андозаи хонандаи зинаи аввали мактаб таассурот надошт. Вале зиёди зиёд дар ин хусус андеша рондан, ӯро ба мартабаи марди ватандору ифтихорманд расонида буд. Пирамард то хеле авқот тоҷи заринро ҷӯст, вале он ба чашмаш нанамуд. Ба андешаи ӯ тоҷ дар яке аз шаххҳои ин қулла ниҳон бояд

бошад. Ва рассоми чирадаст дар офариниши он таъхир кардааст. Вале боз ба хулосае омад, ки тоҷи сеҳрнок, на ба ҳар чашм меафтад.

Дилаш аз худаш монд. «Наход ман одами одӣ бошам, ки тоҷи миллатро дар ин тоблу дида наметавонам? Наход тоҷи миллат то ҳамин андоза барои ман маҳрам аст? Охир ман аз насли тоҷикони асилам…» Бо ин андеша пирамард, рӯи роҳаткурсӣ нишаст. Дар ғиҷиросзанон кушода шуд. Фаридун беҷуръатона ворид шуд. Бо чеҳраи ҳайрони бобояш нигарист. Пирамард низ дар банди андеша буд. Нигоҳаш ба тоблу.

– Хобатон набурд?

– Не…

– Маро ҳам хоб набурд.

– Барои чӣ?

– Мехоҳам тез рӯз шаваду деҳа равем.

– Ман ҳам интизори рӯзам.

– Шаби шаҳр дароз аст.

– Аз деҳ чӣ?

– Кӯтоҳ…

– Кӣ гуфт?

– Охир, бинед чӣ қадар дароз аст он.

Пирамард табассум зад. Ва бори дигар ба тоблу ба он қуллаи номус ба он маскани меҳр, макони шерони ҷасур зеҳн монд. Фаридун низ ба самти нигоҳи бобояш нигарист. Пирамард аз ӯ суол кард.

– Ин тоблуро, ки офаридааст?

– Ин тӯҳфаи як шиноси падарам аст. Ба муносибати зодрӯзаш оварда буд.

– Манзараи барфшухаи болои Ҷангалак аст.

– Ин барфшуха нест?

– Не… Бобо, ваъда кардед, ки барфшуха мебаред, аммо танҳо порсол Ҷангалаку ғори одамони ибтидоиро ба ман нишон додеду халос. Ман барфшухаро аз дур дидам, ки ба ин қулла монанд нест.

– Ин қулла дар куҷост?

– Дар Ҳиндӯстон...

– Дӯсти падарат кист?

– Як ҳинду, номашро намедонам.

– Маълум, – гуфт пирамард ва бо таассуф оҳ кашид. Агар ман

ба ҷои падарат мебудам, дар ин ҷо манзараи қуллаи барфшухаро ба рассом мефармудам, ки биофарад.

– Барфшухаро падарам медонад?

– Падарат аз асрори ҷаҳон огоҳӣ дораду барфшухаро намедонад, ки рӯди деҳаи мо аз он сарчашма мегираду чархи осиёби бобоятро оби он ба гардиш меорад.

– Аз ин пеш нашунида будам.

– Ман пеш, айёме ки ҷавон будам ба он ҷо рафта будам. Тоҷи миллат он ҷо ниҳон аст. Ва ҳар тоҷик вазифадор аст, ки он ҷо биравад, тоҷи муқаддасро зиёрат ва қурбонӣ кунад. Қурбониро дар тоқи сангин ниҳода дар поён камин гирад. Агар шери жаён аз қулла фаромада ба чорвои қурбоникардаи ӯ таваҷҷӯҳ кунад, он кас ба қатори фарзандони бономуси миллат шинохта мешавад.

– Агар таваҷҷӯҳ накунад?

– Не… Одамон ҳафтаҳо маҳтал мешаванд, дар камин гурусналу ташна менишинанд, то ки шоҳиди ин манзара гарданд.

– Бобо, шумо ба зиёрат рафтаед?

– Бале,, писарам. Ман бисёр ҷойҳоро зиёрат кардаам. Маккаву Мадина рафта, ҳаҷи акбарро ба ҷо овардам. Аммо дилам аз ин сиёҳ аст, ки суннати бобоён, зиёрати тоҷи муқаддасро накардаам.

– Падарам зиёрат кардааст?

– Падарат? Не… Ӯ аз болои китобу дафтараш ҳанӯз нахестааст.

– Бобо ман он ҷо бояд сафар кунам? Имсол маро ба барфшуха бубар!

– Чаро не? Охир, ту ҳам тоҷикӣ…

Фаридун ба андеша рафт. Ва пас аз сукути начандон амиқ ва тӯлонӣ ба рӯи бобои ришсафедаш, ки дастори сафеди печидаашро дар болои ҷевон ниҳода буд, зеҳн монд. Чашмони тези ҳамабин, чинҳои сиёҳи зери он, чини ҷабин гувоҳӣ медод, ки бобои ӯ марде нест, ки корвони умраш роҳи ҳамворро паймуда бошад. Ва боз саволи кунҷковона дод.

– Бобо…

– Ҷони бобо…

– Тоҷи муқаддас чаро дар он қулла будааст?

– Ин достони дарозест, ки аз бобову бобокалонҳоямон то ба мо омада расидааст.

– Чӣ хел достон аст, бобо?

– Деҳа ки рафтем он ҷо ба ту ҳикоят мекунам. Ҳоло ҳавсалаи ҳикоят надорам. Мехоҳам бихобам. Пагоҳ ба роҳи дароз мебароем.

– Чӣ тавр бихобам бобо?

– Бирав, дар ҷойгаҳи хобат дароз бикаш ва то ҳазор бо ангуштонат шумор. Хобат мебарад.

– Шумо нашумурдед?

– Кӯшиш кардам, аммо фикрҳоям парешон шуд. Боз кӯшиши мекунам.

Фаридун ба ҳуҷраи худ рафт. Пирамард, ба тоблу нигаристу якбора дилаш сиёҳ шуд. «Барвақт табли шодӣ зада будаам. Ғуломалии моро илму дониш аз дарки суннату ифтихори миллӣ дур карда будааст. Ҳатто як акси одиро аз манзараи деҳ дар манзилаш ҷой надодааст. Андешаи зиёрати тоҷи муқаддасро кай ба сар мекарда бошад? Деҳа меояду аловгирӣ омадагиворӣ чапасар мегардад. Ҳатто фикри сайёҳати Ҷангалак намекунад, ҳол он ки аз тамоми гӯшаҳои олам одамон, занону мардон овозаи ин мавзеъро шунида, сайёҳат меоянд, дар домани рӯд хайма мезананд. Ва рӯзҳову ҳафтаҳо он ҷо мехобанд. Ва боз пиёда озими шаҳр мешаванд. Ба қавли Файзи урус, ки аз паи хориҷиён тор танида мегашту саркути онҳоро аз оши худоӣ боло медонист, ҷопониҳо дар Ҷангалак аз чароғи барқ, ки тавассути генератор одамони маҳаллӣ ба изаташон муҳайё намуда будаанд, даст кашидаанд, ки онҳо ба мақсади гурез аз ин гуна тамаддуну пешравӣ меҳмонхонаи панҷситорадорро тарк кардаанд. Ғуломалии мо бошад ёди деҳаи бобогӣ намекунад. Намешинад, ки ба серӣ бинамаш. Файзи урус бошад, дар ҳақи одамон бадгӯӣ мекарду касе пишакашро пишт намегуфт. Ба пиндори Саттор Файзи урус одами Хадамот аст, ӯ ин вазифаро барвақт ба ӯҳда гирифта, худро масту аласт вонамуд карда, «факт» ҷамъ меорад. Ва ба марказ начакондаву нарезонда мерасонад. Назди масҷиди деҳа нишаста мардуми намозгузорро таи чашм мекунад. Аз паи сайёҳон мегардад, дурбини гарданашро ҳаргиз аз худ дур намекунад. Овозаҳо паҳн мекунад… Ана ҳамин бадмаст, боре Ғуломалиро савори «ҷипаш» дида, пеши Саттору Ориф гуфтааст, ки ӯ хоини ватанфурӯш аст. Гӯё Ғуломалӣ донишу ҳунарашро ба нафъи хадамоти хориҷӣ бахшида ба ивази он аз онҳо маблағ ба даст меовардааст. Гӯё Ғуломалӣ парвои ватану

миллат надоштааст. Кашфиётҳои оламшумулашро бо андак доллару евро мефурӯхтааст. Ҷип ҳам гӯё маҳсули ин амалаш будааст» Рости гап хунукназариву бепарвофалакии ӯро дида, дар дили ман ҳам шубҳа пайдо шуд. Агар не, бо ин маош аз куҷо соҳиби ин қадар дову дастгоҳ мешуд? Астағфуруллоҳ... – гиребон гирифт пирамард. – Ман чиҳо мегӯям? Дар ҳақи фарзанди худам бадгӯӣ мекунам? Сухани як ҳасуду нотавонбинро, ки дар умри сараш амали некашро касе надидааст, ҳақ мешуморам. Не. Ғуломалӣ хоин нест, агарчи бе ифтихор аст. Ин ҳам ҳанӯз саҳеҳ нест. Ӯ фориғ аз кор буда наметавонад, аз ҳад зиёд саргарми касбу пешаи худ аст. Ӯро дилбастагӣ ба машғулият аз мо дур кардааст, мо ки худ databases иродаи дарки инро надорем, шубҳа мекунему гумон...»

Пирамард дар ин шаби дароз, ки дар интизори рӯз ҳанӯз мижа таҳ накарда буд, азоб дошт. Андешаҳои парешон азияташ медод. Ба худ хулоса кард, ба ҳамаи ин хотима мебахшад. Чашмонашро пӯшид ва ба азми хоб ором гирифт. Ҳарчанд ранҷи бехобӣ тӯл мекашид, ҷилави онро ба даст оварда наметавонист. Худ намедонист мӯҷиби ин ҳама мушкилот дар чист. Ва онро чӣ гуна метавонад маҳв намояд. Охир шаб ҳамон миқдор вақтеро дар ихтиёр дошт, ки дигар рӯзҳо аз ғуруб то тулӯи шед бо тирагӣ мегузаронд, пирамард мехуфту мехест. Бе ягон душворӣ, бе андешаҳои тӯлонӣ ва дилгир. Ин шаб барояш ғайриодӣ буд, гӯё торикӣ ин мабдаи шар қасдан ӯро дар қайди худ нигоҳ медошт, дар дидагонаш, дар шарёнаш, дар қалбу равонаш сиёҳие нуфуз карда буд, ки ба пиндораш дигар ҳеҷ гоҳ наметавонад аз он худро раҳо намояд. Худро ба уқёнуси пурталотуми андеша, ки ҳеҷ нӯги онро ба даст гирифта наметавонист ғӯта мезад, чун ғаввоси озмудаву чира. Ин ҳам ба дардаш даво намешуд. Андешаҳо низ ҳамвору хуш набуданд. Ҳарчанд орзуҳоро дар дунбол доштанду дар қайди он андаке ҳам бошад фазои афкорашро равшанӣ мебахшид. Наметавонист зиёд бо он хӯ гирад. Фикрҳои ғарибу мағшуш боз нуфуз пайдо мекарданд, боз ва боз шахсиятҳои ботинан ифлос, ки дар зиндагии печидааш паси сар карда буду бо онҳо бархӯрдҳои рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ дошт, азият медод, пеши рӯяш пайдо мешуданд, ғайрихтиёр, бедаъвату хоҳиш. Ғуломалӣ, яккаписари ба қавли Файзи урус ба ширaи гандуму оби тарбузу қандоб парваридааш ҳам дар ин шаб дар қатори ин ашхос қарор дошт. Ҳарчанд ҳеҷ хоҳиши дар ин саф

ниҳодани ӯро надошт. Охир, падар, касе ки набошад, ҳеҷ гоҳ фарзанди худро маҳкум карда наметавонад. Агар ҷурми ӯ кабира аст.

Дар ин уқёнуси пурпеч зиёд аз кирди писараш ёдовар шуд. Ӯро асосан ба он муттаҳам мекард, ки мувофиқи табъи волидонаш зан нагирифт. Бо шахсе хонадор шуд, ки на тарзи либоспӯшӣ, на гуфтор, на рафторашро писанд мекард. Барои пирамард занҳои гапбардор, сархам, камгап, итоаткор маъқул буд, ки амсолашро дар симои ҳамсараш Моҳсурат медид ва бисёр мехост Ғуломалӣ ҳам чунин зан дошта бошад.

«Ту сари худро дар бало мондай. Наход зан худаш бозорӣ кунад. Пулбадаст бошад. Ба кори хона даст назанад. Хизматгор дошта бошад? Ғуломалӣ, шунидам ба хӯҷаинаш дар корхона, чой мемондааст, қаҳва мепухтааст. Гапи пасту баландашро таҳаммул мекардааст. Дар хона бошад сухани шавҳарро бо сарнайза қабул мекунад. Ҳамин ҳам хонадорӣ шуд? Зан танҳо ва танҳо бояд ба шавҳари худ тааллуқ дошта бошад. Бале,, Ғуломаличон писари азиз! Тӯро на нозпарвард кардему на сахт гирифтем. Донишҷӯ ки будӣ, ҳама хоҳишатро иҷро мекардам, то ки костагии рӯҳ боиси сӯстзавқиат нашавад. Доногии ту ҳангомаи баҳру бар буд. Худат бигӯ, кадом падару модар намехоҳад фарзандаш шӯҳратманд бошад? Кӣ инро намехоҳад? Ҳатто Файзи урус, ки бо ахлоқи бад ном баровардааст, аз кирди номақбули Додари харсавораш менозад. Гӯё фатҳи барфшуха карда бошад, ки даҳани бекорашро чунбонда мелофад.

– Додар як шиша арақро ба як дам нӯшида уф нагуфт. Як итолиёвии сайёҳ инро дида, даҳонаш воз монд. Барои ин сад доллар дод.

Файзи урус танҳо ин не, балки модарашро зери мушту лагад гирифтани Додарро чунон бо шавқ обу ранг дода ҳикоят кард, ки ҳатто Маҳмуди бебисот гиребон гирифта тавба кард. Аз Худо илтиҷо намуд, ки чунин фарзанд доданӣ бошад надиҳад. Ман аз ту ифтихор доштам, имрӯз ҳам ифтихор дорам, ҳарчанд дилам сиёҳ аст. Ва наметавонам чӣ гуна онро пок созам. Ба ин ту бояд мусоидат кунӣ. Бале,, писарам, маҳз ту». Пирамард хаёлан бо Ғуломалӣ гуфтора дошт. Ӯ марди беҷуръат набуд. Ҳарфашро дар рӯи одам мегуфт. Борҳо дар он вохӯриҳои кӯтоҳ, ки бо писараш дошт аз ин мушкилот гап мекушод. Ғуломалӣ на ҳама вақт хомӯш меистод. Сухане ки дар дил дошт баён мекард. Пи-

рамардро бо оромӣ бе ягон ҳайту ҳашанг мефаҳмонд, ки андешаҳояш ба замона, ба асри атому иттилоот мувофиқат намекунад. Пирамард мушти дареғ ба каф мекӯфт, ки дар тарбияи фарзанди олимаш саҳлангорӣ кардааст, вагарна кӣ андешаи падарро ботил мешуморад?

Дар ин шаби дарозу беохир, пиндошт осемасар пас аз дидор, ҳамагӣ як ё ду соат таваққуф карда бозгаштанашро сабаб ин ҳарфу сухани ӯ будааст, ки ба табъи нозукаш созгор намеомадааст. «Агар дар ин хусус даҳон намекушодам, аҷаб не, меистод. Ақаллан шаберо дар кулбаи падар мегузаронд? Шояд набудани диван ӯро мушкилот буд, ки ҷисми нозукашро ҳафт қабат кӯрпаи модар озор медод. Ва ё суханони дур аз фаҳмишҳои баланд хиҷил мекард, ки дилаш танг шуда, арзи иҷозат ба бозгашт мекард».

Пирамард боз назди тиреза омад, пардаро як тараф кашид. Ба назараш ранги шаб тадриҷан мепарад. Дилаш як қадар равшан шуд. «Поёни шаби сиёҳ сафед аст». Аз дил гузаронд, ҷои хастагӣ як зарра фараҳу нерӯ ба ҷисмаш нуфуз кард. Ва табассуми ғайриихтиёр дар лабони хушкаш падид омад. «Ташнагии маро танҳо ва танҳо оби Себзор мешиканад. Обе, ки аз барфшухаи бузӯрг, аз он маскани шерони оламгир меояд. Даҳ рӯзе, ки азми истодан кардам, ба гуфтан осон аст. Як шабаш ин қадар азиятам дод. Шаби дуюмаш ки медонад, чӣ мушкилиро ба бор меорад. Душвор аст фироқи Моҳсурат». Инро гуфту худ ба худ шармаш омад. «Ба ҳоли Ғуломалӣ механдам, бехабар аз худам. Куҷои ҳамсари ӯ ба Моҳсурат баробар аст. На ҳуснаш, на кораш, на суханаш… Боз чӣ бигӯям? Моҳсуратро киҳо даҳон назада буданд, ки мегираду бо ӯ хона бунёд мекунад? Ҳатто пири кор падари Файзи урус ҳам ният дошт, ба ин бадмасти Худозада ӯро ҳамсар намояд. Модари бечораамро фиристодам. Як бору ду бор не… Ниҳоят тараҳҳум дар қалбашон нуфуз пайдо кард. Ва дар як шоми мурод розигӣ доданд. Дар деҳа шӯре бархост амсолашро касе дар ёд надошт. Файзи урус нӯшида, дари хонаамон пайдо шуд.

– Шерзод, ку баро…

– Чӣ мехоҳӣ? – девор мезадам, Саттор лой мебурид.

– Ту дар рӯи ман охир по мондӣ?

– Чӣ гуфтан мехоҳӣ?

– Моҳсурата ба ҳоли худ мон!

– Чӣ?

– Агар тани сиҳат зарарат накарда бошад?

– Бирав, аз назарам гум шав, ки пушаймон мешавӣ.

Файзи урус ҷавон буд, аз хизмати аскарӣ омада буд, ба қавле думи хукро меканд. Ба сӯям давид, ман ҳам хам шуда, сари китф бардошта, дар умқи лойхона партофтамаш. Сипас поён фаромада, аз ончи ҷон доштам зери мушту лагад гирифтамаш. Маст ҳушёр шуд. Қавл дод, ки дигар номи Моҳсуратро ба забон намебарад. Пир шудааст, хар барин нӯшида мастӣ мекунад. Дую дубора нашунида будам, ки номи ӯро ба забон гирифта бошад. Мисли ӯ панҷ довталаби дигар ҳам буд, ҳамаро ба хубӣ фаҳмондам, ки тақдир ӯро насиби ман гардонда будааст. Хуб гуфтанд, бо хушӣ даст доданд, ки ҳалолат бод. Моҳсурат ба ҳама васфу дӯстдорӣ меарзид». Пирамард дар қайди ин андеша, ки сарчашмааш айёми шабоб буд, нерӯ гирифт, гӯё бо ҳамон исту бисти пешинааш, ки кӯҳро талқон мекарда бошад, мушт ба паҳлӯи роҳаткурсӣ зад, мисли ҷавононе, ки аз ғояти фузунии нерӯ, дар сарфаи он оҷиз мемонанд.

Равшанӣ тадриҷан фазои шаҳрро аз сояи шаб озод мекард, вале ин амал низ ба назари пирамард суръат надошт. Аз ин ҷиҳат дилаш тангу хотираш парешон буд. Ва пардаро пӯшида, ба роҳаткурсӣ нишаст. Азм кард бе шарфаву садо баромада меравад, касеро огоҳ намекунад. Ба рағми ин зани рӯбоҳсурати маккор, ки писари яккаву ягонаи ӯро ба доми худ афканда, ёфтаву тофтаашро аз роҳ мезанад. Пирамард ҳарчанд тамаъ аз фарзанд надошт, бо вуҷуд дардаш мекард. Мисли дигар волидон ба фарзандаш минат намениҳод, ки нон дода, ба воя расондам, хонондам, зан додам. Мутлаққо ин суханро ба забон намеовард. Балки ин гуна ҳарфҳоро шунида, хиҷил мешуд, ки мард шуда бо фарзанди худ минат мекунад. Аммо ин шаб дар ин хусус бо алам ёдовар шуд. Ва ба худ суол дод, балки хотираашро тагу рӯ кард, ки кай Ғуломалӣ барои волидон чизе харид карда оварда бошад. Чунин воқеаро дар ёд надошт, балки ҳазор андешид, чизе ба хотираш наомад. Аммо як чизи ғайриодӣ ва ғайри интизорро шунид. Ғуломалӣ бо даҳони пур гуфт, ки дар сурати пайдо шудани хати барқ, барояш осиёби барқӣ мехарад. Инро шуниду ҳайрон нашуд. Зеро фарзандони дигарон, ин гуна амалҳоро ҳар лаҳза ба ҷо меоранд. Пирамард ҳаргиз ин чизро аз яккаписараш тақозо намекард. Балки миёнаш аз он боис мӯстаҳкам буд, ки

осиёби гардон дораду хонаи обод ва ҳамсари меҳрубон. Чархи осиёбаш ӯро мехӯронд, хуми ордаш холӣ нест. Аммо ба сунҳораш, ин зани сафедчеҳраи хурмоимӯ, ки чашмони осмонияш дурахши хоса доштанд, ҳеҷ созиш карда наметавонист. Ёрои бо ӯ рӯирост баҳс надошт. Ин чизро бо ӯ аз рӯи инсоф намедонист. Вале дар ҷангҳои ботинӣ, ки боиси сарзаданаш боз ҳам сунҳораш буд, зиёд мегуфт. Гуноҳро ба гардани ӯ ҳамел мекард, чун донаҳои дӯлона. Ва худ осуда мешуд, дами беғам мезад.

Дар ин субҳи дилгир, ки гомҳояш чун сангпушти лаванд қалбро фишор медод, ба азми тарки хонаи писар дар худ ҳамҳама дошт. «Хомӯш, бе шарфаву садо меравам. Бигзор виҷдони Ғуломалӣ бедор шавад, азияташ диҳад. Биандешад, ки чӣ амали зишт боиси ранҷиши хотири падар шуда бошад? Бигзор бепарвоӣ дар ӯ нисбат ба волидон аён гардад. Дарк кунад, то имрӯз ба падару модар, таваҷҷӯҳи дурӯст накардааст. Мисли фарзандони дигар, ки волидонро болои даст мегардонанд». Ғуломалӣ чунин масъулиятро ҳаргиз эҳсос накарда буд. ба пиндори ӯ ҳама чиз, таваҷҷӯҳ, ғамхорӣ, якҷониба аз падар ба писар буда бошад. Балки боре нашунида буд, ки падар аз ӯ чизе тақозо намуда, аз зиндагӣ, аз мушкилоти он шикоят карда бошад. Ҳаргиз дар ин маврид нотавонӣ, дасткӯтоҳиро аз волидон эҳсос накарда буд. Пирамард ҳам шукр аз он дошт, ки солим асту нерӯяшро дар тавозун нигоҳ медорад. Ҳамсараш ҳам аз синну солаш ҷавонтар менамояд. Инро пирамард ба рӯзгори ширини якҷояашон нисбат медод, ки асосгузораш худаш аст. Оилаҳои талххона дар деҳа кам набуданд. Онҳо аз ғояти камфаросотӣ ва заъфи ақл на танҳо ҳамсар балки худро дар ҳолиногувор монда, саломатии хешро хароб мекарданд. Ба пиндори пирамард, ҷигарбандаш Ғуломалӣ аз ин зани хушсураташ рӯзгори ширин надорад. Ӯ инро аз ҳарисиву дилбастагии сунҳораш медонад, ки ба моли дунё дорад. Ва он рӯз дар ҳузӯри меҳмонон ин хулқу хӯи хешро ошкор намуд. Пирамард дигар ба афкори хеш, ки аз ин қазия нисбат ба сунҳораш бардошта буд, ягон тағйирот ворид накард. Ҳарчанд табаддулотҳо дар ин маврид кам набуданд. Вале пирамард як гап дошт. Гоҳо ба худ қавл медод, ки ҷиддӣ паи он мешавад, ки ин занро аз писараш ҷудо месозад. Ба писараш талқин мекунад, ки бо як сару тан аз хона бароянд. Ва хаси хонаро барои худ эб набинад. Сар бошад тоқӣ ёфт мешавад. Пирамард бо ин фикру хаёл рӯз кӯр мекард. Гоҳо бо ҳамсараш ин

фикри худро радду бадал менамуд. Аз он рӯз, ки ин андеша дар миёни зану шӯ муаллакқ монд даҳ сол гузашт. Дар ин муддат рӯзе нест, ки сари ин масъала фикр наронанд. Ва хулосаҳои нав набароранд. Вале ҳама вақт пиру кампирро фикри оянда ором мекард. Амалӣ гардидани ин орзуяшро дарояндаи наздик дидан мехостанд. Балки ба он боварӣ доштанд. Рӯзҳо паси ҳам сипарӣ мегашт, аммо ҳанӯз дар ин ҷода коре ба анҷом нарасида буд.

Пирамард бори дигар пардаро як тараф кашид. Аз тиреза ба атроф нигарист ва якбора авзояш беҷо шуд. Субҳ чун аробаи шалаққ, ки дар роҳи гил мондааст, базӯр пеш меомад. Пардаро сар дода, чизу чораашро ғундошт, дасторро ба сар ниҳод. Аз дари ҳуҷра баромад. Ҳини баромадан ғиҷироси дар баланд шуд. Аз ҳуҷраи худ набераааш Фаридун берун шуд. Ва ба бобояш, ки мӯзаашро мепӯшид рӯ овард.

– Бобоҷон, маро намебаред?

– Тайёр шав!

Ин лаҳза бо эҳтиёт дари ҳуҷраашонро Ғуломалӣ кушод. Ва нӯг – нӯги по назди пирамард омад.

– Куҷо? – бо тааҷҷуб суол кард Ғуломалӣ,

– Ман истода наметавонам. Бояд ки худро ба деҳа расонам.

– Чӣ гап шудааст?

– Намедонам…

– Охир даҳ рӯза омада будед?

– Сухани хона ба бозор рост намеояд.

– Куҷо меравед?

– Деҳа…

– Ман ҳам меравам, – ба миёнаи гап даромад Фаридун.

– Ақаллан як рӯзи дигар намеистед?

– Як соати дигар истода наметавонам.

– Падар, намондед, ки шаб рӯз шавад?

– Рӯз шуданӣ нест… Ба фикрам рӯз таъхир мекунад.

– Падар, шумо бесабр набудед ку?

– Одамизод дар як ҳолат намемонад.

– Ақаллан як соат сабр кунед? – бо овои паст нимшунаво гуфт Ғуломалӣ.

– Наметавонам, ту намефаҳмӣ?

– Мефаҳмам, майлаш рафтан мехоҳед, садди роҳатон намешавам. Аз шумо як хоҳиш дорам. Илтимос ба ин гапам гӯш диҳед.

– Чӣ хоҳиш? – қадре ором гирифт пирамард.

– Ман аз ронандаи мошинам хоҳиш мекунам, шуморо деҳа бурда расонад.

– Ман ҳам бо бобоям меравам, – гуфт набераи бобо.

– Майлаш, – ӯро ором кард Ғуломалӣ.

– Сабр карда наметавонам, – дурушт бо овои баланд гуфт пирамард, – ҷонам ба ин ҷо расид, – бо ангушт гулӯяшро нишон дод.

– Паст гап занед падар.

– Барои чӣ?

– Одам хоб аст… – ба ҳуҷраи хобашон ишора кард, Ғуломалӣ.

– Ӯ барои ту одам аст, – баландтар гап зад пирамард. Ғуломалӣ сар ба васати гиребон гирифта, ангушти шаҳодат рӯи лабон гузошт, бо ишораи хомуш. Аммо ӯ намедонист бо ин рафтораш ба торҳои асаби пирамард нохун мезанад.

– Пеши роҳамро нагир!

– Падарҷон, ба шумо чӣ шуд?

– Намедонӣ? Аҳмақ будаам, ки пас аз даҳ соли сарбаландӣ пеши пои ту барин даюс сар фурӯд овардам.

– Кӣ шуморо хафа кард, падар?

– Боз шарм надошта мепурсӣ?

– Падарҷон, ором шавед, намехоҳам дар ин вақту соат ғавғо бардорем. Одамон хобидаанд. Ман ҳатман дар ин масъала бо шумо гуфугӯ мекунам. Ҳоло бошад ором гиред худро.

– Аз чӣ метарсӣ? Ку бигӯ? Ту чаро чизеро аз ман пинҳон мекунӣ?

– Падарҷон, ҳоло вақти баҳс нест. Ҳатман сари ин масъала бо шумо сӯҳбат мекунам. Сабаби хафагиатонро меомӯзам.

– Ту хонда олим шудӣ, ки рафтори маро таҳқиқ карда, ҳукм барорӣ? Ҳамин хел?

– Падарҷон, фикри ман тамоман дигар аст.

– Дурууuғ…

Ғуломалӣ ба сӯи ҳуҷраи хобаш гом кашид, бе шарфаву садо, нӯг-нӯги по. Ва дарро оҳиста тела дод. Ба кати дукасаи хоб нигарист, ки ҳамсараш хобида буд. Хотираш ҷамъ шуд. Оҳиста дарро аз нав пӯшид. Ва телефонро ба даст гирифта рақам чинд.

– Ало… Бале,… Зуд назди хона биё. Не – не.. Таъхир накун, ҳама тинҷ аст, – Ғуломалӣ телефонро аз гӯш гирифта, рӯи мизак

ниҳод.

– Ҳозир мошин меояд.

– Бо мошини роҳ мерафтем.

– Ҳеҷ гап нест, як бор бо мошини мо савор шавед ӯбол намешавад.

Пирамардро аз гуфтораш шармаш омад, ки ба рӯи Ғуломалӣ бо нигоҳи дигар, самимӣ нигарист. Ва сари Фаридунро дастмол карда гуфт:

– Чанд рӯза ҷавобаш медиҳӣ?

– Доимӣ... – гуфт Ғуломалӣ, ки дар он оҳанги ранҷиш нуфуз дошт.

– Метарсам ду рӯз пас мошинро равон накунӣ. Порсол ҳамин тавр кардӣ. Ба ӯ ваъда дода будам, ки ба барфшуха мебарамаш...

– Натарсед...

– Фаридунро порсол Ҷангалак тамошо бурдам. Агар нерӯи ҷавониам мебуд ба барфшуха, ба он макони муқаддас мебурдам.

– Чӣ чизи муқаддас дорад?

– Он ҷо тоҷи миллат ниҳон аст, ки онро шерони жаён аз дасти нохалафон ниҳон медоранд. Ҳар кӣ нияти нек дораду хунаш пок аст ва шаҷарааш ба бобои миллат рафта мерасад тоҷро мебинад. Ҳар кӣ ба ин

сифатҳо наздикӣ надорад, бо зарабин назар кунад тоҷро дида наметавонад.

– Ҷангалаку барфшуха як тараф, дар Себзор тоб меорад ё не?

– Иншоолоҳ деҳа маъқулаш мешавад.

Ин лаҳза телефон занг зад. Ғуломалӣ гӯширо бардошт.

– Лаббай... Ҳозир мефароем, – гуфту гӯширо аз гӯш гирифт. – Рафтем, мошин омадааст.

Дарро кушода, берун баромаданд. Ҳар се тавассути лифт поён фаромаданд. Мошин дар назди бино қарор гирифта буд. Торикӣ ба тамом нест нашуда бошад ҳам суроби ҳама чизро пайхас кардан имкон дошт. Пирамард ва набера ба курсии қафо нишастанд.

– Деҳа бурда соқу саломат фароварда гашта биё, – фармуд Ғуломалӣ.

– Хуб... – кӯтоҳ ҷавоб дод ронанда.

Мошин ба роҳ даромад. Дар кӯчаҳои кушод, мошинҳои пуроб, ба об задан машғул буданд. Роҳравҳоро занону мардон

рӯфта тоза мекарданд. Чароғи хонаҳои баландошёна яке паси дигар равшан мешуд. Дар истгоҳҳо одамон интизори нақлиёт буданд. Шарфаву садоҳо, аз корхонаҳои саноатӣ шунида мешуд. Мошинҳо якбора дар кӯчаҳо зиёд шуданд. Пирамард дар ин субҳи содиқ нафаси гарми шаҳрро эҳсос кард, ки баробари дамидани субҳ ба машом мерасид. Биноҳои нимсохт, шиору рекламаҳо, диққатҷалбкунанда буданд. Ҳамаи ин ба пирамард, бо вуҷуди назаррабоӣ, хуш намеомад. Дилаш фишор мехӯрд. Нафасаш тангӣ мекард. Мошин бо вуҷуди суръати баландаш, гӯё дар васати соҳоти бузӯрг дармонда бошад, ки ҳеҷ пеш намерафт. Пирамард аз ин ҳиссиёт ғамгин шуд. Худро ба даст гирифт. Ва таҳаммулро пеша кард, то аз шаҳр баромаданаш ба назараш тӯл накашад.

Аз шаҳр вақте берун шуданд, ки ҳама ҷо равшан шуд. Акнун мошин ба роҳи пурпечу фароз даромад, ки шаҳрро бо ҳама бузӯргӣ дар қафо мегузошт. Ду ҷониби роҳро сафи дарахтони сояафкан иҳота карда буд. Роҳ ҳамвор буд, мошин бо суръат пеш мерафт, насими хуш аз саҳроҳои сарсабз ба димоғ расид. Набзи пирамард, низом пайдо кард, нафасгирияш тадриҷан рост шуд. Чашмони хоболудаш кушода шуданд. Фаридунро, ки манзараҳоро ҳарисона тамошо мекард, ба бар кашид. Ва аз ҷабинаш хушҳолона бӯсид.

– Аз шаҳр баромадем…

– Куҷо меравем?

– Деҳа…

– Кай мерасем?

– Насиб бошад, баъд аз дуву ним соат.

– Ҳоло чанд дақиқа гузашт?

Пирамард соати занҷирадори худро аз пешкиса бароварда, ба гардиши он зеҳн монд.

– Расо бисту панҷ дақиқа…

– Ду соату басту панҷ дақиқаи дигар монд?

– Ин ба суръати мошин низ вобаста аст. Агар дар як соат суръат ба сад километр баробар ояд, он гоҳ дар ин муддат дар деҳа қарор мегирем. Агар суръат паст бошад дертар мерасем.

– Агар суръат аз ин ҳам баланд бошад?

– Он гоҳ барвақттар мерасем.

Пирамард баробари фарозиҳои роҳи мумфаршро, ки дар канори он деҳаҳои обод, боғҳои ҳосилдиҳанда ба чашм мерасид

тай задан, эҳсоси гуворош фаро мегирифт. Аз ғояти хушҳолӣ ба худ меболид. Гӯё аз зиндон раҳо шуда бошад. Ба рӯи набераи маъсумаш менигаристу болу пар мебаровард.

«На кина дораду на бухл, ба ҳама кас, ба ҳама чизи олам назари некбинона дорад. Одамизод ҳар қадар ки солор гардиду оламро бо нигоҳи дигар дид, ба ҳамон андоза, эҳсоси бухлу риё ва кинаву адоват дар қалбаш нуфуз пайдо мекунад. Зеро ҳирс, ки модари нафс аст, мӯҷиби ин ҳама эҳсоси ногувор мегардад. Чунки наметавонад ором биистад. Оромӣ, сустӣ бегонагонро дастболо мекунад. Ғолибон ҳаргиз ба ҳарифи мағлубу сустниҳод, ки аз шикасти худ ашк мерезад, тараҳҳум намекунанд. Зеро тараҳҳум мӯҷиби мағлубияти ӯ мегардад. Мубориза, душман ёфтани ҳамҷинсро маҳз дарку фаҳмиши дунёву зиндагӣ муайян месозад. Тифл танҳо як паҳлӯи ҳаёт, некӣ, муваффақияти якҷонибаро дарк мекунад. Аз ин рӯ, дар қадами аввал пешпо мехӯрад, гирифтори душвориҳо мегардад. Ва ин дарсаш мешавад». Пирамард ба набераи дӯстрӯяш нигариста, моҳияти зиндагиро дар тарозуи ақл бармекашид. Моҳияти сабабҳоро меҷӯст, ки ба некиву бадӣ қисмат шуда аст. Ва аз рӯзе, ки фарзанди одамизод Қобилу Ҳобил ба арсаи ҳаёт омаданд, ба зиддият роҳ кушода, дунёро ба майдони мубориза табдил доданд.

Расо баъд аз якуним соат, ронанда мошинро ба тақозои пирамард канори роҳ қарор дод. Пирамард аз мошин фаромада, дар оби анҳор, ки аз лӯла мерехт, дасту рӯй шӯст. Як каф об нӯшид ва ба набера ҳам дод. Сипас аз ҷой хеста шукр ба ҷо овард. Ва дасту рӯяшро бо рӯймоли миён хушк намуд. Ба набераи ҳайронаш зеҳн монд.

– Қариб омадем.

– Боз чӣ қадар вақти дигар монд?

– Яку ним соат…

Дар чеҳраи пирамард тағйирот ба амал омад, қоматаш рост шуд, чинҳои ҷабинаш ҳамвор, абрувонаш чун ду боли кабӯтар аз дӯши чашмон бардошта шуданд, дар лабони парсингбастааш хун дамид. Рухсораҳояш ранг андохта таранг шуданд, ришу мӯйлабаш ҳам гӯё ҷон гирифтанд, бо як рӯҳияии баланд, ки чунин ҳолат дар ӯ гоҳ-гоҳ айёми шабоб, ҳини дастёбӣ ба муваффақият ба амал меомад, ба атрофу акноф назар мекард, гӯё парвоз дошт ва болҳояшро эҳсос мекард, ки дар фазои орому

мусоид мавҷ мезад. Пирамард дар як шаби дилгиру тираи шаҳр азоби даҳсоларо таҳаммул кард. Акнун аз ин вазъият раҳо ёфта буд ва дуюю дубора орзуи бозгаштро ба ин муҳит орзу намекард. «Не, қасам намехӯрам, шояд рӯзе расад, ки Ғуломалӣ ба худ омада, даст аз ӯ шӯяд.

Мувофиқи табъи мо ба духтаре, бигзор сайиба бошад, вале гапбардору шикастапо хонадор шавад. Чӣ тавр намеравам, он гоҳ даҳ рӯз не, шояд як моҳ меҳмон шавам. Он гоҳ ҳолати рӯҳие, ки дар ин шаби дилгир дар ман ғолиб омада буд, рафъ мегардад». Насими тоза, аз роғи тирезаи мошин вориди салон шуда, сару рӯйро навозиш мекард, рӯҳро болида медошт. Пирамард ин ҳолатро дар авзои набераaш эҳсос кард ва дасти навозиш ба китфи ӯ гузошта, гарм ба оғӯш кашид.

– Ту марди бономус шав! Оини ҷавонмардиро, ки иборат аз панҷ зина аст, иҷро намо. Номи бобоёнатро, ки аҳли деҳ бо некӣ ба ёд меоранд, дар мақоми худ нигоҳ дор! Ба касе гумони бад накун! Суханатро аз олоишҳо; хушомад, дурӯғ, тӯҳмат, ҳақорат, бадгӯӣ нигоҳ дор. Дилранҷонӣ макун! Ба инсон хайрхоҳ бош! Зӯри бозуятро танҳо дар кори хайр сарф бикун!

– Кай ин корҳоро бояд бикунам?

– То имрӯз накардаӣ?

– Намедонам.

– Дер кардаӣ писарам.

– Агар дер шуда бошад айб аст?

– Бале,, – бо таассуф ба рӯи набера нигарист бобо.

– Дигар онро ислоҳ карда намешавад?

– Мешавад, агар иродаатро ба ихтиёр дошта бошӣ.

– Ирода чист?

– Эҳсоси гаронмоя, ки инсонро аз содагиву заифӣ раҳо мекунад.

– Бобоҷон, ин корро ҳама бояд иҷро кунад ё танҳо ман?

– Аввало ту, ба дигарон таассуб накун! Дигарон ҳам бояд ин маврид масъулиятшинос бошанд. Ҳар кас ки иродаашро идора карда тавонист. Он гоҳ ҷомеа рушд мекунад!

– Рушд? Ин ба нафъи одамон аст?

– Бале,, Фаридунҷон…

– Бобоҷон, ман дигар шаҳр намеравам.

– Ҳоло дар ин бора хулоса баровварданат пеш аз мӯҳлат аст.

– Не, бобоҷон, ман ҷиддӣ мегӯям.

– Деҳа мушкилиҳои худро дорад. Ту ҳоло ба он бархӯрд накардаӣ. Чун мушкилӣ пеши роҳат барояд, он гоҳ маълум мешавад, ки хулосаат дурӯст аст ва ё не.

– Бобоҷон, ман аз мушкилӣ наметарсам.

– Ба ту бовар дорам, писарам.

– Ту аз дудмони гурдонӣ, ки унвони Шер ба номашон пайваст аст.

– Бобоҷон дар деҳа шер ҳаст?

– Шер буд, хело ва хело пеш.

– Ҳоло чӣ?

– Қаҳр карда рафтаанд.

– Куҷо?

– Ба ҷангал, ба фарози кӯҳҳои касногузар.

– Чаро қаҳр карданд бобо?

– Ин достонест, ғамангез. Ман дар ин бора ҳатман қисса мекунам.

– Кай бобоҷон?

– Ҳамин ки ба деҳа расидем.

– Бобоҷон, дар деҳа мактаб ҳаст?

– Ҳаст писарам, мактаби назарногири деҳаи мо, олими маъруферо чун падари ту ба воя расонид.

– Ман ҳам он ҷо мехонам.

– Ман ҳам инро хоҳиш дорам, бибият ҳам…

– Бобоҷон, ба ман шерро нишон медиҳед?

– Ваъда дода наметавонам.

– Чаро бобо?

– Шер дар он тарафи Ҷангалак дар қуллаҳои барфшуха зиндагӣ мекунад. Ман он ҷо рафта наметавонам.

– Барои чӣ?

– Нерӯям кифоят намекунад, ту ҳам ҳоло ба бардошт нестӣ, зуд канда мешавӣ. Барои он ки қулларо фатҳ кунӣ ба ту камаш даҳ соли дигар вақт лозим. Он вақт синни ман ба ҷое мерасад. Худо медонад мемонем ё не.

– Бобоҷон шерро дар деҳа бисёриҳо дидаанд?

– Бисёр ҳам не. Аксари онҳо фавтидаанд. Қисми ками онҳо мондаанд. Шарти Себзорӣ будан ва оини ватандорӣ доштан, дидани шер буд. Одамон ба ин хотир ҷаҳд мекарданд. Ва танҳо баъд аз дидани он худро сокини воқеӣ ва комилҳуқуқи Себзор медонистанд.

– Ҳоло ҳам мераванд?

– Не, ин чиз фаромӯш шудааст, лекин ман онро ҷорӣ мекунам. Ҷавононро ба нанг меорам. Бояд расму суннати ниёгон зинда монад.

– Бобоҷон, падари ман шерро дидааст?

– Не…

– Чаро бобо?

– Падари ту ба роҳи дигар рафт. Роҳи илм:

Илм худ талхтар аз заҳр аст,

Чашандаи он шери нар аст.

– Бобо, шер ба онҳое ки ба диданаш мераванд, ҳуҷум намекунад?

– Не… Баракс, сар хам карда, бо нишони эҳтиром гузашта меравад.

– Куҷо?

– Боло…

– Осмон?

– Қулла…

Набераи бобо ором гирифт, балки банди андеша, ба як нуқта нигарон монд ва тадриҷан нуфузи он дар ӯ зиёд гардид. Гӯё хобаш бурда бошад. Бобо низ авзояшро парешон накард. Ба пастиву фарозиҳо, ки канори роҳ дар домон зироатҳои гандумӣ, ангурбоғу анорбоғ ва боғи себу анҷиру пистаро мепарварид бо ҳавас нигоҳ мекарду дилаш лабрези фараҳ мешуд. Ронанда бо суръат мошин меронд. Пирамард аз ин амали ӯ заррае шиква надошт. Балки хурсанд буд, ки пеш аз мӯҳлат, ба манзил мерасад. Ва як қатор корҳои дигарашро, ки иҷрои онро ба фардо гузошта буд ба анҷом мерасонад. Дар ин вақту соат пирамард, танҳо як

хоҳиш дошт ҳарчи тезтар ба осиёбаш рафта, онро ба кор дарорад. Пеши Хами сафедорон рафтани мардуми деҳро бигирад. Ва бо ин роҳу восита обрӯю нуфузи хешро чун осиёббон, шахсе, ки бо заҳматаш ҳоҷати мардумро мебарорад, барқарор намояд. Аввал ин воқеаро бо дард қабул кард, марги осиёбашро дар ин қазия дарёфт. Вале тадриҷан аз ин эҳсос даст кашид, дарду аламаш паст шуд. Чун мӯъмин, мусулмони воқеӣ бухлро аз қалбаш дур карду ба ризқ чун доди Худо, насибаи азалӣ, ки гоҳо зиёд ва гоҳо кам мешавад таҳаммул намуд. Вале боз аз куҷое андешаи дигар, ба рағми ин ҳама фикрҳои саҳеҳ дар мағзаш ба туғён

омад ва пиндошт хомӯшӣ, таҳаммул, созиш манфиати ӯро барҳам мезанад. Дасти ҳарифашро боло мекунад, одамонро аз худ дур менамояд. Солҳои охир об низ кам шудааст. Барфшуха сарчашмаи об барои мардуми Себзор гӯё қаҳр карда бошад, бо вуҷуди боришоти зиёди барф кам, хеле ва хеле аз меъёр об мешавад. Гӯё офтоб ба он андозае, ки зарур аст, пиряххоро гарм намекарда бошад. Ба қавли муаллими Салом, ки таърифи зуфунунияшро хурду калон ба забон меоранд, тавозуни табиат дигар шудааст. Тағйиротҳои ҷиддӣ тӯли бист сӣ соли охир бояд, ки ба вуҷуд ояд. Ин ба зиндагии одамон бетаъсир намемонад. Саломи донишманд хушкшавии баҳри Арал, биёбоншавӣ, бе нақша, бе дарназаргирии мушкилоти экологӣ амал карданро ҷурми одамон маҳсуб медонад. Агар нафсро лаҷом назананд вазъ аз ин бадтар мешавад. Бояд дар аудиторияҳо, минбарҳои баланд бечоранолиро кам карда ҷиддӣ ба ҳалли мушкилот машғул шаванд. Пирамард ҳамаи инро аз забони Салом шунида буд. Суханони ӯ пирамардро ба андеша водор мекард, дилаш сиёҳ мешуд. Ва ба худи Салом саволҳои дурушт медод, ки муаллим дар посухи он гаранг шуда забон мехоид.

– Чаро медонӣ, ки ба сари инсоният рӯзи сиёҳ меояд ба лаб мӯҳри хомӯшӣ задай?

– Ба кӣ арз кунам?

– Ба боло…

– Онҳо дар фикри таъмини талаботи аҳолиянд. Дигар масъала онҳоро ба ташвиш намеорад.

– Боз ки ба ин масъала машғул шуда метавонад?

– Ташкилотҳои байналмилалӣ.

– Ба он ҷо мурочиат бикун!

– Дигар кор надорам.

– Агар ҳамин хел бепарвоият бошад як рӯз не як рӯз ҳамаи мо аз гуруснагӣ мемирем.

– Барои чӣ охир?

– Қонеъ кардани нафс.

– Нафсро чаро раҳ намегиранд?

– Зиндагиро, ки воситаҳои гуногуни сабукиро тақозо дорад, дигаргун карда намешавад. Волгасаворро зора бикун ба хар савор намешавад. Табиатро воситаҳои сабуккунандаи рӯзгор, автомобил, партовҳои корхонаҳои саноатӣ вайрон мекунанд. Магар бе автомобилу завод дар замони мо зиндагӣ карда мешавад?

– Чаро не? Магар Себзор дар зинаи якуми тараққиёт, ки мо бо фахр асри XX мегӯем қарор дорад? Барқ нест, роҳ нест, мағоза нест, осиёбамон ҳам чун дар замони ибтидоӣ, осиёби сангист. Хӯрокро тавассути тапаку ҳезум дар учоқҳои гилин мепазанд. Куҷост газу нафт? Магар аз ин касе шикоят дорад? Не, Салом… Бигзор тамоми мардуми олам чун мо ба ин чиз қонеъ шаванд.

– Бобои Шерзод, дунё дигар мешавад, тараққиёти илму техника бо суръат пеш меравад. Абарқудратҳо барои қитъаи яхпӯши Антарктида ҷаҳд доранд, ки онро байни худ тақсим кунанд. Мо бошем, ҳанӯз аз деҳи худ як қадам дур нарафтаем.

– Ба мамлакати мо ягон ваҷаб ҳам намедиҳанд?

– Не…

– Барои чӣ?

– Чунки давлати мо иқтидори бо онҳо сари баҳс нишастанро надорад. Аз як тараф то ба ин қитъа рафтан роҳи обӣ надорем.

– Кишвари мо як ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонист, аз рӯи мантиқ ҳақи моро низ бояд ҷудо кунанд.

– Дар ягон мактаб таҳсил накардаед? Лекин суханонатон китобист.

– Магар ин бад аст?

– Не, албатта…

– Мулло Салом, гӯш кун. Агар ба хотири наҷоти сайёра, аҳолии тамоми олам ба хулосае оянд, ки мисли мо Себзориҳо ба зиндагии сода баргарданд, зарар дорад?

– Чаро?

– Зиндагии пешқадам ба қафо не, балки ба пеш майл дорад. Ҳеҷ кас намехоҳад зиндагияш мушкилот дошта бошад.

– Чаро?

– Худатон медонед.

– Ман мехоҳам роҳбарони тамоми давлатҳои сайёраро ба Себзор даъват карда, ба онҳо чӣ будани табиати воқеиро фаҳмонам. Бигӯям, ки мо намурдаем, бинед дар чӣ хел шароит зиндагӣ дорем. Шумо ҳам аз гап ба амал гузашта, ақаллан дар навбати аввал яктоӣ деҳаро ба шароити зиндагии Себзориҳо мувофиқ гардонед. Душворӣ дар оғози кор аст. Минбаъд тадриҷан ду-се деҳ ва ниҳоят шаҳрҳоро аз ҷиҳати экологӣ безарар созед.

– Ҳм… – қаҳ-қаҳ зада баланд хандид муаллими Салом.

– Чӣ гапи хандаовар задам?

– Гӯш кунед бобои Шерзод… Агар роҳбарони давлатҳои олам, азми сафари Себзор кунанд, деҳаатро дар як ҳафта ба шаҳраки замонавӣ табдил медиҳанд, ки мебиниву намешиносӣ.

– Чӣ хел?

– Роҳ месозанд, хати барқ мегузаронанд, мағоза ба истифода медиҳанд. Аҷаб не лӯлаи газ ҳам гузаронанд.

– Барои чӣ?

– Барои он ки бигӯянд, деҳаҳои дурдасти мамлакати мо аз замона қафомонда нестанд.

– Ман бошам ба аҳли башар бояд фаҳмонам, ки мисли мо Себзориҳо қаноатпеша бошанд…

– Бобои Шерзод, сода нашавед. Фикри шумо дурӯст ҳам бошад, ба шароити давру замон мувофиқ нест. Кӯшед, ки ба Себзор барқ гузаронанд.

– Мутлаққо розӣ нестам. Ту мехоҳӣ табиати ин ҷо ҳам вайрон шавад…

– Дигарон ҳам инро медонанд, вале дидаву дониста мекунанд.

– Онҳо инсоф надоранд.

– Тамоми дунё беинсофу шумо боинсоф. Ҳамин тавр?

– Мо ҳама гул намечинем, дар ин роҳ мо низ камбудӣ дорем. Агар ҳама аз як гиребон сар бароварда, эътироз кунем. Кор ранги дигар мегирад.

– Ҳм… – пӯзханд зад Саломи муаллим.

– Гӯш кунед бобо, дар як шаҳр заводи кимиёвӣ, ки ба истеҳсоли тугмаи эзору курта машғул будааст, арзи ҳастӣ доштааст. Рӯзе иғвогаре худро ғамхори табиат шумурда, мардумро ба по мехезонад. Ҳама бо ду даст шиор бардошта мегӯянд. «Нест бод химзавод! Нест бод ифлоскунандаи табиат! Нест бод химзавод…» Заводро бастанд.

– Ана дидӣ, вақте ки ҳама даст ба ин кор мезананд, як чӣ мешавад. ПИнак,и бологиҳо вайрон мешавад. Ҳамту не? – хушҳолиашро ниҳон дошта натавонист пирамард.

– То охир гӯш кунед бобо. Баъд аз он ки заводро бастанд. Мардум аз бекорӣ, бемаошӣ азият кашида, боз дари идораи Ҳукуматро охурча карданд. Ва гирдиҳамоӣ доир намуданд. Акнун шиорҳо дигар буд. «Роҳбарони кундзеҳну беандеша ва карахт ба мо лозим нест! Истеъфо! Ба мо кор ёфта диҳед!» Гирдиҳамомадагон акнун бо як даст шиор мебардоштанд.

– Чаро бо як даст?

– Бо дасти дигар шимашонро медоштанд, ки наафтанд, зеро дар як шаҳр тугма ва чарми тасма намерасид.

Дар лабони пирамард табассум гул кард. Ва ба китфи Салом панҷаи таҳсин зад.

– Офарин! Дурӯст гуфтед! Калтак воқеан ду сар дорад.

– Шумо бошед мехоҳед, мардум аз ин дастовардҳо маҳрум бошанд.

– Не – не, мулло Салом, ту маро нафаҳмидӣ.

– Ман шуморо дурӯст фаҳмидам. Шумо ба хотири наҷоти миллат, наҷоти сайёра ба ин кор даст заданиед. Вале ин номумкин аст. Одамизод медонад, ки ихтироъҳои беҳисоб, тараққиёти илм ва техника, танҳо ба нафъи инсоният нест. Зарар ҳам дорад он. Вале кам. Набояд ба хотири як кайк пӯстинро бисӯзонем. Андеша кунед, бобо. Дур намеравем, ана ҳамин телефонҳои мобилиро мисол меорем. Ба мағзи инсон зарар дорад. Мешавад аз он даст кашид. Аз ин ҷо истода бо қитъаи дигари олам гап мезанед. Чӣ бадӣ дорад? Барои бо ҳамон одам алоқа барқарор кардан пеш кори осон буд магар?

– Ҳафт пуштамон бе телефони мобилӣ зистанд, омада-омада имрӯз бе он зиндагӣ карда намешавад?

– Мешавад, вале аз ҷомеаи башарӣ садҳо сол қафо…

– Пешрафтаҳо ба куҷо расиданд? Атому садҳо намуд яроқҳои қатли омро сохта, имрӯз боз худро инсондӯст, ҳомии қонун мешуморанд. Миллиардерҳоро барои инкишофи иқтидори ҳарбӣ равона кардаанд. Чаро ягон чизе намесозанд, ки ҳам ба нафъи ҷомеа бошаду ҳам табиат?

– Бобои Шерзод, шумо дар ин гӯшаи дур аз тамаддун зиста, дар ин хусус андеша меронед, онҳо фикр намекунанд? Онҳо ҳам дар ин бора садҳо намуд хулоса баровардаанд.

– Фикр мекунам онҳо танҳо дар хусуси баланд бардоштани иқтидори ҳарбӣ ва зисту зиндагонии худ меандешанд. Барои ба сайёраи дигар парвоз карда, дар он ҷойҳо манзилу бӯстонсаройҳо сохтан ва як рӯзи барои сайёра вазнин онро тарк кардан аст. Ана барои чӣ онҳо ғами инсоният, ғами сайёраро намехӯранд. Ана барои чӣ хок аз ҳосил мемонад, биёбонҳо ба вуҷуд омада, чашмаву рӯдҳо ва кӯлу баҳрҳо хушк мешаванд.

Муаллими Салом аз муҳокимаронии пирамард, ки ба пиндораш ақлаш ба чиги-чигиву их-их мерасад ҳайрон монд.

– Бобои Шерзод, шумо тавре муҳокима меронед, ки гӯё шореҳи сиёсӣ бошед.

– Шореҳи сиёсии ту ҳам бартарияш аз ман дар доштани дипломи мактаби олӣ аст. Вагарна ҳамин миқдор гапа кампири Лолагул ҳам медонад.

– Рост гуфтед.

– Ҳар рӯз тавассути радио мешунавонанд, озодии матбуот, ки мегӯянд, забони ҳамаро дароз кард. Як гапҳое мезананд, ки косахонаи сарат кушода мемонад. Пеш кай ин гапҳоро мегуфтанд? Ҳама ба лаб кулух молида мегашт. Имрӯз шукри Худо тарс аз байн рафтааст.

– Деҳаи мо на дар даврони сотсиализм ва на имрӯз дар даврони истиқлол пеш рафт. Фикр мекунам он аз ёди Худову расул баромадааст.

– Ношукрӣ накун Салом, деҳаи мо фахри мо сокинонаш бояд бошад.

– Ба чизаш фахр кунем?

– Ба хокаш, ба обаш, ба сангаш, ба одамони сарбаландаш.

– Кадом одамонаш? Ба Файзи урус мешавад фахр кард?

– Худо феълу хӯи ӯро тарафи худаш барад. Намешавад номи ӯро ба забон гирифт. Деҳа аз чунин фарзандаш безор аст. Ту Салом дар деҳа аз ҳама донотарин шахс маҳсуб меёбӣ. Бигӯ, чаро ҳамдеҳагони мо кашфиёте надоранд чун сокинони ҷопону амрикоӣ.

– Аз ҳамин хок олим баромадааст, ҳазорҳо шукр. Чӣ чизе ибратбахш дорад? Чор тараф кӯҳ, дар миёни дара қарор дорем.

– Салом, ту худат чаро олим нашудӣ?

– Ман? – оҳ кашид муаллим.

– Бале,, ту…

– Яккаписар будам. Пиру кампир ба ҷону ҳолам намонданд. Ва омадам ба деҳа. Кори илмиро партофтам.

– Пушаймон нестӣ?

– Ҳама кор пушаймонӣ дорад, ба ғайри рӯзаву намоз. Дилам нашуд, ки пиру кампирро танҳо монам. Маро нармдилӣ ба ин ҳол овард.

– Ба фикри ту, ба ман осон буд? Охир Ғуломалӣ ҳам яккаписар аст. Ман ҳам мехостам писарам дар барам бошад. Дар дами пирӣ, асои қоматам шавад. Вале хотири илм зӯрӣ кард. Ва даст кашидам аз якравӣ ва исрори модараш. Ҳар куҷо бошад, сараш

аз санг шавад. Баракс,, то имрӯз кӯмакаш мерасонам, то ки ба нафъи илму дониш кор кунад, нерӯяшро ба майда чӯйдаҳои камарзиши рӯзгор беҳуда сарф накунад.

– Ғуломалӣ, олим ҳам бошад, сангдил аст. Заррае ба волидон тарраҳум намекунад.

– Баракс,, ба ҷону ҳоламон намонд, ки шаҳр кӯчем, – гуфт пирамард, ҳарчанд дар мавриди Ғуломалӣ, ба назари ӯ сухани муаллими Салом ба ҳақиқат наздик буд. Вале нахост сухани ӯро тасдиқ кунад, то ки байни мардум паҳн нашавад. Қасдан пиндори худро инкор кард. Ба сунҳораш, ки назари нек надошт чунин андешаро раво надид. Балки нахост нисбат ба фарзандаш, оилаи ӯ носазо гӯяд. «Аз рӯи одоб нест, ки нисбат ба зан марди солор сухани бад баён кунад. Бад аст, нек аст аз ман аст. Набояд бо ин амал, худро ангуштнамо кунам». На танҳо пирамард худ, балки ҳамсараш низ дар назди бегонагон аз кирди сунҳор гап намезаданд. Ҳарчи мегуфтанд, байни худ мегуфтанд. Дар ин гуфтора низ сухан дар ин боб набуд, балки аз он канора мегирифт. Боз пирамард лаҷоми гапро ба дигар ҷониб кашид.

– Ҳама ин бебарорӣ, ягон шахсияти дурӯст набаромадан аз ин деҳа, ба қаҳру фирори Шер вобаста аст. Агар мо Себзориён ақаллан соле як нафар ба ҳузӯри ӯ мерафтем, деҳа ба ин андоза аз забон намемонд. Медонӣ, ки аз ин деҳа чӣ гуна паҳлавонон баромадааан. Мардум номи онҳоро ба забон оварда, ба дили роҳзанону авбошон, ки Себзориёнро мавриди фишору тазйиқ ва ғорат қарор доданӣ мешуданд ҳарос меоварданд. Себзориёнро пеш аз инқилоб Шерони кӯҳистон ном мебурданд, ки тоҷи миллатро худи шоҳи мамлакат барои нигоҳдорӣ ба дасташон дода будааст. Тоҷикони асил низ аз ин деҳа баромадааст…

– Бобои Шерзод, худатон одами зираку доно, ба ҳамин афсонаҳо бовар доред?

– Ту чаро ин қадар нобоварӣ, чаро такя бо донишу маърифати худ карда, достонҳои воқеии миллатро дурӯғ меҳисобӣ? Чаро? Ғурур намегузорад, ё тӯро бегонагон ба ҷодаи худшиносӣ тела додаанд?

– Не-не, ман танҳо ба воқеият, ба илм бовар дорам, дигар чиз диққати маро ба худ ҷалб намекунад. Ба хусус қиссаву ривоятҳои ғайриилмӣ. Хафа нашавед бобо…

– Чӣ хел хафа нашавам, ки ту аз тоҷик будани худ ор мекунӣ?

– Кӣ гуфт?

– Ҳозир чӣ гуфтӣ?

– Ман аз тоҷик буданам ифтихор дорам. Кадом миллат чун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз, Берунӣ, Ибни Сино, Абдураҳмони Ҷомӣ, Бедил барин нобиғаҳо дорад? Магар ин ифтихори ман нест?

Аламам мекунад, ки аз ин дудмон имрӯз ягон шахсияти оламшумул надорем. Маориф пешрав аст, аммо аз замона қафо мондаем.

– Ба ин фикри ту мутлаққо зид ҳастам. Чунки ту ва ҳамфикронат рушду тараққиётро дар барқ медонед.

– Ба фикри шумо хато мегӯем?

– Бегуфтугӯ…

– Пас ҷурми мо дар чист?

– Ношукрӣ, худношиносӣ, қадр накардани арзишҳои миллӣ…

– Ҳамааш ҳамин?

– Ба фикри ту, чӣ?

– Фикр мекунам, ҷурми қафомонии мо аз ҷаҳони мутамаддин, дар набудани ягон ҷузъиёти иҷтимоӣ аст. Ақаллан як нуқтаи тиббӣ вуҷуд надорад. Дар хусуси мағозаву клуб ҳоҷати гап ҳам нест. Хайрият дар вақташ як мактаб сохта будаанд. Вагарна сар то сари деҳа бесавод мемонд.

– Бе мағозаву клуб, шифохона ҳам рӯзамон мегузарад. Мушкилот дар ҷои дигар аст. Онро аз ғояти бехабарӣ эътироф намекунӣ.

– Медонам чӣ гуфтан мехоҳед.

– Чӣ мегӯям?

– Дар бозмондагиву карахтӣ, фирори шерони маҳаллӣ.

– Ба фикри ту дурӯғ мегӯям?

– Шерон баробари зиёд шудани маҳаллаҳо, танг шудани майдони шикор, тарси ҷон ба мавзеъҳои озодтар рафтаанд. Ба ин ягон сокини деҳа гунаҳгор нест.

– Ту Салом дар илми гап хондаӣ, ҳазор раҳ ки гап занам, баҳонаат тайёр аст. То пеши шери жаён ба зону зада, бахшиш напурсем, обамон ранг намегирад. Агар моро бахшад, тоҷро ба ихтиёрамон гузорад, он гоҳ давлат ёрамон мешавад. Вагарна ба гуфти Файзи урус ҳазор соли дигар пой дар лаҷан.

– Ман ба ин афсона бовар надорам.

– Ту ба Худо ҳам бовар надорӣ.

– Гӯш кунед бобо, аз ҳад гузарондед. Дидаву дониста ба таҳқир гузаштед.

– Охир ту ба шери жаён, ки тоҷи миллатро нигоҳбон аст, бо нигоҳи кам дида дӯхтӣ…

– Бобо, даври афсона гузашт, асри мо садаи атом, тараққиёту илму техника аст.

– Ҳамаатон гумроҳ шудаед, ба ҷодаи Иблис рафтаед. Аз тухм баромадагӣ носкаш, сигоркаш, арақхӯр, бангиву ҳангӣ. Аз ҳамин тоифа миллат мерӯяд?

– Замона вайрон шудааст.

– Тавба, – гиребон гирифт пирамард, – замона, қӣ тӯро гуфт аз ҷар бипар? Замона мошин аст, ронандааш инсон, агар мошин дучори садама шуд, кӣ гунаҳгор аст?

– Ронанда…

– Бале,, гунаҳгор одамон аст, на замона.

– Агар айб дар роҳ бошад?

– Гунаҳгор боз одамонанд, ки роҳро дурӯст накардаанд. Агар мошин вайрон бошад, боз одамон гунаҳгоранд. Аз ин рӯ, ҷурмро ба сари замона бор накун Салом.

– Furthermore

– Лаббай…

– Шери жаён, агар ба деҳа баргардад одамон ҷанголӣ меша-ванд, – пӯзханд зад Саломи муаллим.

– Барои чӣ?

– Ту мехоҳӣ шер пора-пораат кунад?

– Не…

– Пас чӣ орзуи дидани онро дорӣ? Агар дидан хоҳӣ, бирав боғи ҳайвонот. Чӣ қадар, ки дилат хоҳад тамошо бикун! Корат барор мегирад ё не он гоҳ маълум мешавад.

– Рост гуфтед. Шери боғи ҳайвонотро борҳо дидаам.

– Шери боғи ҳайвонот чӣ дахл дорад ба шери бузӯрги деҳаи Себзор?

– Фарқ надорад, ҳарду як шеранд.

– Як нест. Шерони Себзор, боақл буданд. Онҳо деҳаро аз ҳар гуна хавфу хатар, ҳуҷуми аҷнабиён ҳимоят мекарданд. Баробари шунидани номи деҳаи Шердор дар бадани бегонагон мурғак ме-дамид.

– Деҳаи Шердор? – ҳайрон шуд Саломи муаллим.

– Бале,…

– Дар куҷо воқеъ шудааст?

– Ана ҳамин Себзори имрӯзаро дар вақташ Шердор меномидаанд. Бо мурур ҳарфи «р» ба «б» ва «д» ба «з» иваз шудааст. Шердор бадал гардидааст ба дарахтзор, мансуб ба себ.

– Гумон доштам номи деҳаро барои себҳои нестандарҷаҳонаш чунин номидаанд.

– Танҳо ту не, балки тамоми аҳли деҳа аз хурд то калон чунин мешуморанд, ки деҳаро ба хотири Себҳояш чунин ном ниҳодаанд. Касе гумон намебарад замоне дар ин макон шерони оламгир мезистанд. Ва фирори онҳо ба кадом воқеа вобастагӣ дорад.

– Дар ин бора, касе аз ҳамдеҳагон маълумот дода метавонад?

– Не… Одаме, ки дар ин бора маълумот дошта бошад, дар деҳа намондааст. Дар деҳаи тор мӯйсафеде мезист достонсаро, ӯ қиссаҳои зиёд медонист, мутаассифона аз забон монда будааст.

– Мо дузд шудем, шаб маҳтоб шуд.

– Ман медонам…

– Шумо аз куҷо шунидед?

– Ба ман кампири Зара ҳикоят кард. Ин кампири доно дар ин хусус ривоятҳои зиёде медонист. Беандешагӣ кардам, вагарна ҳамаашро навишта мегирифтам. Ӯ дар хусуси номи аслии деҳа ба ман маълумот дода буд. Ӯ гуфта буд, сокинони деҳа ба хотири он ки номи шер аз забонҳо намонад, ба номашон ҳатман номи шерро мепайвастанд. Аз қабили Шералӣ, Шераҳмад, Шермаҳмад, Шерхон, Шербой, Шергир, Ҷавоншер, Асад, Арслон, Ғазанфар, Алишер ва монанди ин. Вале вақтҳои охир ин мавзӯъ аз забон мондааст. Номҳо оҳанги дигар пайдо кардаанд. Фикр мекунам ба ҳамаи ин боз ҳам мо Себзориҳо гунаҳгорем.

– Ба фикри шумо номи деҳаро аз нав Шердор монем, шери таърифӣ меояд?

– Инаш кори Худо…

– Ман фикр мекунам, ин гапҳо бофтаву сохтаанд. Деҳаи мо шояд дарягон даврае ин номро доштааст. Вале Себзор номи зебост, ман бо ин ифтихор дорам.

– Бо чияш ифтихор доред?

– Бо хасу хораш…

– Инаш аз ҳад зиёд…

– Ватандӯсти воқеӣ ба ҳамаи мушкилоти он тоб меорад. Ҳаргиз онро ба хотири зиндагии хуш тарк наменамояд.

– Мо тарк кардем?

– Ту бояд тарк мекардӣ. Дониши ту он ҷо зарур буд. Ин ҷо чӣ? Хор шудӣ.

– Волидонам аз ман розӣ рафтанд. Барои ман бузӯргтарин воқеа ин буд.

– Мефаҳмам… Агар волидонат медонистанд, ки донишу маърифат барои миллат зарур аст. Кор ранги дигар мегирифт. Он гоҳ пионери илм аз деҳаи мо ту будӣ.

– Гоҳ-гоҳ алам мекунад. Вале боз ҳам ғанимат будани волидон, маро чун инсон ба андеша мекашад. Фикр мекунам, корам дар ин ҷода бобарор буд. Имрӯз аз он рӯзгор ёд оварда, ягон хотираи мағшушро пеши рӯ оварда наметавонам. Ҳамвор ҳам набошад, зиндагиям бад набуд. Ва имрӯз ҳам бад нест.

Пирамард баҳси тӯлониро, ки як ҳафта боз давом дошт, ҷамъбаст намуд. Ба хулосае омад, паи бедории миллат мекӯшад. Ва ҳар як дақиқаи рӯзгорашро ба ин масъала мебахшад.

Мошин роҳи пурпечутоби кӯҳиро тай зада, пеш мерафт. Пирамард банди фикрҳои худ. Гоҳ-гоҳ воқеаҳои замони гузашта, баҳсу гуфтораҳоро ба хотир оварда, онро дар мизони ақл бармекашид. Дар фосилаи роҳ наберааш Фаридун низ банди фикрҳои худ буд. Пирамард он баҳсро, ки як сол пеш дар шоҳидии Фаридун миёни уву муаллими номдори деҳа Салом рӯй дода буд, гӯшрас кард.

– Ба фикри ту ки ҳақ буд?

– Шумо, – гуфт Фаридун.

– Чӣ хел инро шарҳ медиҳӣ?

– Вақте ки шумо дар хусуси Шердор, шери оламгир сухан меронДед, вуҷуди маро ҳаяҷон фаро гирифта буд. Чун шаҳр рафтам. Ҳар рӯз ба назди қафаси шер рафта соатҳо онро назора мекардам. Шер ҳам маро шинохта буд. Чун чашми назоратчиёнро хато карда, ба қафасаш ҳасиб ва гӯшт ҳаво медодам шер бо иштиҳо мехӯрд. Рӯзе нияти шикастани қулфи қафас кардам, бо ин мақсад дар анбони мактабиам, болға ва дигар асбобҳои дуредгарӣ гирифтам. Чун тамошобин кам шуд, паи амалӣ кардани мақсадам шудам. Афсӯс ки аз он ҷо ронданд. Ва дигар нагузоштанд ба боғи ҳайвонот дароям.

– Чаро ба ин кор даст задӣ?

– Шерро аз қафас озод кардан хостам. Ва онро, ки ба ман одат карда буд, деҳа бурданӣ будам…

– Охир шерҳои Себзор дигар хел буданд. Онҳоро ба шерҳои боғи ҳайвонот қиёс карда намешавад. Шерҳои Себзор тамоми умр ба нигоҳбонии рамзи миллати мо – тоҷи зарин машғул буданд.

– Шери боғи ҳайвонот чӣ?

– Дар лавҳаи оҳанин, ки дар назди қафас овезон аст дар ин хусус маълумот дода шудааст. Нахондӣ? Ҳар бор ки он ҷо мерафтам, мехондам. Балки ба такрор, дилам ба ҳоли шер месӯхт. Охир он бечораро аз Африқо оварда будаанд. Ва понздаҳ сол боз дар ин қафаси танг нигоҳ медоштаанд. Шояд шери Себзор низ дар ягон мамлакати дигар, асири чунин қафас бошад? Аҷаб не ба ӯ хӯроки кам диҳанд? Ӯ ба ёди ватан сӯхта об шудагист? Эҳ, агар роҳбаладе медоштам, дигар як рӯз намеистодам. Мерафтам ба қуллаҳои Барфшуха, шери оламгир, шери бузӯрги ёлдарозро, ки тоҷи зарин дар сар дорад, пайдо ва бозгашташро ба деҳа таманно мекардам.

Пирамард ба рӯи набера нигарист. Фаридун аз нигоҳи гарм, табассуми самимиву дилкаши ӯ эҳсос кард, ки пирамард аз суханронии ӯ шод аст. Чунки ҳама ин муҳаббат, ки ба ин ҷонварони боҳашамат, ки шоҳи ҳайвоноташ мехонанд бастааст, ҳосили тарғибу ташвиқи ӯст. Маҳз ӯ ин наврасро ба ин ҷода ҳидоят кард. Ифтихори миллӣ, рамзу нишонаҳои давлатдориро фаҳмонд. Пирамард аз он мамнун буд, ки гуфтаҳояш бефоида нарафтаанд. Набераи ширинаш дар ин ҷода ливобардори ин ақида, ин ривоят аст, ки танҳо дар дили бобояш зинда мондааст. Пирамард онро бисёр ба забон овардааст. Шунавандаҳояш кам набуданд. Аммо касе инро қабул кардан намехост. Ба пиндори ин одамони пешқадами ҷомеа, пирамард васвосӣ шудааст ва ҳазён мегӯяд. Ба рӯяш мегуфтанд, касе рӯйхотир намекард. Касе намеандешид, ки ба ӯ сахт мерасад. Дард мекашад, ғам мехӯрад. Пирамард аз он ҷиҳат ғусса дошт, ки одамон бепарвову бепарда шудаанд. Ва ифтихори миллӣ, киву чӣ будани онро ба гӯшаи хотир намеоранд. Чун гӯсфанди парвоӣ танҳо хӯрданро медонаду хобиданро. Сари гаронашро, ки кирмҳои мағзхӯр азият медиҳанд ба сояи девор, дарахт ва ишками ҳамҷинси худ гирифта, пой мекӯбанд, бинӣ меафшонанд ва барои ором намудани ин ҳашарот, сар ба сар зада, пардаи гӯши атрофиёнро ба ларза меоранд.

Ин лаҳза набера ӯро хурсанд кард. Қоматаш рост шуд, ди-

лаш аз фараҳ ларзид ва бори дигар ба рӯи ӯ нигарист. Ва аз ҷабинаш бӯсид.

– Бобоҷон…

– Ҷони бобо…

– Маро ба кӯҳи барфшуха бубаред.

– Худо хоҳад.

– Ман аз шер наметарсам…

– Офарин!

– Ман тоҷи миллатро аз дасти ӯ мегирам.

– Насиб бигӯ, ҷони бобо.

– Агар Худо насиб карда бошад.

– Иншооллоҳ бигӯй, ҷони бобо. Нияти нек, ки дорӣ муваффақ мешавӣ.

– Худо хоҳад…

– Ҷони бобо, ман тӯро мебарам. Барои мо асп лозим аст. Танҳо бо асп корамон осон мешавад.

– Пиёда дур аст?

– На танҳо дур. Балки душвор аст.

Мошин қатортеппаҳои бедолу дарахти офтобсӯхтаро гузашта, дар назди деҳа қарор гирифт. Пирамард фаромад, набера низ аз паси ӯ берун шуд. Пирамард оҳиста-оҳиста назди мағоза омад. Аз писарбачае, ки он ҷо қарор дошт пурсид:

– Осиёб дар куҷост?

– Дар он ҷо…

– Навбат дар куҷост?

– Пештар калон буд. Ду рӯз пеш осиёби нав оварданд. Акнун он ҷо ҳам мебаранд. Навбат нест.

Деҳаи обод аз Себзор фарқи калон дошт. Пирамард аз мағоза барои Фаридун либосҳои хонагӣ ва арзон харид, ки дар кӯча пӯшад. Ҳамчунин як миқдор қанд, равған, биринҷ ва гӯгирду собун харид, ки ба назари Фаридун хеле зиёд буд.

– Бобоҷон чаро бисёр харидед?

– Барои панҷ-шаш моҳ мебарад. Деҳа аз бозор дур аст. Ҳар рӯз рафта омадан вақти зиёдеро мегирад. Мо Себзориҳо ба ноҳия ва ё нуқтаҳои савдо рафтем, ҳатман ба ҳамин миқдор харид мекунем. Ҳоло ман ба таври кироӣ харид накардаам, – пирамард, маводи харидаашро дар бағоҷи мошин ниҳод. Фаридун ба ӯ кӯмак расонид.

– Боз чӣ мехаред? – суол кард ронанда.

– Ҳеҷ чиз, – гуфт пирамард ва ба мошин нишаст.

– Ин ҷо куҷост бобо?

– Хами сафедорон, ин деҳа ба Себзор ҳамсол ҳам бошад, чӣ хеле ки мебинӣ фарқ байни ин ду деҳа аз замин то осмон аст. Онҳо аскарони сурхро дар ин ҷо хуб истиқбол карданд. Бароя-шон чорво куштанд, масҷидашонро хароб намуданд. Имрӯз Хами сафедорон ба ин хотир рушд намуд, нону намакашонро қадр карданд. Хати барқ гузарониданд.

Себзор бошад барои фарзандони бономусаш бадном монд. Он вақт ҳарки ба дифоъи марзу бум силоҳ мегирифт, босмачӣ меномиданд, босмачиро душмани миллат мехонданд. Ҳар кӣ бегонагонро пуштибонӣ мекард, ба аспашон обу ҷав ба худашон ғизо муҳайё мекард, обрӯ дошт. Ана ҳамин тавр ин ду деҳаро, ки аз якдигар он қадар дур нестанд, хулқу хӯи сокинонаш аз ҳам фарқ кунондааст. Себзориҳоро имрӯз ҳам қафомонда, маҳалли фаромӯшшуда медонанд. Ҳатто дар ҷанги шаҳрвандӣ низ хомӯшии ҳамдеҳагони моро дастак карда, силоҳбадастони ғайриқонунӣ азият доданд. Шукри Худо касе талаф наёфт.

– Муносибати сокинонаш чӣ хел аст?

– Он қадар ҳам хуб набуд.

– Барои чӣ?

– Онҳо худро мутамаддин меҳисобиданд, моро қафомонда, аммо сокинони Себзор бо он ифтихор доранд, ки тоҷи миллатро ҳанӯз дар замонаҳои пеш барои нигоҳдорӣ ба дасти онҳо дода буданд. Себзорро шерони оламгир, посбонӣ мекарданд.

– Имрӯз чӣ?

– Онҳо ба бало, ба мавзеи дастнорас рафтаанд.

Мошин роҳҳои пурпечро, ки танҳо пайи чархҳо хок ва дар ҷойҳои дигараш алаф рӯста буд, тай зада, пеш мерафт. Пирамард дигар шарҳ надод, ки шеронро чӣ боис шуд, ки деҳаро тарк кардаанд. Ӯ ба манзараҳои атроф назар карда, ягон-ягон ба набераaш дар хусуси он сухан мегуфт. Мошин аз паҳлӯи дарахти бузӯрги туғ мегузашт, ки пирамард хоҳиши таваққуф кард. Ронанда хоҳиши ӯро иҷро намуд. Пирамард аз мошин фаромад. Фаридун ҳам аз паси ӯ берун шуд. Пирамард назди дарахт, ки дар ҳар шохаи он латтапорае баста буданд, қарор гирифт ва назди теппачаи хокӣ, ки атрофашро чим бурида буданду дар теғаи теппа санги сиёҳи суфта, ки макони қаблияш соҳили дарё будааст, меистод. Пирамард оят хонда даст ба рӯ кашид. Ронанда низ

чун набераи бобо ба ӯ тақлид кард. Сипас хомӯш ба мошин нишастанд. Пирамард дар дохили мошин ба гап даромад.

– Ин гӯри шаҳиди роҳи озодӣ аст.

– Кадом озодӣ? – ҳайрон шуд ронанда.

– Истиқлолият…

– Чӣ? – ҳайрати ронанда боз ҳам зиёдтар шуд.

– Чӣ ҳайрон шудӣ?

– Охир истиқлолияти мо бе ҷангу хунрезӣ, муфт ба даст омад, ки назираш дар олам нест.

– Дурӯст, аммо дар оғоз мубориэон буданд. Он ба солҳои бистум, даврони босмачигарӣ рост меояд. Муборизони ватанхоҳу истиқлолталаб ҳамон босмачиён маҳсуб меёфтанд.

– Чӣ? Охир муборизаи онҳо 70-80 сол доир шуда буд.

– Бале,, онҳо мубориз буданд.

– Чаро то ин дам касе онҳоро муборизи ватандор наменомид?

– Чунки замона, босмачиёнро душман, хоини миллат меҳисобид. Дар асл онҳо мардони бономус буданд.

– Ҳм… Инқилобчиён чӣ?

– Кадом инқилоб? Ту чиҳо мегӯӣ? Онҳое, ки бегонагонро хуш омадед гуфтанд, ба фикри ту қаҳрамон буданд?

– Онҳо ба мо маърифат, илм оварданд. Боз ин сохтмонҳо, роҳҳо, заводу фабрик, шаҳру деҳоти ободро кӣ бунёд гузошт?

– Намешуд, ҳамаро бе хунрезӣ анҷом медоданд?

Ронанда хомӯш монд, Фаридун ба дарки гуфтораи онҳо намерафт. Аз ин рӯ, ба баҳс гӯш фаро дода, ҳеҷ фаҳмида наметавонист решаи ин муаммо дар чист. Пирамард бошад ҳеҷ не ки хомӯш шавад. Даҳонаш тафсида буд.

– Забони ғару дузд дароз, ҳама аз худ фаришта метарошанд. Касе гуфта наметавонад, ин аскарони сурх миллати моро ба кадом ҷода бурданд. Ҳоло ҳам гумроҳону худобехабарон кам нестанд. Дар Себзори мо, ки макони шерони оламгир буд, чунин одамон пайдо шуданд. Дур намеравем Файзи урус…

– Урус дар деҳаи шумо, бо номи тоҷикӣ чӣ кор мекунад?

– Урус нест, балки аҳли деҳа ӯро барои риоя накардани расму оини миллӣ чунин номидаанд. Ана ҳамин пирхар, ягон рӯз, ягон лаҳза ҳушёр нест. Аз забонаш заҳр мерезад. Мусулмононро дашном дода, васфи аскарони сурх мекунад. Ба андешаи ноқисаш, агар онҳо намеомаданд, аҳволи халқу миллати мо хароб, рӯзашон тор, бемактабу бебарқ, бероҳу ҷодаи ҳамвор рӯз

мебурданд. Гӯё он ҳама бузӯргони миллати мо, ки номашон дунёро фатҳ кардааст, дониш надошта бошанд. Худат бигӯ, оё ин аз рӯи инсоф аст? Магар гуфтаи онҳо ба ҳақиқат наздик буда метавонад? Чӣ хомӯш мондӣ? Гап зан!

Ронанда, роҳи печ дар печи душворгузарро, ки як тарафаш бораи баланд ва тарафи дигар ҷарӣ буд, гузашта, ба ҳамворӣ баромад. Ба пирамард нигоҳи ғолибона афканда гуфт:

– Аҷаб замоне шудааст, душманон қаҳрамон муаррифӣ мешаванду қаҳрамонон хоин…

– Ҳақиқат ҳаргиз пинҳон намемонад.

– Бале,, вале андешаи дигар маро азият медиҳад.

– Андешаи чӣ?

– Бо мурури солҳо ин гапу корҳо дигар намешавад?

– Ҳарчи шуданаш мумкин. Одамон аз асли худ, аз кундаву решаи худ худ канда мешаванд. Ин худ далели гуфтаи тӯст.

– Чӣ бояд кард, боз хараҷу мараҷ ҳукмрон нагардад?

– Ба гузашта, ба сабақҳои таърихӣ такя бояд кард. Ба қадри арзишҳои фарҳагиву илмӣ, ба донишҳои андӯхтаи гузаштагон, ки дар китобҳо маҳфуз мондаанд, бояд арҷ гузошт. Танҳо бо ин роҳ мо наҷот меёбем. Вагарна ҷои ақл, ки ҳосили тафаккур аст, эҳсос боло мегирад. Эҳсос ҷомеаро ба бунбаст, ба шикаст, ноогоҳиву бехабарӣ мебарад.

– Бобоҷон, чӣ қадари дигар роҳ аст? – суол кард Фаридун, ки аз дарозии роҳ хастаавзоъ менамуд.

– Наздик омадем.

– Наздики наздик?

– Агар хато накунам бист дақиқаина роҳ монд, – ба рӯи Фаридун табассум намуд бобо.

– Хаста шудӣ? – табассуми сохта дар лабони ронанда дамид.

– Не…

– Андаки дигар монд. Ҳамин ки расидем, баҳузӯр дам бигир. Ягон сояи ғафсро интихоб бикуну то гашти рӯз паст шудани тафси ҳаво бихоб.

Автомобил пеш мерафт, Фаридунро эҳсоси боварӣ ба рӯзгори ширин, ки бояд дар деҳи бобоӣ гузаронад, лаҳза ба лаҳза боло мегирифт. Гӯё баробари наздик шудан ба деҳ, гармиеро дар вуҷуд афзун мекард. Гармии меҳр, гармие, ки дар рагу пояш, тавассути хун гузаштааст, ба дарки бисёр масъалаҳо меравад. Бахусус ба ин деҳа, ки ҷонибаш мешитобанд, бо суръату нерӯи

чандин аспи саманд, рӯз то рӯз дилбастагияш афзун мешуд. Ҳарчанд модараш дар зеҳни ӯ нисбат ба ин деҳа эҳсоси бадбиниро зиёд тарғиб менамуд. Аммо ба бобои ростгӯву меҳрубон ва бибии дилсӯзаш дилбастагӣ дошт ва онҳоро мудом ба ёд меовард. Имрӯз шод буд ин эҳсос ӯро зиёд андармон карда, дар қайди хеш нигоҳ медошт. Бахусус дар тӯли ин роҳи дароз аз фараҳ, рӯҳу равонаш ончунон қавӣ гашта буд, ки ба пиндораш дар як дам фатҳи қуллаи барфшуха хоҳад кард.

Ронада ҳам дар гуфтор як андоза хушҳол буд. Ӯ кайҳо боз нияти сафари деҳаи Себзор мекард, то ки аз чашмаи санги сурх, ки дар фарози роҳи он дар миёни фаркзори анбӯҳ ҷорӣ буд, ду каф об нӯшад, то ки меъдаи дардмандаш таскин ёбад. Ва дар обгинаи маснӯъ ба таври кифоя захира намояд, то ки дар шаҳр мувофиқи эҳтиёҷ истеъмол намояд. Аммо чунин имконият даст намедод. Имрӯз чун амри соҳибро шунид, хушҳолона бе ягон баҳона, омодаи сафар шуд. Бори аввал дар ду шишаи холишудаи лимонад об гирифта буд. Падараш хеле сарзанишаш намуд, ки зарфи бузӯргтарро ба ин мақсад нагирифт. Аз ин рӯ, ҳар боре ки ҳамроҳи Ғуломалӣ Себзор меомад, зарфи пурғунҷоиш мегирифт. Ва ба ҳақу ҳамсояҳо низ баробар тақсим мекарданд, то ки бо нияти шифо аз он истеъмол намоянд. Ин дафъа низ ба ин мақсад ду-се зарфи кироӣ гирифт. Падараш низ ҳини сафар инро таъкид кард. Ҳамчунин хоҳиш намуд, каме қурут биорад. Мӯйсафед аз он хиҷил буд, ки қурутҳои бозор ба қурутҳои пешин монанд нест, лаззати онро надоранд. Ба хотири зиёду вазнин карданаш ба он гарди орд ҳамроҳ мекунанд. Рōнанда барои аз хотираш набаромадан, ин чизро ба ӯ гӯшрас намуд.

– Чакка ҳам бар, боз кокутиву зира ҳам ҷамъ оварда будам, кам-кам аз ҳамааш медиҳам, – гуфт пирамард.

– Ташаккур, падарам хурсанд мешаванд. Намедонам барои чӣ ба моли бозор он қадар дилгармӣ надоранд. Моли аслӣ нест, мегӯянд. Боре асал харидам, як лес гирифту норозиёна сар ҷунбонданд. Асалат шакароб аст,

гуфтанд. Ҳазор фаҳмонам, ки моли бозор асту, одами зиёд дар навбат буданд, бесифат бароварданд хариди маро. Ва боз навбат истодани одамонро ба арзон будани он нисбат доданд. Ба қавли падарам шаҳриёнро нарх аз сифат муҳимтар аст. Ва ин ҳикматро бо ин асоснок карданд: «Қиммат бе ҳикмат, арзон бе иллат нест». Ва худашон асалро вақти ҷамъовариаш аз Ромиту

Файзобод рафта меорад. Дар пеши худашон асал мекашанд.

– Пеш чор кандуи асал доштам. Дар қади дара, дар паси осиёб гузошта будам. Зимистон ҳам он ҷо мондам, баҳор айёми селбориш дар коми сел рафт. Аз ин воқеа даҳ сол гузашт. Ҳар сол, бисёр не ба қадри эҳтиёҷотамон асал мекашидам, ба хешу табор ҳаќу ҳамсояҳо кавсан медодам. Акнун худам мӯҳтоҷ шудаам. Порсол миёндард шудам, барои он ки ду-се замбӯр газад ба назди Саттор барои кӯмак рафтам, чор замбӯр газид. Тасф кардам. Дардам сабук шуд. Саттор, ки кандуҳоро аз ман гирифта буд, ба ман ду канду эҳдо кардан хост. Аммо рад кардам. Дастам намерасад, дигар он нерӯи пештараам нест. Асалпарварӣ ба назар кори осон менамояд. Ҳар кӣ ба он машғул шуда бошад, мефаҳмад чӣ гуна пешаи диққатталаб аст.

– Онҳое, ки шакаробро асал гуфта мефурӯшанд, аз Худо наметарсида бошанд?

– Метарсиданд ҳаргиз ба ин кор даст намезаданд.

– Рост мегӯед, – ронанда бо диққат мошин меронд, аз роҳи сангу хок чанги маҳин мехест. Дар миёнаи роҳ, ки аз фишори чархи мошин эмин монда алаф рӯида буд, вале он ҳам аз таъсири офтобу беобӣ хушк шуда, паст метофт. Ду тарафи роҳро бошад, алаф баланд метобонд. Ва гулҳои ғармаш зиёд ба чашм мерасид, ки алафҳои бегонаро фишор дода, қомати хешро бо виқор баланд намуда буд. Говони маст ҳар ҷо-ҳар ҷо ба чашм мерасиданд, ки аз ғояти серӣ хуши сар хам кардан надоштанд. Пистонҳои чун халтаи сероби чакка дамидаашон бинандаро хушҳол мекард. Ронанда бо ин манзара диққат дода, боз ба гап даромад.

– Чаро буққаҳои саркашу азимҷуссаро дар бинӣ ҳалқа мезада бошанд?

– Бинӣ ҷои сӯсти ин ҷонварон аст. Агар говро аз бинӣ бигирӣ худ ба худ меафтад. Аз ин усул қассобон истифода мебаранд. Барои он ки буққаҳоро мутеъ намоянд ба бинияшон ҳалқа мезананд. Азимҷуссаҳои саркаш ба гӯсфанди мутеу сархам табдил меёбанд. Дигар аз он нерӯи азимашон осоре намемонад.

– Сагонро чаро гӯшу дум мебуранд?

– Барои он ки гӯши лақққа монеи шунавоии саг мешавад, дум вақти набард ба онҳо халал мерасонад. Аз ин рӯ чӯпонҳо дар ин маврид сагони худро гӯшу дум мебуранд, ки ҷонварони вафодор аз ин ташвиш озод бошанд.

– Аҷиб, одамизод чӣ кашфиётҳое намекунанд. Мо сокинони шаҳр ба бисёр масъалаҳои нозук сарфаҳм намеравем. Вале деҳотиёнро бо назари кам менигарем.

– Ба пиндори мо низ сокинони шаҳр аз деҳотиён фарқ мекунанд, дунёдидаву сипоҳанд.

– Ба фикри ман не. Деҳотиён донишманданд. Аввал бо қонунҳои шаҳр бо душворӣ мутобиқ мешаванд, ки он дандоншикан нест. Балки бе он ҳам метавон зист. Дур намеравем, аз сад нафар корманди Пажӯҳишгоҳи мо ҳаштод нафар зодаи деҳотианд, танҳо бист нафар кормандони хизматгузор, ронанда, фаррош, коргузор, муҳосиб, мудири хоҷагӣ, посбон сокинони таҳҷоии шаҳранд. Дур намеравем Ғуломалӣ соҳиб, фарзанди шумо аз деҳа баромадааст.

– Намедонам барои чӣ ҳини баҳо додани ҷурму гуноҳи одамон ӯро қишлоқӣ меноманд? Ба фикри ту ки худ зодаи шаҳрӣ ва дар ин муҳит ба воя расидаӣ, деҳотиён ба ҳамин андоза содаву кундфаҳманд?

– Рости гап, ман деҳотиёнро аз шаҳриён аз пӯшокашон фарқ мекунам. Деҳотиён сода мепӯшанд, ба ҳар чизи одӣ, ки дар шаҳр мебинанд, бо тааҷҷуб менигаранд. Ана ҳамин ҷузъиётҳои камарзиш онҳоро ба назари шаҳриён ва сокинони пеш аз ин деҳотӣ камзарфу каммаърифат нишон медиҳанд, ки ба андешаи ман ҳамаи ин сангин нест ва метавон ба зудӣ онро ислоҳ намуд.

Пирамард баробари наздики чашмаи санги сурх расидани автомобил аз ронанда тақозо кард, ки таваққуф кунад.

– Аз оби чашмаи санги сурх як каф нанӯшида, аз канораш гузашта рафтан гуноҳест азим, ҳарчанд ба об эҳтиёҷ надошта бошӣ, – гуфт пирамард.

– Аз ин об боре нӯшидаӣ? – суол кард ронанда аз Фаридун.

– Ҳар вақте ки ҳамроҳи падарам меомадам, ҳатман менӯшидам. Худатон меовардед ку?

– Рост гуфтӣ, ҳамроҳ меомадем.

– Зарф овардӣ? – суол кард пирамард аз ронанда.

– Овардам, – бо табассум ҷавоб дод ронанда, – Ҳини омадан падарам таъкид кард, ки бе об барнагардам.

– Кори хуб мекунӣ.

– Оби шифо ба ҳамсояҳо ҳам кам-кам медиҳам.

– Кори савоб аст об додан.

Назди анҳор нишастанд, ки аз ҳар вақта дида, камтар ҷорӣ

мешуд.

– Чӣ гап шуда бошад?

– Чиро?

– Чашмаро…

– Кадом ҷиҳатро дар назар дорӣ?

– Камобиашро.

– Хушксолӣ омад имсол, оби рӯдаки деҳа, ки аз қуллаҳои барфшуха сарчашма мегирад, камоб шудааст, чархи осиёбро базӯр мегардонад. Дарёи Душанберо дидам, дар ҳамон қолаби паҳну бузӯрг ба андозаи рӯдаки деҳаи мо об ҳаст ё не.

– Чаро ин тавр шуда бошад?

– Ту дар шаҳр зиндагӣ мекунӣ, он ҷо чӣ мегӯянд?

– Хушксолӣ омад мегӯянду халос, одамон ё камгап шудаанд ва ё ҳавсалаашон пир шуда, ки аз шарҳи чунин масъалаҳо худдорӣ мекунанд.

– Чӣ метарсанд, даври Сталин бебозгашт гузашта рафт, он вақт одамон аз забонашон, аз баёни фикри нав ҳарос доштанд. Масъалаи хушксолӣ ба сиёсат чӣ дахл дорад?

– Одамон ба гуфти падарам дигаргун шудаанд.

– Рост мегӯяд.

Пирамард дастонашро шӯст, сипас кафҳояшро коса карда ба наберааш об дод.

– Бинӯш!

Фаридун нӯшид ва хушҳолона табассум кард.

– Бас.

– Як кафи дигар бинӯш!

– Сард аст.

– Ҳаким аст, сард ҳам бошад, – ва кафашро боз аз об пур кард, – бинӯш! Фаридун хоҳиши бобоашро оромона иҷро кард.

– Ташаккур!

– Ин об касро гурусна мекунад, – гуфт ронанда.

– Бале,, роҳати ҷон аст. То ҳол тоҷире, корсозе ин обро бо мақсади таъмини эҳтиёҷмандон дар обгинаҳо ва зарфҳои навбаромад нагирифтааст. Шояд дар андешааш ҳам набошад.

– Роҳ дур аст, фикр мекунам ҳамин ҷиҳати масъаларо меандешанд.

– Не – не, ин баҳонае беш нест. Агар нерӯи ҷавониам мебуд, як фикр мекардам.

– Чаро дар давраи ҷавониатон накардед?

– Гӯё аз осмон афтида боши̣. Фаромӯш кардаӣ чӣ хел замон буд. Кӣ озодона ба тиҷорат машғул мешуд? Ҳама воситаҳои истеҳсолот моликияти давлат буд. Имрӯз тавассути бозсозӣ, иқтисоди ба нақшагирии давлатӣ барҳам хӯрд. Ба ҷои он иқтисоди озоди бозоргонӣ омад. Одамон бо душворӣ ба ин мутобиқ мешаванд. Тарзи нави корро бо даҳшат қабул мекунанд.

– Аз он тараф, ки гаштам зарфҳоро пур мекунам. Гуфти шумо агар тоҷире обро бо коркард ба фурӯш мебаровард, эҳтиёҷамонро мебаровардем.

– Ғуломалӣ ин чизро ба ман фаҳмонд. Ду-се мақола ҳам дар рӯзнома навишта чоп кунондааст. Пешниҳодҳояшро бо хати сиёҳ нишон додааст. Ку ҷавони бо дилу гурда? Ғуломалӣ мегӯяд, бонк барои рушди тиҷорат маблағи имтиёзнок қарз медиҳад. Агар чунин шахси боирода пайдо шавад.

– Ҳамааш ба барқ вобастагӣ дорад. Кор бе ин ранг намегирад, – гуфт ронанда, ҳине ки аз назди анҳор ба сӯи автомобил меомаданд. Пирамард хомӯш монд. Суханони ҷигарбандаш ба қалби ӯ кора карда буд. Ҳарчанд аз ғояти якравии ирсӣ ва фузунии эҳсос ба ҳама гуфтаҳои ӯ зид мебаромад, онро бебунёду хом, буғикунандаи муҳит арзёбӣ мекард. Ғуломалӣ ҳам таҳаммул намуда, тунд намерафт, одамгарӣ мекард,

одоберо, ки ба шарқ мансубаш медонистанд, риоя менамуд. Ва дарк мекард, падари ҳафтодсолаашро аз нав сохта ва ё дигар карда намешавад. Муҳит оламе, ки дар он ба сар мебарад, чунин фикру андешаро мепарварад. Халқҳои олам, дар фикри бунёди воситаҳои нави хушгузаронии рӯзгоранд, аммо ҳамдеҳагони ӯ ҳанӯз ҳам саргин месӯзонанду бо гов ҷуфт ронда, бо хар бор мекашонанд. Ҷои таъна ҳам нест, як сохти ҷамъиятӣ, ки аз бунёд то фаношавияш дар шаш яки рӯи замин побарҷо буд, ин деҳаро дигар карда натавонист. «Мешавад, одамонро тағйирдода, агар барқ гузаронанд» – гуфта буд Ғуломалӣ ба падараш. Пирамард ҳеҷ қабул карда наметавонист ин мафҳумро. «Барқ, барқ, барқ…» Ӯ дарк мекард, тавассути он бисёр ҷузъиётҳои зиндагӣ, ки бо вуҷуди нокиро буданаш мушкилот эҷод мекунад, бартараф мешавад. Аммо, осиёби меросиаш моҳияти худро гум мекунад. Дар деҳа ду ва ё се осиёби барқии дигар бунёд меёбад. Роҳи обро рақибон мебананд. Муборизаҳои беамон оғоз меёбад. Чуноне ки дар байни ду-се саг ӯстухонеро ҳаво медиҳанд. Сагалғов…

Пирамард сари ин масъала ба андеша рафт. Набераи бобо низ хомӯш буд. Гӯё афкори бобояшро механда бошад. Пирамард гумон мекард, бачаи шаҳр дар ин муҳити бегона тоб намеорад. «Барқ!» Ӯро ба худ мехонад. Чуноне падари ӯро бистсол пеш, маҳз ҳамин чиз аз остони бобу ҷаддаш канда кард. Ва то имрӯз наметавонад ба ин замини файзрез, ки макони шеронаш мехонанд, бозгардонад. Балки деҳаи Шердор, ки як замон дар нӯги забони мардуми дуру наздик буд, фаромӯш шудааст. Ифтихор ин мафҳум низ дигар дар фаҳму зеҳни касе нест. Имрӯз Шердорро Себзор мехонанд. Мафҳуме, ки ба ҷисму рӯҳ, паҳлавонӣ, ватандориву ифтихор мансуб буд, бадал шудааст ба исми ҷинс, ба як ҷузъи наботот, воситаи истеъмолӣ. Ифтихор, ки чун тоҷ ба сар доштанд, ба фикри ишкам омада расидааст.

Пирамард рӯзҳои охир худ ба худ сари ин масъала пархош мекард. Ва табдили номи деҳаро ҳатмӣ медонист. Як гапи Саттор сахт таъсираш кард.

– Ном нонат намедиҳад.

– Имон медиҳад…

– Шердори шумо, то ислом будааст. Ба Зардуштиёну маҷусиён рафта мерасад. Барои он шуда худатонро азият надиҳед, – гуфт ҷӯраи қадрдонаш, ки дар андак мушкили ӯ дасташро мегирифт.

– Ту гумроҳ шудаӣ Саттор…

– Фикри шумо исбот надорад.

– Аз ту дорад?

– Акаи Шерзод, ин чиз ҳаргиз боиси ифтихори ман шуда наметавонад.

– Чаро?

– Чунки ман мусулмонам. Ҳарчи то ислом буд, барои ман бегонааст.

– Бас, дигар ба ту ман гап надорам.

– Мефаҳмам.

– Ҳеҷ чизро намефаҳмӣ.

Баъди ин баҳс ду-се рӯз бо димоғи сӯхта гаштанд. Ва ниҳоят баъд аз хондани намози хуфтан, ҳини баргаштан аз масҷид, чун мусулмонони воқеӣ кинаҳоро аз дил бароварда, сӯҳбаткунон омаданд. Рӯи суфа то як ҳисси шаб чой нӯшида, аз ину он гуфтанд, вале бо эҳтиёт то ки ба изати нафси якдигар нарасанд.

Пирамард дар ин шаби бехобӣ, ба Ғуломалӣ масъалаи иваз

кардани номи деҳаро гузошт. Писараш ба он таваҷҷӯҳ кард. Балки чанд маслиҳати судманд дод. Ва навиштани мақолаеро дар ин мавзӯъ ба дӯши худ гирифт. Пирамард аз ин ҷиҳат шод буд, балки дар ин лаҳза баробари ба ёд овардани ин гуфтор, эҳсоси рӯҳафзое дар зеҳнаш падид омад. Шукрона кард, ки Худованд ба ӯ чунин як фарзанди номдорро додааст, ки на танҳо дар ин бару гузар, балки дар қаламрави давлат ва берун аз он шӯҳратманд аст.

– Табиат тағйир меёбад, тавозун гум мешавад, одамизод ҳанӯз ҳам қонеъ нест. Андешаи онро дорад, ки қаъри заминро кофта он чӣ меёбад кашида мегирад, то ки нафси саркаши худро ғанӣ намояд.

– Ҳамин корро агар накунанд, зиндагӣ пеш намеравад. Қафо мемонем.

– Аз Амрико – ку қафо мондаем, аз давлатҳои бозмонда…

– Замоне Хрущёв бо нияти Америкаро қафо гузаштан барномаи авомфиребонашро ба амал баровард. Ба деҳқонону чорводорон нақшаи истеҳсолӣ дод. Акнун ба ҷои гандум ҷуворимака мекиштанд. Дар кишвари мо чорводорӣ ба мақоми дуюму сеюм гузошта шуд. Навъҳои чорвои маҳаллиро барҳам зад. Агар сари вақт аз мақомаш маъзул намешуд, аз бисёр чизҳо маҳрум мешудем. Барои ҳамин ҳам дар фикри пешравӣ нашав! Аз ин ба мо ягон фоида нест. Муҳим он аст, ки одамон меҳру оқибатро фаромӯш накунанд. Дигаргун шудани ахлоқ фоҷиаи миллат аст. Ин чиз ба мо хавфи бузӯрг дорад.

– Чӣ гуна хавф?

– Баъзе ҷузъиётҳоест, ки онро гуфта намешавад.

– Бисёр ҳам сиррист?

– Не… Чизи одист. Аммо барои мани камсавод баёни он мушкил аст. Мегӯям, аммо оҳанги он тавре ки мехоҳам ба ҳадаф намерасад. Дигарон бошанд, дар ин хусус ҳатто андеша кардан ҳам намехоҳанд. Гӯё ҳама чиз хуб аст, баояндаи миллат хавфе таҳдид намекунад. Ҳама ба мо хайрхоҳанд. Фарҳангу адабиёти моро чун ганҷи шойгон, ки ҷузъе аз тамаддуни башарист, арҷ мегузоранд. Аммо дар асл, ин тавр нест.

– Фикри ман дар ин масъала тамоман дигар аст, мехоҳам ба иҷтимоъ аҳамият дод. Мо ба дараҷаи абарқудратон намерасем. Аммо зиндагии халқамонро бояд биандешем, ки хуб шавад.

– Дар ин хусус ҳама фикр мекунанд. Ба андешаи ман деҳаи

мо бо ҳама мушкилоташ, ки ба дӯши сокинонаш аст, аз ҷомеаи башарӣ қафо намондааст.

– Бо чӣ чизаш дар сатҳи онҳо қарор дорад?

– Бо ҷавонмардиву рӯҳбаландӣ, эътимоду боварӣ, ки ба оянда доранд, бо эҳтиром, самимият, одамдӯстӣ, ки дар вуҷудашон ҳанӯз ҳам зиндааст,

бо қаноатпешагиву шикасти нафс, ки дар сувайдои дилашон одамгариро таҷассум менамояд, – пирамард ҳини баёни андеша, ба эҳсосот дода шуд. Дар ҷабинаш қатраҳои шабнамосой арақ рӯ зад. Гунаҳояш чун девори танӯр сурх шуданд, лабони ақиқаш пир-пир парида, дар як они воҳид парсанг бастанд. Ин ҳама ба боварӣ дахл дошт, ки дар вуҷудаш чун нерӯи созанда, тадриҷан қавӣ мешуд. Ӯро ба қатори мардони саршинос, ки суханашон қурб дорад, баробар карда буд. Ронанда ҳам инро хуб дарк мекард. Ва аз ҳама зиёд дар замири ӯ боварӣро ба пирамарди боору номус, ки бори миллатро гӯё дар дӯш гирифта аст, писари олимаш ҷой намуда буд. Ғуломалӣ дар хусуси падар сӯҳбат карданро дӯст медошт. Ва ин эҳсоси худро ҳаргиз пинҳон намекард. Ба суханонаш оҳанги фалсафӣ дода мегуфт: «Чӣ хеле ки қиблагоҳ, падар, мегӯянд…» Ронанда, маҳз бо ин суханон, ки аз забони Ғуломалӣ мешунид, ба пирамард ғоибона ошно шуда буд. Ҳарчанд борҳо бо ӯ вохӯрда, сари як пиёла чой сӯҳбат дошт. Дар ин вақту соат, ки бо ӯ сӯҳбати самимиву озод дошт, ба воқеӣ будани суханони соҳиб бори дигар эътимод намуд.

– Ягон Донишгоҳро хатм кардаед?

– Хонда натавонистам, падарам аз сарам рафт, модарам бева монд. Ҳама бори зиндагӣ ба дӯши ман афтод. Ва хонданро дар синфи чор қатъ кардам.

– Агар мехондед, касе дар ин гузар дастовгиратон намешуд.

– Ин гапро ҳама мегӯянд. Худам ҳам гоҳо ба ғазаб меоям, ки беҳуда нозу нузи модарро бардоштаам. Агар мехондам, шояд касе будам. Афсӯс… Мошин нишебиро, ки аз фарози он тамоми деҳа чун дар кафи даст дида мешуд, поён шуд. Роҳ хокӣ буду геологҳо панҷ шаш сол пеш барои осон шудани равуои мошинҳояшон сангреза рехта буданд.

– Расидем! – нидо баровард Фаридун.

– Эҳ Себзор, – Себзор, куҷо шуд номи баландат, паҳлавонони ҷасуру мӯйсафедони банангат?.. Агар Себзорро аз нав ба Шердор бадал накунам, фарзанди асили ту ҳаргиз набошам ва ҳеҷ

гоҳ худро зодаи ин хоки мардпарвар надонам.

– Дар як шаб ёди деҳа кардед?

– Напурс, чашмам хам нахӯрд. То саҳар бедор нишастам.

– Ман ҳам, – гуфт Фаридун.

– Ту барои чӣ? – ҳайрон шуд ронанда.

– Фикри сафар, хобро аз чашмонаш рабуд. Акнун ба ҳузӯр мехобад. Кӯфти шабро мебарорад, – гуфт пирамард. Ронанда, бо ин роҳ борҳо рафту омад карда буд, аз ин рӯ дар ҳама пасту баландиҳо эҳтиёт мекард. Гӯё дар ин ҷо солҳо зиндагӣ карда бошад.

Пирамард дар сояи санҷиди канори роҳ, мӯйсафеди Пулодро дид. Орди аз болои асп афтодаро рост монда, харро барои аз нав бор кардан наздик меовард. Пирамард як дил кард дар ин кор ба ӯ кӯмак расонад. Ва аз ронанда хоҳиш кунад, ки таваққуф намояд, вале боз ҳам аз раъяш гашт. «Одамгарияшро надидам. Маълум, ки аз Хами сафедорон меояд. Ӯ

осиёби моро, осиёб ҳам намедонад. Сабр мекард намешуд? Бегонапараст. Ё ман орди тӯро ғорат мекунам ва ё ҳақамро зиёд талаб мекунам? Не, Баракс,, ман инсофро дар мақоми аввал ниҳодаам. Бигзор ба дигарон дарси ибрат шавад. Аз он ҷумла ба Пулод ба кули мӯйсафедони деҳа, ба мардони ҳузарбу ӯстодони дабистон. Ба ҳама, ба ҳама…»

– Бобо…

– Лаббай?

– Чаро роҳҳои ин ҷоро мум рехта, ҳамвор накардаанд?

– Аз ин чӣ фоида?

– Барои рафту омади осон.

– Агар ҳамвор мекарданд, таги пои бегонагон мемондем.

– Бегонагон ин ҷо чӣ кор мекунанд?

– Ноҳияи моро макони сайёҳату истироҳат эълом доштаанд. Ин чиз ба деҳаи мо низ дахл дорад.

– Барои кадом хусусиятҳояш?

– Хусусияташ кам нест. Якумаш, Ҷангалак, дуюмаш барфшуха, сеюмаш олами набототу ҳайвонот, чорумаш муҳити ором ва ғайриодии деҳа. Панҷум зиндагии мардумонаш, ки аз дигарон фарқ мекунад.

– Шумо андешаи дигаргун намудани онро надоред?

– Не, ҳаргиз.

– Агар дар коре душворӣ кашидед, ба ман занг зада, гӯед, ки

пазмон шудам. Аз соҳиб ҷавоб пурсида, дар як дам ҳозир мешавам.

– Ин андеша дар сари шумо чӣ гуна пайдо шуд?

– Осон…

Мошин дар ҳамвории деҳа таваққуф намуд, ҷӯйбор вайрон шуда роҳро лой карда буд. Ин манзара ронандаро дудила кард: «Биравад ё бимонад?...» Бо ин андеша каме сукут варзид. Ва ниҳоят ба пирамард нигарист.

– Мошин дар лой намемонда бошад?

– Не, чунин хавф вуҷуд надорад.

Ронанда мошинро ба ҳаракат даровард. Ва худ ба худ ором гирифт. Зеро роҳи лой паси сар шуд. Аз нав, аз зери чархони мошин, хок баланд шуда, чун дуди ғафси саргин печида-печида, қафо мемонд. Пирамард хомӯш ба суръати мошин диққат дод, ки дар як лаҳзаи кӯтоҳ набераи шаҳрӣ ва ӯро, ки бо номи ин деҳа меболид, расонид.

Пирамард дар ин як шабу як рӯзи дур буданаш аз деҳу манзили зист, аз ҳамсари меҳрубон, заҳматеро паси сар кард, ки тӯли умри дарозаш надида буд. Ҳатто айёми беморияш, ки азоби алим дошту аз ғояти таби баланд ҳазён мегуфт, модари марҳумашро суроғ мекард. Кампир, ки аз ин пеш ӯро дар ин ҳолат надида буд, ба воҳима афтод. Рахти хобашро андохта, болои он пирамардро хобонд. Сарашро бо кафаш молид, сари синаашро ламс кард, дастони чандиру серрагу пояшро, ки осиёб корозмуда карда буд, бо кафи нарми занонааш гирифт.

– Шуморо чӣ шуд, мардак?

Пирамард ҷавобе дода наметавонист, балки ин лаҳза ба гӯшаш чизе намедаромад. Ҳазён мегуфт. «Оча, очаҷон, маро наҷот деҳ. Ман намеравам. Очааа?» Фиғону гиряи ғайриихтёри ӯ ҳамсарашро аз аввала ҳам зиёд тарсонд. Он вақт духтараш Дилором шавҳар надошт. Ӯ низ болои сари падар оби дида мерехт. Ниҳоят кампир ба худ омад. Ва ба Дилором фармуд, ба хонаи духтӯр рафта, хабар диҳад, ки падараш бемор шудааст. Дилором супориши модарро ҳамон замон иҷро кард. Ҳамроҳи духтӯр омад. Ба падараш сӯзандору гузаронданд. Пирамардро хоб бурд.

– Шамол хӯрдааст, – гуфт духтӯр ва ба Моҳсурат чанд доруи дигар дод, ки дар мавридаш ба ӯ хӯронад. Ҳамчунин истеъмоли асал ва наботчойро тавсия дод. Беморияш вазнин гузашт. Моҳсурат тӯли як ҳафта, ки шавҳараш дар бистари беморӣ буд,

шабзиндадорӣ мекашид. Тарсу ҳарос болош гирифта буд. Дилором низ ҳама корро партофта, паҳлӯи модараш рост буд.

– Худо нишон надиҳад, ӯро ягон чиз шавад, чӣ кор мекунем? Давлати сарамон аст. То имрӯз ба мушкилие наафтодаем. Марди бо нангу номус аст падарат. Бас, дигар ман ӯро ба ҳоли худ намемонам. Бепарвоӣ кардам. Ана акнун азобашро мекашам. Ту Дилором бепарво нагард, дарди падарат андак нест.

– Чӣ кор кунам?

– Сатторро даъват бикун! Гӯсфандеро бикушад. Гӯшти гӯсфанд гарм аст. Хӯрокашро нағз кардан даркор.

Дилором супориши модарро иҷро кард. Ҳамин тариқ пирамарди бемор, пеши ҳамсараш эркагӣ мекард. Пурра шифо ёфта бошад ҳам, ҳамсараш нагузошт, ки ба кор барояд.

– Кор гурехта намеравад. Саломатиатонро пурра барқарор бикунед, баъд меравед.

Пирамард аз бекориву хоб дилгир шуда буд. Вале илоҷи ҳамсарашро намерафт. Воқеан аз бемории ӯ кампир сахт тарсида буд. Бори аввал хавфи аз даст додани шахсеро ҳис кард, ки тамоми умр соябони сараш буд, ӯро мехӯронду мепӯшонд, чун саробони оила, дасти саховату меҳрубониро ба сари ӯ ниҳода буд. Бе ҷаҳди беши худу саховати Худованд аз лаби гӯр баргашт. Акнун дарк кард, пеш қадри ӯро намедонистааст. Хӯрдану хобро медонистаасту халос. Акнун аёнаш шуд,

бемард зан на обу рӯ доштаасту на рӯз медидааст. Ҳар қадами шавҳарашро таҳти назорат қарор дод. Хӯрокашро сари вақт медод. Пирамард бошад хаёлӣ буд. Кадом як андеша ӯро азият медод, кампир намедонист, балки ӯ ҷоиз намедонист онро ба нимаи дигари ҷисмаш, ҳамсари меҳрубонаш бигӯяд. Ӯ низ ҷуръати додани чунин савол надошт. Пирамард баъд аз хестанаш аз бистари беморӣ, рӯзе аз ҳамсараш, муаллими Саломро пурсон шуд:

– Чӣ ҳол дорад?

– Саломатиаш хуб аст.

– Боре хабаргирӣ омад?

– Не, вақти дар кӯча дидан пурсида буд.

– Ӯро даъват бикун!

– Тинҷист?

– Ба ту чӣ гуфтам?

Моҳсурат ором паи иҷрои супориш шуд. Ва ҳамроҳи муал-

лим омад. Кампир ба бухорӣ алав монда, меҳмонхонаро гарм кард. Пирамард дар назди бухорӣ рӯ ба рӯи муаллим нишаст. Онҳоро дастархон аз ҳам ҷудо мекард.

– Салом, тӯли беморӣ хобҳои булаҷаб дидам. Ҳама вақт, як лаҳза ҳам дур аз хобу хаёл набудам. Хобҳоям ҳеҷ ба хобҳои пешинам монанд набуд.

– Чӣ хел хоб?

– Хоб дидам, ки дар киштии кайҳонӣ нишаста, бо сураъти баланд парвоз дорам. Ба осмон, ба сайёраи дигар. Бо суръати ниҳоят баланд. Дар он сайёра одамон зиндагӣ мекарданд. Изати маро чун меҳмон азиз медоштанд. Маро дар меҳмонхонаи панҷситорадор, ки дар болои уқёнус шино мекард ҷой дода буданд. Париёни обӣ чун пешхизмат, анвои хӯрок муҳайё менамуданд. Ҳар субҳ оби ширинро бароям аз қаъри уқёнус меовар-данд, ки он ҷо чашмаҳои зиёде мавҷуд будааст. Шароби мардафканро аз оби шабнам, ки аз барги гули садбарг ҷамъ меовардаанд, тайёр карда, рӯи мизакам мениҳоданд. Шири наҳангу тухми моҳӣ, ғизои субҳонаам буд. Нонро мардуми он сайёра аз гӯшти моҳӣ омода мекарданд. Ман аз тамошои шаҳрҳои бузӯрг сер намешудам. Вале, афсӯс ки ҳамдеҳагонамон ба ҷону ҳолам намонда, аз ду дастам мекашиданд, ки ба назди ҳамсарам, фарзандонам баргардам. Ман розӣ набудам, чашмонамро намехостам, ки кушоям. Агар чунин мекардам, аз ҳама он зебогӣ, лаззати хӯрок, тамошои шаҳрҳо, боғоту майдонҳои сарсабз, одамони хушҳолу меҳрубон дур меафтодам. Муаллим, худат бигӯ, чунин сайёра ки ба ин зебогӣ дидам, воқеан вуҷуд дорад?

– Эҳтимол вуҷуд дошта бошад.

– Чаро эҳтимол?

– Зеро ба инсоният ҳанӯз чунин имконият фароҳам наомадааст, ки ба хоки сайёрае, ки дар коинот мавҷуд аст киштии кайҳониашро шинонда бошад.

– Ту бовар надорӣ?

– Ҳанӯз не…

– Чаро?

– Гуфтам ку?

– Охир дар хусуси коинот, сайёраҳои мадори офтоб худи ту ҳарф намезадӣ?

– Дурӯст, ҳарф мезадам, имрӯз ҳам мавҷудияти онҳоро инкор намекунам. Аммо сайёрае, ки сокинонаш орому осуда, дур аз

мушкилот ба сар баранд, мавҷуд ҳаст ё не, ҳанӯз маълум нашудааст.

– Ман дар хоб дидам.

– Хоб мармуз аст. Ман мудаббири хоб нестам. Шояд чунин сайёра вуҷуд дошта бошад, аммо ман то ҳол дар бораи он маълумот надорам.

– Ту дар ин хусус бисёр хондаӣ ва бисёр чизҳоро медонӣ.

– Бале,, бисёр хондаам, вале чашмам ба ин чиз наафтодааст. Агар чунин сайёра вуҷуд дошта бошад, бо чунин авзоъ, ки шумо мегӯед, хуб аст. Шояд рӯзе аҳли сайёраи замин барои сайёҳат он ҷо рафта, рухсатии худро гузаронда, боз баргарданд.

– О, Бале,, – дар лабони пирамард табассуми малеҳ гул кард, – Воқеан худат гуфта будӣ, ки одамони пулдор ба сайёҳати кайҳонӣ шурӯъ кардаанд. Инро ҳам ту дар мавриде гуфтӣ, ки ман пулдоронро ва пулро бо чашми кам дидам. Ту онҳоро ҷонибдорӣ кардӣ, ки пул калиди ҳама мушкилиҳост.

– Бале,, имрӯз низ дар ин ақидаам. Агар як миллионер аз Себзор мебаромад. Роҳ ба кайҳон не, балки ба деҳаи мо ҳамвору мумфарш мегардид. Чуноне мебинед, мо аз ин имконият маҳрумем. Агар тамоми деҳаро ба савдо монем, ба андозаи як миллионери Хами сафедорон баробар намешавад маблағи фурӯш.

– Пас таъбири хоби ман чист?

– Гуфтам ку хоб барои ман муаммост, муфассир нестам.

– Ту ки таъбир карда натавонӣ, дигар ба касе эътимод надорам.

– Чӣ бисёр фолбин…

– Даҳонамро наков Салом. Дар дунё одами бад медидаам фолбинҳост. Дар умри сарам ба хоби дидаам таъбир наҷӯста будам. Аммо ин хобе нест, ки ҳикмат надошта бошад. Охир он ба коинот иртибот дошт.

– Ба чизе ки иртибот надошта бошад, таъбиргарон ба илм не, ба фатализм ба ҷараёни ғайрилмӣ ба тасаввуроти сатҳӣ, ба қазову қадар такя мекунанд. Ман ин гуна тасаввуротро қабул надорам. Агар ин ҷараёнҳо воқеан арзишманд буданд, имрӯз дар доираҳои васеъи илмӣ мавриди таввачӯҳ ва пайравӣ қарор медоштанд. Шумо агар аз ман ҳақиқатро пурсидан мехоҳед, дунболи тахминҳои бебунёд наравед.

Пирамард аз суханони муаллими Салом, ки дар қаламрави

Себзор чун шахсияти маъруфи илм шинохта шудааст қонеъ нашуд. Баракс,, дар қалбаш нисбат ба ӯ як навъ нобоварӣ эҳсос намуд. Пиндошт ба хоби ӯ, ки ба хоби одамони одӣ шабеҳият надошт рашк бурдааст.

– Ба фикри ту хоби ман ба зиндагии воқеӣ иртибот надорад?

– Ман ба хобу хаёл эътимод надорам, ҷуз воқеият. Ончизе, ки бо чашм мебинам бовар дорам.

– Ту ҳам даҳрӣ, ҳастӣ?

– Бале,, чун фарзанди азизи шумо…

– Ман ба Ғуломалӣ заруроти диниро ёд дода будам, то донишҷӯ шуданаш намоз мехонд, рӯза мегирифт. Баъд аз он ки донишҷӯ шуд, дигар намедонам суннатро риоя мекард ё не. Кораш намегирифтам. Вазифаи падариро иҷро кардам пеши ӯ. Фардо рӯзи қиёмат дар вақти саволу ҷавоб фарзанди ноқобил гиребони волидонро мегирифтааст, ки маро ба роҳи дурӯст ҳидоят накард. Фаридунро таълим медиҳам, падараш алъон вақт надорад. Як чизро дирӯз фаҳмидам. То ҳол дасти ӯро ҳалол накарда будаанд. Намедонам Ғуломалӣ ин суннатро барои чӣ накарда бошад? Ё фаромӯш кардааст ва ё ин чизро амали ғайриилмӣ арзёбӣ намудааст? Агар ӯ чунин фикр карда бошад, ҳамсарашро чӣ шудааст? Чаро ӯ дар ин бора андеша накардааст?

– Воҳима накунед бобо. Хатна дер намешавад. Агар ин бисёр масъалаи муҳим мебуд, Худованд худаш одамонро дар чунин сурат, хатнашуда ба дунё меовард.

– Гапи куфр назан Салом.

– Астағфуруллоҳ… – гиребонашро ду даста гирифт муаллими Салом.

– Чаро дар хусуси хоби дидаи ман чизе намегӯӣ?

– Бояд чӣ бигӯям?

– Салом, ту дар ин деҳа, ном ба ҳамадонӣ ниҳодаӣ. Ҳама аз донишу маърифати волои ту мегӯянд. Намедонам аз чӣ сабаб дар баёни хулосаи хеш зиндагӣ мекунӣ? Агар инро аз ягон шахси камдониш мепурсидам, ягон чиз мегуфт.

– Барои шумо чӣ аҳамият дорад, сухани дурӯғ шунидан ва ё ба воқеият таваҷҷӯҳ намудан?

– Барои ман фикри ту зарур аст. Охир ман хоби одӣ надидаам. Ман дар сайёраи дигар, дар ҳузӯри одамонаш будам. Бо онҳо сухан гуфтам. Ту дар хусуси сайёраҳои дигар, ки дар он одамон зиндагӣ мекунанд, бисёр мегуфтӣ. Ҳатто дар хусуси ташрифи

онҳо ба сайёраи замин, табақҳои паррон, кам гап намезадӣ. Ҳатто онҳое, ки ба ҳарфи ту шубҳа мекарданд, ба ғазабат гирифтор мешуданд. Имрӯз чаро мункир мешавӣ? Ё суханони ман бофтаву дурӯғанд?

– Ман нагуфтаам дурӯғ аст?

– Пас чаро хулосаатро иброз намедорӣ?

– Ман аз дурӯғ ҳазар дорам.

– Дурӯғ дар кучост? Дар гуфтори ман ва ё ҷои дигар?

– Бобои Шерзод, шумо аз неку бади олам хуб огоҳед? Хуб медонед, чизе ки дар хусусаш мегӯед, дар рӯз не, дар хоб дидаед. Хоб чист, аз ман хубтар медонед.

– Салом, чаро ин хоб дар хотири ман ба ин андоза амиқ реша давондааст? Гӯё ҳамааш дар рӯзи равшан бошад, ки ягон лаҳзаи он аз пеши назарам дур намешавад.

– Шумо бовар доред, ки дар сайёраҳои дигар ҳаёт вуҷуд дорад?

– Бешубҳа… Ба лаълии паррон ва ҳузӯри одамони сайёраи дигар, дар замин низ. Баъди ин хоб, бовариам боз ҳам фузунтар шуд. Пеш агар касе дар ин бора сухан меронд хандаам меомад. Ҳатто гуфтори тӯро низ ҷиддӣ қабул намекардам. Акнун ба худам тааҷҷуб дорам, ки аз куҷо ин қадар бо коинот ва олами мармузи он эътимод бастаам.

– Маро онҳо дар сайёраи худ роҳ медиҳанд?

– Чаро не? Онҳо ҳам инсонанд. Сайёраашонро намехӯрем. Бояд онҳо дарк намоянд, ки бо одамон, нусхаи хеш дар сайёраи замин, рӯ ба рӯ омадаанд.

– Ман ҳаргиз ба ин бовар надорам.

– Барои чӣ?

– Магар ҳамин одамоне, ки тавсифашонро ба осмон расондаед, дар сайёраи замин дӯстона зиндагӣ доранд? Магар ҳамин одамоне, ки аз онҳо муносибати инсониро умедворед, барои қатли ҳамҷинси хеш воситаҳои нави одамкӯширо ихтироъ накардааст? Бомбаи атомиву нейтронӣ ихтирои кист? Абарқудратон рӯз то рӯз теъдоди яроқҳои ядроияшонро зиёд мекунанд. Аммо давлатҳоеро, ки баҳри ҳифозати марзу буми хеш чунин яроқро сохтан мехоҳанд, фишор медиҳанд. Чаро яроқҳои худро нест намекунанд? Чаро ба он ҷаҳд доранд, ки кишварро ба тобеияти худ дароранд? Халқу миллатеро бо фишор махлут сохта, забонашонро барҳам заннд? Чаро? Магар

зодагони сайёраи замин бо шаҳрвандони дигар сайёраи офтобӣ, метавонанд алоқаи дӯстӣ пайдо кунанд? Бо чунин эҳсосу фаҳмише ки доранд?

– Чаро намешаванд, вақте ки муомила, гуфтор ва ҷаҳонбинии худро доранд?

Салом сухани бисёре гуфта метавонист, дар ин маврид. Вале пирамард якравӣ дошт. Ӯро ин лаҳза фақат андешаи барқарор кардани алоқаи дипломатӣ бо одамони сайёраи дигар ба сар омада буд, ки аз мавҷуд будани ҳаёт дар он сайёраҳо ба ҷуз эҳтимолият,ягон кашфиёти амиқ ва аниқ ба даст наомада буд. Салом, ҳарчанд ҳазор раҳ мефаҳмонд, ки илм то ба ин ҳад кореро ба сомон нарасондааст, ӯ боз ҳам ба даҳони худи ӯ мезад, ки дар ин маврид ба суханони қаблан гуфтаи ӯ эътимод бастааст.

– Сухани ман низ дар ин маврид мутлаққ нест. Ҳақиқатро илм, кашфиётҳои воқеӣ муайян хоҳад кард.

Пирамард зери таъсири хоби дидааш буд. Онро ба ҷуз Салом ба касе гуфтан намехост. Аз ин рӯ, аз ӯ тақозо намуд, ки ин қазияро дар қалбаш ниҳон дорад. Ба касе нагӯяд. Ҳарчанд аз ҷавобу хулосаи ӯ қонеъ набуд. Нобоварияш ба зодагони замин ҳарчанд ба ҳақиқат наздик буд, бо вуҷуд умед дошт, натиҷаи он мисол овард, ки баъзе давлатҳо дар ҳошияи он барои ворид нашудани шаҳрвандони дигар, на танҳо симхор кашидаанд, балки дар марзи он мина мегузоранд, ки ин хилофи қавонини байналмилалист. Вале касе онро маҳкум карда наметавонад. Ва ягон давлат ба хотири чор шаҳрванд шуда, муносибати «дӯстона»-ро

халалдор намекунад. Қонунҳои воқеан замонавӣ, ки ба меъёрҳои демократӣ мувофиқанд, зиёд ба тасвиб расида бошанд ҳам иҷрои онро худи абарқудратон, ки худро ҳомии он мешумориданд, вайрон мекарданд. Агар ба сари давлате ҳуҷум карданӣ шаванд, қаблан онро бо ҳар баҳона гунаҳгор мекунанд, ҳилаи шаръӣ меҷӯянд. Асос меёбанд. Ва эълон ҳам мекунанд, ки ҳуҷуми онҳо ба ин марзу бум асос дорад. Суханони Салом оҳиста-оҳиста ба мағзи пирамард кора мекард. «Дар воқеъ аз гапу кори дунё хабар дорад. Агар ӯ барин як нафари дигар мебуд, Себзор пеш мерафт. На он тарзе ки Файзи урус меандешад. Балки пешравии Себзор дар фаҳмишу ҷаҳонбинии одамонаш тааллуқ дорад». Пирамард дар ин мавзӯъ зиёд андеша кард. Нотифоқиву чашмгуруснагии одамонро дар мизони ақл баркашид, ки мӯҷиби он чист. Ва боз ҳам ба Салом такя кард.

– Ба фикри ту зодагони замин аз одамони сайёраи дигар беақланд?

– Тадқиқот бурдан даркор.

– Бале, тадқиқот бояд бурд. Агар дар он сайёраҳо ҳаёт набошад чӣ?

– Дар он сурат зодагони замин донотаранд. Ва бартарияшон боиси ифтихори мо мегардад, – дар гуфтори Салом як навъ оҳанги истеҳзо эҳсос гардид, ки ин ба пирамард сахт расид.

– Ту Салом, – ба рӯи ӯ теғ кашида нигарист, – ҳақ надорӣ маро таҳқир кунӣ. Агар гаҳвораат аз осмон омада бошад ҳам. Авзои Саломи муаллим якбора тағйир ёфт. Ва баҳона пеш овард.

– Шуморо таҳқир накардаам бобои Шерзод.

– Ба фикри ту Шерзод гов аст, ки ақлаш намегирад ба гапи мулоимхунукиат.

– Шумо дар ин маврид ба иштибоҳ роҳ додаед. Ман шуморо беш аз дигарон ҳурмат мекунам. Шумо, ки ба ман эътимод доред, ин худ боиси ифтихори ман аст.

– Ифихор дорӣ? – машаи ханда кард, ки маънои нобовариро дошт.

– Бале,…

– Пас чаро ба саволҳои ман назари дигар дорӣ? Ба он чун ба афсонаи кампирон беэътиноӣ кардӣ? Гӯё суханони ман аз ҳақиқат дур бошад?

– Бобо, хоҳ хафа мешавед ё не, ман танҳо ба воқеият, ба илм такя мекунам. Ва ин маънои онро надорад, ки эҳтироми шуморо ба ҷо намеоварам.

Пирамард аз ин суханони Салом ором гирифт. Дилаш нарм шуд. Ва дар чеҳрааш осори мамнуният ҳувайдо гашт. Ба хусус баъд аз он ки гуфт:

– Пири кор, гӯш кунед. Хобатонро пеши касе нагӯед.

– Барои чӣ?

– Намефаҳманд.

– Магар дар хоби ман, ягон ҷузъиёте вуҷуд дорад, ки боиси хандаву истеҳзо гардад?

– Боиси гуфтугузор мегардад. Мазмун мегиранд.

– Ҳм… – ба андеша афтод пирамард, худашон чӣ хобҳое намебинанд. Авғон кайк хоб дидааст, ҳамонро дар масҷид пеши намозгузорон нақл

кард. Касе ба ҳолаш нахандид. Баракс, шарҳу тафсир доданд.

Ду рӯз пеш Камол нақл кард, ки хар шудаасту дар пушташ зану фарзандонаш савор. Сунҳораш бошад пеши ӯ хасрӯбаҳоро аз охури гову хар ниҳодааст. Касе ба ҳолаш нахандид. Баракс„ Саттор худро муфассири ин бахти ҳаёти одамӣ, ки ҳама мармӯзасту номакшуф эълом дошта, шарҳ дод, ки пирамард то рӯзе зиндааст, чун давлати сари фарзандон ба онҳо бахт меораду рӯзӣ. Акнун ба хоби ман аҳамият бидеҳ, магар дар ягон ҷузъиёти он нишонаҳои аблаҳӣ вуҷуд дорад? Магар ҷурме дар он дида мешавад? Охир, чунин хобро одамоне мебинанд, ки дар чунин сатҳ нестанд. Ҷаҳонбиниву дунёи онҳо дигару дигар аст. Ҳамин тавр не?

– Намедонам. Ман ба хоб, ба ин қисмати дигари ҳаёт таваҷҷӯҳ накардаам. Як дӯсти китобфурӯш доштам. Ӯ ба ман китобҳои равоншиноси машҳури олам Фрейдро, ки тадқиқоташро ба хоб бахшидааст тавсия медод, ки ба он таваҷҷӯҳи китобхонҳо зиёд асту бигирам. Мудом рад мекардам. Назари ман ба хоб дигар аст, фикр мекунам, хоб ба инсон ҷуз истироҳат, ҳолати бехабарӣ ягон чизи дигар дода наметавонад.

– Агар чунин мебуд, чаро авлиёву анбиёҳо ба он аҳамият додаанд? Ва онро ҷузъи ҳаёти худ медонанд. Ва башорати нубуват, тавассути хоб ба онҳо расидааст?

– Бобои Шерзод, маро ба онҳо баробар накунед? Ман ин ҷову онҳо куҷо? Ҷодае, ки ман дар он пой мегузорам, аз пиндори шумо фарсаххо дур аст. Аз ин рӯ, ягон маслиҳат дода наметавонам. Ҳатто хоҳише, ки аз ин пеш кардам, ки хобатонро ба дигарон нагӯед, ҳукм карда наметавонам. Ба ин ҳақ надорам, ихтиёр доред, метавонед ба касе бигӯед, агар хоҳиш надоред ихтиёратон.

– Дар ин маврид пешниҳоди ту дурӯст буд.

– Намедонам, сари эҳсос гуфтам. Агар он ҳикмате дорад, ба тафаккурам иртиботе надорад, зеро ман онро ҳамин тавр бе ягон андеша гуфта будам.

– Аммо ман фикр мекунам, хоҳишу пешниҳоди ту ҳикмат дорад. Зеро хоби ман одӣ нест. Он ба боло, ба олами барои мо номакшуф дахл дорад, ки инсоният тамоми умр баҳри донистани асрори он андеша мекунад. Имрӯз то андозае ба он муваффақ шудаанд, вале ин ҳам ҳанӯз кам аст.

– Ба фикри шумо мо он рӯзро мебинем, ки равобити зодагони замин бо бошандагони сайёраҳои дигар амалӣ мешавед?

– Чаро не? Банда ба умед асту ноумед шайтон.

– Зодагони замин бо чашмгуруснагӣ, метарсам бошандагони сайёраҳои дигарро ба тарсу ҳарос меоранд. Онҳоро водор месозанд, ки сайёраашонро аз ҳуҷуми одамони замин муҳофизат намоянд.

– Чунин мепиндорӣ? – ба тааҷҷуб афтод пирамард.

– Бале,…

– Чаро?

– Чунки одамизодро маҳз ҳирс ба якдигар душман сохтааст. Аз ҳирс бухл рӯидаасту аз бухл нотавонӣ ва ҳам бадбинӣ ва ниҳоят хунрезӣ.

– Агар ҳамин феълу хуяшон бошад дар он ҷо ҳам қарор намегиранд. Дар ин маврид, ман бо ту мувофиқам.

Салом хомӯш монд, хост хайру маъзӯр карда биравад ба манзили худ пеши зану фарзандонаш. Аммо боз ҳам пирамард розӣ набуд. Мехост ӯро ба гап гирад, аз маърифати ӯ каму беш баҳра бардорад, чун оруи асал. Ва аз ин шаҳд лаззат барад. Пирамард аз дигарон фарқ мекард. Салом инро ба таври худ фаҳмида буд. Ӯ мисли дигар мардони солдидаву талхиву ширинии рӯзгорро чашида, миннат намениҳод, ки саҳми ӯ дар ободони колхоз, кандани ҷӯйбор, ё бунёди роҳ бузӯрг аст. Баъзе волидон ба ноне, ки ба фарзандашон медиҳанд миннат мегузоранд, балки онро қарз меҳисобанд, ки дар айёми пириву барҷомондагӣ ситонда гиранд. Шерзод бошад, Баракс,, дигар хел буд. Ӯ ба нерӯву тавони худ такя мекард. Мудом дар панҷ вақт намозаш, аз он зоти пок илтиҷо менамуд, то нафаси охирин аз нерӯву тавони худ намонад. Саломи муаллим низ маҳз ҳамин чизро мехост. Пайраҳаи зиндагии ӯро барои худ намунаи ибрат медонист. Ҳатто инро дар мактаб, пеши шогирдон ироа мекард. Ва ин то ба гӯши пирамард низ расида буд. Пирамард ҳам аз ин меболид. Хурсанд аз он буд, ки дар таърифи ӯ шахси бомаърифат, инсоне, ки бо дониши худ миёни аҳли деҳ шӯҳрат пайдо кардааст, саҳм дорад. Ва эътирофи ӯро қоил аст. Пирамард дарк кард, ки таъриф чун обу ҳаво, чун нафас, чун ғизо ба ҳар инсон даркор будааст. Агар ин таъриф, дурӯғ, дур аз воқеият набошад. Ва дар он ҳақиқат, самимият нуфуз дошта бошад. Пирамард ба муаллими Салом бовар дошт. Ӯ ҳар касро эътироф намекард. Дониш, ки дошт ғурур аз он рӯида буд, бад-ин ҷиҳат, касеро ба худ наздик намегирифт. «Инҳо тоби сарпанҷаи маро надоранд, ба маърифати ман, донишу фаҳмиши ман баробар намеоянд». Аз

ғояти худписандӣ, намедонист, хоксорӣ чист. Мегуфту ягон зарра эҳсос намекард, одамон ба ҳоли ӯ механдиданд ва ё ин амали ӯро маҳкум менамоянд. Пирамард ҳам аз ин ҷиҳат ба худ бовар намуда буд, ки шахси тасодуфӣ нест. Зеро ӯро муаллими Салом, инсоне, ки ҷуз худ ба касе бовар надорад, таъриф менамояду ӯро мояи ибрат медонад. Дар ин сӯҳбат низ ҳис намуд, Салом ба ӯ эҳтиёт, тавре сухан мегӯяд, ки ба иззати нафсаш нарасад. Барои пирамард аз ин дида ифтихори баланд набуд. Назари баланди Салом ӯро миёни ҳамдеҳагон фархундаву арҷманд намуда буд. Ҳар масъалае ки атрофаш баҳси шадид рафту тарафҳо ба воқеӣ будани хулосаи худ эътимод гирифтанду фикри муқобилро напазируфтанд, шахси беғараз пайдо мешуд ва барои доварӣ Саломро мисол меовард, ки аз ӯ пурсанд, то ҳақ будани тарафҳоро муайян бикунад.

Пирамард аз ин сӯҳбат хеле баҳра бардошт, ҳарчанд Салом хоби ӯро аз доираи илм, ки ба он эътимод дорад, дур арзёбӣ кард. Ва дар ин маврид худро ба нодонӣ зад, иртиботи онро ба зиндагии воқеӣ номумкин донист.

Салом хайру хуш карда рафт. Пирамард азм кард, дар ин бора бо Ғуломалӣ сари сӯҳбат менишинад. Ва он чи ки дар хоб дидааст, аз ҷиҳати илмӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Пирамард ба олимон, ба ихтироъкорон ҳеҷ ихлос надошт. Ҳаргиз намехост писараш ба ин роҳ равад. Вале ғайричашмдошт писари ягонааш ин пешаро ихтиёр кард ва аҳолии як деҳаро бо пешрафти кораш дар ҳайрат гузошт. Акнун мисли пештара намегуфт, ки Иблис ҳам олим буду бомбаи атомиву яроқҳои қатлӣ ом, дастгоҳҳои одамкуширо, ки бо он маҳкумони маргро мешинонанд ин ашхос ихтироъ кардаанд. Бухлу ҳасад, нотавонбинӣ, бадгӯӣ, тӯҳмат ҳама кирди онҳост. Пеш, вақте ки чунин баҳсҳо сар мезад, як худаш як маърака одамро ба зону мешинонд. Кӣ ёрои бо ӯ баҳс кардан дошт? Акнун онҳое, ки ҷабри ӯро дар ин баҳсҳо кашида буданд, шукр доштанд, ки Худо ба додашон расид, ҷигарбандашро ба роҳе ҳидоят намуд, ки ҳаргиз хоҳиш надошт. Боре дар як сӯҳбат, касе амирони манғитро барои роҳи пешрафту тараққиётро бастанашон мазамат карду дар бало монд, пирамард ба ҳимоят бархост. Гӯё онҳо, амирони Бухоро дарк мекарданд, ки пешрафт ва тараққиёт аз як ҷиҳат муфид бошад, аз тарафи дигар имону бовари одамонро ба дину оин, ба Худову расул заиф мегардондааст. Шумо онҳоро маломат наку-

нед. Онҳо подшоҳи воқеӣ буданд. Ва аҳкоми шариатро дар кору пайкори хеш амалӣ менамуданд.

Пирамард ба касе имкон намедод, ки дар ин маврид фикри худро дурӯст ҳисобад. Муаллими Салом бошад, фикри худро дошт. «Агар ба ин азму иродае, ки дорад, дониш медошту камтар вақти худро ба он сарф мекард, гап-гапи ӯ буд, дар ин бару гузар. Афсӯс ки Худованд ин ҷиҳати масъаларо ба ӯ камтар додааст». Ӯ дар ин хусус бисёр мегуфт. Ва худро дар ин масъала гунаҳгор ҳам меҳисобид, ки сари вақт ин ҷиҳати корро ба ӯ нафаҳмонд, балки талқин карда натавонист, ки дар ин ҷода кӯшише ба харҷ диҳад, муваффақ хоҳад шуд.

Замоне ки хурд буд ба деҳаи Себзор аз марказ марди миёнасоле ба ҳайси муаллим ташриф овард. Танҳо буд, ҳамдеҳагон аз ӯ хоҳиш карданд зану кӯдаконашро низ биёранд. Ҳашар карда барои зиндагии доимияш хона бунёд мекунанд. Аммо ӯ ҳамаи инро ба оянда мавқуф мегузошт. Камгап буду одамгурез. Дар кори худ сахтгир. Байни мардум овозае буд, ки муаллими Мирзо алломаи замон аст. Аммо аз тарс даҳон намекушояд. Ва пинҳонӣ шеър ҳам менависад. Шеърҳояшро дар ҳуҷраи хобаш бо овои баланд қироат менамояд. Аммо пеши мардум намехонад. Пирамард он вақт кӯдаке беш набуд, ин рӯйдодро хуб дар хотир дошт. Ва аз он айём, то ин замон даъвои маърифатомӯзӣ намекард. Тарс дошт, ки дониш душмани ҷонаш мешавад. Чуноне муаллими Мирзоро баъд аз як соли фаъолият дар Себзор як рӯзи муқаррарӣ аз ҳуҷраи таълим, дар ҳузӯри шогирдон даст баста, абадан аз деҳа бурданд. Қоғазу қаламашро низ дар халтае гирифтанд. Аҳли деҳа дар ду тарафи роҳе, ки ӯро мебурданд бо тааҷҷуб нигарон буданд. Касе лом намегуфт. Тарс фаро гирифта буд хурду калонро. Ҳама ба рӯи якдигар маънодорона менигаристанд: Чӣ гап аст? Чӣ ҷурм аз ӯ гузашт? Саволҳо дар қалб наомада маҳв мегаштанд. Ҳама шунидан дошт, вале ҷуръат намерасид. Замона корашро карда буд. Ба гузашти солҳо Файзи урус ин воқеаро, ки худ шоҳид буд, ҳини мастияш чунин шарҳ дод: «Муаллими Мирзоро дар вақташ ба маврид бардоштанд. Вагарна дар ин ҷанги шаҳрвандӣ Себзор хокбез мешуд. Насли аз ӯ баромада ҳаргиз ором намеистод. Корашро мекард. Мирзо худ аз таъқиби НКВД гурехта ба Себзор паноҳ бурда буд, дар ҷилди муаллим. Аз чашми давлат пинҳон шуда натавонист. Ҳазор худро мусича вонамуд кард, фоидааш накард. Дар ширдони қади

дара пушт ба пушт бо як душмани дигар бо як тир сарозер шуданд». Файзи урус сирри таърихи ҳафтодсоларо фошу шубҳаро нисбати худ афзунтар кард. Акнун хурду калон ӯро ҷосуси Хами сафедориён ном мебурданд. Талаби духтари ӯ кардани қумондони онҳоро низ фармоишӣ, балки мувофиқи маслиҳат арзёбӣ карданд.

Аз ҳама зиёд пирамард андешаманд буд. Ба худ савол медоду ҷавобе намеёфт. «Аз куҷо ин сир ба ӯ ошкор шуда бошад? Тӯли ҳафтод сол касе чизе намедонист. Муаммо буд он рӯйдод. Ӯро шароб, таъсири он водор кард, ки гиреҳи риштаҳои қалбашро нарм намуда, кушояд. Ба ҳар ҳол хомӯшии мо бамаврид будааст. Вагарна хабарамон аз Сибир меомад. Шукри худо ки замона дигар шуд. Истиқлолият ба даст омад. Тақдири миллатро бо дастони худ месозем, барои худ кишт мекунем…»

Пирамард муаллими Мирзоро ҳаргиз душмани миллат намеҳисобид, чуноне ки Файзи урус мегуфт:

Замона каҷравишонро ба бар кашад Бедил,<br>Касе ки рост бувад хори чашми афлок аст.

Пирамард оҳ кашид ва он рӯзгорро бори дигар ба ёд овард, касе он замон ин қазияро дурӯст шарҳ дода наметавонист. Соҳибони хонае, ки муаллим дар он ҷо мезист, як шаби қиргун аз тарси ҷон дарёи Панҷро убур карда ба хоки Афғонистон паноҳ бурданд. Пирамард бо писари ин хонадон ҷӯрагӣ дошт. Ҳарду бозӣ мекарданд. Он субҳ аввалин шуда ба кулбаи онҳо баромад, ҳанӯз офтоб набаромада буд. Дару дарвозаҳо кушода буду ҳамаро гӯё тундбод рӯфта ба гӯшаи дури сайёра партофта бошад. Дар суфаи зери айвон нишаст, қалбаш ҷазаст кард чун қатраи обе, ки рӯи бухории тафсон мечакад. Беихтиёр оби дидааш рӯи гунаҳояш шорид. Ва ба ҳавлияшон баргашт, ба модараш ҳодисаро гуфт. Модараш ба даҳшат афтод, ба чорсӯи ҳавлӣ бо ҳарос нигарист.

– Рафтанатро кӣ дид?

– Ҳеҷ кас…

– Кори хуб накардӣ.

– Барои чӣ?

– Ҳоло тӯро ҳам ба бозпурсӣ мехонанд.

– Барои кадом гуноҳ?

– Бо душманон алоқа доштӣ…

Сухани модараш рост баромад. Ӯро рӯзи дигар дар утоқи ко-

рии мудири дабистони деҳ истинтоқ карданд. Мард либоси ҳарбӣ дошт. Ба ӯ савол дода, ҷавобҳояшро дар қоғаз менавишт.

– Бо Наим ҷӯра будӣ?

– Бале,…

– Дар хусуси давлати Шӯравӣ чӣ мегуфт?

– Дар хотир надорам…

– Дурӯғ нагӯй!

– Дурӯғ намегӯям.

– Ӯ ҳамроҳи волидонаш гурехт. Агар назари нек медошт, ҳаргиз аз паси онҳо намерафт.

– Ӯро маҷбур бурданд.

– Баракс,… Ӯ ҳам Ҳукумати шӯроиро бад медидааст.

– Кӣ гуфт?

– Гумон мекунӣ танҳо ту аз ин чиз хабар дорӣ. Бисёриҳо чигунагии ақидаи ӯро медонанд.

– Ӯ ҷӯраи ман буд.

– Тӯро таклифи гурехтан накард?

– Не…

– Дурӯғ!..

– Агар таклиф ҳам мекард ман намерафтам.

– Ҷӯраат буд ку?

– Касе ки набошад…

– Пагоҳӣ вақте ба ҳавлияшон рафтӣ, ягон кас тӯро дид?

– Не…

– Чаро оби дида рехтӣ?

– Охир ҷӯраам буд.

– Барои душмани халқ гиристӣ?

– Ӯ кӯдак аст.

– «Душманат гар пашша бошад, камтар аз филаш мадон!»! Ту боз ӯро бегуноҳ мешуморӣ? Ба андешаи ту ӯ ба ҷомеа зарар расонда наметавонад? Чӣ хомӯш мондӣ?

– Ҷӯра будам, ҳеҷ гоҳ амали нодурӯсташро мушоҳида накардаам. Гумон доштам, ҳама кирди ӯ дар ҷаҳорчӯбаи қонун аст.

– Акнун дарк кардӣ бо чӣ хел одам ҷӯра будӣ? Чӣ гап намезанӣ? Гумон мекунӣ ин чиз ҷурматро кам мекунад? Ва ё фикр мекунӣ дигар касе ба ту кордор намешавад? Акнун номат дар дафтар сиёҳ, дар сафи одамони шубҳанок барои ҷамъият хавфнок сабт мешавад. Ҳар қадамат таҳти назорат қарор мегирад. Фаҳмидӣ?

Шерзод ба нишони тасдиқ сар ҷунбонд.

– Минбаъд ҳар рӯз, аз воқеаҳои дар мактаб, деҳа рӯй диҳанда хабар мерасонӣ.

– Ба кӣ?

– Ба ман.

– Барои чӣ?

– Танҳо бо ин роҳ шакку шубҳа аз дӯшат дур андохта мешавад. Дар акси ҳол, аҳволат хуб намешавад. Андешаи амиқ бикун!

Муфаттиш хайру хуш карда рафт. Ӯро дар мактаб муаллимон, дар хона бибияш пурсу пос карда, аз ин қазия ёдовар шуданд.

– Танҳо аз корам пурсид.

– Гурезагонро пурсон нашуд?

– Не…

– Дурӯғ, – шӯрид мудири мактаб, – ту мактаби моро бадном кардӣ. Акнун ҳар қадаматро назорат мекунанд. Гӯё дигар коре надошта бошанд.

– Ман чӣ бадӣ карда бошам?

– Аз худат пурс!

– Ҳайронам…

– Пеши касе даҳон накушо. Фохта аз даҳони худ шатта мехӯрад.

Шерзодро ҳар моҳ ба утоқи кории мудир даъват карда, истинтоқ мекарданд, парвандаи ӯ рӯз то рӯз бузӯрг мешуд, саҳифаҳояш меафзуд. То рӯзи истиқлол, то нооромиҳо, ки дар мамлакат ба вуқӯъ омад, ӯро фаромӯш накарданд. Акнун аз ин ташвиш озод шудааст. Вале гоҳ-гоҳ Файзи урус баъд аз нӯшида маст шуданаш, ба ӯ суханони талх мегуфт.

– «Ти враг… Старий враг». Фаромӯш накун!

Пирамард метавонист бо ду-се калламушт бадмастро ба замин парчам созад. Вале боз таҳаммул мекард.

Вақтҳои оҳир аз муаллими Мирзо бисёр сухан мегуфт. Ин марди донишманд, ки ҳамагӣ як сол дар деҳа чун ахтари дурахшон меҳмон буд, беному нишон шуд. Аскарони сурх дастонашро ба пас баста бурданду дигар фикри гардонда овардан накарданд. Пирамард пораҳои шеърирo, ки бо фармони ӯ азёд карда буд, имрӯз ҳам дар ёд дорад. «Ҳарчи қадар ки метавонед, шеър аз ёд кунед, хотираатон мӯстаҳкам мешавад. Ҳоло забонатон

чун химчаи тар аст, солатон рафтан гирифт он ба мисли кунда мешавад. Дигар дар баёни сухан намепечад. Фурсатро аз даст надиҳед». Муаллим баҳри маърифатнок шудани шогирдон саъй мекард. Онҳо низ ӯстодашонро дӯст медоштанд. Баъди ӯ муаллимони дигар омаданд, вале ба андозаи ӯ суханонашон дилчасп набуд. Пирамард муаллимони имрӯзаро ба ӯ муқоиса мекарду ба худ хулоса менамуд, ки ба ҷуз Салом касе аз онҳо фаросати муаллими Мирзоро надоранд. Барои ӯ тарзи пӯшокпӯшӣ, қадам задан, бо ҳавсала риш тарошидану бо тамкин ба китоб назар дӯхтан ва рӯи қоғаз қайд гузоштанҳояш ибратбахш буд. Солҳое, ки муҳассили мактаб буд, орзу дошт мисли ӯ бошад. Ва чунин рафтор кунад, ки ӯ мекард. Аммо солҳо мегузашту феълу хӯи нахӯстин ӯстодаш дар амали ӯ зоҳир намегашт. Ҷисми ӯро дар дигар қолаб рехта буданд. Тарбияаш дигар буд. Дар хусуси ӯ ба Салом ҳикоятҳои аз будаш зиёд мекард, то ки зarrae ҳам бошад, ба ӯ таъсир расонад. Салом ӯро дар хотир надошт. Зеро насли ӯ баъдтар мактабрав шуда буд.

Ба қавли мӯйсафедон аз Шерзод калонтар ба деҳаи онҳо дар даврони Ҳокимияти подшоҳӣ чанд одами ношинос, ки мӯи сари дарозу ришу мӯйлаб дошта буданду бо забони дигар гуфтугӯ мекардаанд ташриф овардаанд. Онҳо корҳои барои мардуми деҳ булаҷаб кардаанд. Ба хусус сатҳи деҳаро чен карда, баландии теппачаҳо, шумораи аҳолӣ, манзили одамон, ҳатто кадом навъи гову гӯсфандонашонро шумурда дар дафтарҳояшон қайд намудаанд. Боз ба ҷавонони деҳ шартнома баста дар қади дара чоҳе кофтаанд, ки ҳайрати аҳли деҳ то имрӯз басанда нашудаанд. Зеро онҳо на аз барои об баровардан ин корро карда будаанд. Балки мақсади онҳо қабати хокро санҷидан будааст.

– Хоки ин ҷо ба онҳо чӣ даркор бошад?

– Шояд тило ҷӯстаанд?

– Не, корашон ба ақл рост намеояд.

– Гову мол ба онҳо чӣ даркор будааст?

– Ин ҳам муаммост.

– Як нафари ришдарозаш дар лавҳ тарҳи чеҳраи мӯйсафедонро кашидаанд…

– Аз ин чӣ манфиат дида бошанд?

– Ҳамин чизро барои худ кор шумурдаанд?

– Баъд аз ду-се сол ба Бухоро лашкар кашида, онро тобеи худ намудаанд.

– Ҳаминҳо?

– Ана ҳаминҳо, бо ҳамин ақлу фаросат.

Пирамард ин гуфтугӯҳоро аз забони пирони деҳ на як бору ду бор шунида буд. Ин лаҳза низ аз он ёдовар шуда, ба худ меандешид. «Агар шерони баҳуши Себзор мебуданд, ҳаргиз, касе ёрои ҳисобу китоби замини деҳро намекард. Бо айби чанд беномус, деҳаро тарк карданд шерон ва тоҷи миллатро бурданд, ба макони худ». Фаридун бобояшро андешаманд дарёфт.

– Бобоҷон, геологҳо дар ин ҷо чӣ меҷӯянд?

– Ангишт, нафт, оҳан боз бисёр чизҳои дигар, ки одамизод барои эҳтиёҷоти худ харҷ мекунанд. Инсон аз хоки гуру лаҳад сер намешудааст. Дар ин мамлакат ҳамин ҷо монда буд, дур аз чашми носерами онҳо, оқибат ин ҷоро ҳам ёфтанд. Агар ин ҷоро ҳам вайрон кунанд куҷо меравем? – оҳ кашид пирамард. Агар хоби ман рост бошад, ин ҷо як рӯз намеистам. Дилам мондааст. Ҳеҷ намехоҳам рӯям ба рӯи онҳо занад. Пирамард аз ҷой хест, харашро полон зад. Фаридунро болои он шинонд.

Ин воқеа як сол пеш ба вуқӯъ омада буд. Фаридунро худи падараш овард. Як ҳафта ҳамагӣ истод. Пирамард бошавқ ин амалро иҷро мекард.

– Куҷо меравед? – суол кард кампир.

– Ҷангалак…

– Кадуи обро намегирӣ?

– Биёр…

Моҳсурат кадуи чӯбинро, ки дар мелок овезон буд, гирифта аз об пур кард. Сипас ба дасти Фаридун дод.

– Ҳай кун! – амр дод пирамард ба Фаридун ва худ дастҳо паси пушт ба роҳ даромад.

– Куҷо равонед? – суол кард Саттор, ки рӯи кундаи паси хона нишаста буд.

– Ҷангалак…

– Яроқ нагирифтед?

– Шикор намеравам.

– Ҷангалак ҷое нест, ки беяроқ равед. Ягон гуроз боз ҳуҷум накунад.

– Рост гуфтӣ? Камонатро амонат бидеҳ.

– Чанд тир диҳам?

– Се-чорто бас…

Саттор ба хона даромада, дар даст яроқи думила баргашт. Ва

ба пирамард, ки дар сари роҳ нишаста буд, дароз кард.

– Ташаккур!

– Хирсеро диданд, ки чанд хукро пора кардааст.

– Кӣ дидааст?

– Қодир…

– Напарондааст?

– Бо хирсбачаҳояш будааст.

– Ҳеҷ гап не, Худо хоҳад, то бегоҳ бармегардем.

– Аз ҳамин туғи мазор як химча ба ман биёред.

– Хуб!

Набераву бобо, яке саворaву дигарӣ пиёда, деҳаро паси сар карда қад-қади дара, ки сатҳи онро регу сангрезаҳо пӯшонида буд, ҷониби Ҷангалак, ин кӯҳпораи сердолу дарахт раҳсипор шуданд.

– Замоне то Себзорро иқоматгоҳ ихтиёр кардани бобоёни бошандагони имрӯзааш, дар Ҷангалак мезистаанд. Ҷангалак аз ин кӯҳпораи хурд иборат набуд. Дарахтони ин ҷо ба атрофу акноф доман паҳн карда, одамону ҳайвонот якҷоя мезистаанд.

– Дар як хона?

– Дар ғорҳои он ҷо, ман ба ту ингуна ғорҳоро нишон медиҳам. Одамон гурӯҳ-гурӯҳ дар ин гуна ғорҳо паноҳ бурда, якҷоя шикор мекардаанд ва якҷоя онро мехӯрдаанд.

– Калон доштаанд?

– Бе ин намешавад, албатта, балки аз рӯи нерӯи ҷисмонӣ интихоб мекардаанд. Чуноне шоҳи ҳайвонот шерро аз рӯи қудрат мешиносанд. Ва ягон ҳайвони дигар бо шер баробар шуда наметавонад.

– Бобо, шерро худи ҳайвонот шоҳи хеш хондаанд ё одамон?

– Ҳайвонот қобили дарки ин чизро надорад. Шоҳи ҳайвонот ном гирифтани шер, маҳсули мушоҳидаву таҷрибаи одамон аст. Вақте ки дар Ҷангалак, ки замоне онро Ҷангали Кабир ном мебурдаанду одамону ҳайвонот якҷо мезистаанд, байни шеру паланг, шеру гург, хуллас, тамоми ҳайвонот ҷанги якка ба яккаро одамон ташкил медиҳанд. Шер ғолиб меояд. Ва барои ин ғалаба, ба ин ҳайвони нерӯманду босалобат, ки нисбати дигар ҳамҷинсон як навъ таҳаммулу сабр дорад, ин унвонро мениҳанд.

– Бобоҷон, чаро ҳайвонот аз одамон ҷудо шудаанд?

– Миёни ҳайвонот танҳо як қонун вуҷуд дорад пурзӯр камзӯрро пора карда хӯрдан. Одам ин хел нест. Одамизод

қонунҳои ҷангалро мансух донист. Зеро барои инсон шудан, вайро лозим омад қонунҳои дигарро бунёд гузорад, ки ба зиндагии орому озод мусоид бошад. Ва мо аз олами гургу меш ҷудо шудем. Ҳама як субҳи мусафо баробари баромадани шеди мунир, аз паси шерони Худо ба ин деҳа рахт бастем. Дар ин чор хома, ки дар чор сӯи деҳа чун посбон қарор дорад, чор шер камин гирифт. Олами моро аз олами ҷангал ҷудо кард. Ва деҳаи моро Шердор ном ниҳоданд. Ба сарвари деҳа, ки бобокалони бузӯрги мо буд тоҷеро эҳдо намуданд, ки сохта шуда буд аз зари холис.

– Бобо, исми бобои бузӯргамон чӣ буд?

– Тоҷдор…

– Тоҷ ҳоло куҷост?

– Тоҷро шерон ҳифз мекарданд, то ки ба дасти аҷнабиён наафтад. Чун аз миён асрҳо гузашт, бо хиёнати чанд даюс ба деҳаи мо аҷнабиён сар даровարданд, ки сипоҳи онҳо иборат буд аз хирсони тавқӣ…

Бобову набера дар назди бораи бузӯрге қарор гирифтанд, ки онро парандагон чун ғалбер сӯрох карда, лона бунёд карда буданд, барои хеш. Регу сангпораҳои сатҳи дара, ки қад-қади он гом ниҳода то ба ин мавзеъ расиданд, нам дошт ва ҷомаи сабзи ғук дар ҳар ҷо ҳар ҷо доман паҳн карда буд.

– Дар он ҷо, – суфаеро нишон дод пирамард, – баробари гарм шудани ҳаво шери бузӯрг, ки тоҷро ӯ нигоҳ медошт, дар сояи ин бора дам мегирифт. Рӯзе ки ӯ ғанаб рафта буд, хирсе аз он баландӣ, аз сари бора санги бузӯргеро ба сари шер ҳаво медиҳад. Санг дар тахтапушти шер зада, миёнашро мешиканад. Наъраи ҷонсӯзи шер аҳли деҳаро ба изтироб меорад. Ҳама сағиру кабир ба по хеста, аз бобоямон имдод металабанд, ки чора ҷӯяд. Ҳофизи ин деҳу одамонаш шерро аз ин офат раҳо созад, то ки тоҷи миллат аз даст наравад. Бобоямон ба самти наърai шер гом мениҳад, бо шитоб. Чун аз асли воқеа огоҳ шуд, дастори сарашро кушода миёни шерро баст ва муддати чил рӯз дасторро кушода малҳам мемолид, ба шер мӯмиё медод ва дубора мебаст. Давоми чил шабона рӯз ин кор идома ёфт. Шер ба по шуд. Ва чил рӯз аз сари ин бора ба зер барои бобокалонамон як пӯсти хирсро ҳаво медод, ки даббоғӣ карда, ба ҷавонмарде эҳдо намояд, ки ҳамчунин бо кори накӯяш барои аҳли деҳ саҳм гирифта бошад.

– Бобо, шер баъд аз чил рӯз куҷо шуд?

– Деҳаро тарк карду рафт. Ва тоҷро бо худ бурд.

– Куҷо?

– Ба он сӯи Ҷангалак, ба фарози қуллаҳои барфшуха…

Сӯҳбати онҳо дар назди чанори ҳазору чорсадсола, ки даруни он ковок шуда буд, қатъ гардид. Ҳарду ба андеша фурӯ рафтанд. Пирамард кадуро хост, ки дар ишками дурушташ об қул-қул мекард. Пӯки даҳони кадуро, ки бо риштае баста буданд, кушода об нӯшид. Ва ба набера дароз кард.

– Бинӯш!..

– Species Бобоҷон, – кадуро аз дасти ӯ гирифта муддате ба рӯяш нигарист.

– Чӣ?

– Ҷангалак замоне паҳновар буд?

– Бале,, бениҳоят, агар субҳ аз як гӯшааш медаромадӣ, баъд аз як ҳафта аз гӯшаи дигараш мебаромадӣ. Акнун ин бешаи бузӯргро ба як кӯҳпораи Ҷангалак бадал кардаанд. Ба ҳамааш одамон гунаҳгоранд, онҳо мӯҷиби ба биёбон табдил ёфтани замин шудаанд. Нафси саркаши онҳо рӯду дарёҳоро хушк кардааст. Боғҳоро хароб, ҷангалистонҳоро ба нобудӣ расониданд. Аз он ҷумла, Ҷангали Кабирро, ки аз он фақат дарахтзоре боқӣ мондааст дар ин кӯҳпора. Имрӯз Ҷангалак сафинаеро мемонад амсоли киштии Нӯҳ, ки намунаи ҳама ҷонваронро ҷуфт-ҷуфт дар хеш ғунҷондааст, ин мамнӯъгоҳаст бо ин кӯчакӣ. Агар рафту геологҳо ба Себзор сар дароранд, ман ба Ҷангалак мекӯчам.

– Танҳо?

– Не, ҳамроҳи бибият.

– Хонаву дарро ба кӣ мемонед?

– Аз дусар онро вайрон мекунанд. Биноҳои бисёрошёна месозанд. Дилу ҷигари ман, кошонаи маро месӯзанд. Дили ман дар фазои он намеғунҷадд.

– Дигарон чӣ мегӯянд?

– Касеро ҳидоят намекунам, ки пайрави ман бошад.

– Бобоҷон, ин чанори ҳазору чорсадсола, вақти муҳоҷирати одамон чандсола буд?

– Ниҳолаке буд, ки онро бобокалони мо – тоҷдор аз ҷангал дар ин мавзеъ шинонд. Ва ин кӯза, ки дар решаи он насб шудааст, ҳама вақт аз об лабрез карда мешавад, инро ҳар як сокини Себзор ба ҷо меорад чун ба Ҷангалак қадам ранҷа фармуд. Аз

чашмаи Баҳорак, ки аз ин мавзеъ сесад қадам канор воқеъ шудааст. – Пирамард, кӯзаро ба даст гирифт, чуноне ин чиз барои Себзориён расм шуда буд, ҷониби чашмаи Баҳорак гом партофт.

– Бобоҷон, кӯзаро ба ман диҳед, ман меорам.

– Не, ҷони бобо, ту аз барои худ биёр, ман аз барои худ.

Фаридун низ ба хотири риояи суннат, исрор накард. Балки имкон дод, пирамарди мутаассиб дар ин ҷода, муваффақ бошад. Изтироби бобо барои ӯ низ гарон буд. Омад-омади геологҳо айшашро талх мекард. Дар ин бевақтӣ ба ин ҷода гом ниҳоданашон низ беҳикмат набуд. Фаридун инро дарк мекард. Пирамард кӯзаро, чуноне ки дар даврони ҷавонияш мекард, аз об лабо-лаб пур намуда тӯли раҳ мувофиқи меъёр се маротиба дам гирифт, сипас дар охурчаи азалияш гузошт, ки аз зери кӯза, аз сурохии танг қатра-қатра чакида решаи чанорро нам мекард. Оби кӯзаро Фаридун ба охурча рехта, кӯзаи холиро барои обгирӣ ҷониби анҳори Баҳорак бурд ва чуноне расм буд, мувофиқи дастӯри бобо амал кард.

– Офарин! Акнун, боло меравем.

– Қуллаи барфшуха?

– Фурсати он ҷо рафтан нест, зиёда аз ин нерӯям ба ин намерасад.

Ҳанӯз барои Фаридун мақсади ба Ҷангалак омадани бобояш аниқ маълум набуд, балки гумон дошт пирамард азми хуморшиканӣ дорад, чун айёми ҷавонӣ пеши рӯяш ба ҷилва омадааст. Аз паси ӯ равон шуд, пои пиёда, акнун харро ба хизмати бобо гузошт. Дарахтони зич рӯидаро тори анкабут чунон печонида буд, ки ҳини роҳ рафтан дар сару рӯй часпида, ғаши касро меовард.

Ак-аки саг пирамардро хавотир кард, дар асл саг дар Ҷангалак вуҷуд надошт. Сагони Ҷангалак ҳанӯз ҳазору ҷаҳорсад сол пеш аз паси соҳибонашон, ки инсонро яке аз аввалинҳо шуда чун хоҷа пазируфта буданд, ба Себзор фаромада буд. Инак, ғайричашмдошт садои саге ба гӯши пирамард расид, ки ба он ошно буд. «Хайбар» – аз дилаш гузашт, вале хулосаашро ба забон наовард, ки боз пеши набера дурӯғгӯ нашавад. Ба рӯи Фаридун нигарист, ки ӯ низ тааҷҷубзада, ҳанӯз фикри худро муайян накарда буд. Саг боз ва боз ба ак-ак даромад, балки уллоси маъюсона баровард, ки чунин оҳанг доштани он аз эҳсоси нотавонӣ сарчашма мегирифт. Пирамардро овои саг водор на-

муд, ки аз маркаб поён шавад. Ярокро ба даст гирифта, тирҳоро аз рӯи эҳтиёт даст-даст кард. Ва ба набера ишора намуд.

– Ҷилави харро бигир, боз нагурезад! – Ва худ ҷониби овоз ба шитоб равон шуд. Тори тортанак, шохаҳои аз бехи дарахтон бетартиб рӯида сади роҳаш шуда, ғашашро меоварданд. Пирамард шохаҳоро бо дасташ яктараф тела дода, торҳои анкабудро вайрон мекард. Ҳамин тариқ чанд қадами дигар монда буд, ки дар майдони начандон калони бе долу дарахт Хайбарро вархӯрд, саги сафеди гӯшу думбуридаи чӯпонӣ дар масофаи се-чор қадам рӯ ба рӯи хирсе меистод, ки бо ду пой рост буд. Хайбар баробари дидани хоҷааш шердил шуд. Ва ба ҷониби хирс ба ак-ак даромад. Хирс ҳам аввал нияти муқобилият кард, чун марди ярокдорро дар ҳимояти саг дид, ночор роҳи гурезро пеш гирифт.

– Ту чӣ хел ин ҷо пайдо шудӣ? – дар овои пирамард бо вуҷуди ранҷиш ҳамчунин оҳанги навозиш эҳсос гардид, ки саги ғурурманду ботамкин чун сагбачаҳои пурнозу хурдҷусса, ки ба ҷуз эркагӣ дигар коре аз дасташон намеомад, мингосзанон худро ба пои пирамард молид, – Чаро худро боре ба ман нишон надодӣ? О балое… Дарк кардӣ ки агар башараатро медидам, ҳаргиз намегузоштам, ки аз пасам оӣ. Хайр, ҳеҷ гап не. Гунаҳатро шӯстӣ. Хавфро бартараф кардӣ.

Фаридун савори хар паҳлӯи пирамард қарор гирифт. Ӯ низ аз ташрифи ногаҳонии Хайбар ҳайрон шуда буд. Ва гоҳ ба рӯи пирамард ва

гоҳи дигар башараи Хайбарро аз назар гузаронид. Пирамард ба Фаридун ишора кард, ки аз пасаш биояд, Хайбар низ акнун ҳамроҳашон буд. Ӯ аз назди онҳо давида, миёни буттазорон гум мешуд ва боз дандонҳои ашкашро намоиш дода, забони сурхашро аз миёни он баровarда, аз сари роҳи бобову набера мебаромад. Ба хар ин кори ӯ намефорид, саҳл мемонд, савораи ноболиғашро сарозер партофта, дингила зада қафо гашта ҳангасзанон думро хода созад, вале дар ниҳояти кор башараи шиноси Хайбар монеи ин амали дур аз андешааш мешуд. Думи хода шудааш нарм гашта, поён меафтод ва гӯшҳои лаққааш, ки ин дам дар сари бемағзаш гаронӣ мекард ба ҷунбиш меомаданд. Пирамард низ аз ин кирди вафодор хурсанд набуд, вале намедонист ба ӯ чигуна фаҳмонад, ин рафтораш хуб нест. Ва минбаъд онро такрор накунад. Вале аз як тараф дарк кард, саг барои ӯ дар ин сафар чун обу ҳаво зарур аст. Омадани Хайбарро фоли нек

арзёбӣ кард. Фаридун низ аз ҳузӯри саг шод шуда буд. Вале на пирамард ва на Фаридун ин ҷиҳати масъаларо ба забон намеоварданд. Роҳашон ҳамчунон идома дошт. Он аз паҳлӯи хомаҳои харсангӣ, ки болояш он буттаҳои бушол зич рӯида буд тӯл мекашид. Хар пайраҳаро бо осонӣ мегузашт, гӯё ин роҳи доимияш бошад. Ниҳоят пирамард таваққуф карда, назди дарахти латтабандии туғ нишаст, ки канори он сангтӯдае воқеъ шуда буд. Ва ба Фаридун низ ишора кард, ки аз хар фарояд. Пирамард оят хонда даст ба рӯй кашид, Фаридун низ амали ӯро пайравӣ намуд. Пирамард корди финиро аз ғилоф бароварда, химчаеро аз туғ бурида гирифт ва онро ба Фаридун дароз кард.

– Ба хӯрҷин гузор, ба Саттор ваъда карда будам.

– Химчаро чӣ мекунад?

– Тумор месозад.

– Барои чӣ?

– Туғи мазори шайхи шаҳид аст, шайх дар асри XX – дар Себзор мезистааст. Рӯзе барои ҳезум омада, дар ин мавзеъ, ки мазораш аст, яроқи дар дарзаи ҳезум овезонаш худ ба худ мепаронад ва ӯ ин ҷо афтода шаҳид мешавад. Хар ҳезуму яроқро ба Себзор ба ҳавлияш мебарад. Мардум хари бесоҳиброро дида, дар ҷӯстуҷӯи шайх мешаванд. Ва дар ҳамон ҷое, ки мазор аст, ҷисмашро захмхӯрда меёбанд, ки кайҳо мурдааст.

– Ӯ аз тири яроқи худ мурдааст?

– Бале,…

– Шояд ин кори дасти одамони дигар бошад?

– Ки медонад? Ҳама ба ин хулоса иктифо намуданд. Аввал дар мазори деҳа гурондандаш. Ва аҳли деҳаро қасам доданд, ки аз ташхисгарони қонун ниҳон доранд. То ки рӯҳи шайхи бузӯргро азият надиҳанд, зеро онҳо гӯрро канда, ҷисми тирхӯрдаро бароварда, чок карданӣ буданд. Ба ин ҳам қонеъ нашуда шабона, набераҳои шайх гӯрро канда, мурдаро ба ин ҷо оварда пинҳон мекунанд. Зеро дар деҳа будаанд ашхоси беимон, ки аз яксу қасам хӯрда, аз сӯи дигар онро мешикастаанд. Муфаттишони прокуратӯра ва ташхисгарони судиву тиббӣ як рӯзи дароз овора шуда, муродашон ҳосил намегардад. Касе қабрро ба онҳо нишон намедиҳад.

Ниҳоят як муфаттиши кордида, бо либоси авомона, вориди деҳа мешавад. Ва аз мӯйсафеде суол мекунад. «Бобоҷон, маризам, аз роҳи дур меоям. Ба ман гуфтанд, ки мазори шайхи Азиз

ба ту кӯмак мерасонад. Он куҷо бошад?». Пирамарди сода, гумон мекунад, суханони «мусофир» дурӯст аст. Ва ба ӯ гӯри шайхро нишон медиҳад. Муфаттиш гӯрро нишона монда, ба коргоҳаш мешитобад. Ва лоф мезанад, ки гӯрро пайдо кард. Рӯзи дигар ҳамроҳи муфаттишону ташхисгарони судиву тиббӣ, намояндагони шӯрои деҳа, пирони деҳа, гӯри шайхро канда, дар он ҷо ҷасадро намеёбанд. Ва худи ҳамон бегоҳ коммунистони сурх муфаттишону ташхисгарони судиву тиббӣ пинҳонӣ пеши донандагони каломи шариф мераванд, ки ба онҳо заруриёти намозро ёд бидиҳанд. Зеро дар қабр пайдо накардани ҷасади шайхро ба соҳиб каромат будани ӯ нисбат медиҳанд. Ва эҳсос мекунанд, ки атеизме, ки ба онҳо таълим додаанд, кори дасти чортан содаву гумроҳ аст.

– Кай фаҳмиданд, ки шайхро ин ҷо пинҳонӣ гӯрондаанд?

– Кореро, ки шахси сеюм донист, ба ҳама овоза мешавад. Тамоми деҳа аз ин қазия баъдтар огоҳ шуданд.

– Муфаттишон чӣ?

– Онҳо низ хабардор мешаванд ва боз ба шароб рӯ меоранду тарки рӯзаву намоз мекунанд.

– Аҷаб коре нашудааст…

Пирамард хаста шуд. Дар сари баландие дам гирифт. Дар поён дарае воқеъ афтода буд, жарфу махуф. Ба он сӯ нигаристу ба Фаридун гуфт:

– Ҳо, ана он сиёҳиро мебинӣ? – бо ангушташ сояи ғафсеро, ки дар қади дара, зери бораи баланд доман паҳн карда буд, ишора намуд.

– Дидам…

– Дар он ҷо даромадгоҳи ғоре воқеъ афтодааст, ки ду-се ҳазор сол пеш одамон, гузаштагони мо Себзориҳо мезистаанд…

– Ба он ҷо чӣ гуна рафтан мумкин бошад?

– Мушкилие надорад. Дар он ҷо солҳои 1924 – 1934, вақте ки аҷнабиён бо ёрии шогирдони таҳҷоӣ Ҳокимияти Шӯравӣ бунёд мегузоштанд, босмачиён паноҳ бурда буданд. Ва аз ин ҷо тамоми нерӯҳои дар ин бару гузар маҳфуз мондаашонро назорат мекарданд.

– Бобоҷон, босмачиён ҳоло ҳам ҳастанд?

– Не, фарзандонашон боқӣ мондаанд. Солҳои 1992 то 1997 дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ, шунидам, ки ноороmiҳоро ба сари онҳо бор мекарданд, Файзи урус мегуфт: «Ин хатои гузаштаго-

намон буд, ки ба босмачиён-душманони миллат, дар ҳамон солҳои тоза кардани ҷомеа, аз унсурони бегона, тараҳҳум карданд. Тараҳҳуми онҳо барои мамлакат гарон афтод. Акнун онҳо ҷилави давлатро ба даст гирифтан мехоҳанд. Ва ба сӯи торикӣ, ҷаҳолат мебаранд. Агар дар вақташ насли онҳоро нест мекарданд, ҳаргиз ин харачу марач пеш намеомад. Зеро фарзандони зинда мондаи онҳо имрӯз сар бароварданд».

– Чаро ба Файзи урус касе ҷавоби сазовор намедод?

– Ин фикри худи Файзи урус набуд. Ӯ қобилияти андеша кардан надорад, ба ӯ талқин мекунанд, чун лӯхтакҳои навбаромад, ки ба он даст расонӣ, падар ё модар мегӯянд. Мудом дар гӯши ӯ мехонанду ба ҳалқаш мерезанд.

– Чӣ мерезанд?

– Шароб. Аз фарзандони ӯ низ чун аскарони сурх гапгиру фармонбардор сохтаанд. Хушбахтона, ҷанги шаҳрвандӣ ба деҳаи мо таъсир накард. Ҳарчанд Файзи урус тайёр буд ҳамроҳи духтаронаш ба он ангеза бахшанд. Ба ин хотир аз Хами сафедорон тиру тӯб оварданд. Гумонбаршудагонро рӯихат карданд. Аммо тирашон хок хӯрд. Ба ин мутафиқии аҳли деҳ мусоидат кард. Бахусус Абдуқаҳҳори номус. Ӯ сина сипар кард. Нагузошт ба Себзориён тамғаи душманӣ зананд.

– Дар ғор ҳайвоноти ваҳшӣ зиндагӣ надоранд?

– Дар ҷое, ки инсон по гузорад, ҳайвонот, агарчи нерӯманду ваҳшианд, он ҷоро тарк менамоянд.

– Чаро бобо?

– Метарсанд, зеро чеҳраи инсон ҳарчанд ба назари одамон зебо менамояд, аммо ба чашми ҳайвонот даҳшатнок аст. Ҳайвон баробари дидани афти инсон роҳи гурезро пеш мегирад.

– Пас ғор алъон холӣ аст?

– Шояд холӣ ҳам набошад, яқин медонам бӯи одамизод онҳоро мегурезонад.

Пирамард аз ҷой хест. Фаридун низ бархост ва аз паси species бобояш, ки харро кашолакунон, аз пайраҳаи танг, ки ба нишебӣ ба дараи васеъ, ки айёми боришоти баҳорӣ сангу шағал ва шоху хаси нишебиҳоро дар ҳар ҷо-ҳар ҷо ғарам карда буд, мерафт, гом ниҳод.

– Ин роҳ низ таърихи ду-се ҳазорсола дорад. Хар пойҳояшро тир карда, вазнашро ба қафо андохта роҳ мерафт, пирамард бошад таноби онро мекашид, то роҳгардиашро тезонад, Фаридун

аз қафо ба пушти маркаб мезад. Ҳамин тариқ ба қади дара фаромаданд, ки роҳашон идома меёфт. Даромадгоҳи ғор аз сатҳи дара се-чор метр баландтар воқеъ афтода буд. Пирамард дар назди ғор таваққуф намуда, таноби харро ба кундаи дарахти санҷид, ки назди даромадгоҳи ғор рӯста буд, баст. Аз хӯрҷин чароғи дастиро, ки тавассути батарея фурӯзон мешуд, ба даст гирифт. Ва ба Фаридун, ки ба амалҳои ӯ оромона назора мекард, ишора намуд:

– Рафтем, – пирамард чароғро фурӯзон намуд, Фаридун аз паси ӯ равон шуд. Ғор дар шуои чароғи дастӣ, ба ҳамаи бузӯргияш намоён гардид.

Ғори сиёҳи сангин аз шарфаи пои онҳо садо баровард.

– Ин ҷо ду-се ҳазор сол пеш одамони қадим, бобоёни мо мезистаанд. Дар деворҳо нақши дасти онҳо мавҷуд аст, – нури чароғро ба он самт равона кард.

– Ин нақшҳоро ҳамон вақт тарошидаанд?

– Ба фикри ту чӣ?

– Гумон мекунам инро муосирони мо тарошидаанд.

– Не, ин таърихи ниҳоят қадима дорад. Таърихшиносони рус онро ба асри санг нисбат дода, яроқҳои нӯгтезро кашф намуданд, ки аз санг сохта будаанд.

– Ҳамон яроқҳо дар куҷоянд?

– Бурдаанд.

– Куҷо?

– Ба Маскаву Санкт Петербург, ба маъраз гузоштаанд.

Пирамард ғорро то охир қадам зада, болои сангҳои бузӯрг, ки дар охири он ғарам шуда буд, дарзаҳои аз шоху химча иборатро дида ба Фаридун нишон дод.

– Инро кадом савобҷӯе ин ҷо ниҳодааст.

– Бо кадом мақсад?

– Барои он ки мусофири шабмонда ва ё шикорчие, ки дар айёми сармо гузораш аз ин самт гузарад, дар ҷӯстуҷӯи меҳвӣ душворӣ накашад, – ҳатто учоқро низ барои эҳтиёт бунёд намудаанд.

– Ин ҷо паноҳгоҳ будааст?

– Ин ҷо дар вақташ босмачиён паноҳ бурда будаанд. Файзи урус овоза паҳн карда буд, ки гӯё падари Абдуқаҳҳори номус барои идома додани муборизаи ӯ барои насли оянда, набераву аберaҳояш яроқ захира кардааст. Як гурӯҳ пеш аз ҷанг ва гурӯҳи

муштарак баъди он, дар он шабу рӯзе, ки Комиссияи Оштии Миллӣ фаъолият дошт, як моҳи дароз дар партави чароғи барқ, ки тавассути дизел истеҳсол мешуд, ғорро бо дастгоҳҳои махсус кофтуков намуданд. Натиҷае ҳосил нашуд. На танҳо силоҳи калашников, балки камони бобогӣ, ки бо тири ҳаданг мепаронд, пайдо нагардид.

Пирамард рӯи санге, ки асрҳо вазифаи курсиро адо мекард, нишаст. Ва ба наберааш деворҳои харошхӯрдаро нишон дод.

– Ин навиштаҳоро босмачиён ҳаккокӣ кардаанд. Номи шаҳидони роҳи озодиро сабт намудаанд, ба умеде, ки замоне ба қадри он хоҳанд расид. Ҳарчанд тӯли ҳафтод сол ин ашхосро барои ҳифозати Ватан, барои он ки ҷони худро барои ҳимояи он нисор намуда буданд, душман номида, исмашонро бо кароҳат ба забон меоварданд. Фарзандонашонро таъқиб намуда, чун душмани халқу унсури бегона таҳқир мекарданд, ҳуқуқҳояшонро маҳдуд менамуданд. Имрӯз шукри истиқлол ҳама озоданд. Фарзандони бономуси миллат ҳуқуқҳои худро пайдо намуда, мисли дигарон аз ба забон овардани исми бобу ҷаддашон шарм намедоранд. Ба падарат гуфтам. Балки хоҳиш намудам, китоби хотираро аз рӯзгори он ҷавонмардони бонангу ор ба табъ расонанд. Агар ӯ чунин имкон надорад, аз дигар қаламкашон, ки мешиносад, хоҳиш кунад. Номи ватандӯстону ҷавонмардон набояд фаромӯш шавад. Ба шарафи онҳое, ки сохтори Шӯравиро бунёд гузошта буданд, деҳу мактаб, шаҳрҳо номгузорӣ шудааст. Ҳатто пайкараҳояшон барҷост. Аммо сохти Шӯравӣ имрӯз вуҷуд надорад. Он барҳам хӯрдааст. Онро ягон мулло, ягон босмачӣ, ягон душмани халқ, ки аз онҳо сари тарс доштанд, вайрон накардааст. Ҳокимияти Шӯравиро худи коммунистон, онҳое, ки мавҷудияти он зоти покро инкор мекарданд, вайрон карданд. Чунки аз бунёд ба роҳи хато рафта буданд. Ҳар касе роҳбар шуд, ба таври хеш сиёсати худро ҷорӣ намуд. Халқро ҷабран ба роҳи худ бурд. Фикр накард, ки ҷодаи ӯро садди бузӯрг дар пеш аст.

Пирамард тавре сухан мегуфт, ки наберааш Фаридун аз ғояти шавқ бо даҳони воз аз ӯ чашм намеканд.

– Агар шоир мебудам, барои ҳамаи онҳо мадҳия менавиштам. Аз одамони солхӯрдаву ҳамсолаш мепурсидам, ки хотираҳоро нақл кунанд.

Пирамард дар ин ғори аз назари одамон дур, бо шавқ сухан мекард. Аз чизеву касе тарс надошт. Ҳарчанд алъон даври тарсу

ҳарос гузашта бошад ҳам каму беш аз одамон ибо мекард. Файзи урус озодфикриву озодона сухан гуфтани одамонро дида, ба таври худ хулоса мекард:

– Давлати Советӣ лаҷомро сар додааст. Аз барои он ки душманон пиндоранд даври рақибон бебозгашт гузашт. Аз ғалабаи нахӯстин саргарм шуда, даҳонашон тафсида, сирри дилашонро мекушоянд. Бехабар аз он ки сухани гуфтаашон барояшон дарди сар меорад. Ҳокимияти Шӯравӣ як субҳ, ҳама он забондарозони бемағзро аз хоби гарон хезонда, ба саъмашон мерасонад: «Дунё бесоҳибу мулк бе дарвоза нест. Акнун ба суханони гуфтаатон ҷавоб диҳед!»

Суханони бадмаст пирамардро ҳушёр мекард, пИнак,аш мепарид. Ба худ мегуфт: «Суханони ӯ бе ҳикмат нест. Аҷаб не ба хотири шинохтани дӯст аз душман, чунин найрангро пеш гирифта бошанд?». Ва барои бастани забон зери забонаш мӯҳраи қаҳрабо гирифта, бо сари хам мегашт. Аз тарси он ки мабодо, ҳарфи беҷо аз даҳонаш барояд. Ва ҷосусон, чуноне байни авом мегӯянд, «чекистҳо» пай набаранд, ки ба давлату Ҳукумати Шӯравӣ назари нек надорад. Пирамард қадами мондаашро қаблан месанҷид. Ва акнун эҳтиёт ҳам мекард.

– Бобо, мо ин ҷо ба чӣ хотир омадаем?

– Ҳм… – ба андеша афтод пирамард. Ба фикри ту барои чӣ омадаем?

– Ҳамту тамошо…

– Тамошо ҳам сабаб дорад. Вагарна ранҷ кашида омадан, маъние надорад.

– Агар барои гуфтани ҳамин суханон ин ҷо омада бошем, онро дар ҳам он ҷо ҳам баён намудан мумкин буд.

– Ҳоло ҳам, давраи озодии баён пурра фаро нарасидааст. Чизе ки ман ин ҷо баён кардам, ҳаргиз дар ҷои дигар намегӯям. Зеро беҳуда нагуфтаанд: «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад». – Бале,, маҳз ҳикмати сухан моро водор мекунад, ҳарфамонро дониста, макону замони онро қаблан муайян созем. Вагарна қурбони дасиса гаштанамон аз эҳтимол дур нест.

– Removed

– Рости гап, бетаҳаммул ба ин мавзеъ омаданам ва тӯро ҳамроҳ гирифтанамро сабаб аз сарам соқит сохтани масъулиятест, ки онро хеле ва хеле пеш ба дӯш гирифта будам.

– Чӣ масъулият?

– Ман ворид шудани аҷнабиёнро дар хотир надоштам, ки ба он ҷо даромада озодона амал кунанд. Имрӯз нерӯи ман барои боздошти онҳо кифоят намекунад. Наметавонам бо ин нерӯ ба онҳо таарруз кунам. Мағлубият хоси ман нест. Ин чизро дидан барои ман баробар аст ба марг. Акнун мехоҳам то омадани онҳо деҳаро тарк кунам. Ягона мавзеи мувофиқ ва бехавф ин ҷост. Агар мурдаи маро ин ҷо дафн кунед, сари гӯрам ин сангро гузоред, ки бар дӯши он мардони бооруномус нишаста будаанд, кифоят. Дигар Себзор барои ман мавзеи оромиш нест.

– Бобоҷон аз геологҳо ҳанӯз хату хабар нест.

– Онҳо меоянд. Имрӯз не пагоҳ, яқин меоянд.

– Дар ин ҷо наметарсед?

– Аз чӣ?

– Аз танҳоӣ?

– Рӯҳи гузаштагон бо ман аст. Арвоҳи онҳо маро нигоҳбон мешавад.

– Чаро деҳаро аз вурӯди бегонагон ҳифз намекунанд?

– Арвоҳ ҳам аз Себзор рахт барбастаанд.

– Чаро бобо?

– Чунки Файзи урус барин одамон пайдо шудаанд, ки худро сутуни Себзор медонанд. Ва ба мардони бономус тӯҳмат зада, мувофиқ ба санаду меъёрҳои замон гунаҳгор месозанд. Ба андешаи онҳо, ҳақиқате ки мепиндоранд, барои рӯҳу арвоҳи гузаштагон мувофиқ аст. Ва онро мепазиранд.

– Осиёб чӣ мешавад? Онро ба кӣ мегузоред?

– Ҳаволааш ба Худо…

Пирамард ба андеша фурӯ рафт. Дар замираш оташи умед мил-милак зада, тадриҷан хомӯш мешуд. Дигар ӯро на деҳу одамонаш, на ҳавливу хонаву дар, на осиёб аз ин роҳ гардонда наметавонист. Кунун дар ин ғори торик дар партави нури чароғ гуфтора дошт. Фаридун бобои шикастадилу ноумедгаштаашро ба асли қадим, мисли пешин зиндадилу нерӯманд дидан мехост. Ва барои бозгашти ӯ ба он олам ҷаҳд дошт. Якбора ба ин мавзеъ, ба ин ғоре, ки чандин ҳазор сола пеш бобу ҷаддди ӯ ба сар бурда будаанд, омадани бобояшро ҳеҷ дарк карда наметавонист.

«Наход тасмими ӯ дар ин ҷода ба ин андоза ҷиддӣ бошад? Наход макони ободу озодаро ба ин хотир тарк намояд? Аз ин чӣ манфиат мебинад? Ободиро бобоям вайронӣ меҳисобад». Фаридун суханони бобои ишкамғафси шаҳрияшро ба ёд овард, ки оҳанги дурушт дошт:

– Бобои ту маънан соқ нест. Аз паси гову гӯсфанд гашта, якбора гов шудааст.

– Гов? – ҳайрон шуда буд Фаридун.

– Аз гов ҳам бадтар, хар…

– Барои чӣ?

– Нафаҳмидӣ?

– Не… Баъд мефаҳмӣ?

– Чиро мефаҳмад? – чашмтанг ҷӯраи бобояш суол карда буд.

– Аз тамаддун, аз пешравӣ метарсад. Мо дар асри бисту як зиндагӣ мекунем. На танҳо урфу одат балки тафаккури одамон дигар шудааст. Як рӯз ман ӯро ҳаммом бурдам. Пеш аз сури падару модари ин, – ба Фаридун ишора кард. – Хостам шаклу шамоилаш ба одам монанд шавад. Охир ман он вақт дар Вазорат кор мекардам, ду-се нафар маро мешинохт. Эҳтиром мекард. Гуфтанашон мумкин буд, ки Элҷон Бурҳонович бо кӣ қудо шудааст? Хуллас, бобои ваҳшии инро ҳаммом бурдам. Аблаҳ, одамони лучу урёнро дида, чашмонашро пӯшид.

– Инҳо шарм намедоранд?

– Инҳо ҳам мисли ту марданд, чӣ ҷои шарм аст? Эзората бикаш! Медонӣ чӣ гуфт?

– Ман имон дорам. Ман ҳам ба ӯ фаҳмондам:

– Охир мо дар асри бист зиндагӣ дорем.

– Дар асри бист бояд одам наҷосаташро хӯрад?

Ҷӯраи чашмтанги бобои шаҳрии Фаридун қоҳ-қоҳ зада хандид.

– Он қадар ки ту мегӯӣ аблаҳ ҳам набудааст.

– Аблаҳ не, гоҷ аст.

– Баъд чӣ кор кард?

– Шӯстушӯй кард, дар ташноби яккаса. Намуди одамӣ даровард. Дар маърака бошад, ҷелаку дасторашро пӯшида омад. Боз фаҳмондам. Якравӣ кард. Дидам, ки намешавад. Тарсондамаш, ҳар кӣ вориди тӯйхона шуд, ҳатман менӯшад.

– Об?

– Шароб…

– Номашро нагир, гуфту дар берун, дар ҳавлии тарабхона нишаст. Дилам ба ҳолаш сӯхт. Аз пешхизмат хоҳиш кардам, бараяш ягон хӯрданӣ барад. Хӯрок бурданд, танҳо ба нону чой даст расондааст. Ба гӯшт нигоҳ ҳам накардааст. Ба андешаи ӯ гӯшти тарабхонаро аз комбинат овардаанд, ки забҳи чорво дар он ҷо ба меъёрҳои шариат мувофиқа намекунад. Ва ҳаром аст.

– Қудои шумо, одами тақводор будааст.

– Аблаҳи гоч бигӯ?

– Не, тақводор, аҳкоми шариатро риоя мекардагӣ одам.

– Ман ба ин гуна одамон эҳтиром намегузорам. Як рӯз писарам Шамшод пеши кадом муллое нишаста, таҳти таъсири он мондааст. Мулло ӯро гипноз кардааст. Як субҳ бинам, ҷойнамоз партофта намоз мехонад. Хун дар сарам зад, ҷойнамозашро чор пора карда ба сараш задам. Ва суханони обдораш гуфтам. – Аблаҳ, ду рӯз пас ту ҳам ифротиву террорист мешавӣ. Падаратро берӯзаву бенамоз гуфта буғӣ мекунӣ. Аз дасти ин муллоҳо ҳама кор меояд. Ана яктоаш Бен Лодин, дидӣ, ки биноҳои бемисли Ню Йоркро дар Амрико чӣ кор кард? Ку аз ҳамон мулло хоҳиш бикун, ки ақаллан як аробача созад. Месозад? Аз куҷо? Ақлаш ба ҳамин чиз мерасад. Аллоҳу Акбар… Паҳ-паҳ, бедиёнат чӯста онро ваҳшиёна, бо усули асримиёнагӣ сар буридан.

Ҳатто одамкушиашонро таҷдид накардаанд. Давлатҳои дигар чӣ? Пеш рафтаанд. Хеле, садсолаҳо, шояд ҳазорсолаҳо пеш рафта бошанд.

Фаридун дар паҳлӯи бобояш дар ин ғори бузӯрг паҳлӯ ба паҳлӯ нишаста, суханони бобои шаҳрияшро ба ёд овард. Ва аз бобои Шерзодаш суол кард.

– Бобоҷон, одамони ибтидоӣ, ки ин ҷо мезистаанд, шакли маймунро доштанд?

– Не, инашро намедонам…

– Бобои Элҷонам мегӯяд маймун буданд.

Пирамард писханд зад. Хост бигӯяд. «Бобои Элҷонат худаш маймун аст». Вале боз ҳам андеша кард, пеши кӯдак бадгӯӣ кардан ба ахлоқи ӯ таъсири манфӣ мерасонад. Ва хомӯшона, сари набераро сила намуд.

– Дар ин зиндагӣ дидам, ки ягон маймун одам нашудааст, аммо одамро дидам, ки маймун шуд.

– Маймун шуд? – ба тааҷҷуб афтод набера.

– Бале,, Фаридун, бачам, шаклан не, рӯҳан маймун шуд. Бал-

ки бо хоҳиши худ. Дур намеравем Файзи урус. Борҳо нӯшида, дар кӯчаи Себзор, дар лою чал тар, шошидаву олуда, гирёну нолон, фарзандонашро дашномҳое медод, ки ягон мусулмон ин корро намекунад.

– Бобо Файзи урус мусулмон нест?

– Мусулмонзада аст, аз падару модари мусулмон ба дунё омадааст. Аммо оини исломро садҳо ва шояд ҳазорҳо маротиба шикаста бошад.

Ин лаҳза ак-аки Хайбар аз даромадгоҳи ғор баланд шуд.

– Хайбар чаро он ҷо истод?

– Харро посбонӣ кард, – гуфт бо тамасхур пирамард.

Ак-аки саг аз аввала ҳам баландтар шуд, балки он тадриҷан шиддат гирифт. Пирамард ҷониби даромадгоҳи ғор, ки акнун ба он самт ҳини гом ниҳодан равшанӣ дошт ва тадриҷан он вусъат пайдо мекард, равон шуд. Набераю бобо низ, аз паси ӯ ба фазои кушод, ба олами беканор баромад. Хайбар онҳоро аз ин макон берун овард. Дар даромадгоҳи ғор ду нафар яке зану дигаре мард, ки аврупоӣ буданд, бору бунашонро дар як гӯша ниҳода, бе ягон тарсу ҳарос Хайбар ва хари дар буттаи санҷид бастаро аккосӣ мекарданд.

Пирамард ин манзараро дида, табассум кард ва оҳиста-оҳиста ба онҳо наздик шуд, Хайбар чун вафодор вазифаи худро босубот иҷро карда сарбаландона, пеши хоҷааш мингоси нишотангезе баровард ва канор рафта бехи девор ҳалқа зад.

– Сайёҳед? – бо забони русӣ суол кард аз онҳо.

– Бале,… Аз Россия омадаем. Қуллаи Барфшуха баромадем. Ният дорем, баргардем.

– Он ҷо ба шерон вар нахӯрдед?

– Шер?

– Бале,..

Зан дастгоҳи аккосиашро варақ зада, аксеро аз он ба пирамард нишон дод.

– Ҳамин?

Пирамард бо тааҷҷуб ба акс нигарист.

– Шер… Худи худаш! Фаридун… – нидои нишотовар баровард.

– Лаббай! – пеши бобояш давида, ба намои дастгоҳи аккосӣ нигарист.

– Бин!

– Чист?

– Шер! Шере, ки замоне Себзор маконаш буд. Ва аз дасти чанд даюсу беномус, ки ватанро ба ҳоли худ гузошта дар мушхонаҳо паноҳ бурданд, ранҷида, рафтанд ба Ҷангалак, ниҳоят он ҷоро низ барои худ эб надиданд ва фарози қуллаи Барфшухаро маскан гузидаанд.

– Ба шумо таҳдид накард? – суол кард аз сайёҳ.

– Шер?

– Бале,…

– Аз куҷо? Шер яхбаста, ба пайкараи ноҷунбон табдил ёфтааст.

– Чӣ? Ҷисмаш мунҷамид аст?

– Бале,… Мо ҳам аввал тарсидем. Пиндоштем ба мо ҳуҷум мекунад. Як муддат беҳаракат мунтазири соати ҷазо нишастем. Хеле интизор шудем. Чун дидем, аз санг садо асту аз ин пайкари ноҷунбон не, ба сӯяш қадам мондем ва боварӣ ҳосил кардем, ки шер ба ях табдил ёфтааст. Ва дар паҳлӯяш ин аксҳоро гирифтем.

– Ин шер, пеш дар деҳаи мо мезист. Деҳи моро Шердор меномиданд. Ин хеле пеш буд. Акнун ки шер намондааст, номашро ба Себзор бадал кардаанд.

Пирамард ҳарчанд аз мунҷамиду беҷон будани шер хиҷил буд, вале аз як ҷиҳат хурсанди хурсанд буд, ки суханонаш дар ин маврид беасос набаромад, буданд ашхосе, ки ҳарфи ӯро дар бораи шерони Себзор дурӯғ медонистанд. Дурӯғи-дурӯғ… Акнун пеши наберааш бо сари баланд гуфта метавонад, ки бобоят, ки исми ӯро падараш ба хотири нуфузи баланди шерон Шерзод ниҳодааст, дурӯғ намегӯяд, қиссаву ривоятҳо ҳама воқеият дорад. Ва он тӯли таърих аз даҳон ба даҳон гузашта, такмил ёфта бошад ҳам, аз ҳақиқат дур нест ва асос дорад.

Пирамард ниҳоят чашм аз намои дастгоҳи аккосӣ бардошт, ки дар он тасвири зиёде ба тозагӣ ҷамъоварӣ шуда буду барояш акси шер аз ҳама азиз маҳсуб меёфт. Сайёҳон ҳамроҳи бобову набера, чанд акси дигар гирифта, ниҳоят вориди ғор шуданд. Ба онҳо пирамард нақшу нигори даврони қадимро тавассути нурҳои чароғи дастӣ, нишон дода, хеле ва хеле шарҳу эзоҳ низ дод. Сайёҳон дар партави нури чароғ тасвирҳои рӯи сангро аксбардорӣ карда, таассуроти хешро аз ин мавзеъ боз ҳам ғанӣ гардонданд. Онҳо аз ин бозёфт хурсанд буданд. Пирамард дар хусуси аҳамияти бузӯрги таърихӣ доштани ғор зиёд гуфта бо-

шад, ҳам сайёҳон қонеъ набуданд ва халтаи саволашонро кушода, аз пирамард боз ва боз суол мекарданд. Фаридун баъд аз он ки бо сайёҳон худоҳофизӣ карданд суол намуд:

– Бобоҷон, чаро ин қадар аз дидани ғор хурсанд шуданд?

– Барои одами бофарҳанг кашфи андак ҷузъиёти таърих аҳамият дорад. Охир дар ин ғор гову хар на, инсон зиндагӣ кардааст. Боз дар давраҳои пуртазоди таърихӣ. Қоғазу қалам гирифта навиштанд. Барои чӣ? Медонӣ, ки аз кашфи санаҳои таърихӣ чӣ гуна рӯҳбаланд шуданд. Дар Хами Сафедорон бошад чор қалъаи мӯҳташамро бо мадрасаҳои аз хишти пухта бино ёфта, ба хок яксон карданд.

Барои он ки ин иморатҳо ба айёми гузашта, ба даврони феодалӣ тааллуқ дошт. Гӯё тарғибгари ин сохти ҷамъиятӣ будааст.

– Агар вайрон намекарданд хуб буд?

– Албатта… Мо он гоҳ аз ин ифтихор мекардем. Ва имрӯз ҷои тамошо мешуд, на танҳо барои мо, балки барои ин сайёҳон, ки ҳазорҳо километрро тай зада омадаанд.

– Бобоҷон, чаро вайрон кардаанд?

– Чунки ақлу фаросат надоранд.

– Бобоҷон ки инро вайрон кардааст?

– Ду-се гумроҳ…

– Агар онро аз нав бунёд кунанд хуб нест?

– Барои ин маблағи зиёд лозим аст.

Бобову набера, яке савораву дигаре пиёда, роҳи деҳаро пеш гирифтанд.

– Медонӣ барои чӣ, омадам?

– Не…

– Омадам, ки макони removed бобоёнро зиёрат кунам. Ба хушкарӯд рӯзе ҳатман об меояд. Шояд рӯзе ба он рӯз расем. Ва биоем ба ин макон ба хотири рӯзгузаронӣ.

– Ба ҳамин ҷо?

– Бале,, ба ҳамин ғор…

– Ман ба ин бовар надорам.

– Чаро?

– Одамон ба навигариҳо одат кардаанд, мехоҳанд ҳар рӯз чизи нав бинанд.

– Пирамард машаи ханда кард ва аз хулосаи набераи наврасаш, ки ҳанӯз синну солаш барои баёни чунин фикр мувофиқат

намекард, ба худ болид. Сари набераашро тарафи худ кашида, навозиш кард. Ҳарчанд ба ӯ ҳамфикр набуд.

– Бале,, ту дурӯст мегӯӣ. Ба ғоре, ки бобу ҷаддамон ду-се ҳазор сол пеш баромадаанд, кӣ нияти бозгашт мекунад? Кӣ ҷои пешрафтан ба қафо гом менихад? Аммо, ман, бобои қафомондаат, инро хоҳиш дорам. Ҳайрон нашав! Ман ҳам гоҳо аз ин кирди худ шарм мекунам. Ба худ суол медиҳам, ки чаро дар як ҷо пой мекӯбам, на ба пеш мераваму на ба чапу рост ва на ба қафо. Чун маҳбус асири афкори карахти хешам. Дилам исён мекунад, дар сувайдои қалбам оташаке аланга мезанад. Мехоҳам онро вусъат бахшам. Фазои тафаккурамро васеъ намоям. Ба хотири чӣ? Ба хотири ақида. Ақидае, ки мани рӯзгордида, ба он ғулому чӯриам. Бале,, Фаридун, бобои ту дар умқи афкори пӯсидаи худ ғӯтидааст. Мерасад рӯзе, ки амали маро маҳкум мекунанд. Зеро инсоният тӯли мавҷудияти хеш сохтореро бунёд нагузоштааст, ки дар он зиндагӣ кардани мову шумо намунавӣ бошад.

Фаридун тӯли роҳ, ки аз миёни Ҷангалак мегузашт, ба species бобояш писанд меомад ва ё не фарқ надошт. Танҳо ва танҳо ба як чиз иктифо менамуд, пирамард хафа нашавад. Аз ҷониби дигар аз воқеияти зиндагӣ, ки вазну фазои худро дошт, андеша менамуд. Ба худ хулоса мекард, чандон ҳам ҳақталош нест. Агар воқеан ҳақталош мебуд ҳаргиз ба амалҳои зиште, ки бобои шаҳрияш Элҷони ишкамбузӯрг ва модари замонасозаш доштанд таҳаммул наменамуд. Балки тақдири худро чун Робинзон Крузо, ҳаволаи тундбоди зиндагӣ мекард, то ки аз оламу одам дур бизияд. На хизматгор бошаду на иззатталаб, минати касеву чизеро накашад. Чуноне дар филми Робинзон Крузо дида буд. Вақтҳои охир дар ин хусус бисёр меандешид. Тақдири Робинзонро дар худ тасаввур мекард, ба иродаву сабри ӯ тан медод. Ба бобояш низ қоил буд, ки ба дигарон монанд нест, ҳарчанд дар муҳити онҳо ба сар мебарад. Ва оламеро барои худ сохта дигаронро аз паси худ бурдааст. Пирамард ба Фаридуни оромитабиат, ки мудом саргарми андешае буд, нигарист, ӯ пиёда меомад. Аз пайраҳаи шинос, ки аз он қадамзанон ҷониби ғори одамони қадим рафта буданд. Чун ба назди чанори Ҷангалак расиданд дубора кӯзаро аз об пур карда, дар охурча, ки он ҷо зарф нигоҳ дошта мешуд, рехтанд. Пирамард ҳини рехтани об ба таъкид, гуфт:

– Чун обро овардӣ, нияти неке, ки орзуи иҷро шуданашро

дорӣ аз дил гузарон. Ҳатман муродат ҳосил мешавад. – Ва худ кӯзаро ба охурча ниҳод. Фаридун низ тарзе ки бобояш амал кард, кори ӯро такрор намуд. Ва роҳи худро идома доданд. Акнун ҷониби манзиле равон буданд, ки ба яке аз падар мерос монда буду ба дигаре тавассути бобояш эҳдо мегашт, ҳарчанд вақту соати он ҳанӯз фаро нарасида буд.

Пирамард орзу дошт Ҷангалак ба ҷангали кабир табдил ёбад. Чунон ки замоне буд. Ва шерон баргарданд ба Себзор ва ба онҳо вохӯрад, аз дилаш гузаронд, пирамард. Фаридун бошад таманнои дили хешро ба тарзу маънии дигар иброз намуд. Ӯ орзу кард, ки волидонаш ӯро фаромӯш кунанд. Ва нияти ба шаҳр бурданашро ба гӯшаи хотир ҳаргиз наоранд. Ӯ чун бобояш осиёббони деҳаи Себзор бимонад, то рӯзе ки ин рисолатро ба фарзандаш вогузор накунад. Пирамард ҳам шод буду ҳам ношод. Шод аз он буд, ки зиёрати ғори аҷдодон барояш бобарор омад. Аз шер нишон ёфт, чунон ки қиблагоҳаш мегуфт, шерони Себзорро дар фарози барфшуха дидаанд. Хиҷил аз он буд, ки танҳо пайкари мунҷамиди шерро бархӯрдаанд. Ба зиндааш рӯ ба рӯ наомадаанд, ҳатто наъраашро нашунида буданд. «Шояд аз он шерон насле намонда бошад? Шояд ба ҳавои сарди барфшуха тоб наоварда, ба кишварҳои гарм рафтаанд?» Пирамард фикри ягона надошт. Андешаҳояш зуд-зуд тағйир меёфт. Ва он рангин буд. Хайбар низ хушҳол буд, гоҳ паси дарахтон, хомаҳои фаровон паноҳ мешуду гоҳ чун муш аз хафоле берун шуда, бобову набераро ҳайрон менамуд. Ва гоҳо сари хомае беҳаракат истода, самтеро мавриди назар қарор дода, ба он сӯ аф-аф мекард. Пирамард ба саг, амали сагонааш эрод намегирифт ҳарчи асабӣ мешуд, аз дирангу саркашиҳои хар буд, ки халачӯби тарро аз ночорӣ ба пасу гарданаш мезад. Пирамард мехост хобашро ба Фаридун нақл карда, фикри ӯро дар ин маврид фаҳмад. Аммо боз фикр кард, тафаккури ӯ ҳанӯз комил нест. Ба маъниҳои рамзӣ сарфаҳм намеравад. Вале чанд хулосае, ки сари ин ё он масъала баён дошт, аз бисёр ҷиҳат пухтаву маънидор буд. Пирамард аз шунидани он ба худ болид, ки наберааш бар акси ҳамсолон маърифати фавқулодаро дорост, ки ба ҳар кас он муяссар намешавад. Балки миёни даҳҳо ҳазор одам як нафар дорои чунин истеъдод мегардад. Чуноне ки ба падари Фаридун писари мӯйсафед Ғуломалӣ ин гуна истеъдод хос буд. Ва он чун вулқон аз миёни ин кӯҳсор ҷӯшида баромад, ба шӯҳрати хеш хурду ка-

лонро ба ҳайрат гузошт. Дар озмунҳои фаннӣ, дар марказ, панҷ сол паи ҳам ғолиб омад. Нишонҳои тилояшро бо худ бурд. Пирамард борҳо гуфт. «Ба дасти модарат бидеҳ, бааннҷом аст. Дар як кунҷи сандуқаш мемонад. Фардо насиби худат мекунад. Дигар мо кӣ дорем?» Ғуломалӣ на ҳа гуфту на не. Чуноне ки одат дошт, гапро дигар сӯ мебурд, аз мавзӯъ фирор мекард. «Худо умраш диҳад, Фаридун нусхаи падараш аст. Ба ӯ ин феълу хӯ аз бобояш гузаштааст. Падари ман, бобои ӯ марди бонангу номус буд. Ҳаргиз намегузошт, касе ба иззати нафсаш бирасад. Мурда рафту сарашро пеши касе хам накард. Доно буд, як маърака одамро дар баҳс ба зону мешинонд. Ҳақиқатро ба чашмашон нишон медод. Ҳама ду даст боло карда таслим мешуданд. Ғуломалии мо аз бобояш ба ҷуз нангу номус дигар ҳама чизро гирифтааст. Ба Фаридун бошад, ба ғайр аз нигоҳи фароху дониши мукаммал, нангу номус низ илова шудааст. Нусхаи воқеӣ ва асили падарам».

Пирамард бори дигар ба қаду басти наберааш зеҳн монд, фараҳу нишот дар қалбаш ба туғён омад. «Худо умри ҳазор бинад. Бобояш аз дунё чизе надид. Вале мардона рафт аз дунё, дар бистар як рӯз ҳам нахобид. Фаридуни мо шӯҳрати падару номуси бобояшро мукаммал хоҳад кард. Худо умри ҳазораш диҳад».

Фаридун аз бобояш бори дигар суол кард. Хаёли Пирамардро боз ба масъалаи деҳу одамонаш кашид.

– Бобоҷон, Ҳукумати Шӯравӣ қасдан ба деҳаи Себзор хати барқ накашид, ки босмачиён, мухолифон ин ҷо маскан гирифта буданд?

– Кӣ инро ба ту гуфт?

– Бобоям…

– Кадом бобоят?

– Бобои Элҷон.

– Ӯ Себзорро аз куҷо медонад?

– Намедонам.

– Аз рӯзе ки қудо шудаам бо ӯву мешиносамаш, ягон маротиба ба ин ҷо наомадааст. Ҳатто дар тӯи амаат наомадаанд, ки даъватнома дода будамаш. Модарат ҳам наомад.

– Пас ӯ аз куҷо медонад?

– Аз ягон дурӯғгӯи дигар шунидагист. Ва ё ба таври худ моро, босмачӣ гуфта, паст задааст.

– Босмачиён мардумро ғорат мекарданд?

– Бобоят гуфт? – бо тамасхур ба Фаридун рӯ овард Шерзод.

– Аз ӯ шунидам, боз гуфт, ки халқ ниҳоят ба по хеста хоки пояшонро бо ғилбор бехт. Вагарна ин ҳама ободие, ки Ҳукумати Шӯравӣ кардааст, дар хоб медидем.

– Хоб? – пирамардро боз хоби дидааш ба ёд омад. – Мегӯяд, ки агар Ҳокимияти Шӯравӣ намешуд, ин ҳама ободиҳоро дар хоб медидем-а? Бобоят девона шудааст…

– Бобоҷон, чаро шумо Ҳукумати Шӯравиро бад мебинед?

– Кӣ гуфт? Бобоят?

– …

– Чӣ хомӯш мондӣ? Бигӯ! Босмачӣ ҳам бошам, ба ҳафт пушти бобоят кор надорам. Натарс!

Фаридун аз шарм буд ва ё эҳсоси дигар, ки то баногуш сурх шуд. вале ба бобояш баҳс накард, намехост дубора ғазаби ӯро биёрад. Ба масъалаи барои ӯ шавқовар шерони Себзор дахл намуд. Дар лабони пирамард табассум гул кард.

Себзориён ҳама аз шаҷараи Шермардонанд. Ва то имрӯз насабномаи хешро, ки аз бобокалонамон тоҷдор оғоз ёфтааст насл ба насл бо ҳама ҷузъиёташ маҳфуз медорем.

– Бобо, Файзи урус ҳам аз ҳамин кунда аст?

– Мутаассифона аз ҳамин шаҷара аст.

– Дар авлоди мо ҳам даюсу беномус ҳаст?

– Будааст…

– Бобоҷон, чаро насли мо аз пушти шерон будааст?

– Кори Худо… Баъзе даъвогарон, ки аз худ олим метарошанд, одамизодро ба маймун нисбат медиҳанд, ки гӯё бобояшон ин ҷонвари булаҷаб будааст.

– Модоме ки бобоёни мо шер будаанд, шаҷараи онҳо аҷаб не, аз ҳамин ҷонварон оғоз ёфтааст.

– Дар рӯи олам халқиятҳои зиёде ҳастанд, ки оғози худро ба ин ё он ҳайвон нисбат медиҳанд. Яке худро насли қози сафед, дигаре аждар, сеюми гавазн, чоруми хар ва ғайраву ва ҳоказо… Мо аз ҳамаи онҳо болотарем.

– Ба кадом асос?

– Чунки мо ба шерон тааллуқ дорем.

– Бобоҷон, рост аст, ки ҷони одам баъд аз марг ба ҷисми ҳайвонот интиқол меёбад?

– Рости гап, мегӯянд, бисёр шунидаам. Оғози инсон, ки ҳайвон бошад анҷом ҳам ҳамин аст.

– Furfo Бобоҷон…
– Лаббай.
– Шаҷараи моро, кӣ тартиб медиҳад.
– Ҳоло ҳеҷ кас.
– Чаро бобо?
– Ҳукумати Шӯравӣ ба шаҷаранависӣ ҳаргиз роҳ намедод. Насабномаҳоро ҷамъ оварда месӯзонданд, то ки одамон аз насли кӣ буданашонро надонанд. Бале,, ҷони бобо, шаҷараи моро низ кофтанд. Аз Хами сафедорон омада буданд. Ман надодам. Нест, надорем, гуфтам. Ҳамин чизро баҳона карда, таъна мезананд, ки бебунёдем. Ва ҳама даъвоҳоямон пуч аст. Акнун истиқлол ба даст омад. Насабномаро тартиб бояд дод..
– Аз ин ягон манфиат ҳаст?
– Чаро не?
– Бобоям мегӯяд ин ҳама ифтихороти хасакӣ аст?
– Бобои ту намедонад, ки ба чӣ ифтихор кунад. Аз пушти ки ба дунё омадааст маълум нест.
– Ӯро кӣ калон кардааст?
– Ба гуфти худаш тарбиятдидаи хонаи бачагон аст.
– Бобоҷон, ман ҳам ифтихор дорам, – бо табассум гуфт Фаридун.
– Аз ман ё аз бобои Элҷонат?
– Аз шумо…
– Чаро аз ман?
– Чунки аз насли Шерони тоҷдоред.
– Ана ин гапи дигар, – пирамард аз ғояти фараҳ набераашро ба оғӯш гирифт. Дилам аз ту пур аст. Ту номуси ниёгонро пос медорӣ. – Фаридун оҳ кашид, ғубори дилаш чун дуда, ки аз дудкаши бухорӣ берун меравад, пеши дидагонаш парешон шуд, чашмонаш шаб зад. Ва ба қомати бобояш такя кард.
– Ба ту чӣ шуд?
– Бобоҷон… – овози Фаридун ҳузн дошт.
– Лаббай… Ҷони бобо!
– Бобои ман даюс аст.
– Чӣ?
– Ман онҳоро тоби дидан надорам. Маро ба дасти онҳо надиҳед.
– Падарат аз дудмони Шерзодагон аст, аз насли Тоҷдорон, ту аз ин фахр бикун! Ту ба ӯ такя кун, дар навбати худ асои

қоматаш шав!

– Падарам низ дар паи қадами онҳо пой мемонад. Ӯ ба шерони Себзор, шаҷараи Тоҷдорон бовар надорад. Ба фикри падарам ин ривоятҳо ба ҳақиқат наздик нест.

– Чӣ? Ту дар бораи падарат мегӯӣ?

– Бале,…

– Чаро пеши ман ин гапҳоро намегӯяд?

– Шуморо хафа кардан намехоҳад.

– Барои чӣ?

– Чунки сабабгори ба дунё омаданаш ҳастед.

– Ман чӣ гуноҳ дорам?

– Ӯ ин чизро ба забон намеорад. Аммо ҳис кардан мумкин аст, ки аз касе ва ё чизе норизост.

– Ин ба ман чӣ дахл дорад?

– Чун сокини деҳае, ки аз ёди Худову бандааш фаромӯш шудааст, шуморо низ бо ин ҷурм гунаҳгор медонад. Ба пиндори падарам аҳли Себзор худ мусоидат кардаанд, ки деҳаашон аз рушд бимонад.

– Чӣ хел?

– Аз он рӯзе меҳмони Себзорам, мебинам, ки хоҳони бунёди хати барқ нестед ва ин чизро чун даҳшат баҳо медиҳед. Гӯё барқ боиси дигаргун шудани хӯю хислати мардум мешуда бошад. Боз ҳарос аз он доред, ки иморатҳои гилинро ки тӯли асрҳо тарҳи онро тағйир намедиҳанд, ба хок яксон карда, дар ҷои он биноҳои баландошёна месозанд.

Пирамард ба рӯи Фаридун нигоҳи сард афканд, тарзе нигоҳ кард, ки гӯё набераи ба ҷон баробараш душмани халқ бошад. Оҳи сард кашид ва бо таассуф сар ҷунбонд:

– Ту ҳам пайрави Файзи урусӣ? Ту ҳам беномусиро пеша кардаӣ? Ту ҳам чун Хами сафедориён, ба пешвози лашкари Чингиз ливои сафед бардоштан мехоҳӣ? Ту ҳам чун Файзи урус, ки духтарашро ба хизмати даюсони Хами сафедорон, сухангӯй карданӣ буд, модаратро бо ду дасти адаб додан мехоҳӣ?

– Бобоҷон!

– Чӣ бобоҷон? Хаёлат ман кирди тӯро намедонам? Гумон мекунӣ дунё ба коми даюсон мондааст? Не, ман ба ин роҳ намедиҳам. Ман тӯро одам мекунам. Ман тӯро мебарам, агар бинам Себзор ба дасти душман мегузарад. Як рӯз намеистам. Мепарам, ба сайёраи дигар, ки он ҷо маъвои дили ман аст.

– Бобоҷон сайёраи дигар дар куҷост?

– Дар теппаи сари ман, – ба ғазаб омад пирамард. – Ту бо ман бозӣ карда истодаӣ?

– Боз чӣ гап?

– Ту чаро одам барин гап намезанӣ?

– Хафа нашавед бобо, ман табиатан кунҷковам.

– Ту баъзан аз ҳад мегузаронӣ. Чашм мепӯшам, охир ман дигар набера надорам. Модарат аз зоидан монд, аммаат бошад ҳоло дар фикру хаёли таваллуд кардан нест.

– Бобоҷон, агар аммаам таваллуд кунад таваҷҷӯҳи шумо ба ман кам мешавад?

– Ҳазлро намедонӣ?

– Медонаму лекин боз дар ҳар сухани ҳазломез заррае ҳақиқат ҳаст.

– Наврӯид бало рӯид. Ман кадом рӯзе ба ҳаштод мерасам, аммо то кунун мисли ту равон, бурро, боақлона сухан гуфта наметавонам.

– Чашм накунед бобо?

– Туф-туф, чашми чашмдор бикафад.

– Бобоҷон, агар ба сайёраи дигар рафтед? Маро ҳам бо худ мегиред?

– Албатта, аз он лаҳзае ки ин хоб ба зеҳнам нишаст, дар ин андешаам.

– Бобоҷон, агар одамони сайёраи дигар, маҳз дар Себзор нишинанд, чӣ кор мекунед?

– Чӣ? Одамони сайёраи дигар мегӯӣ?

– Бале,… Дар он ҷо шояд ҳаёт бошад? Ва онҳо ба замин сафар кунанд.

– Онҳо дар ин ҷо чӣ кор мекунанд?

– Зиндагии моро меомӯзанд.

– Барои чӣ?

– Бобоҷон, онҳо ҳам мисли мо одаманд, дар хеш кунҷковӣ доранд. Шояд савқи табиӣ боис шавад, онҳоро ба ин ҷониб роҳандозӣ кунад?

– Фаридун, сад бор гуфтам лаққигӣ накун! – пирамард гиребон гирифт. «Падараш ҳамин хел буд. Аз эшони Сафар радномa барояш гирифтам. Барои Фаридун ҳам гирифтан даркор. Метарсам рӯзе оҳу ҳасади мардум торс мекафонадаш. Тавба, – пирамард астағфуруллоҳ гуфт, – аз ҳад зиёд гап мезанад. Чунон гап

мезанад, ки гумон мекунӣ рӯ ба рӯят муаллими Салом нишастааст. Нигоҳаш пухта, суханонаш пухта, афкораш пухта, қадами мондааш санҷидаву пухта. Худо умраш диҳад».

– Бобоҷон, – беҷуръатона ба бобояш нигарист Фаридун.

– Лаббай…

– Агар шумо ба сайёраи дигар равед, дар он ҷо беҳтарин фарзандони диёрро баред. Аҳволи Себзор чӣ мешавад?

Пирамард ба андеша афтод, дилаш чун пораи гӯшти дар сих хаста, ки дар оташи қура тоб медиҳанд, месӯхт. Суоли набера ба ин боис шуд. Дар чашмаш ашки сӯзон ҳалқа зад. Вале пирамард нагузошт он рӯи гунаҳояш шораду ба чашми наберааш афтад. Ва ӯ пиндорад дудмони ӯро мардони заифтинат ташкил медиҳанд. Рӯяшро ба дигар сӯ гардонд.

– Себзорро қаблан шерони тоҷдор тарк карда буданд, ки ба лашкари Чингиз бо ҳама он тарророрӣ имкони ворид шудан надоданд. На ба Ҷӯҷиву Ӯзбакхон, на ба Ботухону Барлосхон, на ба Нанайхону Суюнхони чингиз муяссар нашуд, ки ба шерони тоҷдор дастболо шаванд. Ноумед аз паҳлӯи Себзор гузашта бо дарду алам ба худ мегуфтанд. «Рӯзе расад, ки шерони ҷаррор ин хокро тарк кунанд. Набера ва ё абера, ҳеҷ набошад баъд аз ҳазорон сол ба насле аз ин дудмон муяссар шавад, ки бе ҷангу ҷидол ба хоки он қадам гузоранд. Шояд баъд аз он ки мардони бонанг аз Себзор раванд. Насли Чингиз ба он ҷо пой гузоранд? Пирамард ба Фаридун рӯ овард:

– Дер ё зуд воқеае рӯй медиҳад. Аммо ту ҷони бобо Себзорро тарк накун! Нагузор бегонагон онро чарогоҳ созанд. Нагузор! Ақаллан шереро дар хомаи аз хомаҳое, ки он ҷо насл ба насл ба сар мебурданд, ҷой бикун!

– Ман барфшуха меравам, – гуфт Фаридун.

– Бирав, ҷони бобо! Ҳатман бирав! Вақте бирав, ки шерон он рӯз рӯза медоранд. Ва ту таклиф бикун, ки ба макони хеш, маконе ки бобу ҷаддашон мезистанд, баргарданд.

– Чаро рӯзе биравам, ки меоди рӯзагириашон бошанд? – суол кард Фаридун.

– Шояд нафаҳманд, ки ту Себзорӣ.

– Он рӯз кадом рӯз аст?

– Фаҳмидан даркор.

– Аз кӣ, аз чӣ?

– Ба таърих рӯ биёр. Ҷӯстуҷӯ бикун!

– Таърих? Илми даркорӣ аст.

– Бале,, ҷони бобо, таърих-муаллими хуб аст. Таърих таҷриба асту маърифат, таърих ҳидоятгари онҳоест, ки роҳҳоро гум кардаанд, тасаввурот надоранд.

Пирамард ба набераи бонангаш бовар дошт, бовар дошт, ки Себзорро рӯзе ба Шердор табдил медиҳад.

– Умедам аз ту бузӯрг аст. Ту бенанг нестӣ. Шерони Себзор баргашта меоянд, агар ҳамин хислаттат бошад. Бале, ҷони бобо, дунёро аз хишти нанг бино кардаанд, девори бенангӣ фарсуда асту каҷ.

Пирамард сари Фаридунро сила кард. Дар қалбаш эҳсоси гуворое, ба сони насими субҳона вазид.

– Ту асои қомати ман шудӣ, Фаридун. Ту қомати маро рост кардӣ. Чӣ гуна аз ин нанозам, чӣ гуна зиндагиро, ки ҳар лаҳзааш барои ман нишот меораду лаззат, дӯст надорам?

Пирамард маст буд, масти орзуву пиндори хеш, масти муваффақияти фарзанд, ки илми мамлакатро шаҳсутун буд, шод аз он буд, ки набераи наврасаш ба дарки бад мераванд.

Хайбар баробари паси сар шудани Ҷангалак, сари хомае баромад, ки ба қавли ровиён он ҷо замоне яке аз шерон макон доштааст. Ҳар субҳ чун офтоб баромад, муддате ба сӯи деҳа нигоҳ мекардааст. Бо меҳр ва ифтихор дида медӯхтааст. Сипас дар ҳамворӣ болои харсанг, яке аз мардони деҳа бузеро даступо баста меорад. Ба ихтиёри шер мегузорад ва худ бармегардад ба деҳа. Чунин амалро барои шерони дигар низ бо ҳамин усул иҷро менамуданд. Фақат рӯзи ҷумъа шерон ба хӯрок даст намезаданд. Он рӯз аҳли деҳ низ барояшон чизе намебурданд.

Хайбар чун шер болои хома баромада, ба он сӯ нигарист. Пирамард ба саг зеҳн монду машаи ханда кард. «Нигоҳу амалат ба шер монанд аст. Агар чун ӯ ёл медоштӣ, гумон мекарданд шер ба Себзор баргаштааст. Аҳли Себзор пеши қадамат барзагов мекуштанд. Афсӯс ки ту аз он зот нестӣ». Пирамард ҳамроҳи набера паҳлӯи Хайбар ҳозир шуданд. Ва оҳиста-оҳиста ҷониби деҳа равон гардиданд. Пирамард ба Фаридун рӯ овард, машаи ханда кард.

– Хаста шудӣ?

– На он қадар…

– Ба он ҷо нигар, – дарахтзори дар қади селраҳа зич рӯидаро нишон дод пирамард.

– Дарахтзорро дидам.

– Он ҷо замоне, солҳои 1937 – 1938, вақте ки ман ҷавон будам аҳли деҳаро бо гуноҳи сохтаи босмачӣ будан бе пурсиш ба қатл расонида буданд. Падари маро низ он ҷо парондаанд. Ин дарахтзор, ки мебинӣ, дар болои ғоре сабз шудааст, ки ҷасади шаҳидон пур шуда буд.

– Босмачӣ кӣ буд?

– Душманони Ҳокимияти Шӯравӣ, ки онро баъд аз сарнагун кардани амирӣ барпо намуда буданд. Босмачиён Ҳокимияти Шӯравиро чашми дидан надоштанд. Ва ба муқобилияти онҳо мубориза мебурданд. Чун Ҳокимияти Шӯравӣ барқарор шуд, босмачиён сарнагун гардиданд. Ҳокимони ҷавони Шӯравӣ худро хайрхоҳи халқ нишон дода ба ҷӯстуҷӯи душманони боқимонда машғул шуданд. Ин дарахтзор, пайдо шуд дар ҷои мазор. Пирамард оҳ кашид ва ҷониби мазори шаҳидон рӯ оварду чорзону нишаст. Оятеро мад кашида хонд, сипас даст ба дуо бардошт.

– Дар паҳлӯи мазор геологҳо ба кор шурӯъ карданианд.

– Чӣ меҷӯянд?

– Ҳанӯз маълум нест.

– Чаро дигар ҷо неву ин ҷоро мекобанд?

– Нафаҳмидам. Инро касе то ҳол муайян накардааст.

– Барои чӣ бобо?

– Худам намедонам.

Набераву бобо вақти намоз ба хона расиданд. Моҳсурат интизор буд.

– Дер кардед.

– Осиёб не, Ҷангалак рафта будем.

– Пагоҳ дар масҷид ҳашар будааст, – гуфт Моҳсурат.

– Як моҳ боз ин гап ҳаст, ҳеҷ не ки ба кор шурӯъ кунанд, – гуфт пирамард.

Аммо ин субҳ, мардум назди масҷид ҷамъ омада, ба кор шурӯъ намуданд. Лойхона канда, об сар доданд, коҳ партофта бо хоку лой ҳамроҳ карда шӯриданд. Андова тайёр шуд. Сипас намак зада, ним соат хобонданд. Тарбузу харбуза хӯрданд. Чой нӯшиданд. Ва аз он пас ба кор шурӯъ карданд. Андова кардани бом дар як соати расо поён ёфт. Дар суфаи ҳавлии масҷид Фаридун паҳлӯи бобояш қарор гирифт. Диққати ӯро намудҳои гуногуни нон ба худ ҷалб кард. Ва аз бобояш пурсид.

– Ин чигуна нон аст? – ба гирдача ишора намуд.

– Гирдача, – гуфт пирамард ва ба саволҳои дигар мунтазир нашуда, аз як сар ба шарҳи навъҳои дигари нон шурӯъ намуд.

– Инро фатири курак мегӯянд, ба он хамиртӯруш намеандозанд, дила бастааст, аз он шакароб мекунанд. Инро бошад нони расида мегӯянд, хамирмоя, сода, асоси онро ташкил медиҳад, инашро кулчаи чойи, ана инро чапотӣ меноманд, инашро сатрӣ мегӯянд, ин кулчаи ширмол, инаш

нони қуббадор, ин нони Самарқанд, ана ин таҳмол, ин самбӯса, ин чалпак, кулча, таҳловӣ, ин нони кадугин, инаш ҷавин, ин қатлама ном дорад.

Фаридун аз тамошои нонҳои ранго ба ранг, ки бобояш муаррифӣ кард моту маҳбут монд. Ӯ дар шаҳр нонҳои гуногунро дида бошад ҳам, вале ба ин андоза бомазза будани онро пай набурда буд. Ба хусус нони дар танӯр пухта шуда, писандаш омад.

Пирамард пораеро аз нони расида шикаста ба даҳон бурд, баъд аз газидану мазидану хоидан таваққуф кард. Ва ба Саттор рӯ овард.

– Инро бичаш!

– Бомаза… – баъд аз хӯрдани буридае аз он гуфт Саттор.

– Равған дорад?

– Дорад.

– Не, надорад. Ин нонро аз осиёби ман пухтаанд. Акнун инро бихой!

– Бомаза.

– Равған дорад?

– Не…

– Ин ордро дар осиёби барқӣ тайёр кардаанд, дар осиёби Хами сафедорон.

– Аз замин то осмон фарқ мекунад?

– Фарқ мекунад.

– Ин мардум коҳро аз гандум фарқ намегузоранд. Агар фарқ мекарданд, ҳаргиз раҳи Хами сафедоронро охурча намекарданд.

– Ба кӣ мегӯед?

– Саттор, барои санҷиш ин ду навъ нонро аз як сар ба ҳама бихӯрон ку. Мефаҳмида бошанд?

– «Хар чӣ донад хӯрдани қанду набот,

Тӯрбаи каҳ бошаду кунҷи работ».

– Инро худам низ дарк кардаам. Вале гап дар чизи дигар аст.
– Чӣ?
– Талқин кардан даркор.
– Ташвиқ не?
– Ё ҳарду…

Дар ин ҳашар Саттор осиёби пирамардро хеле таъриф кард. Ва рӯирост беномусии баъзе аз ҳамдеҳагонашро ошкор намуд. Пирамард аз ин зиёфат, ки дар он навъҳои гуногуни нонро пешниҳод карда буданд, ба нафъи худ истифода бурда тавонист. Осиёби сангӣ, бартарии онро аз осиёбҳои дигар фаҳмонид, тавре ки дилаш мехост.

Дар ин ҳашар пирамарди нуроние низ меҳмони Себзориён буд, ки андешаааш акси Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро, ки дар китоби «Адабиёт» тасвир ёфта буд, хотирнишон мекард. Пирамард аз Бухоро омада буду нияти дидани авлодонашро дошт, ки гӯё се ҳазор сол муқаддам ба ин самт омадааст. Балки тифли гаҳвораро шере аз миёни оташу теғи аҷнабиён раҳо намуда, ба ин диёр овардааст, то ки насли онҳо гум нашавад. Рӯзе барои марзу буми авлодӣ сар бардорад.

Ба қавли ин пирамард, ки дар он зиёфат сухан ронд ва ҳама ба даҳони ӯ нигариста ҳушу гӯш шуданд, замоне аз паси кӯҳҳои Олой, аз он сӯи даштҳои бекарону дур, ки чорводорони тирарангу чашмолус ба сар мебурданд, лашкари кокулдорон ҳуҷум оварда, шаҳрҳои бузӯргу сокинони бомаърифати онро дар ғафлат мононданд. Шоҳи тоҷдор – тоҷи муқаддасро дар даруни гаҳвора мегузорад, ки он ҷо тифли маъсуми ӯ хоб будааст. Ва гаҳвораро дар пушти шери модда мениҳад, ки чор шербача зоида буду дар қаср, атрофи он озодона гаштугузор мекард. Шоҳ пеши шер зону заду гирист, хоҳиш кард, тифли ӯро аз ин диёр барад, ба замине, ки хатари лашкари чорводор, ки дар нӯги кӯлоҳҳояшон думи говонро пӯпак карда буданд, намерасад. Шер шабона шербачаҳоро ба роҳ ҳидоят кард ва гаҳвораро, ки дар пушташ насб карда буданд бо худ бурд. Шаҳрро думбасарони чорводор ба хок яксон намуда, ҳамаро ба чарогоҳ табдил медиҳанд. Аз ин миён чанд даҳсола мегузарад. Модашер ба сари тифли бо шири худ тарбияккардааш тоҷи шоҳонаро мениҳад. Ҷавон дар чарми тоҷ бастаеро ёфта мехонад. Мехонад, ки асилзода буданаш тазаккур ёфтааст. Сипас лашкар ҷамъ оварда, ба маскани шоҳон, ки алъон дар ихтиёри думбасарон буду кишт

кардани заминро гуноҳ медонистанд, равона гардид. Шоҳбачаи тоҷбасар модашерро дар ин сафар бо худ гирифта буд, чун модар ва ҳидоятгар. Ҳамчунин ният дошт дар сурати мағлубият тоҷро ба дасти ӯ медиҳад, то ки ба наслҳои оянда бирасонад. Шер шоҳзодаро бо роҳи махфӣ ба қаср мерасонад, ба ҷое мебарад, ки он ҷо сарвари қабилаи думбасарон маскан гузида, миёни аёлони аз ҳар шаҳру деҳи мағлубшуда гирифтааш ба хоби ноз рафта буд. Онҳо хуроккашии ӯро таҳаммул мекарданд. Шер шоҳзодаро, ки тоҷи шоҳӣ ба сар ниҳода буду ҷилои он чашмро хира мекард, дар камин гузошт, ба як ҷаҳиш қабиларо зери панҷа гирифт. Хонумҳои ҳаросонро дигар овозашон намебаромад. Шер хоҷаи занонро буғӣ кард. Ва шоҳзодаро ихтиёрдори фармон намуд.

Аз миён чандин сол гузашт шоҳзодаи тоҷдор Ҳокимиятро ба даст дошт. Боз аҷнабиёни чорводор ҳуҷум оварданд. Боз шерон тоҷро ба кӯҳистон пинҳон карданд. Тӯли таърих борҳо шаҳр аз даст ба даст гузашта бошад ҳам боре тоҷро аҷнабиён ба даст оварда натавониста буданд. Имрӯз низ хушбахтона тоҷ дар дасти тоҷдорон аст. Омадаам, ки бо авлодони худ, каме ҳам бошад сӯҳбат кунам, бо забони модарӣ, хумор шиканам. Ният доштам бо ин мақсад ба Шердор биоям. Инак, хушбахтона, ба ин макон, ки номи рамзии Себзорро ба худ гирифтааст расидам. Бо забони ноби модарӣ сухан гуфтаму сухан шунидам. Акнун дигар ормон надорам, бимирам ҳам. Пирамард оби дида накард чун пирони солманд, баробари дидани ҷавонон, аз ҳасаду ҳасрат. Дилаш аз фараҳу нишот лабрез буд. Ба ҷавонон, пирони солор бо ҳавас менигарист. Аҳли деҳ муддати чил рӯз талабидандаш, хона ба хона, меҳмондорияш хуш гузашт. Ва як рӯзи муқаррарии баҳор, пири нуронӣ ба Бухоро бозгашт. Бозгашту ба наберагон, аҳли шаҳр аз ин сафар қисса кард. Касе ба ӯ диққат надод. Пири роздонро ҷиддӣ қабул накард, касе. Балки забонашро дарк накарданд, гӯё пири роздон бо забони аҷнабиён ҳарф мегуфта бошад. Китобҳояшро, ки чун тӯҳфа бурда буд, касе нафаҳмид. Ин кадом забон аст? Кадом шева аст? Чӣ маъно дорад, ин ҳарфу калимаву ҷумла? Рӯстаму Сӯҳробу Гев кист? Пирамард ба ҳар кадом даҳ борӣ мефаҳмонд, то ки бифаҳманд. Касе ба ин диққат надод. Ҳама гӯё ба хулосае омада буданд, ки ин пири нурониро, чун душмани ҷомеа, чун аҷнабӣ аз шаҳр биронанд. Наберагон, фарзандон, хешу ақрабо, шарм медоштанд, аз ин ҷаддд бефаҳм, чӣ

тақозо доштани замонро намедонад. Намедонад, ки забони ӯ дигар ба дарди ҷомеа намехӯрад. Ва як рӯз ҳама хешу ақрабо, ба хулосае омаданд, ки аз ин пир, ки ба аҳлу авлод дарди сар меорад, ҳалос шаванд. Машварат карданд дар ҳузӯри пирамард, тарсу ҳарос ҳам надоштанд, зеро пир забони онҳоро балад набуд. Ва рӯзе дасту пои ӯро чун дасту пои гӯсфанд бастанд, чашмашро кӯр карданду забонашро буриданд. Пир, ҷурми худро нафаҳмид, акнун бо ишора гап мезад, чун гунгҳо, соатҳо бо ангуштони харобу лоғар дарди дилашро баён менамуд. Хушбахтона, кӯру кар аст, набошад, ҳамаро безор мекард. Бо ин забони аз муд баромадааш. Мегуфтанд пиру барно. Пирамарди нуронӣ ба пире бадал шуда буд, ки асову анбон дошт, қадамашро санҷида мениҳод. Ва ҳар роҳгузар, ҳар касе, ки ӯро медид машаи ханда мекард ва мегуфт: Тоҷдори кӯр, тоҷдори гунг… Ӯ аз ин суханон азият мекашид. Аламаш мекард, ба худ мегуфт: – Кош кар мешудаму намешунидам. Ин қадар аламовар аст ҳарфу садояшон. Нури чашмамро гирифтед. Забону баёнамро буридед. Чаро гӯшамро кар накардед? Чаро?

Фарёд мезад, вале садояш дар гулӯ бурида мешуд, чун садои мурғон. Ва гиря мекард худ ба худ, оби дидааш намонда буд. Пирамарди нуронӣ, мехост фикрашро дар қоғазе нигорад, то ки дарди дилаш кам шавад, мардум огоҳ гардид. Вале дидаи бино, ки надошт, навиштааш по дар ҳаво, берабт, ноҷо меафтод. Ва боз ҳам дарун ба дарун месӯхт. Пирамард гумон мекард дар мамлакати бегона афтодааст, зеро забони мардумаш дигар буд, забони модарии ӯ дар ҷое садо намедод…

Пирамард инро аз забони савдогарон шунид, ки аз роҳи Себзор гузашта мерафтаанд. Ба гуфти онҳо ин пири нуронӣ, ки шефтаи забону гуфтори модарияш будааст дар роҳи байни Бухорову Самарқанд мокувор қадам мезадааст. Ва аҳли диёр ба ӯ чун ба нишонаи ибрат менигаристаанд, то ки ҷурми ӯро минбаъд такрор накунанд.

Пирамард инро шунида, оби дида рехт. Ва ба Саттор ҳикоят кард, воқеаи шунидаашро.

– Бечора, наход ӯро наберагонаш ба ин рӯз расонда бошанд? – ҳайрон шуд Саттор.

– Намедонам, ба ман гуфтанд, ки амали дасти онҳост…

– Пири бономус буд, қиссаҳои ибратбахш мегуфт.

– Дар бораи Шерони Себзор ҳикояти аҷиб кард. Афсӯс, овоз-

рубо надоштем, ки қиссаашро сабт кунем.

– Шунидем, фикр мекунам ҳамин кифоя аст.

– Кифоя нест, далел мешуд. Шояд ашхосе пайдо шаванд, ки ин воқеаро афсона шуморанд.

– Сад ҳайфи мӯйсафед. Сад ҳайф… – Саттор ба андеша афтод.

Агар дар хусуси ин пири берӯзӣ китобе менавиштанд, дарс мешуд ба наслҳои оянда, лекин кӣ онро менависад? Кӣ меравад Самарқанду Бухоро? Кӣ ӯро мебинад? Кист он қаламкаш?

Пирамард воқеаро ба аҳли масҷид ҳикоя кард. Ба ҷуз ду-се нафар, дигар ҳама ба ин қазия чун воқеаи булаҷаб назар карданд. Танҳо онҳое ба моҳияти масъала сарфаҳм рафта буданд, ки дарди пирамардро идрок менамуданд. Шерзод бисёр мехост Фаридун мисли ӯ бошад. Ва чун ӯ андеша ронад. Дар аснои роҳ овои ӯ ба гӯшаш мерасид. Гӯё ба чунин хулоса омада буд, ки мегуфт: «Не набояд ба бобои ман чизе шавад? Касе иродаву мақсади неки ӯро шиканад. Ман ба ин роҳ намедиҳам. Бобоямро танҳо намегузорам. Намегузорам, чун ин пирамарди нуронӣ, ки нангу номус ӯро ба назди аҳли авлод овард, аз дасти ашхоси носипосу беифтихору беномусу нотавонбину даюс ҷабр бинад, аз нури басар, забони гӯё, дасти тавоно маҳрум шавад. Ман бояд ба ин масъала ҷиддӣ машғул шавам. Боқии умрамро дар ин деҳи қадимбунёд, ки насли болиғу қавибозуву қавиазму беолоиши миллат мезияд, гузаронам. Шерони нигоҳбонро баргардонам, то ки гаҳвораи бобу ҷаддамонро аз назари ҳасудону бухлпешагон ҳифз намоянд». Ба назари пирамард Фаридун ончунон гирифтори ин фикру хаёл шуда буд, ки ҳеҷ марди солор ингуна андеша дар сар намепарварид.

Мошин дар назди ҳавлии мӯсафед, қарор гирифт. Чангу хок аз зери чархи автомобил бархоста, аз девори ҳавлӣ гузашта ба он ворид шуд. Пирамард аз мошин берун шуд, аз паси ӯ дар даст халтаи селофанӣ Фаридун баромад. Кампир ҳайрон дар дами дарвозаи ҳавлӣ истод. Ва бо чашмаш бовар намекард, ки пираманд омада бошад. Ӯ ҳини сафараш ба ӯ, ба таъкид гуфта буд, ки даҳ рӯз камаш меистад. Аммо ҳамагӣ як шабро гузаронда тавонисту халос. Аз ваъдаи додааш фақат ҳамроҳи набераааш омаданро иҷро кард, ки барои кампири Моҳсурат аз ин дида хушбахтии бузӯрг нест. Кампир набераашро ба бар кашиду бӯсаборон намуд. Сипас ба пиракияш ҷуръат карда савол дод.

– О даҳ рӯз истоданӣ будед? – бо табассуми хуш изҳор намуд кампир.

– Келине дорӣ, ки як соат меғунҷонадат.

– Аз дилам гузашта буд, ки бо ин иллат беш аз ду рӯз тоб намеоред.

– Ӯ ҳам гапи зиёдатӣ назад. Дилам набардошт. Шаб хобам набурд. Субҳ вақти намоз бору бунамро бардоштам.

– Мошин киро кардед?

– Не, ин мошини Ғуломалӣ аст. Ҳоло ман ба ӯ тарбузу харбуза мефиристам. Бигзор аз деҳа холӣ наравад. Пирамард ронандаро рӯи суфа шинонда, худ пӯшок иваз кард. Фаридун низ паҳлуи ронанда нишаст. То омадани пирамард, кампири Моҳсурат дастархон гӯстӯрда, нону маска, гӯшти яхнӣ, чою мост ва хушкмева овард.

Пирамард пӯшоки корӣ пушид. Омада паҳлӯи набера ва ронанда нишаст.

– Чой нӯшед, гӯшт гиред, нон шиканед!

Ва худ чойникро пеш кашида чой гардонд. Ба Фаридун рӯ овард. – Ку бигӯ, чанд бор бояд чой гардонд?

– Намедонам, – китф дар ҳам кашид Фаридун.

– Ду бор, бо дасти рост чой мегардонӣ, аз он баъд ду – се дақиқа чойро дам дода, сипас дар пиёла барои худ рехта як ҷуръа менӯшӣ аз он пас ба меҳмон ва ё шарикон муроот мекунӣ. Фаҳмидӣ?

Ба нишони тасдиқ сарҷунбонд Фаридун.

– Фаридун бачаи зирак аст, бисёр масъалаҳоро мефаҳмад. Чизе, ки ба таҳсил, дониш андӯхтан вобаста бошад.

– Олим, донишманд, аз ҷузъиётҳои одии рӯзгордорӣ, муомила бохабар бошад ҳаргиз хор намешаванд. Баракс, бурд мекунад. Аз гаҳвора то гӯр илм омӯз гуфтаанд. Аммо чизе, ки дар наврасӣ меомӯзӣ ҳаргиз фаромӯш намегардад. Фаридун азоб мекашад, аммо бояд ёд гирад. Падари ӯ дар ин деҳаи кӯчак, дар ин пайроҳаҳои танг роҳгардиро омӯхта, дар шаҳри калон маскан гирифт. Дар шоҳроҳи зиндагӣ имрӯз ӯстуворона қадам мезанад.

– Зеҳни тез дорад…

– Метарсам ду рӯз пас ҳама чиз ба дилаш мезанаду озими шаҳр мешавад, – дар лабони пирамард тамасхури ибратбахш дамид.

– Намеравам, – кӯтоҳ вале ҷиддӣ ҷавоб дод набера.

– Ягон ҷӯраи хуб ёбад дилгир намешавад.
– Ман ҷӯраи хуб дорам, – гуфт ҳамоно бо ҷиддият.
– Аллакай? – ҳайрон шуд ронанда.
– Кист? – суол кард бобо.
– Шумо! – боз кӯтоҳ ҷавоб дод Фаридун.

Ҳарду, ронанда ва бобо баланд хандиданд, ки аз ин дар ҷабини Фаридун сурхӣ дамид, шармид. Ва оҳиста аз ҷой хест. Аммо пирамард панҷаи таҳсин ба дӯшаш ниҳод. Ва хоҳиш ба нишастанаш кард. Фаридун, ки шаб нахобида буд хобидан мехост. Пирамард инро дар чеҳраи набера эҳсос намуд. Ва пиёлаи чойро пешаш ниҳоду пораи набот ба он гузошт. Ва ба бурдаи нон равғани маска молида ба дасташ дод.

– Бихӯр бачам, бихӯр ва баъд бихоб…
– Ҳамин ҷо мехобам, – ба суфа ишора кард Фаридун.
– Ин ҷо хоб накун, дар айвон бароят ҷой меандозанд.
– Ин ҷо дар сояи дарахт.
– Дарахт то дарахт дорад. Зери ҳар дарахт хобидан дурӯст нест.
– Чаро бобо?
– Чормағз дар хоб вазнинӣ меорад. Пеш, вақте ки хурд будем, кампирҳо мегуфтанд чормағз аҷина дорад. Касе ки дар сояи он мехобад, аҷина ба ӯ зиён мерасонад.

Баъдтар ки мактабхон шудем, маълумамон шуд, чормағз чун дигар дарахтон гази карбонро фурӯ бурда, гази оксиген ҳосил намекардааст. Баракс, оксиген, ҳавое ки аз он одамизод нафас мегирад истифода бурда карбонро ихроҷ мекунад.

Аз ин рӯ, одамизод набояд дар зери чормағз бихобад. Ту ҳам писарам ин чизро дар хотир бигир.

– Пас чаро дар ҳавлӣ онро шинондед? – суол кард ронанда.
– Инро парарам шинонида будааст. Сояаш, ғафс шуд. Ман ин суфаро бунёд гузоштам. Барои нишасти муваққатӣ.
– Рости гап, дар ин бора, намедонистам.
– Буданд одамоне, ки баъд аз хоб дар зери чормағз гарданашон каҷ шуда бошад. Одамон ин чизро ба аҷина нисбат медоданд, ки гӯё маҳз ӯ ба ин боис шудааст.

Фаридун нону чойро хӯрда, бо ҳидояти бобо дар айвон рӯи бистару болин дароз кашид. Ва зуд хобаш бурд. Ронанда ҳам аз ҷой хест.

– Бо иҷозати шумо…

– Мошинро сари палак ҳай кун! Аз деҳа дасти холӣ рафтанат хуб нест, – гуфт пирамард ва худ шафати ронанда нишаст.

– Муаллим чӣ мегӯяд?

– Муаллимат фикр мекунад, ду – се харбузае, ки ба ӯ мебарӣ боиси костагии ризқи мо мешавад. Бибар, Худо решаро дар тарӣ нигоҳ дорад.

Мошинро ронанда, мувофиқи фармудаи пирамард, дар назди палак нигоҳ дошт. Бағоҷро кушод. Ва ба ҷӯяҳои палаки тарбузу харбуза даромаданд. Пирамард шаш дона тарбуз ва ҳамин миқдор харбуза канда ба бағоҷ ниҳод. Дар як сабад бодирингу помидор чинда, ба он ҷо гузошт.

– Сабад даркор намешавад?

– Бибар, барои нигоҳдории сабзавот лозим меояд. Ман худам боз аз химча мебофам, – гуфт пирамард. Ронанда хайру хуш карда, мошинро ба ҳаракат даровард.

Пирамард хастагии хешро эҳсос кард, ба сояи ангури пеши осиёб омад. Рӯи суфа намади дар анбор қат кардаашро, ки пеш аз сафар гузошта буд гӯстӯрд, аз болои он яккандоз андохту лулаболишт ниҳод ва якпаҳлӯ дароз кашид. Ҳарчанд хост сари масъалаи осиёб, якбора канда шудани пои мизоҷон аз остони он биандешад. Вале риштаи калоба ба даст гирифта натавонист. Зуд хобаш бурд. Нисфирӯзӣ чашм кушод, ки ҳамсараш дар кӯра хӯрок оварда буд. Ва паҳлӯяш нишаста, дастархон гӯстӯрда, чой дам кард.

– Чаро омадӣ?

– Хӯрок овардам.

– Худам мерафтам. Фаридунро бо кӣ мондӣ?

– Хоб буд…

Пирамард аз ҷой хеста, рӯи суфа каме нишаст. Сипас ба офтобаи пуроб, ки дар майдони офтобрас меистод, назар кард.

– Обро ту дар офтоб мондӣ ?

– Заҳраш шиканад гуфтам.

Пирамард офтобаро ба даст гирифта ба таҳоратхона, ки паҳлӯи амбор, аз гилемкӯҳна сохта буд даромад. Ҳамсараш хазонрезаҳои атрофи осиёбро бо гандаҷорӯб ба рӯфтан даромад. Ба машом бӯи талхе зад, ки аз гандаҷорӯб мебаромад. Баъд аз адои намози пешин пирамард сари дастархон нишаст. Нонро ба табақ реза карда, аз болои он шӯрбо рехт. Ва ҳамроҳи ҳамсараш бо иштиҳо хӯрданд.

Чой нӯшиданд.

– Ғуломалӣ чӣ ҳол дорад?

– Кор карда гаштааст.

– Ними дигараш чӣ?

– Дам кардааст.

– Чӣ гуна пешвоз гирифт?

– Ҳама чӣ дошт ба ғайр аз самимият.

– Як шаб чӣ хел таҳаммул кардед?

– Азоби гӯрро кашидам. Шаб хобам набурд. Фаридун ҳам то субҳ мижа таҳ накард.

– Ӯ барои чӣ?

– Ӯ аз хурсандиву ҳаяҷони сафар, ман аз ғояти пушаймонӣ, ки ба ин кулба қадам мондаам.

– Аз як ҷиҳат хуб кардед, ки рафтед.

– Азоб кашидам.

– Фаридунро овардед, хурсанд шудам. Дар назарам кулбаамон нур пайдо кард. Ҳар сол як ҳафта зиёд намеистод. Шаҳрро ёд мекард.

– Фикр мекунам тоб намеорад.

– Ба чӣ?

– Ба мушкилоти деҳа. Ӯ ба чизи тайёр одат кардааст.

– Кӯҳ каланд намекунад. Ин ҷо ҳам таёр мехӯрад.

– Ҷӯраҳояшро ёд мекунад.

– Инаш мумкин.

Пирамард харро аз қади дара, ки канортар аз осёб воқеъ афтода буд, аз мех раҳо намуда, назди осиёб овард. Тӯқум зад, хӯрҷинро болои он ниҳод. Ва тарбузу харбузаро дар почаҳои он баробар гузошта, ҷониби манзилаш ҳай кард.

– Аз палак ҳам хавотир шудам. Дилам аз Файзи урусу сағираи шумаш Довари харсавор пур набуд. Боз хуг барин ҳамаро поймол накунанд, гуфтам. Аз ин хар ҳам ёд кардам.

– Аз саг чӣ?

– Воқеан саг куҷост?

– Надидед?

– Не…

– Зери шолаи алаф хобида буд.

– Овозаш набаромад.

– Шаб меҷакад, рӯз беқарор буд.

Пирамард оромона сухан мекард.

Ҳарчанд дар шаҳр тоби истодан надошт.

Дилаш хело ором гирифта буд, писарашро дид, ҷою по, хонаи пурҷиҳозу ғайриодӣ, ки ҳамдеҳагонаш дар умрашон надида буданд, ӯро як қадар хотирҷамъ намуд

– Ғуломалӣ, Худо умраш диҳад, ҷаҳондидааст. Ҳама чиро дидааст. Ӯ чизеро медонад, ки мо дар сад равем намедонем.

– Ҳама чиро дорад, – оҳ кашид модар.

– Фақат аз зан бахташ омад накард.

– Ба худаш маъқул аст.

– Чунки ақл надорад.

– Дониш дорад, камбудияш дар он аст, ки аз зиндагӣ, расму оини миллӣ хабар надорад. Ё медонад ва ё намедонад.

– Бехабар аст. Ноогоҳӣ, дур будан аз расму оин худ бадахлоқ будан аст.

– Шояд…

– Ба гумонаш аз замон пеш гузоштааст, дар асл қафо мондааст. Зеро ҷамъият одамон, қонуну қоидаҳои ҷомеаро муайян мекунад. Ва онро назорат менамояд. Ҳар кӣ аз ин чаҳорчӯба берун шуд, ба назари аҳли ҷомеа, амалаш қабеҳ менамояд. Ва ин худ далели камбудиву ҷурми ӯ дониста мешавад. Бурду бартарии Ғуломалӣ дар он аст, ки аз деҳа дур афтодааст. Касе камбудияшро намебинад. Дар ошёнаи шонздаҳум ба сар мебарад. Бо касе рафту омад надорад.

– Илм гуфта аз одаму олам тамоман канда шудааст.

– Ӯ дигар ба муҳити мо барнамегардад.

– Барои чӣ?

– Шаҳр, муҳити он, ба мағзи ӯстухонаш нишастааст. Аз он раҳо шуда наметавонад.

– Ақаллан баъд аз он ки нафақа баромад, деҳа меомада бошад ?

– Худо медонад.

– Барои чӣ?

Ӯ дар деҳа ба воя расида, аз ин обу хок баҳра бурда бошад ҳам, ҳоло назараш дар бораи он тамоман дигар аст. Зиндагии деҳотиён ба назари ӯ ниҳоят вазнин аст, ки дар ин вазъ ҳаёт бурдани моро тасаввур мекунад душвор. Хоҳиш дорад мо ба назди ӯ равем, то ки рӯзгори ман каме ҳам бошад рангу ҷилои тоза гирад.

– Наход?

– Бо ӯ дар ин масъала сӯҳбат доштам.

– Хулоса омаданӣ нест?

– Ба гӯшаи хотир намеорад.

– Тағдираш чӣ мешуда бошад?

– Дар куҷое бошад, дарди сарашро набинам.

– Ман ҳам дар панҷ вақт намозам, ҳамин чизро аз даргоҳи Худованд таманно дорам…

Пирамард хӯрҷинро аз болои хар фаровард. Ва харро ба оғилаш бурда баст. Фаридун ҳанӯз хоб буд.

– Бефара шудааст, – ба ҳамсараш пичиросзанон гуфт пирамард.

– Пагоҳӣ ягон чиз хӯрда буд?

– Як бурда нону як пиёла чой.

– Бедораш кунам?

– Не, мон хобашро гирад. Пагоҳ ҳамроҳ осиёб мебарамаш. Мон имрӯз дам гирад, кӯфти роҳро рафъ намояд.

– Дар шаҳр бекор мегашт, ин ҷо ягон машғулият ёбад хуб. Ҳушаш ба он банд мешавад.

– Дар шаҳр машқи гуштин мерафт, компутеру забон меомухт. Боз сад машғулияти дигар дошт, ки ба фаҳми он мову шумо намеравем.

– Дар деҳа на барқ асту на телевизор, дар ин муҳит то куҷо тоб меоварда бошад?

– Харсаворӣ мекунад, бо саг машғул мешавад, оббозӣ менамояд. Ягон рӯз Ҷангалак тамошояш мебарам. Боз дар корҳои ман кӯмак мекунад. Дасти тӯро мегирад.

– Дилгир намешуда бошад?

– Вақт нишон медиҳад.

Пирамард химчаҳои чанд рӯз пеш ҷамъовардаашро таги чормағз ниҳода, микрозу кордашро ба даст гирифт. Ба бофтани сабад машғул шуд. Ин машғулияташро дар вақти фориғ аз кори осиёб давом медод. Ба сабадҳояш талабгорон зиёд буданд. Худаш низ аз он истифода мебурд дар корҳои хоҷагӣ. Кампир низ пашм тоза мекард. Имсол намад молиданӣ буд, барои духтараш. Намади порсоларо ба намоишгоҳ бурданд. Ба ивазаш қолин доданд, ки онро дар меҳмонхона гӯстӯрда буд.

Гашти пешин Фаридун аз хоб бедор шуд. Хайрон ба кори бибиву бобояш зеҳн монд. Ва оҳиста – оҳиста, чашмонашро молида назди суфа омад. Дар гӯшаи он покашол нишаст.

– Хобатро гирифтӣ? – табассум кард бобо. Фаридун ба нишони тасдиқ сар ҷунбонд. Ва ба кори бобояш мутаваҷҷеҳ шуд.

– Чӣ мебофед?

– Сабад…

– Чӣ кор меояд?

– Дар ин помидор, картошка, сабзӣ, пиёз, бодиринг нигоҳ медоранд.

– Дар шаҳр аз пластмасс месозанд.

– Кӣ месозад?

– Завод…

– Мо ҳама чизро бо дасти худ месозем, ҳосили заҳмати худро мехӯрем.

– Фаридун, – бибӣ дастархон гӯстӯрда хӯрок овард.

– Лаббай аз ҷой хест набера.

– Дасту рӯятро бишӯй, Биё хӯрокатро бихӯр.

– Фаридун аз ҷой хест, дар ҷӯй дасту рӯй шӯста, лаби дастархон нишаст. Пирамард сабадро бофта ба анҷом расонид ва боқимондаи шохчаҳоро, ки барои сабадбофӣ номувофиқ буд бо химча баста дарза кард ва онро назди танӯр гузошт.

– Дар офтоб мемондед, хушк мешуд, – маслиҳат дод Моҳсурат.

Пирамард ба хости дили ҳамсараш дарзаро дар офтоб гузошт. Ва худ сабади навбофтаашро рӯи суфа ниҳод. Саги гӯшу думбуридаи сафеди чӯпониаш, даҳони бузӯргашро, ки аз миёни дандонҳои ашк забони сурхашро намоиш медод, калон кушода ба таври худ хамёза кашид. Ва дар васати чормағзу суфа каҷпаҳлӯ зад.

– Дишаб ман ҳам ба ҳоли ту гирифтор будам, – ба саг рӯ овард пирамард. Ту дар ин ҷо шабзиндадорӣ кардиву ман дар он ҷо.

– Хайбар, – назди саг омад Фаридун ва пораи гӯштро пешаш ниҳод. Саг бепарвоёна ба рӯи навраси ношинос нигаристу боз рӯ ҷониби дигар овард, вале Фаридун исрор кард.

– Маҳ бигир, – ба гӯшт ишора кард. Хайбар хам шуда, гӯштро аз замин гирифт ва хоида-хоида фурӯ бурд, луқма ба даҳонаш лазат бахшид, ки нигоҳаш ба рӯи Фариддун самимӣ, тамаъҷуёна гардид. Ва гарданашро бечораҳолона каҷ гирифта, мингоси раҳмоваре аз умқи дил кашид.

Пирамард дар гӯшаи суфа амонат нишаста, ҳама ин манзара-

ро хомӯшона аз маддӣ назар мегузаронид.

– Биё Хайбар, – аз ҷой хест Фаридун, саг гардан ёзонда илтифоту бахшишеро аз ӯ ҷуён буд. Чашмони мунавараш ба дастони холии наврас нигарон буд. Ва мингосзанон лаб мелесид. Пирамард ба наберааш, ки ин лаҳза ба ин ҷонвар муносибати дӯстона барқарор мекард, кордор нашуд, аз ҷой хеста бардам қадам монда, ба назди оғили гӯсфандонаш омад. Дар ин оғил барои ду гӯсфанди нар хоса ҷой сохта буд ва онро аз дигар бузу гӯсфандон, ки ба пода ҳай мекард ҷудо намуда буд. Нигоҳубини ин ду гӯсфандро тарзе ба роҳ монда буд, ки аз дигар чорвои хона, ҳатто ду гови ҷушоӣ фарқ мекард. Субҳу шом худаш тарит омода карда, пешашон мегузошт. Шоххои кундашонро дастмол менамуд. Ба хӯрдани гӯсфандон, бо ҳавас назора мекард. Пашми ҳардуро пеш аз сафар тарошида, дар оби ҳавз шӯстушӯй намуд. Сипас порӯи ларбастаро, ки тахта – тахта шуда буд канда, дар офтоб гузошт, ки хушк шавад.

Ба замини оғил фарши чӯбин сохт. Ва бегоҳ дар масҷид аз ин кораш ҳарф зада, ба таври худ ифтихор кард ва мавриди истеҳзо қарор гирифт.

– Хонаат фарши чӯбин надораду барои ду гӯсфандат фарш сохтӣ? – пӯзханд зад Абдуқаҳори номус.

– Магар ин хандаовар аст?

– Бале,, – хандаашро пинҳон намедошт Абдуқаххор, – чорводори кори савоб аст. Ман намегӯям, ки нигоҳубин накун! Ҳама чиз ҳад дорад. Ғами худатонро ҳам хӯред!

Пирамард азм кард дигар дар ин бора бо касе ҳарф намезанад. Пеши гӯсфандонаш нишаста, сари онҳоро дастмол мекарду табассуми аз хушҳолӣ раста, аз лабонаш дур намешуд. Пирамард ҳар сол ду қушқори парвоияшро савдо карда, ду барачаи дигар мехарид. Ва онро як соли дигар бо чунин усул нигоҳубин мекард. Худаш обу алаф медод. Фардо бояд гӯсфандонро бозор бубарад. Ӯ мисли дигар савдогарони бефаросат, ки роҳи даромадро муҳимтар аз инсоф медонист, ҳаргиз гӯсфандонашро бо пашми баланд, ки фиребову чашмрас метобанд бозор намебурд. Дурӯғ ҳам намегуфт. Далолони мадоҳро, ки дар ҷабини ӯ нури Худоро дида, нархи гӯсфандонро барои кадом як қассоб ва ё савдогари дигар паст мекарданд, дӯст намедошт. Ӯ ба гӯсфандон дар косаи махсус сабӯс тар карда, то хӯрда тамом кардани он мушоҳида намуд. Ин лаҳза ҳамсараш дар сатил об

бардошта омад. Пеши гӯсфандон гузошт.

– Фарбеҳак шудаанд.

– Чашм накун!

– Ин чашмро мекафонад, – ба шохаи хушки хор, ки дар боми оғил овезон буд ишора карда табассум намуд, Моҳсурат.

– Пагоҳ бозор мебарам…

– Гуфта будед, ки аввал тири осиёбро дурӯст мекунед?

– Осиёб ҳам бекор. Мушкилот болои ҳам омадааст. Баъд аз бозор мекунам.

– Имрӯз вақтро беҳуда гузаронидед.

Сабад муҳим набуд.

– Дилатро кушод бигир занак. Ҳамааш мешавад, – пирамард ба ҷонварон бо меҳр нигарист ва чуноне, ки бо тифл бо забони худашон гуфтугӯ мекунанд бо гӯсфандон ҳарф зад.-Пагоҳ бозор мебарам ҳардутонро. Ҳа … Зуд ба савдо меравад. Намедонам ба дасти кӣ мезанед. Агар ягон чорводори асил бошаду барои аз пуштатон насл гирифтан бихарад. Боз умратон якчанд моҳ, шояд сол дароз шавад ва аз худ насл гузоред. Агар ба ягон қассоби гурусна афтед, – пирамард оҳ кашид. – Чӣ илоҷ? Зиндагиро бо ҳамин услуб сохтаанд. Ва онро ман эҷод накардаам. Ҳамааш тайёр аз гузаштагон ба мо мерос мондааст. Муҳаббати одамизод ба ҳайвонот, ҳамин тарз бунёд ёфтааст. Ғамхорӣ намуда асра мекунанд, ки фарбеҳ шавед, ҳамин, ки думба карда, гӯшт гирифтед, сар мезананд ва ягон зарра қалбашон аз ин амал рахнае пайдо намешавад.

Гӯё чизе нашуда бошад.

Пирамард аз ҷой хеста ба самти ҳавлӣ, ки наберааш бо саги чӯпонӣ бозӣ мекард равон шуд. Ҳамсараш танӯрро кушода, машғули фурӯзон кардани оташ буд.

– Занак бояд Саттор биояд, гӯй ки як дам интизор шавад. Ман назди Сулаймон меравам…

– Барои чӣ?

Пирамард ба саволи ҳамсараш ҷавоб надод, як дараҷа хафа ҳам шуд. «Кӣ ҳуқуқ додааст, ки ба кори шавҳар ҳамроҳ шавад?» Ба назари пирамард, вақтҳои охир кампираш хеле сергап шудааст. «Дарси тарбиявӣ нест-домулло Шерзод.» Агар кам-кам дар сари кадуи ин махлуқ зада истӣ, мефаҳмад, ки шавҳар дораду шавҳараш латта нест.» Пирамард аз паси дарвозаи Сулаймон садо кард.

– Сулаймон, о Сулаймон…

– Лаббай, – дастҳои барзадаи равғанолудаашро ба хоки нарм ғутонда, омад пеши пирамард, – биёед, марҳамат, – луфт кард.

– Не, вақт надорам, одам меояд,

– Ба хайр…

– Пагоҳ гӯсфандонро молбозор мебарам. Агар вақт дорӣ биё, музду минатдорӣ…

– Кай?

– Вақти намоз…

– Хуб, худам ҳам бозор рафтанӣ будам. Пеш аз сафар як дуҷояшро бинам.

– Кори хуб мекунӣ… Хайр то пагоҳ…

– Як пиёла чойи маро мегирифтед ӯбол намешуд.

– Чойи тӯро кам нахурдаам, – пирамард ба роҳаш чапасар гашт.

Ҳамсараш бо аловков хасу хори дар болои бораҳои мудавари танӯр рехтаро ба коми оташ тела дода, баробари вориди ҳавлӣ шудани шавҳараш ба шикоят даромад.

– Вақтҳои охир саволҳоям беҷавоб мемонад.

– Нафаҳмидӣ ба чӣ хотир?

– Фаҳмидам…

– Фаҳмида бошӣ, нағз, – пирамард дар ин гуфтораш, ки оҳангаш дурушт буд, ба ҳамсараш фаҳмондани буд, ки ҳадашро шиносад. Ва ба наберааш рӯ оварда, ба ҳамсараш шунавонд.

– Пагоҳ бозор меравем.

– Бозор?

– Бале, гусфандонро савдо мекунем, аз он ҷо ду барачаи дигар мехарем. Пиёда намеравем натарс, Сулаймонро гуфтам, бо мошини ӯ меравем.

Моҳсурат низ дарк кард пирамард бо ин тарз саволи ӯ ҷавоб дод, хотираш ҷамъ шуд, чинҳои ҷабинаш рафъ гардид. Дарк кард саволҳояш оҳанги дурушт пайдо кардааст. Ва ранҷиши пирамард аз ин сарчашма об мехӯрад.

– Бобо бозори мол куҷост?

– Ман ягон маротиба молбозор нарафтаам.

– Акнун меравӣ.

Пирамард, гӯсфандонро аз оғил бо навбат бароварда, дар оби ҳавз, ки худ ба ин хотир канда буд, партофт ва худ ҳамроҳи наберааш лаби ҳавз истода, то тоза шуданашон нагузоштанд, ки аз

об берун шаванд. Чун гӯсфандонро имкони берун омадан доданд, писарак ба рафтори ҷонварони сар то по тар диққат дода, ҳар амали онҳоро бо кунҷковӣ, назора мекард. Гусфандон аввал гӯшҳои лаққа, сипас калаҳои ғафсу шохдорашонро, ки чанбари велосипедро ба ӯ хотирасон мекарданд афшонда худро ба майдони офтобрас гирифтанд.

– Чаро оббозӣ даромадед бобо?

– Тозагии баданашон намоён шавад, баракати ҳамакор дар ин аст. Бозоргони ба инсоф баракат мебинад, фиребгар мудом саргардон аст. Харидор ҳам пул дода мол мехарад, бояд аз савдояш розӣ бошад.

Мутаассифона на ҳама бозорро дарк мекунанд, ба андешаи онҳо бозор танҳо майдони пулкоркардан, аст. Агар бо фиреб даҳкарат фоида бинанд, бист маротиба зиёд зиён хоҳанд дид.

Пирамард баробари хушк шудани бадани гӯсфандон онҳоро ба оғил андохт ва дар ин кор ба ӯ Фариддун кӯмак расонид. Сипас пирамард дари оғилро бодиз зада, ба набераащ катаки мурғҳоро нишон дод, ки баробари дидани он ба қуд-қуд даромаданд. Аз ҳама зиёд хуруси қавичанголи тоҷсурх, ки чашмони арғувонияш беқарор буданд, безобита буд. Ӯ қуд-қуд кунон гардани дарозашро ду-се маротиба ҷунбонда, ташрифи худованди ин хонаву дар, амволи ҷондору беҷонро мавриди ташхис қарор дод, ки ба ин одамчаи ҳайрон чӣ чизеро мефаҳмонда бошад? Ва мақсадашон дар чист? Пирамард ба хурус ишора кард:

– Мебинӣ, чӣ хел, ӯстувор истодааст?

– Хуруси ҷангист?

– Не, ин ишкамбузӯрг, дар дасти аввал думро хода мекунад.

– Чаро бобо?

– Мурғи фарбеҳ, зеби тобаи доғро дораду дастархони пурнозу неъматро.

– Ҳайф мешавад…

– Беҳавсала шудааст. Аз бозор, ки омадем, Сар зада палав мепазем.

– Накушед бобо…

– Барои чӣ накушам ?

– Хушрӯй аст ку ?

– Бале,, ҳама ҷо чашм аввал ба чизи зебо мерасад. Пагоҳ не, пагоҳи дигар. Ҳашар дорам.

– Чӣ хел ҳашар ?

– Осиёбро таъмир мекунем.

– Осиёб?

– Ту осиёбро надидай. Он ба ман аз бобоят, ба бобоят аз падараш, ба падараш… Ҳамин тавр осиёб барои мо касби авлодист. Аммо метарсам, баъд сари ман он бесоҳиб мемонад.

– Барои чӣ бобо?

– Падарат аз шаҳр омада, ҳеҷ гоҳ ин пешаро ворисӣ намекунад. Ӯ дар он ҷо кори худро дорад, аз рӯи ин касбаш обрӯ пайдо кардааст. Ҳамчунин очаҷонат ҳаргиз розӣ намешавад, ки падарат омада, ба ин пешаи назарногир машғул шавад.

Писарак ҳис кард, дар гуфтори бобояш ҳини номи модарашро гирифтан як навъ кароҳат вуҷуд дорад. Балки барои ӯ ин чиз хушоянд нест. Вале нахост тагпурсӣ карда, рози ин муамморо ошкор намояд. Аз ин рӯ худро ба нодонӣ зада, идомаи суханони бобояш гӯш фаро дод.

– Осиёби меросӣ, бесоҳиб мемонад. Афсӯс…

Писарак хост бигӯяд: «Ман онро соҳиб мешавам, ман пешаи гузаштагонро давом медиҳам, ман онро чун гаҳвараки чашм нигоҳбонӣ мекунам.» Вале ин чизро барои худ лоиқ надид, ҳанӯз барвақт аст. Нахост бо ин амалаш пеши бобояш ҳамчун як шахси, носерам муаррифӣ шавад. Аз ҷониби дигар, ба пиндори ӯ гуфтораш дар ин маврид боз аз он ҷиҳат, ки дағал меомад, ки ӯ мегуфт: «Бобоҷон, ман чун насли ин дудмон ворисӣ ин пеша ҳастам.» Аз ин ҷиҳат хомӯширо авло донист.

Ҳарчанд медид, пирамард дар ҳасрати меросбари касбу пешаи бобоӣ ҳузн дорад. Вале боз ҳам ҷилави суханро кӯшиши ба дигар мавзӯъ кашидан кард.

– Бобоҷон ҳашар чист?

– Ҳашар, ин русуми меросии мо тоҷикон аст. Агар ман кореро сомон додани шавам, ҳамсояҳо ба кӯмак меоянд, то ки танҳоиву мушкилӣ накашам.

– Чаро дар шаҳр чунин нест?

– Он ҷо ҳама пешаву кор инфиродист.

Ҳамсоя ҳамсояро намешиносад. Дар деҳа бошад анъанаву суннатҳои ибратбахш он аст, ки аз байн рафтани он фоҷиае беш нест. Аз он ҷумла ҳашар, ки то имрӯз бо ҳама хусусиятҳояш побарҷост.

– Ман ҳам дар ҳашар иштирок кунам?

-Чаро не? Ту натанҳо ба ман балки ба бибият низ кумак

мерасонӣ.

Писарак аз боварии бобояш нисбат ба худ хурсанд шуд. Ба нонбандии бибияш зеҳн монд, ки ин амалро ба ӯ буи нони гарм водор намуд. Нони сурхи ордаш аз осиёби сангӣ тайёр шуда, бо шираву хушлазат буд. Фаридун лаззати онро бо чор ҳиси зотияш эҳсос карда, ин лаҳза низ дар қайди он қарор дошт.

– Шерзод, о Шерзод… – овои Саттор ба гӯш расид.

– Биё, – ба истиқболаш баромад пирамард.

– О, дар шаҳр даҳрӯз меистам гуфта будед ку?

– Барои номи шаҳриёнро хурдан дандони оҳанин даркор будааст.

– Акнун фаҳмидед?

– Шабе, ки он ҷо будам, хоҳ бовар мекунед, хоҳ не… – чашмонашро ба маънии манфӣ пӯшид, – дузахро дидам. Ҳини сапададам роҳи деҳаро пеш гирифтам.

– Мошини кӣ буд?

– Азони писарам…

– Офаринаш бод… Мардак хондааст. Ҳарки кӯшиш кунад, касе ки набошад мувафақ мешавад.

– Рост – рост…

Чӣ сабаб шуд, ки ҳамагӣ як шаб истодеду халос?

– Деҳа ба худ кашид, бе деҳа наметавонистаам. Дигар намеравам… Бигзор Ғуломаличон худаш биояд.

Ҳарду Саттору пирамард рӯи яккандозҳои дар болои суфа партофташуда нишастанд. Пирамард чойи нававардаро, ки ин амалро ҳамсараш иҷро кард, пеш кашида, ба дам кардани он даст зад. Фаридун ба амали бобояш зеҳн монд, ки бо ҳавсала чой мегардонд.

– Furnish

– Лаббай?

– Бибиям мегуяд, дастҳоятонро об гирам, шакараб мекунад.

– Оличаноб, зуд бош ҷони бобо…

– Фариддун дар як даст дастак, дар бозу сачоқ ва дар дасти дигар офтоба ҳозир шуд. Ба дасти онҳо об рехта, дар ин маврид, низ дучори эроди бобояш шуд.

– Обро борик мерезанд, ҳини ҳар як резиш фосила мегиранд. Ин корро ёд бигир бачам.

– Такид намуд бобои набера. Чун дастаҳо шӯста шуданд, кампир дар табақи чӯбин шакароби тайёр кардаашро бардошта

овард. Набераи бобо низ, даст шӯста паҳлӯи бобо қарор гирифт. «Шакароб», – аз дили Фариддун гузашт. Хост қурутобро ва чӣ гунагии онро пурсид. Зеро дар ин бора модараш бо истеҳзо ҳарф мезад. Ва деҳотиёнро бо ҷурми шакаробу қурутобхӯрӣ таъна ҳам мезад, ки ин хӯрокҳои бе гуштро бо иштиҳо мехӯранд. Ва ҳини хурдан чумчаву шохакро истифода намебаранд. Фаридун бо ин азм ба рӯи бобояш нигарист. Хост суол диҳад. Вале бобо аз ин боб ҳарф зада, ба саволи набера ҳанӯз даҳон набаромада ҷавоб дод.

– Шакароб хӯроки тобистон асту қурутоб аз зимистон, набераи ман, – ба Фариддун ишора кард, – ҳанӯз чӣ будани онро намедонанд.

– Наход ? – ҳайрон шуд Саттор.

– Аз худаш пурс !

– Бори аввал мехӯред ?

– Бори аввал, – табассум дар лабонаш гул кард.

– Чаро ?

– Модари ман наметавонад…

– Фаҳмо, – ҳамчунон бо тамасхур ҷавоб дод Саттор.

– Пагоҳ гӯсфандонро бозор мебарам. Дар деҳа харидор ҳаст ё не намедонед?

– Нест…

– Мебуд, овора намешудам.

– Бозор баред, ҳазор бор хубтар аст, – гуфт Саттор.

– Пас фардо осиёбро таъмир мекунам, барои ҳамин даъват кардам шуморо, ки якҷоя тири аз новак беҷо шударо ҷо ба ҷо кунем.

– Ҳардуямон аз ӯҳдаи кор мебароем?

– Мебароем… Ба ҳар ҳол Абдуқаҳори номус ҳам бошад, зарар надорад.

– Аз дастат чӣ кор меояд?

– Гап медиҳад…

– Агар Файзи урус ҳам мебуд, кайф мекардам.

– Рӯяшро мурдашу бинад, пирхари беимон, осиёбро вайрон дида, хурсандӣ кардааст. Осиёби ман ба ту зиён расонид? О ягон-ягон «кавсан» мефиристодам, ки дастархонашон бе нон намонад.

– Курнамак бисёр шудааст. Ӯ ҳам аз ҳамон тоифа одамон аст.

– Илоҳо тухмашон дар олам намонад инҳо, – ба Фаридун

ишора кард, – аз ӯ чӣ ёд мегиранд?

– Одами бофаросат, аз амали онҳо ибрат мегирад, ҳарчизе ки онҳо мекунанд инҳо чашм мепушонд ва дар амали худ ба он роҳ намедиҳанд.

– Хурусро кушта ош меандозем…

– Беҳтарин ғизо… – дастонашро бо сачоқ пок карда, гуфт Саттор. – Осиёб набояд бекор монад. Имрӯз бархе ба деҳаи Хами сафедорон мераванд, он ҷо гандумашонро орд мекунанд. Рости гап шикоят аз он осиёб зиёд, шудааст. Аз гандуми бурдаашон орди навъи аъло ҳосил мешавад. Вале дар танӯр дошт намедиҳад.

– Дар ин ҷо айби ман ҳам кам нест. Хабари бунёди осиёбро дар Хами сафедоронро шунида, хотирҷамъ шудам. Фикри таъмири тири осиёбро ба таъхир гузоштам. Аз як тараф гапи нотавонбинҳо кори худро кард. Чархи ин осиёб ҳафт пушташонро хуронд, эҳтиёҷоташонро баровард. Вале боз ҳам қонеъ нестанд. Ба пайдо шудани осиёб дар Хами сафедорон қарсак заданд. Шунавонда гуфтанд, ки ин осиёб сабӯсро кам мебарорад. Гӯё осиёби ман ними деҳаро кушта бошад…

– Гӯш кунед бобои Шерзод, дар ҳама давру замон нотавонбину лаққӣ ҳаст, хафа нашавед. Шукр гуед, ки дар ин деҳа Осиёб доред. Дигарон чӣ доранд? Худатон гуед? Чӣ доранд?

– Мероси гузаштагон… Ба худам мешуд, бо ин ду бузу гӯсфанд қонеъ будам.

– Худодод ки ҳастед мерос расид, ман аз волидон чизе надидам.

– Худоро шукр, дар умри сарам мушкилиро надидаам. Дастам ба бенавову бечорагон мудом мерасид. Худо аз неруву тавоне, ки дорам кам накунад.

– Ғӯломали кӯмак мерасонад, ҷавонмарди бонангу номус аст.

– Аз ин ҷиҳат шикоят надорам.

– Бобоҷон осиёб чарх дорад?

– Дорад…

– Барои чӣ осиёбро ин ҷо намеоред?

– Чӣ хел меорам?

– Чарх дошта бошад, тела медиҳед.

– Ҳм, – хандаашро ба зӯр нигоҳ дошт пирамард, – чархи осиёбро ба ту нишон медиҳам. Он мисли чархи автомобил нест. Ва осиёбро аз ҷой ҷунбондан имкон надорад. Осиёби барқиро мета-

вон дар ҳар ҷое, ки хати барқ мавҷуд аст гузошт.

– Ту дар шаҳр мехонӣ?

– Дигар он ҷо намехонам.

– Барои чӣ?

– Ин ҷо мехонам.

– Падару модарат чӣ мегуяд?

– Фаридун гумон кардааст ихтиёраш дар дасти худаш аст, – ба ҷои набера ҷавоб дод пирамард.

– Не, намеравам, абрӯ чин кард набера.

– Ғам нахур ҷони бобо, агар шаҳр, ҷӯраҳоят, компютеру дигар воситаҳои дилхушкунандаро, ки сари ҳар қадам дар он ҷо вомехӯред ёд накунӣ. Дар ин хусус ягон фикр мекунем.

– Бо Ғуломалӣ дарди бахайр, модараш чӣ мегӯяд? Ӯ ҳаргиз розӣ намешавад.

– Фикр мекунам розӣ мешавад, – ба бовари гуфт Саттор.

– Агар розӣ шаванд хуб, вале машғулиятҳое, ки баҳри ӯ муҳайё кардаанд, баҳона мешавад.

– Ба худам низ вобастагӣ дорад.

– Бале,, агар ба муҳит тоб оварад, – гуфт пирамард, пиёлаи чойро ҳурт кашида ба таи чашм ба рӯи Фаридун нигарист, ки аз ҷавоби бобояш хурсанд шуд, азм кард як гапро мегирад.

Ва ба ягон дуғу даранг зориву тавалло гӯш намедиҳанд. Ягон гапро ба гӯшашон мехонад. «Намеравам» шаҳрро намехоҳам, дар ин ҷо мемонам.» Деҳа ба Фаридун писанд омада буд, бо вуҷуди он ки модараш, зисту зиндагии онҳоро дур аз рушду тамадун муаррифӣ мекарду деҳотиёнро тудаи чиркин меномид. Ва падари Фаридун аз ин ҳисоб истисно набуд. Гӯё ӯро модари шаҳрияш ба қатори ҷавонмардони намунавӣ даровардааст.

– Дар по кедии варзишӣ пӯшида, дарс мерафт, ба сар тоқӣ дошт. Куртаашро уту намекард. Тугмаи куртааш ҳарранга буд. Акнун ақлаш ба ҳама чиз мегирад. Пӯшокашро дар ҷевон меовезад. Вақти пӯшидан онро як соат аз назар гузаронда, худаш мувофиқи табъи худ уту мекунад.

– Чаро либосашро худаш мешуяд?

– Қишлоқӣ, гумон мекунад, ман мувофиқи табъӣ ӯ шӯста, уту карда наметавонам.

– Хизматгорро барои чӣ гирифтед?

– Падари нобоварат овард. Гӯё ман ноӯҳдабароям. Гӯё хизматгор мувофиқи табъи ӯ кор мекардааст. Мудом таънааш меза-

нам. Ту ҳамон лавкандаи киштлохӣ нестӣ? Имрӯз ба мани шаҳрӣ одобу ақл ёд медиҳӣ? Хомӯш аст. Гап намеёбад.

Фаридун сӯҳбате, ки модараш дошт ба ёд оварда, ба худ хулоса кард, чунин андеша дар мавриди деҳа ва деҳотиён қобили қабул нест. Балки ба қавли муаллими Салом, бузӯргон дар деҳаҳои хурду назарногир ба дунё меоянд…

Фаридун ҳеҷ намехост бо ҳамсолонаш шину хез дошта бошад. Ба ӯ ширкат дар сӯҳбатҳои мардони солору рӯзгордида хуш меомад. Аз ин рӯ деҳа ва мардони самимияшро писандида буд. Дар шаҳр, мардон ба бачаҳо нигоҳи гарм надоштанд, гӯё ягон лаҳза вақти зиёдатӣ надошта бошанд, ки ҳатто саломи бачаҳош ӯро ҷидӣ қабул намекунад. Ҳамин тавр ҳама ба тақдир тан додаанд.

Дар вақтҳои муҳоҷиркунонӣ, солҳои чилу панҷоҳ деҳаи мо ҳам ба нақша меафтад. Аз марказ супориш мешавад. Вале мутасаддиён, то гардиши ноҳия мерасанду дилашонро ваҳм фаро мегирад. Ва роҳашонро дигар мекунанд.

– Аз чӣ меҳаросанд?

-Аз шерони деҳа…

– Он вақт дар деҳа шер буд?

– Шер дар куҷост? Ягон давру замоне, ҳазорҳо сол пеш будааст. Ва шерони маҳаллӣ дар сари хомаҳои баланд, ки дар чор тарафи деҳа мавҷуд аст, дароз кашида, намегузоштаанд, ки касе ба деҳа ворид шавад ба ҷуз сокинони он. Ҳамин ривоятро шунида, Себзорро ба ҳоли худ мегузоранд. Ва ҳатто фикри Хами Сафедорон намекунанд, ҳамин тариқ аз тарси шерони Себзор муҳоҷиркунонӣ ба таъхир афтода, дағалона алек мегирифтанд. Дар деҳа бошад Баракс,, ҳамин, ки бо ту рӯ ба рӯ оянд як соат пурсу пос карда, саратро дасмол менамоянд. Фаридун аз паси Саттор, ки майли рафтан дошт, ҳамроҳи бобояш баромад.

Бегоҳ бобояш масҷид рафт. Ӯ монду бибияш. Каппир нонҳои пухтаашро дар сабад гирифта, ба хона даромад. Ва набераашро ки рӯи суфа танҳо нишаста буд, ба айвон даъват кард.

Он ҷо биби дудаи шишаи чароғи равғанинро бо чӯби латтапеч тоза мекард.

– Барои чӣ тоза мекунед бибӣ?

– Барои он ки хуб равшанӣ кунад.

– Бибӣ, барои чӣ то ҳол барқ нагузаронидаанд?

– Деҳаи мо дар ҷои номувофиқ, аз марказ дур қарор гирифта-

аст. То ин ҷо хатти барқ кашидан маблағи гарон талаб мекунад.

Аз ин рӯ ин масъалаҳо ба гӯшаи хотир намеоранд. Аз ҷониби дигар ҳамдеҳагон низ ҳавас надоранд. Гоҳ – гоҳ Файзи урус ин масъаларо мебардорад. Вале сипас аз ёдҳо меравад. Бобоят мегуяд бо ҷурми иҷро нашудани қарори боло мутасаддии муҳоҷиркунониро ба Сибир бадарға мекунанд. Ӯ хурсанд шуда буда аст, ки худо раҳм хурда, ба ҷангалзори Сибир бадарғааш карданд, вагарна луқмаи хоми шерони Себзор мешуд.

– Бибиҷон?

– Лаббай.

– Рост аст, ки шерони Себзор ба одамони деҳа кордор намешудаанд?

-Инро бобоят медонад. Ман ҳам аз ӯ шунидаам. Бобоят аз хурдӣ кунҷков буд, сӯҳбати пиронро гӯш мекард. Ин чиз дар ту ҳам ҳаст.

– Ин кори бад аст?

– Баракс,, пирон ҳаргиз беҳудагӯӣ намекунанд. Суханони онҳо ҳама маънӣ аст, ки инсонро ба роҳи нек ҳидоят менамояд. Агар иқболат баланд бошад, ҳаргиз ҳарфу ҳиҷои пирон зиёнат намерасонад.

– Бибиҷон, ба ман афсона гуед.

– Майлаш, ҳоло корҳоямро буд кунам, – кампир чароғро равшан карда, онро дар мехи айвон, дар ҷои доимияш овехт. Равшанӣ кам ҳам бошад атрофро фаро гирифт. Аммо ин набераи боборо қонеъ накард. Ҳавлӣ ва атрофи онро, дар ин шаб чароғӣ моҳ мунавар намуда буд, ки барои Фаридун ин ҳам кифоя набуд. Ба қадри шаҳр кӯчаҳои чароғонаш акнун расид. Вале боз ҳам худро ба деҳа моил гирифт. Нахост андак-андак ба рӯҳу равонаш фишор оварда, ба ӯстувории иродааш латма занад. «Ба ҳар ҳол ғайриодигӣ ва табиии будани обу ҳавояш бартарии деҳа зиёд аст.» – Аз дил гузаронид, вазни деҳаро дар қалбаш бо ин роҳ афзун намуд. Сухани бобояш, ки мудом, аз шикасти рӯҳи шаҳриён дар деҳа ҳарф мезад ба ёдаш заду нохост дар лаҳзаҳои нахӯст, ба шаҳр, кӯчаҳои мунавару калон, мағозаҳои пур, бозорҳои фаровон, боғи ҳайвонот, кинотеатру воситаҳои дигари дилхушкунандааш вобаста буданашро ошкор кунад. Деҳаи кӯчак, ки одитарин воситаҳои замонавиро доро нест, барояш гарон буд, вале муносибати одамон самимият, фазои кушод, табиати мусафо, рӯди равон, олами ҳайвонот, ғизои табии, бахусус нони

танӯриву хӯрокҳои ширӣ роҳати ҷон маҳсуб меёфт, ки Фаридун ҳанӯз ба дарки неку бади олам сарфаҳм нарафта, мафтун шуда буд. Ва ҳар дафъае, ки ҳамроҳи падараш меомад. Ба модараш тарзе қисса мекард, ки гӯё тамоми умр он ҷо ба сар бурда бошад. Ва зери ин эҳсос рӯзу ҳафтаҳо мегашт. Аз гови алобулои норпистон, аз ҳавлии калони бедарвоза, аз дарахти бузӯргу солдидаи чормағз, аз суфаи баланду дастӯрхони пурнозу неъмати бибӣ ҳарф мезад. Пеши ҷӯраҳояш қисса мекард, ки дар ин шаҳри азим на ҳама аз зебогии деҳа, аз таровати дашту даман бархӯрдор буданд. Аз ҳама зиёд таввақӯҳи ҳамсолонашро хари кабуди бобояш, ки дар бораи вай суханҳои росту дурӯғ бисёр мегуфт, ба худ мекашид, Фаридун аз харсаворӣ, кайфияти он ҳикоя мекард, ҳол он ки харро дар боғи ҳайвонот дида буду халос. Боре ҳам муясар нашуда буд, ки ба он савор шавад. Вале ҳини тавсифи деҳа, барои шира бастани сухан аз ин чиз қисса мекард. Ва дар хусуси харсаворияш бо ҳарорат гап мезад.

Акнун дар макони таърифияш шоми нахӯстинро бо тирагиҳояш ба сар мебурд паҳлӯи бобову бибии дӯстдораш. Бобояш масҷид рафт, бибияш бошад бо ӯ буд. Бибӣ радиои сиёҳи дастадори калони ҳамсарашро, ки соли донишҷӯшудани Ғуломалӣ аз Душанбе харида буд, ба кор даровард. Радио пас аз шунавондани ахбор, ба пахши консерти шурӯъ намуд. Хабарҳои радио дар ин гӯшаи дури пойтахт, ки Фаридун то ин рӯз он ҷо мезисту иттилоот барояш ҳар лаҳзаву ҳар соат ба таври фаровон дастрас буд, воқеаи бағоят бузӯрг ва зарурӣ маҳсуб мешуд, ки онро дар лаҳзаҳои нахӯстини буду бошаш эҳсос намуд.

Хабарҳо он қадар арзиши баланди иттилоотӣ надошта бошанд ҳам, шунидани он барояш дар ин деҳаи кӯчаки дур аз тамаддун гуворо буд. Наттоқ ҳамагӣ панҷ ва ё шаш хабарро чун воқеаи нодири аҳамияти ҷумҳуриявӣ дошта, аз рӯи вазну аҳамият саҳифабандидашударо қироат намуд, ки кушода шудани китобхонаи электронӣ, дар маркази шаҳри Кӯлоб, ягона рӯйдоди воқеан арзишманд буд. Фаридун омад, ки дастрас набудани ин ва дигар маърифатомузӣ дар ин мавзеъ бараъло эҳсос мешуд. Вале мардуми онро надоштани ин воситаҳо, ҳеҷ ба ташвиш намеовард. Гӯё бе ин ҳам рӯз мегузарад. Ва бартарии рӯзгорро бо доштании он дар зиндагии сокинони шаҳру маҳаллоти дигар пай набурда будаанд.

– Ҳамин ҳам сурӯд шуд? – иҷрои сурӯди як ҷавонро бо усул

«реб» мавриди танқид қарор дод Моҳсурат.

– Бад намехонад ку?

– Барои ту ва ту барин ҷавонон ҳангоси хар ҳам хуш меояд, – бо киноя ҷавоб дод бибӣ.

– Бибиҷон, чаро навгониҳои зиндагӣ шуморо ба ҳаяҷон намеорад, аз чӣ бошад ба ҳар як навигарӣ бо назари душманона менигаред.

– Кӣ гуфт?

– Инро эҳсос кардам.

– Намедонам, шояд ба назарат намуда аст.

– Не, бибиҷон гумон мекунам зиндагии мардуми деҳот якранг, якмаром аст, ки дар он воқеаҳои ғайриодӣ, ки аҷоибу ғароиб бошад нест.

– Шаҳрро ёд кардӣ?

– Не, Баракс, барои ман деҳа писанд аст.

– Деҳаи бе барқ дилгир аст?

– Бибиҷон гуфтам, ку барои ман деҳа маъқул аст. Ягон дилхунукӣ надорам.

– Рост мегӯӣ?

– Бовар надоред?

– Гуфтори ту ба назарам оҳанги шиква дошт?

– Шиква дошт, Бале,, вале ин маънои онро надорад, ки ман аз деҳа Аллакай дилсарду дилмонда шуда бошам. Баракс, мехоҳам одитарин воситаҳои замонавии рӯзгорро аз қабили роҳи ҳамвор, барқ дошта бошед. Агар ин чизҳо бошад. Себзор ба ҷанати рӯи замин табдил меёбад. – Ин сухани падарашро, ки бо бобояш дошт ба забон овард. Бибияш ба рӯи Фаридун нигаристу сипас туф-туф кард ба нишони рафъи суқу чашм. Ба назари биби намуд, ки наберааш дар баёни афкор аз ҳамсолонаш хеле ва хеле пеш рафтааст. Аз ҷой хест, белчаи хокистаргириро, ки дар паҳлӯи бухорӣ бекор мехобид бардошт, назди танӯр рафт, хокистари он ҳанӯз гарм буд. Теппачаи ҷамъшудаи хокистаро кофта, рӯи белча чанд ахгари сиёҳшударо гирифт ва онро пуф кард, ки баробари ин лахчаҳои сиёҳ чун чашмони гӯсфанд дар шаби тор дурахшиданд. Кампир дар болои он як миқдор ҳазориспанд рехта дуд дод, гӯшаву канори ҳавлиро қадам зада, дуои оҳангдори худро, ки вазни ҳар калимааш ба гӯш роҳат меовард пичиросзанон хонд. Чуноне, ки даҳ сол пеш ҳини хонадароёни волидонаш хонда буд ва ин амалаш боиси қаҳру ғазаби модари ӯ шуду

дилсиёҳии зану шавҳар бобою бибии ӯ гардид. Кампир дудро ба ҷониби Фаридун равона карда, онро пуф кард. Фаридун буи испандро нафас гирифт, ба димоғаш буи гуворое зад, ки аз дуди тези мошинҳои кӯчаҳои шаҳр, ва сигору қалён фарқ мекард;

– Биби ин чист?

– Ҳазориспанд…

– Сигори деҳотиён?

– Ҳа, сигори деҳотиён, – табассум дар лабони кампир дамид.

– Агар онро дар қоғаз печонда дуд кунанд намешавад?

– Намедонам, касе дар ин хусус наандешидааст.

– Сигоркаширо барои мо манъ кардаанд. Заҳр аст, ба одамизод зарар дорад, – мегуянд.

– Ин фоида дорад, нашунидаам, ки касе ҳазориспандро зараровар гуфта бошанд.

– Буи хуш дорад, – нафаси амиқ гирифт Фаридун.

– Хаста шудаӣ ?

– Хоб дорам.

– Ҳозир ман ҷой хобатро тахт мекунам. – Кампири Моҳрухсор дар назди devори айвон кӯрпаву кӯрпача партофта, ҷойи хоб дурӯст кард. – Биё хоб кун ҷонӣ бибӣ.

Фаридун ба бистар сар мондан баробар хобаш бурд. Бибияш ваъда дода буд, ки ба ӯ афсона мегуяд. Бо ин ният болои сараш омад. Ду – се бор номашро ба забон овард. Паст буд овояш, як дилаш мегуфт бедораш кунад, боз хастагиву бедорхобии дишабаашро, ки шунида буд ӯро аз раъяш мегардонд. Не, намехост, ки бедор шавад. Аз ин рӯ паст-паст садош кард, балки қарзи дар гарданаш бударо бо ин амалаш аз душаш дур намуд. Ваъда қарз аст, шунида буд аз гузаштагон. Ба касе ваъда додӣ, ҳатман паи иҷрояш бояд шуд. Вагарна он бори душат мешавад. Ва дар охират аз гулӯят мегиранд, ки чаро ваъда доди, чун аз ӯҳдаи иҷрои он намебаромадӣ. Кампири Моҳсурат ҳам беҳуда, дар коре ваъда намедод. Агар кори таъҷилӣ ҳам мебаромаду иштирокашро ҳатми медонистанд, ва худаш низ онро эҳсос менамуд.

Мегуфт; ку аз хӯҷаин пурсам. Агар пирамард дар осиёб мебуд ва ё ба коре аз хона баромада бошад, то омаданаш таҳаммул мекард. Ҳамин ки иҷозати ҳамсарашро гирифт, мерафт аз паи он кор. Ваъдаи ба набераaш дода, сангин набуд, ки аз ӯҳдааш набаромад. Ӯ инро бе розигиву кӯмаки дигарон ҳам анҷом дода метавонист. Дар ин ягон шаку шубҳа набуд, аммо хоби писарак

ӯро ваъдахилоф, балки қарздор кард, ки кампири Моҳсурат аз ҳамин чиз метарсид. Ва ба ҳамин хотир болои сараш омада, бо усули шаръӣ номи набераашро ду – се бор ба забон гирифт. Ва хотираш ҷамъ шуд. «Насиб бошад фардо, ваъдаро аз сар соқит мекунам. Ба Фаридун афсона мегуям. Афсонае, ки худам онро бофтаам. Ва ба касе қисса накардаам. Нахӯстин шунавандаи он набераам мешавад.» Кампири Моҳсурат афсонаи худро, даҳ сол пеш, баъди он ки модари Фаридун дар он нишаст, (ба хотири хонадароёнашон) дили ӯро сиёҳ кард, бофта буд. Ният дошт онро ҳатман ба наберааш қисса мекунад: Ӯ назди болини наберааш нишаста хотираашро варақгардон намуд. То ки пеши ӯ вақти ҳикояти афсона, забон нахояд. Қиссааш пурмазмуну дилчасп барояд.

Буд набуд, ҳокими золиме буд. Ҳоким дар шаҳри бузӯрг ҳукм меронд. Ҳар сол зан мегирифт, вале занҳояш ҳомила намешуд. Ҳамин, ки сол охир шуд ҳокими золим ба ҷурми нозоӣ будан сари занро аз тан ҷудо мекард ва зани дигар мехост. Дар соли чилуми Ҳукуматаш, барояш арусе овsecurityанд, ки дар ҳусну малоҳат назир надошт. Зан дар хонаи марди камбизоат тарбият гирифта буд. Чун ҷоҳу ҷалоли ҳокимро дид, оби дида рехт, ки баъд аз як сол ӯро низ ин ҳама давлату савлат баробари сараш аз даст меравад. Ва мунаҷимеро ба ҳузӯр хонду чора ҷӯст. Мунаҷим фол кушод, гуфт: «Ҳомила мешавӣ, таваллуд мекунӣ, аммо на одам, балки морбача…»

Инро шуниду арус аз ҳуш бирафт, боз ба ҳуш овардандаш. Чун ба ҳуш омад, ашк рехт, ба ҳаде, ки шаҳр зери об монд. Бо илоҷе офатро бартараф карданд. Мунаҷим ба зани ҳоким гуфт, ҷораи халосӣ ҳаст. Агар бипазирӣ.

– Ҳарчи ки бошад мепазирам.

– Пас дар ошёнаи шонздаҳуми биное, ки ба тозагӣ иморат мешавад барои худ манзил интихоб бикун. Дар ҳуҷраи дигар занеро нигоҳ бидор, бо маслиҳат ва маоши кироӣ, ки иҷрои он барояш ишколе надошта бошад. Чун моҳу рӯзи таваллуд фаро расид, тифли ӯро ба фарзандӣ қабул мекунӣ ва морбачаро дар сабаде нигоҳ медорӣ, хӯрокаш медиҳӣ, токи бузӯрг шавад. Морбача чун ба сини ҳаждаҳ расид, ба ҷавони зебо табдил ёфта, муроди тӯро амалӣ хоҳад кард.

– Ташакур мунаҷими тавоно, – оби дидаашро пок кард арус.

Зани ҳоким ҳомила шуд, ҳоким аз шунидани ин хабар

хушҳол гардид, аҳд кард, ҳарчики хонум хоҳиш кунад иҷро мекунад. Арус ончи мунаҷим барояш тавсия дода буд дархост намуд. Ҳоким иҷро кард Хонум дар ошёнаи шонздаҳум маскан гузид ва зани ҳомилаеро киро кард, бо ӯ маслиҳат намуд, ки фарзанди ӯро фарзанд мехонад, то рӯзе ки ба ҳаждаҳ қадам монад.

Рӯзе ки хонумро дард гирифт дар хонаи шафат тифлаке ба дунё омад, ки бо ҳусну малоҳат назир надошт. Духтарчаро Малика ном ниҳоданд. Зани ҳоким бошад морбачае ба дунё овард, ки баробари диданаш аз ҳуш бирафт, доя морбачаро мувофиқи маслиҳат дар сабаде нигоҳ дошт. Болои сабадро бо сарпӯш пушонд. Ҳоким баъд аз кори зиёд хаставу лакот баргашта тифлро дӯстдорӣ мекард. Ва дархостҳои ҳамсари муродбахшашро дар хотир мегирифт, ки субҳ паи иҷрои он шавад. Ҳамин тариқ, морбачаҳам бузӯрг мешуд. Ва хонум барои ӯ сабади бузӯргтар мефармуд. Малика бошад бехабар аз гапи дунё, даври сабад медавид, хонум бошад ҳаргиз намегузошт, сарпуши онро касе беҷо кунад. Боре худи ҳоким низ ба сабад таваҷҷӯҳ кард, хост дохили онро бинад. Аммо ҳамсараш зид баромад.

– Кордор нашав! Он ҷо парпечҳои хушки кӯдакро нигоҳбонӣ мекунам.

Рӯзе ба хонаи хонум модараш меҳмон шуд, ҳазориспанд дуд дод, ки чашми мардум ба ин камбағалзодаи худодод нарасад. Аз буи испанд морбача нерӯ гирифт сабадро беҷокарда сар боло намуд, забони дуқушаашро баровара, ба ҷониби бибияш, ки дуди ҳазориспандро пуф мекард ҳаракат намуд. Хост ӯро навозиш кунад. Кампир савоки дасташро партофт. Морбача ба ӯ часпид чунон ки ба дарахт мечаспанд, кампирро печонд. Ӯро чун бибии меҳрубон навозиш кард. Ӯро раҳо карда ба Малика печид, духтарак, ки ба ҳаждаҳ қадам монда буд, болиғ буд. Модараш низ беҳуш буду бибияш низ. Чашм аз морбачаи бузӯрг, ки ӯро навозиш мекард намеканд. Аз чӣ бошад, ки тарс надошт. Ғайричашмдошт морбача ба гуфтор даромад. Чун инсон. Малика ба тааҷҷуб монд.

– Ту ҳамсари ман мешавӣ?

– Чӣ хел?

– Чунонеки дигарон мешаванд.

– Охир, мор бо одам метавонад зану шӯ шавад?

– Чӣ хел мор? – ҳайрон шуд морбача, ки ҷусаи бузӯрг дошт.

– Ту худро чӣ тасаввур мекунӣ?
– Чӣ не кӣ?
– Чӣ хел?
– Ту мабодо тирачашм нестӣ?
– Не, шикоят аз чашм надорам.
– Аммо ба гумони ман ту бемори чашмӣ?
– Намедонам…
– Ман ба назари ту мор менамоям?
– На танҳо дар назари ман. Бин, онҳо аз тарс аз ҳуш рафтанд.
– Чӣ тавр?
– Бубин!
– Чаро аз ман тарсида бошанд? Дар симои ман чӣ дидаанд?

Ин лаҳза дар кушода шуд. Ба ҳуҷра ҳоким даромад. Аз буи ҳазориспанд сараш чарх зад. Чашмонашро молида – молида пештар омад. Ва чун одат ба шикоят даромад.

– Ҳазор бор гуфтам, ки испанд дуд накун!

Боз корӣ худро кардӣ? Охир испанд ба зоти мо зиён дорад. Баракат аз дасти мо меравад. Агар чунин корат бошад бе аҷал мемурам, – чашми ҳокими золим, ки сиюнӯҳ аруси нозанинро бо илати нозоӣ будан сар зада буд, ба мор афтод, ки Маликаи нозанинашро ба оғӯш гирифта буд.

– Не – е – е – е – е … – наъраи гӯшхарош аз ҷигар баровард, чунон дод зад, ки шаҳр ба ларза даромад, ҳамсару хушдоманаш чашмонашонро чун тифлони аз хобби саҳар хеста молида-молида бедор шуданд. Ба ҳокими ҷон ба ҷабор супурда нигаристанду дар болини Малика, ҷавони зеборуху танумандро диданд, ки бо ин талъати зебо назир дар олам надошт. Аз мор дарак набуд.

Хонум ба чашмаш бовар намекард. Дар ошёнаи боло, дар боми ин хона бози давлат нишаст. Ӯ тоҷи Ҳокимият оварда буд. Модар бои мои боз, тоҷро ба даст гирифт, онро ба сари ҷавони зебо ниҳод ва дуош дод, ки адолатро пеша кунад. Зимоми давлатро маҳкам ба даст гирад. Бо Маликаи зебо ҷуфти муносиб бошанду ба пирӣ бирасанд. Кампири бибӣ бошад баҳри дафъи дарду бало ҳазориспанд дуд медод. Касе ёфт нашуд, ки ба сараш дод занад, касе нагуфт, ки дудаи испанд хонаро сиёҳ мекунад. Ҳазориспанд писарам дафъкунандаи ранҷу балост. Чуноне, ки ба ҳокими золим дарди сар оварду рӯзи марг.

Кампири Моҳсурат афсонаи бофтаашро ба поён расонид,

хушҳол ҳам шуд, ки акнун метавонад онро ба як нафас ба наберааш ҳикоят мекунад. Ва мефаҳмонад, ки решаи ҳикмати даво будани ҳазориспанд ба ҳазорсолаҳо мерасад. Кампир саргарми андеша буд, ки сулфаи огоҳии пирамард ба гӯш расид. Ӯ ҳини омаданаш аз масҷид, ба хусус шабон гоҳон, қасдан месурфид, то бо ҳузӯри ногаҳонии хеш касеро натарсонад.

– Хобидааст? – ба Фаридун ишора кард пирамард, калушҳояшро дар пойгоҳи айвон аз по кашида, рӯи кӯрпача нишаст.

– Ваъдааш додам, ки афсона нақл мекунам. Фурсат наёфтам. Ба ҷойгаҳ дароз кашидан баробар хобаш бурд.

– Ҳеҷ гап не, фурсат ҳаст. Имрӯз нашуд пагоҳ нақл мекунӣ, дер намешавад, – пирамард лулаболиштро гирифта, якпаҳлӯ зад. Дар лабонаш табассуми释 мармуз нишаст. «Кай андеша мекардам, ки хастагӣ рӯзе ба ҷисман кора мекунад. Ва абадӣ ба он сокин мешавад? Кай чунин андеша, дар сар доштам? Имрӯз ин маро домангир аст. Намегузорад, ақаллан рост бишинам. Онҳоеро ки якпаҳлӯ зада, ба болишт ва ё оринҷ такя мекарданд наҳ мезаданд, барвақт миёнаш шикастааст мегуфтанд. Имрӯз ба ин дард худам гирифтор шудам. Акнун касе нест, ки ба аҳволам бихандад.» Пирамард аз ин ҳолат, ки гирифтораш шуда буд хиҷил шуд. Як дам ғам дар фазои хонааш меҳмон шуд. Вале боз ин эҳсосро аз худ дур кард. Ба ваҷҳи қавӣ намудани рӯҳу равон, ки ягонанерӯи солим дар ин ҷисм медонист. Кампир низ хомӯш буд. Вазъи рӯҳонии ӯро халалдор накард. Вале барои адои қарз огоҳаш намуд.

– Пагоҳ субҳи содиқ бозор меравед, ҷойи хобатонро тахт кунам?

– Дар рӯи суфа…

– Таги чормағз ? – ҳайрон шуд кампир.

– Не, – машаи ханда кард пирамард.

– «Хотираам ҳам бар асари пирӣ осебдида аст.» Аз дил гузаронд ва ба ҳамсараш рӯ овард. – Ҳамин ҷо парто ҷойгаҳи хобамро.

– Фикр мекунам, дар кати симтӯрӣ бихобад беҳтар аст.

– Кадом кат ?

– Таги девор…

– Воло, ки рост гуфтӣ, хушҳол шуд пирамард. Сулаймон, ки омад зуд огоҳ мешавам.

Пирамард ин кати симтӯриро барои осиёб харида буд, балки бо хоҳиши ӯ писараш Ғуломалӣ аз Душанбе овард. Хеле хизмат кард. Ниҳоят он ҷо низ суфа бунёд намуд. Ба ғайр аз ин дар болои бомаш чунин шароитро муҳайё намуд. Гоҳ рӯи суфа ва гоҳо болои бом мехобид. Агар кораш бисёр мешуд, баъзан ду – се шабонарӯз он ҷо меистад.

Пирамард дар ҷойгаҳи хоб, ки ба ин мақсад ҳамсараш дар рӯи кати симтӯрӣ, ки дар назди тирезаи меҳмонхона рӯи ҳавлӣ бекор меистод тахт карда буд дароз кашид.

Ва зуд хобаш бурд.

Субҳ вақти намоз, бедор шуд, ҳамсараш Аллакай оби ширгарм омода карда буд. Таҳорат карда, намози бомдодро хонд. Сипас гӯсфандонро як – як дар гарданҳошон банд андохта, то дами дарвоза баровард. Ва дар кундаи шоҳтут баст.

– Фариддунро бедор бикун, дасту рӯяшро бишуяд, – амр дод пирамард, ба ҳамсараш, ки дегро тафсонда гардсуз мекард.

– Ҳозир, – гуфт кампир, аммо Фариддун ба ин маҳтал нашуда худ ба худ бедор шуд. Ин лаҳза ғуриши мошини Сулаймон дар назди дари ҳавлӣ баланд шуд, ки баъди ду – се маротиба баланду паст кардан ором гирифт.

– Бобой Шерзод…

– Биё, Сулаймон, – пирамард ба истиқболаш баромад.

– Вақт нест, ку гӯсфандон?

– Саросема нашав, занак гардсуз пухта истодааст. Як косагӣ гармо – гарм мехӯрем, баъд роҳакӣ мешавем.

– Дер мешавад, бозор саҳар дорад.

– Вақт ҳаст… Як дам сабр бикун.

Баъди ошомидани гардсӯз ба роҳ баромаданд. Дар бозори серғавғо, ки буи саргини чорво мекард, Фарҳод паҳлӯи бобояш қарор дошт. Овои баланди далолон, ки дасти фурӯшандаҳоро таконда, нархи мондаашонро маъқул мекунанд, аз чор тараф шунида мешуд. Фарҳод ба ҳар яки онҳо бо ҳайрат дида духта, дар дилаш эҳсоси ғашовар падид омад. Дарҳол ҳис кард, ин одамон, ки бозорро гарму савдоро метезонанд, ҷуз манфиат, ки мӯҷиби он дурӯғ аст кори дигар надоранд. Ба гӯсфандони бобо ду – се нафар таваҷҷӯҳ карда, дандонҳояшро диданд, чун дандонпизишкон, вале зиёда аз он ҳарфе назаданд.

– Бобо, чаро намехаранд?

– Сабр бикун, бачаҷон, бозор акнун гарм шуд. Аз харидор

дида, фурӯшанда зиёд аст. Як дам пас харидор пайдо мешавад.

Гуфти пирамард рост баромад. Якбора сафи харидорон зиёд шуд, нарх ба ҳама писанд намеомад. Ниҳоят даллоли салакалони фарбеҳ, ки риши ғуллии мошубиринҷ дошт дасти пирамардро таконда ӯро розӣ кунонд. Харидор қассоб будааст. Ӯ пули чорворо ҳисоб карда ба дасти пирамард дод. Пирамард ҳам гӯсфандонро кушода гирифт.

– Бобо, қассоб гӯсфандонро чӣ мекунад?

– Кушта мефурӯшад.

– Бобо… – абрувони набера чин шуданд.

– Лаббай?

– Намешавад, ки пулро дода, гӯсфандонро баргардонем.

– Барои чӣ?

– Охир, гӯсфандон ҳайф мешаванд.

– Кори дунё ҳамин аст, ғам нахӯр.

Аз бунёди оламу одам ин чиз асмаст.

– Бобо дили шумо намесӯзад?

– Ба чӣ?

– Бо гӯсфандон?

Пирамард аз саволи набера гаранг шуд. Надонист чӣ ҷавоб диҳад. Аз ҷониби дигар, ҳоло мавриди ҷавоби муфасал набуд. Пирамард барачаҳои ширбозро аз назар гузаронда, ду то аз онҳо барои парво харидани буд. Аз ин рӯ ба рӯи набераащ табассуми маънодор афканд.

– Парво накун, ба ҷои он ду гӯсфанд, ду барачаи дигар мехарем.

– Ин барачаҳоро чӣ кор мекунед?

– Асра мекунем, фарбеҳ, ки шуд мефурӯшем.

Пирамард ду барачаи муйҷингилаи ҳанӯз миқроз назадаро харид. Ва ба назди Сулаймон омад, ки дар истгоҳи мошинҳо интизор меистод.

– Куҷо ҳай кунам? – ба пирамард рӯ овард Сулаймон.

– Бозор…

– Кадом бозор?

– Бозори калон…

– Фоидаи гӯсфандонро охир харҷ мекунед?

– Барои Фаридун ягон пӯшоки дурӯст мехарем. Имсол ният дорам либоси мактабиашро худам бихарам.

– Падару модараш чӣ?

– Бигзор имсол аз ин ташвиш озод бошанд.

– Шояд ин ҷо мемонад?

– Хости дили моро волидонаш қабул намедоранд. Дар он ҷо ба таҳсил дигар хел диққат медиҳанд.

– Падараш аз ҳамин мактаб баромад. Имрӯз сад зодаи шаҳр дастовгираш.

– Худо як фарзанд, дод. Модараш аз зоиш монд, вагарна ҳамин хел пир мешудам?

– Шукр бигӯй, пири кор.

– Садҳазорон бор шукр.

– Файзи урус ҳашт фарзанд дорад, чор духтару чор писар, кучоро гирифтааст? Сағераҳош ҳам мисли худаш оламсӯз баромаданд. Ягон нафараш дар мактаб дурӯст нахондааст. Муаллимон ҳам чашм пӯшида баҳо медоданд. Ба шумо Худо якто дода бошад, ҳам фарзанди бономус додааст. Пирамард аз суханони Сулаймон хурсанд шуд бозор даромада, барои Фариддун як сару либоси дурӯсти мактабӣ анбон, китобу дафтар ва дигар асбоби хониш харид.

Бибияш пӯшоки Фаридунро дида хурсанд шуд. Баъд аз он ки Фаридун либоси навашро пӯшид. Бибияш бо ҳавас ба набераош нигарист чуноне, дар деҳа расм буд ин гуфтор гуфт :

«Умри либосро кутоҳ, умри набераи зебои олуфталибосамро дароз.»

Фаридун либосҳои навашро баровард. Назди бобояш омад, ки барачаҳои ҷингиламуйро, ки яке сиёҳу дигаре хурмоиму буд нигоҳубин мекард. Пешашон алафи тоза ниҳод ба сатилҳои холӣ об рехт, санги намакро, ки лайс шуда буд, иваз кард. Пирамард аз савдояш хурсанд буд. Гӯсфандонаш бо нархи хуб ба фурӯш рафт, ин ду барачаро низ арзон харид. Боз набераашро хурсанд кард, дилаш аз ин чиз болида гашт. «То ин дам ягон тӯҳфаи кирой барояш нахарида буд.»

Вақти хатнасураш як велосипед тӯҳфа намуда буду халос. Акнун ончики барои мактаб зарур буд дошт.

– Бобо…

– Лаббай.

– Акнун ман дигар шаҳр намеравам.

– Барои ту аз ин ҷо дида, ҷой мувофиқ нест. Вале боз ҳам волидонат ин чизро ҳал мекунанд. Аз ману бибият намепурсанд. Ҳарчанд мо ҳам ба ин ҳақ дорем.

-Гӯсфандонро худам нигоҳубин мекунам.

– Офарин писарам, – тағйири ҳолати рӯҳии набераро кард. Пирамард пиндошт, баъд аз фурӯши гӯсфандон агар ба ӯ чизе намехарид, ҳаргиз авзояш дигаргун намешуд. Баракс, вазъи рӯҳияш, тадриҷан бад мешуд. Кушта шудани гӯсфандон дар ӯ садамаи рӯҳиро ба бор меовард. Чун манфиат дид. Тағйир ёфт. Ва азми тарбияти барачаҳоро кард.

– Худам обу алаф медиҳам.

– Зуд фарбеҳшон бикун, ҳамин ки фурӯхтам, ба ту дурбин мехарам.

Онро дар гардан овехта, тамошои Ҷангалак меравем. Дар Ҷангалак ҳама ҷонваронро вохӯрдан мумкин аст.

– Гург ҳаст?

– Ҳаст.

– Харгуш чӣ?

– Харгӯш ҳам?

– Бобоҷон, ҷонварон дар қафасанд?

– Озод…

– Ба мо ҳуҷум намекунанд?

– Яроқ мегирем бо худ.

Пирамард сари набераро сила кард. Ва ҳарду ҳавлӣ омаданд.

– Осиёбро имрӯз таъмир мекунед? – суол кард Моҳсурат аз Шерзод.

– Гуфтам ку, пагоҳ.

– Имрӯз ҳам дер нашудааст, агар корро сар кунед, то гашти пешин тамом мекунед.

– Имрӯз як гала кори дигар дорам. Осиёб гурехта намеравад.

Кампир аз хунукгапиҳои пирамард вақтҳои охир азият мекашид. Аламаш мекард. Ҳарчанд медонист дар ин қазия ӯ низ даст дорад. Зеро ғурури мардро андоза дигар аст. Ва ин лаҳза боз ба изати нафси пирамард расид, ба ӯ кор ёд дод, гӯё ба ин ақли ӯ намегирифта бошад. Аз ҷониби дигар хамбаи ордаш аз меъёр кам шудааст, ҳеҷ гоҳ ӯ ба ин миқдор коҳиш ёфтани ин неъмати Илоҳиро накарда буд. Дилаш хост ба пирамард ин масъаларо огоҳ намояд. Аммо боз таҳаммул кард, нахост бонги хатар заданаш боиси тирагии авзои пирамард шавад. Аз назди хонаи онҳо халтаҳои пури гандумро гузаронда бурдан ва аз он тараф орд карда оварданашонро дида, дарун ба дарун месухт. Болои ҳама ин пирамард, марде ки ҳаваси ӯро ҳама мехӯрд, аз осиёб дилху-

нук шудааст. Худро андармони корҳое мекунад, ки дар чанде пеш бахри иҷрои он ба ин андоза ҷаҳд намекард. Кампир ин чизро ба фаҳму идроки худ мувофиқ кунонд: «Яқин дар ин қазия, саҳмдорон, даст доранд.» Дили ӯро аз осиёб хунук кардаанд. Агар худам ягон чора наандешам, ӯ нияти кореро ба сомон расондан надорад.» Ба хулосае омад, барои фолкушоӣ ба деҳаи Навободи лулиён, назди кампири фолбин меравад. Ва илати мушкилотро муайян карда, паи бартараф кардани он мешавад. «Агар осиёб набошад, метарсам чун лулиён тӯрба гирифта, гадоӣ меравем. Аз ин шармандагӣ бубояд раҳид, вагарна кор ба хубӣ намеанҷомад.» Бо ин азм хона даромад, даст ба миёнаи кӯрпаи махмал, ки онро зимистон истифода мебурданд халонд. Чанд пуле, ки Ғуломалӣ ҳини бори охир ба деҳа омаданаш дода буд, гирифт. Пирамард ходаи дарози тарошидаашро, ки дар кундаи чормағз баста буд, то ки обаш таровида, каҷияш рост шавад, кушод. Ва ба ин кор шурӯъ намуд. Аз он барои табари вазнинӣ кундакафонияш даста таёр кард. Кампир боз дар атрофаш баҳудаву беҳуда гаштан гирифт. Хост ягон гапи қоғазпеч гуяду дил холӣ кунад. Вале боз ҳам андешае ғолиб, аз раъяш гардонд. Дарк кард ӯ дар дил чизе гуфтанӣ дорад, вале ёрон онро надошт.

– Ягон гап доштӣ ?

– Не, кампир худро дур гирифт, нахост азми peша кардаашро ба ӯ ошкор кунад. Ҳарчанд бе иҷозати ӯ қадаме берун нагузошта буд, ки ин оинро қатъӣ риоя менамуд. Пеш рашк дошт, ҳатто ба сояи ӯ тадриҷан ин эҳсос дар ӯ гум шуд. Вале Моҳсурат мекушид, боиси ранҷи ӯ нашавад, худро аз ҳузӯри мардон дур мегирифт. Акнун барои иҷрои ин амал, бояд роҳи дурро тай занад. Дудила буд. Намедонист чӣ кор кунад. Бигӯяд ва ё нагуяд. Агар бигӯяд ӯ розӣ намешавад. Фолбину бахшиёнро тоби дидану шунидан надошт. Агар нагуяд, мувофиқи аҳкоми шариат даст ба хиёнат мезанад. Чӣ гуна ба чашми ӯ нигоҳ карда метавонад ? Ин саволҳо ӯро азият медоданд. Наметавонист ба коре даст занад. Гиҷу саргарон буд. «Ин чӣ хобу хаёле буд? Аз куҷо дар сари ман ин фикр омад? Охир пеши кори ӯро бастаанд. Ба ҳаде бастаанд, ки дил аз кор шӯстааст. Пеш агар кораш намегирифтам, ҳафтаҳо намеомад. Ҳатто палак ӯро ба ташвиш намеорад. Харро ку пагоҳӣ лангар кардам. Корҳои дигар, андоваи боми осиёб ҳеҷ ба гӯшаи хотираш намеояд». Кампири Моҳсурат, ниҳоят ба хулосае омад, ин корро пинҳонӣ иҷро мекунад. Вале ба шавҳараш

мефаҳмонад, ки кори дигар дорад. Дурӯғ ҳам ёфт. Ва пеши пирамард, ки рандаву арра, болғаву табар ва дигар асбобҳои дуредгариро омода мекард омад Ва боз ҳам ҷуръаташ нарасид ва ин дафъа ҳам пирамард кӯмакаш кард.

– Ба ту чӣ шудааст?

– Дилоромро хоб дидам, дилам мекафад.

Агар иҷозат медодед рафта, медидам.

– Шаб меистӣ?

– Не, вақти истодан надорам, то офтобшин бармегардам.

– Майлаш, хараки бирав, зуд баргард, ки пагоҳ ҳашар дорам. Кори осиёб монд. Дастам пеш намеравад…

Суханони пирамард, боварии Моҳсуратро ба таъсири амали рақибон нисбат доштани сӯстгомии ӯ боз ҳам зиёд кард. «Не, ягон лаҳза таъхир лозим нест.»

– Харро меоред?

– Борро пеши хар намебаранд.

Пирамард асбобҳои дуредгариро гирифта, ба наберааш Фариддун ишора кард, ки аз паси ӯ биояд. Ҳарду роҳи пурчангу хокро тай зада ба осиёб омаданд.

Пирамард харро аз гулмех раҳо кард, туқум зада, аилу пуштангашро баст, аз болои он хӯрҷин гузошт, ду тарбузу ду харбузаи ҳамвазнро ба ду почаи хӯрҷин гузошта мувозинатро ба вуҷуд овард. Сипас аз болои он Фаридунро шинонда, ҷилави харро ба як даст ва халачӯбро ба дасти дигараш дод.

– Бурда ба дасти бибият бидеҳ, бигӯй, ки харбузаву тарбузро савғо барад. Ва худат гашта биё:

– Хуб … – Фаридун, ки ба хар бори аввал савор шуда буд, каме ба ҳарос афтод. Вале нахост ба пирамард эҳсоси худро ошкор намояд.

Пирамард бори дигар такид кард :

– Фаридун, ҷони бобо, харро хала накун, ки чорхез мезанад. Оҳиста биравад, боке нест.

Пирамард дигар бо хару савораи он аҳамият надод. Дари осиёбро кушод, баробари воридшудан, ба ришу муйлабаш риштаҳои ноаёни анкабут дармонд, ки ин чанд рӯзи бекорӣ аллакай майдони амалиёти худро васеъ намуда буданд. Аз бехи девор ҷоруб гирифта, торҳои маҳину бо ҳавсала риштаи анкабудро вайрон кард. Ба ҳама гӯшаву канори он ҷоруб зад. Тортанакҳои гурезонро, ки таи чанд рӯзи хилват ёфтани осиёб

ҳай давру даврон наронданд, бо патаки ҷоруб зада, рӯзро дар назарашон тор мекард.

– Дуоятон аз сарашон монд, – ба анкабутони чапагардону беҷон дуғ зад пирамард, – осиёб бесоҳиб нест. Ман ҳам набошам, ёфт мешавад одаме. ки чархи осиёбро ба гардиш орад. Ё дар хами сафедорон бунёд ёфтани осиёб барқиро шумо ҳам шунидед, фикр кардед осиёб «кабут» ? Фикри ҳамаатон хом аст. Агар дар рӯи дунё як осиёби оби ҳам монад, ҳамон осиёб ин аст, ки мебинед. Ман дари онро намебандам. Мардум ҳам ба ин иҷозат намедиҳанд. Аз рӯи ҳавову ҳавас, аз рӯи кунҷковӣ ҳоло роҳи ин ҷоро фаромуш кардаанд. Роҳи дарозеро тай зада меравand, Хами сафедорак. Онҳое, ки ин корро мекунанд, лазати орди осиёби обиро намедонанд. Ҳамаашон бармегарданд, ба рӯди хушк замоне боз об меояд. Осиёби ман манбаи рӯзгузаронии аҳолии ин деҳаи кӯчаи аст. Чархи он гардон буд, аз рӯзи бунёди деҳа.

Пирамард, тори анкабутро ҳар куҷое дар гирду атроф буд тоза кард. Суфаро ҷоруб зад, маҳтали ҳамсараш нашуд. Сипас гилеми тунуки аз матои хайма сохташударо, ки обро намегузаронад паҳн карда, аз болои он бошад намад гӯстӯрд. Ин намадро ҳамсараш се сол пеш аз пашми гӯсфандон, ки ба ин мақсад захира карда буд, қолаб партофт. Гулҳояшро мувофиқи табъи худ, тарҳ андохт. Сипас ош андохт, пирамард ҷавонони бо дасту бозӯро даъват намуда ҳашар таъин кард. Намад пухт. Як соли дигар болои сандуқи кампир хобид. Д усол пеш як субҳ худи кампир онро бардошта овард. Ва аз болои ин гилем, паҳн намуд.

– Дар хона меистод хуб набуд ?

– Як чизро андеша кунед мардак. Наход барои инсон аст, на инсон барои намад. Одам ғанимат аст.

– Хоб дидӣ ? – машаи ханда кард пирамард.

-Фикре ба сарам омад, ман инро барои ки сохтаам ? Ба кӣ даркор аст он? Ғуломалӣ дар сад сол болои он намешидад. Намад манбаи кайк аст гуфта аз он ҳазор мекунад. Дилором ки дар деҳа зиндагӣ дорад, намадро шум мебинад. Фикр кардам, ҷуз ин дигар ба касе даркор нест. Ва овардам ин ҷо.

– Эҳ занак занак ... Ҳамин қадар сол якҷо зиндагӣ карда, ғамхориатро ба ин андоза тасмимат дар ин маврид самимист. Акнун маълум шуд, намад ба касе дигар лозим нест. Агар чунин мебуд, онро ба манн эҳдо накардӣ?

– Шумо ҳеҷ аз ман розӣ нашудед, кинашудед. Мудом гап меёбед.

– Ё дурӯғ мегуяд ?

– Намедонам.

– Хафа нашав занак, ҳақиқат талх аст. Агар ғами маро мехӯрдӣ чил сол, ё ин ки сӣ ё бист, ҳеҷ набошад панҷ сол дар ин бора меандешидӣ. Имрӯз, ки ба ашёи ба ҷунбиш омад – а ?

– Хоҳишманд бисёр буд, надорад.

– Ба ҳаминаш ҳам шукр, ки дар охири умрам ба додам расидӣ. Агар намеовардӣ чӣ ?

– Он гоҳ ин қадар сарзанишу таъна намешунидам.

– Рост, сангро дарахти мевадор мехӯрад, ба баду сафедор ки кор дорад ?

Пирамард аз болои намад якбора яккандоз напартофт. Ҳарду яккандози гардхӯрдаву намро болои зинапоя, ки дар такяи девори осиёб меистод паҳн кард, то ки офтобхӯрда нарм шавад. Сипас дар чойҷуш об ҷушонд, ба чойник як каф баргу пояи мухалае партофта, дам дод. Ин лаҳза Фаридун ҳамроҳи хайбар омад. Саг Аллакай ба ӯ унс гирифта буд.

– Бибият рафт ?

– Куҷо рафти бобо ?

– Напурсидӣ ?

– Пурсидам, ҷой дур гуфт.

– Ҳамроҳаш мерафтӣ хуб буд.

– Ҳозир равам ? – омодаи дав гирифтем шуд Фаридун.

– Не, ин ҷо кор бисёр аст. Ба ман кӯмак мерасонӣ,

– Пагоҳ кумак чӣ ?

– Не, ин ҷо кор бисёр аст. Ба ман кӯмак кор бисёр аст. Ба ман кӯмак мерасонӣ.

– Пагоҳ кунам чӣ ?

– Не, имрӯз ту ба ман даркорӣ …

Ва онро болғаи чӯбинашро, ки онро барои кӯфтани тиру новаи осиёб истифода мебурд, бо латта шакида пок намуд, ҳамин тавр дигар асбобҳоро тоза карда, дар гӯшаи коргоҳ гузашт. Аммо ба набераaш, ягон кори аниқ нафармуд. Ба нигоҳҳои кунҷковонаву ҳайрони ӯ, ки аз амали ӯ канда намешуд қаноат ҳосил карда буд.

Тоқати набераш намонд. Ва эътироз баён кард, ҳарчанд оҳанги он зоҳиран дигар буд.

– Бобо, ман чӣ кор кунам ?

Пирамард даст аз кор бардошта ба рӯи Фаридун нигоҳ кард ва ҷавоби кутоҳ дод :

– Нигоҳ…

Набера аз ин ҷавоб чизе нафаҳмид.

Ин ҷавоб оҳанги истеҳзо дошт ва ё маънии воқеӣ, ки идрок наметавонист. Хост суол диҳад, Вале боз хомӯши ихтиёр кард ва ба амали бобояш зеҳн ихтиёр кард ва ба амали бобояш зеҳн монд. Аз дилаш гузашт. «Яқин мехоҳад ман ба кори ӯ диққат дода, маърифат кунам.» Ва хулосааш воқеӣ арзёбӣ кард. Мутаваҷҷеҳ шуд, аз нав ба кору пайкори бобо. Пирамард амборро низ тоза кард, халтаҳои холиро дар нишебӣ рӯи гулҳои гармаш, ки зич руида симин, ки як гӯшааш дар сафеддор, нигас баста шуда буд овехт, то ки офтоб хурда буи нохушаш гум шавад.

Фаридунро ҷавоби бобо ҳеҷ ором намегузашт. Инак, боз хулоса кард ; шояд ӯ бетаввачӯҳи маро ба кораш дида, чунин гуфта бошад, то ки аз як гӯшаи он бигирам ? Ва ё воз нигоҳ накуну ақли худ коронеро сомон бидеҳ ? Ё …» Набераи бобо андешаи худро ба ифоқи оварда наметавонист. Гаранг буду гаронсар. «Кош бо бибиам ҳамроҳ мерафтам. Осиёб гурехта намерафт. Онро пагоҳ ҳам медидам. Агар чунин мекардам, ҳаргиз мавриди интиқоди бобоям намегаштам. Ва ин қадар дар банди андешаҳои мубҳам намемондам, ки ин лаҳзаҳо таҳти фишори ин қарор дорам.» Фаридун саргарми ин фикру хаёл буд, ки пирамард мушкилоташ осон кард.

– Ҷони бобо, бирав аз чойник як пиёла чой биёр !

– Чойник дар куҷост ?

– Дар болои суфа, чойро, ки гирифтӣ, дастархонро боз болои чойник гузор, ки хунук нашавад.

Фаридун супориши боборо иҷро кард. Ва интизор нишаст, ки бобо чойро ҷуръа – ҷуръа нишаста, пиёла холиро баргардонад. Пирамард рӯи ходаҳои дарахти сафедор, ки онро барои тарошидан дар хундаи бед хобонда буд, нишаста, доси бо ин мақсад гирифтаашро дар ходаи нимкора аз пӯст тозакарданаш ҳаст. Пиёларо ба Фаридун баргардонд.

– Боз биёрам ?

– Бас, – рӯи Фаридун нигарист, – ту худро дар ин ҷо бегона машумор. Чизе ки дилат мехоҳад мехоҳад бикун ! Аз палак тар-

бузу харбуза бикан. Вақте, ки ба палак даромадӣ, эҳтиёт намо, ки даври онро зер накунӣ.

– Бобо, ин ходаҳоро барои чӣ пӯст меканед ?

– Чигина месозам.

– Чигина ?

– Дар болои он санги осиёбро кашонда меорам.

– Санги осиёб дар куҷост ?

– Дар обдара, ки миёни деҳа ва Ҷангалак воқеъ афтодааст. Онро замоне падарам таги чашм карда будааст. Санги ҳозира солҳои дароз хизмат кард. Параҳояш реза шудааст.

Вақти иваз карданаш расидааст, – гуфту боз ба пӯст кандани хонаҳо шурӯъ намуд. Ҳар як ходаро баъд аз пӯст кандан аз такяи бед гирифта, ба такяи девор мегузошт, то ки офтоб хурда обаш бипарад. То намози шом ҳамаи шаш ходаро аз пӯст тоза намуд. Ва вақти ғуруб ҳамроҳи наберааш ва хайбари оромтабиат ҷониби хонааш равон шуд. Пирамард аз барори кораш шод буд. Имрӯз аз субҳ корҳои зиёдеро ба анҷом расонид. Бозор рафт гӯсфандонро фурухт, ба ивази он ду барачаи дигар харид. Сипас ба наберааш пӯшоки мактабӣ харид кард. Ва Инак, ходаҳоро пӯст канда, барои чигина сохтан омода намуд. Хаёли пирамард ба кампираш Моҳсурат рафт, ки пинҳонӣ аз шавҳараш ба деҳаи Невободи лулиён роҳсипор бошад хуб. Ягон чиз пухтагист ?» Ба хона омада, ҳамсарашро наёфт. Чароғи сиёҳ дар ҷояш меистод, дудашро касе тоза накардааст, говро ҳам дӯшидан лозим буд. Барачаҳои ноомухт пайваста баос мезананд. Пирамард пеши онҳо алаф гузашт. Ва аз сари девор, сунҳори ҳамсояро ҷеғ зад :

– Набера, о набера…

– Лаббай, сӯи овоз нидо кард сунҳори ҳамсоя.

– Модари Ғуломалӣ, ба дидани Дилором рафта буд, ки ҳол наомадааст. Говро медӯшидем, агар бемалол бошад.

– Хуб …

Сунҳори ҳамсоя говҳоро дӯшида, сатилро дар мелок овехт. Пирамард ба дасташ тарбузеро дода минатдорӣ баён кард.

– Музду минат надӯшидаам, аввал эътироз намуд, сунҳори ҳамсоя, вале ӯ бо зӯрӣ тарбузро гузошт.

– Бигзор, ки меафтад…

– Ба шумо ҳам ташакур…

Пирамард аз кампираш хавотир шуд. «Ба ӯ чӣ шуда бошад ? Ҳаргиз дар коре таъхир намекардам.» Болои бом баромад, то ки

ба сӯи роҳ назар андозад. Дилаш баробари дидани савора, ки нишебиро поён мешуд ором гирифт. Ва себу олӯболуи се рӯз пешхушкондаашро аз назар гузаронд. Ва чанд барги чормағзро, ки ба гӯшаи бом мезаданд чинд, то ки дандонҳояшро бо он шӯста сафед кунад. Поён омада, ба Фаридун, ки бо хайбар машғули бозӣ буд, аз омадани бибияш хабар дод. Набера ҷониби кӯча давид. Ва аз дур дар канори роҳ суроби ӯро дида, шинохт ӯро ба истиқболаш шитофт. Хайбар ҳам бо даҳони воз аз паси Фаридун ак – акунон медавид. Дар ин амали як нав эҳсоси табии ба назар мерасид, ки ин лаҳза аз худ лаззат мебурд. Кампири Моҳсурат набераашро шинохт. Дар лабаш табассум гул кард. Аз барори кораш хурсанд буд. Ҳарчи тезтар мехост бубинад ҳамсарашро ончи дидаву шунидааст, ба ӯ ҳидоят кунад. Қаблан гӯноҳи содиркардаашро баён созад ва омузиш хоҳад. Чун пирамард аз гӯноҳаш гузошт. Ҳама кори шудагиро баён мекунад, ки фолбин ба ӯ гуфта буд. Кампир ба хонаи духтараш Дилором сари қадам даромад, то ки аз ҳолу аҳволи ӯ хабар гирад. Савғоти фиристодаи падарашро ба ӯ расонад. Аз ҳама зиёд вақташ, дар Навободи лулиён гузашт. Фолбин охирин тангаашро кашида гирифт. Муҳимаш, ба қавли кампир суханонаш дурӯст баромаданд. Фолбин косаи обро пешаш гузашта, ба даруни он ангуштарини нуқра партофт. Ва баён кард ба тафсири аҳволи уву мусафедаш. Фолбин аз душмандорӣ, бастагии корҳо, зиёд ҳарф назад. Зеро дар радифи ин бисёр ҳарф назад. Зеро дар радифи ин бисёр суханони дигар ҳам баён намуд, ки дар майнаи кампир танҳо масъалаҳои ба ӯ ва шавҳараш ва аз Сар гузарондаашон медаромад. Боқӣ ҳарчи мегуфт чун шув – шуви шавол аз бехи гӯшаш мегузашт. Сипас кампир аз лулизани фолбин, ки сивуду дандонаш тило буду дар ҳамаи ангуштон ва гарданаш ҳалқаҳои зарин дошт хоҳиш кард, садди роҳи пирамардро ки боиси костагии рӯзгор гаштааст аз байн бардорад.

Фолбинзан дар ду зарф об гирифта дуо хонд. Ва хоҳиш кард якеро бинушанд дигареро раҳ ба раҳ аз ҳавлияш то осиёб ва атрофии он падида, нияти нек кунад. Кампир ба рӯҳи баланд аз кулбаи фолбин баромад. Ва чуноне ки ваъда дода буд, вақти таъиншуда ба манзалат расид. Ва баробари омадан ба пирамард, ки харро дар оғил баста меомад як пиёла об дод.

– Ба нияти шифо нушед !

– Оби чашмаи санги сурх аст ?

– Бале,, – гуфт кампир, барои он ки сири ба назди фолбин рафтанаш ошкор нашавад, дурӯғ гуфт.

Пирамард обро нушида, ба тааҷҷуб афтод. Баъд аз як лаҳза, ки андеша гузаронд пиёларо баргардонд :

– Боз бирез !

Кампир пиндошт, даму нафаси лулизани фолбин ба шавҳараш таъсир кард, ки хоҳиши бори дигар нушидани обро намуд. Пирамард пиёлаи дуюмро се дафъа дар фосилаи муайян нушид ва ҳар дафъа чуноне, ки чизеро аниқ мекунанд, лабонашро мазид. Ва ба кампир рӯ овард :

– Аломати пирӣ аст ва ё заъфи дарки маза, ки таъми обро нафаҳмидам. Оби чашмаи сурх чунин тамъ надорам. Аҷаб не бар асари тағиротҳои муҳит таъми об шуда бошад ?

Кампир аз фош шудани дурӯғаш тарсида, на ҳа гуфту на не. Аз баёни воқеят шармид. Нагуфт, ки обро аз Навободи лулиён, аз хонаи фолбинзан гирифтааcту сарчашмааш дар куҷо воқеъ шудааст. Пирамард ғур – ғуркунон ҷониби масҷид раҳсипор гардид. Кампир монду набера.

– Бибӣ, куҷо рафта будед ?

– Хонаи амаат Дилором.

– Чаро бобом баъд аз нушидани об ба ғазаб омад ?

– Бобои ту, ба ҳама кори дунё дахл мекунад. Ба пиндораш, агар ӯ ғами дунёро нахурад, олам мисоли себи кирмхӯрда аз модар канда мешаваду меафтад, ба ягон гӯшаи дурӣ коинот, он ҷо ҳавои, ки мо нафас мекашем нест. Одамизод ба нетӣ мерасад.

– Наход ? ба нестӣ мерасад.

– Наход ? – ба тааҷуб афтод Фаридун, ки дар ин эҳсоси ӯ тарсу ҳарос нуфуз дошт.

– Ин фикри бобояш аст, ки намедонам то чӣ андоза ба ҳақиқат наздик аст.

– Бобоям дурӯғ намегуяд, – Фаридун ба андеша афтод. Кампир ӯро ба ҳоли худ гузошта, рӯи ҳавлиро об зад, дар остони дару қад – қади роҳ, то осиёб, дар равшании чароғи шаб об зада рафт, ҳавлии осиёб суфа, атрофии биноро истисно накард. Чун ба ҳавлияш омад, набераашро дид, ки кардааст: «Ин шаб ҳам ба ӯ натавонистам афсона бигӯям. Бечора набераяккам, хаста шудааст. Бобояш ҳам аз субҳи содиқ, аз хобаш ҳанӯз сер нашуда, буд ки бозораш бурд, аз он ҷо осиёб…» Кампир болои набераашро бо кӯрпа пушонд. Сипас шишаи чароғи равғаниро, ки сар-

чашмааш нафт буд, тоза кард. Хурсанд буд, ки як гӯшаи қаблаш ба андозае донаи арзон сиёҳиеро эҳсос кард, ин нуқта ба назараш тадриҷан бузӯрг шуда, ӯро азият хоҳад дод. Виҷдонаш ҳеҷ аромат намегузошт, аз он хиҷил буд, ки якумр беҷурм зиста, ниҳоят хиёнат кард : Шояд ин хиёнат набошад ? Охир ман ба хотири беҳдошти кору фаъолияти ӯ ба ин роҳ рафтам. Агар аз ӯ мепурсидам, ҳаргиз розӣ намешуд. Ва рӯзамон тадриҷан сиёҳ мешуду тира. Магар кори хато кардам, ки аз ӯ иҷозат напурсидам ?» Кампир ниҳоят, ба хулосае омад, ки сиро ниҳод медорад, то рӯзе, ки кори дар амали ӯ пешравӣ дид, мулоим карда мегуяд, шояд он вақт дарк кунад, ба муқобили ӯ коре накардааст гӯноҳашро бахшад. Кампир ҳама корро қабл аз иҷро санҷида медид. Тавре мекард, ки минбаъд пушаймон нашавад. Ва худро ба илати муртакиби гӯноҳ будан азият надиҳад. Алъон чунин амали содир шуда буд. Ва мӯҷиби Сар заданаш низ худашро медонист. Зеро сад бор андеша кард. Ниҳоят ба ин хулоса омад. Агар намекард, дар нимароҳ мемонд. Фолбин аз душмандории пирамард, муфасал ҳарф назада бошад ҳам, онро қайд кард. Ва бастагии корҳояшро низ ба ин илат мансуб донист. Якду не, се – чор нафар буданашро такид намуд. Ва кӯшоиши кор кард. Инак, ҳама фармудаҳои рамолзанро ба иҷро расонд. Тавре кард, ки пирамард бу набурд, ба ҷуз об, ки барғалат ба сурхсанг нисбат дод. Ва пирамард ҳис кард, таъми ин обро надорад. Вале сохт наистод ва ҷурмро ба пирӣ ва тағирёбии муҳит ниҳод. Кампир танҳо дар ин маврид лағжишро эҳсос намуд. Вале ҳанӯз ин охири кор намуд, зеро пирамард шитоб дошт, ки аз масҷид қафо намонад. Аҷаб не, маҳз ҳамин чиз боис шуд, ки баҳсро идома додан нахост ва таи дил вайронкорон ки ба муҳит халал мерасонанд, дашном доду рафт, манзили ростон, хонаи Худо, омада чӣ мегуяд ? Чӣ хулоса мебарад, ҳанӯз махлум нест ? Кампир қобилияти идроки ин муаморо надорад. Ва ҳаргиз андеша наронда буд, ки имрӯз дошт.

Сурфаи огоҳӣ, ки пирамард ҳини омаданаш шабу нимшаб мебаровард, баланд шуд. Кампир ба худ омад. Ва ҷониби дар чанд гоме ниҳод.

– Омадед ?

– Чи хеле ки мебинӣ.

Кампир барои ӯ чой дам карда буд, ки вақтҳои охир нушобааш, ин ва монанди ин алафҳои ташнагишикан буд, пеш оби ху-

нук мехӯрду аз саломатиаш шикоят надошт. Беморӣ, ки панҷ сол пеш ба зиндагияш тағйирот ворид набуд. Акнун ҳар субҳ дар як косаи чинӣ оби ҷушбаромада як қошуқ асал ҳамроҳ карда менушид.

Нисфирӯзи бошад, ба набот қаноат мекунад. Назди дастархон нишаст, аз болои чойник сачоқро гирифт, ба пиёла чой рехта ба лаб бурд.

– Субҳ хурусро мекушам. Ош андоз, ҳашарчиёнро хабар кардам. Агар ҳамин тавр по рӯи по монда шинем, обамон ранг намегирад.

– Корҳоятон равнақ надорад. Ин чиз маро ғамгин кардааст.

– Хамааш хуб мешавад.

– Кассе намепурсад, осиёб кор мекунад ё не.

-Ҳама медонад, ки осиёб таъмирталаб аст. Сангро ҳам бояд иваз кунем. Наомадани одамон ҳам ба ин чиз дахл дорад. Бар асари фарсудагии санги кӯҳна, сабӯс бисёр мебарорад. Агар санги нав гузорем, он гоҳ ин мушкилот барҳам мехӯрад.

– Пагоҳ соати чанд ош таёр шавад ?

– Баъд аз намози пешин.

– Гурсна намемонед ?

– Тарбузу харбузу кушта, ангуру себ мечинем. Чой нушида, сӯҳбатро гарм мекунем.

– Корро кӣ мекунад ?

– Набераат, – асабӣ шуд пирамард.

-Корҳои таъмири бисёр нест ?

– Ту чаро ба корҳои ман ҳамроҳ мешавӣ:

Дарди сари худам кам нест, ки боз маро асабӣ мекунӣ.

– Мебахшед мардак…

– Чӣ мебахшам ? Ба фикрат ғами ин хонаву дар, фарзандон, осиёб, гову гӯсфандон ва ҳатто ин хари аблаҳро танҳо ту мехурӣ ? Шерзод ба андозаи Файзи урус масъулият надораж – а? Ҳамин тавр ?

Моҳсурат хомӯш монд, дарк кард димоғи шавҳарашро касе сузондааст ва ё бебарорӣ ба он боис шудааст. Барои аз ин вазъият баровардани ӯ ҳушашро ба дигар чиз ҷалб кард.

– Ин ҷуробро пушед, – ҷуроби пашминро ба ӯ дароз кард, – Дилором бофтааст.

Чӣ ? Дилором чунин ҳунар дошт ?

– Он ҷо омухтааст.

– Нағз, – пирамард ҷуробҳоро ба пой пӯшид. – Илоҳо дасташ дардро набинад. «Умрша умри арча кунад, хонаша пури бача кунад, « илоҳӣ омин !

Кампир дар чеҳраи шавҳараш осори мамнуниятро эҳсос кард ва таи дил аз ин амали хеш хурсанд шуд, ки ба маврид буд. Пирамард ҷуробҳоро кашида ба ҳамсараш дод :

– Зимистон мепушам.

– Пушед дар ҷони ғанимат, то барфрезӣ боз мебофад. Пашми бузҳоро ҷамъ кардам, омад медиҳам.

– Барои Фаридун бибофад.

– Барои ӯ бофта истааст. Боз барои Ғуломаливу ҳамсараш мебофам, гуфт.

– Чӣ ? Барои ҳамсари Ғуломалӣ мебофад ?

– Чунин гуфт.

– Рӯзи дароз по рӯи по мешинад. Ҳамин корро ӯҳда кунад, дасташ намешиканад.

– Кор мекунад…

– Чӣ кор мекунад, рост мераваду рост меояд. Коре намекунад, ки оби ишкамат биҷунбад.

– Э мардак… Агар аз дасташ кор меомад, хизматгор намегирифт.

– Рост гуфтӣ. Ин муттаҳамро Ғуломалӣ зан кардааст. Касе дигар мебуд, як рӯз нигоҳаш намедошт.

– Ба рӯз нигоҳаш намедошт.

– Ба як писар қаноат кард. Ҳазор насиҳат гуфтам таъсир накард. Тарс дорад, ки фарзанди бисёрро хурондану пушондан душвор аст. Ба ӯ хонаи алоҳида даркор, ду рӯз пас пир мешавем. Аз паси фарзанд, таъмини рӯзгори онҳо давида гардем ?

– Ба ӯ гуфта будам, ки ин зан аз он занҳои ба бардошту одамсурат нест. Ӯ ҳам мисли занаш андеша меронад. Ва гумон дорад, фарзанди бисёр дарди сар аст. Фаҳмондам, ки худо фарзандро, ки дод ризқу рӯзиашро ҳам медиҳад. Ба ки мегӯӣ ? – оҳ кашид пирамард. «Агар мо зиёиён намунаи дигарон нашавем. Насли бешумори одамон, ки аз зоиши номураттаб ва ғайринақшавӣ ба дунё меоянд хоку оби ин сайёраро хӯрда ба нестӣ мерасонанд. Одамон бояд дар ин хусус андеша кунанд. Дар фарзанди Файзи урус ба ғайр аз хурдан, дигар чизеро намедонанд. Онҳо барои ободӣ, беҳдошти рӯзгор коре ба анҷом мерасонанд ? Не… Чӣ лозим фарзанди зиёди беақлу беимон ? Хубаш якто бошаду хуб

пушад, хуб хурад, хуб омӯзад ва хуб кор кунад.» Ғани ӯ ҳам ҷон дорад. Дар ин маврид манн ба ӯ ҳамфикрам. Пирамард ба рахти хоб дароз кашид. Калимаи шаҳодатро бо овози баланд баён кард. Сарашро бо матоъи нафаси дока баст. Панҷаи дасти росташро зери сараш гузошт.

– Пас чаро талқин мекардед, ки ақаллан як писари дигар дошта бошанд? – кампир мехост сӯҳбат кунанд дар ин мавзӯъ.

Чунки осиёб баъд аз сари манн бекор намонад. Агар як писараш бо худашон монад, дуюмаш чароғи кӯлбаи маро мунавар намояд.

– Ин чизро нафаҳмондед ?

– Сад бор фаҳмондам. Мегуяд : ҳамсарам намехоҳад, ки фарзандамон дар деҳа аз паси чорво, дар осиёб гардонд, дар кӯчаҳои пурчангу хок ба сар борад.

– Ғуломалӣ гуфт ?

– Боз кӣ мегуфт ?

– Уф…

– Чӣ уф мекашӣ ?

– Чӣ илоҷ ? Фарзандро ба дунё меорӣ, тарбия мекунӣ. Гумон мекунӣ, рӯзе ба тарбия мекунӣ. Гумон мекунӣ, рӯзе ба пас дастгират мешавад. Аз хати кашидаат намебарояд, дар асл имрӯз маълум шуд, ягон фарзанд дар нақши пои волидон қадам намегузорад. Ҳама фикри худу роҳу равиши худро доштааст.

– Бале,… Акнун фаҳмидӣ ?

– Мо як фарзандро ба роҳи дурӯст дароварда натавонистем. Таҳсини дигарон, ки чор панҷто фарзанд доранд.

– Ба гапи меоянд, лекин дер. Он вақт дигар наметавонанд, ҷурмашонро ислоҳ бахшанд. Худо раҳматии Нории Хами сафедоронӣ ҳам якто дошт. Чун зиёӣ пеши мардуми авои бо даҳони калон идао мезад, ки аз ӯ ибрат гиранд. Сагбарин зоида, дар кӯча сар надиҳем. Якто зоед, вале одам бошад. Шумо ба қасри ман, мошини манн ҳасад набаред, балки ибрат гиред.

Фарзанди кам зиндагии хуб. Ман ҳам мисли шумо маош мегирам. Аз ҷой дигар даромад надорам. Маблаға, ки бояд ба фарзандони дигар сарф мекардам, барои ин корҳо истифода бурдам. Инак, зиндагиям аз ҳамаи шумо хуб аст.

Воқеан зиндагияш бад набуд. Қаҳри парвардигор омад ва ё бедавлатӣ ёраш шуд, аз тири дайду яккаписари донишҷӯяш ҳалок шуд.

Мурдашро оварданд. Аз дарду алам зану ту паси ҳам мурданд. Хонаву дари воҳима, мошини хориҷияш насиби ҷиянҳояш шуд. Ҳоло ҳам байни онҳо барои тақсими мерос ҷанҷолу судбозист.

– Тавба, – даст ба гиребон бурд кампир, – хоб кунед мардак, пагоҳ ҳашар дорем…

Пирамард ин дафъа ба хоҳиши ҳамсараш, нашурид, балки таҳаммул кард, ҳарчанд дар ин чанд калимаи мураттаб, ки як фикри томро ифода мекард, оҳангеро эҳсос кард, ки ҳаргиз ба он созиш карда наметавонист, бахусус вақте ки онро ҳамсараш чуноне, ки Файзи урус мегуфт нимаи танаш иброз дошта бошад :

«Кампири якрав, охир фармон дод –а ? Бигзор фармон диҳад, аз дусар хобам омадааст. Аз сад як хоҳишашро, ақаллан иҷро кунам, гӯноҳ намешудагист. « Пирамардро зуд хоб бурд.

Ва субҳ бо ҷеғи хурус бедор шуд. Рӯи ҷойгаҳи хоб лаҳзае нишаст. Пӯзханд дар лабаш дамид. «Вопасин садои субҳона, дар рӯзгори хусус даррасид. Ӯ намедонадбо садояш, шахсеро аз хобби гарон хезонд, ки бо теғи ҷонситон гулӯи ӯро, ки аз нои он ки ин банг баланд мешавад ҷудо хоҳад кард. Хурус аз ин пешомад ғофил буд. Балки қобили дарки онро надошт. Пирамард баъд аз адои намози бомдод, ба қасди ин амал дарбачаи катонро кушод.» Даст ба суи хурус дароз кард. Ба қудқуду парзаданҳояш аҳамият надод. Хурусро аз катак берун овард. Дар паси оғил, дар ҳошияи холимондаи девору полиз хурусро пахш кард, ки қуд –қудаш ба тангӣ баромад. Гулӯи дарози хурусро дошта, кордро ба нояш молид, теғ сарро аз ҷисм ҷудо кард.

Кампир ширбиринҷ мепухт, дар назди оташдон ҷунбуҷул дошт. Ҷисми хуруси паркандаро, ки дар табақи хамиркунӣ гузошта буд. Пирамард оварда, дар болои танӯр ниҳод. Ба он палак зад.

– Ҳашарчиён ҳамин замон меоянд, – такид кард пирамард.

– Рӯи суфа дастархон гӯстӯрдаам.

– Фаридун хоб аст ? – ба айвон, ки душаб боз он ҷо хуфту хоб дошт нигарист. Набера рӯи ҷойгаҳ нишаста ҷониби онҳо менигарист.

– Хестӣ ? – ба рӯи ӯ табассум зад бобо, Дасту рӯяшро бишӯй. Ҳозир ҳашарчиён меоянд.

– Ҳашарчиён ? – такрор кард ин калимаро, ки баробари ҳайрат, дар баёнаш оҳанги суол дошт. «Чӣ мафҳумро ифода ме-

карда бошад ин калима ?» Бори аввал онро шунид. Фаридун дар ин деҳаи кӯчак бо калимаҳое вархурд, ки то ин дам оҳанги онро садопардааш эҳсос накарда буд. Ин калимаҳо хоси шаҳр набуданд, дар он ҷо мафҳумҳои дигар амал мекард, ки деҳотиён бо вуҷуди он ки бо он иртибот надоштан, аз маънии он бархӯрдор буданд. Ҳатто компютер, радиову телевизиор, ки бар илати одами барқ баҳрабардори намешуданд, дар забони мардум мавриди истифода қарор дошт. Фаридун ниҳоят аз бибияш мафҳуми ҳашар ва ҳашаракиёнро пурсид ва шаҳри муфасали онро шунид. Ҳ ашарчиён чунон, ки мепиндошт ҷавон набуданд, ҳарду ба бобои осиёббонаш ҳамсол буд. Яке Саттор ном дошту дигаре Камол, дасти онҳоро Фаридун об гирифт. Моҳсурат ширбиринҷ овард, ки дар миёнаи он равғани маска ниҳода буд. Мусафедон ширбиринҷро ба серӣ хурданд, чой нушиданд. Сипас равон шуданд ҷониби осиёб, Фаридун ҳам омад.

Пирамард болғаи чӯбинро ба дасти Саттор дод.

– Ман аз таг назора мекунам, ту бо фармони ман кор мекунӣ. Тирак бояд ҷояшро гирад.

– Ман чӣ ? – суол кард Камол.

– Ту он ҷо бишин, – сандаличаи чӯбинро нишон дод пирамард. Ва худ таги нова даромад.

– Аз тарафи хонаи Ҷаъфари Мала ба самти деҳаи Дуоба ду зарби болға бизан.

Саттор баъд аз ду зарба, ба авои Шерзод гӯш фаро дод.

– Ҳоло не… Биист… Чашмонам хира шудаанд. Ба ҳадде хира шудаанд, ки куҷо қарор гирифтани пеши тиракро дида наметавонам.

– Биистам ? – бетоқат шуд Саттор.

– Сабр бикун, – пирамард неши тиракро бо ангуштонаш ламс карда, сипас ба Саттори маҳтали ишорат садо кард. – Саттор !

– Лаббай, акнун аз тарафи деҳаи Дуоба ба тарафи хонаи Ҷаъфари Малла, як зарбаи сабук бизан.

– Шуд…

– Ҳоло ист ! Ку бинам. – боз бо ангуштонаш неши тиракро ламс кард. – Гузарондӣ. Гуфтам ку зарбаи сабук. «Тук !» бизан.

Кифоя. Ту зарбаи сахт задӣ.

– Оҳиста задам.

– Бо ман баҳс накун ! Ту якумр оҳангарӣ карда, имрӯз қураву дуконашро акнун ҷамъ намудай. Бозувонаш ҳанӯз чандир аст.

– Ман ҳадди ҳар як зарбаро, дарачаи онро ҳис мекунам.

– Боло ҳис мекунӣ ? – оҳанги гуфтори пирамард саҳл тунд баромад. Саттор аз ин ба хашм омад.

– Забонатонро нигоҳ доред !

– Узр… Рости гап асабҳоям хароб шудааст.

– Ба ин ки гунаҳгор ?

– Зиндагӣ…

– Зиндагиатон бад нест ку ?

– Бад нест, вале андак чиз озор медиҳад. Чунин озор медиҳад, ки раҳи ростро аз кач фарқ карда наметавонам.

– Чӣ кор кунам ?

– Сабр…

Пирамард ангуштони дурушту шахшулашро ба новак хоста, ҳади тиракро муайян кард.

– Чашмонам намебинад…

– Ламс кунед !

– Кур барин сов –сов дорам. Ҳеҷ не ки хадашро ёбам. ёфтам – ёфтам…

Саттор !

– Лабай.

– Акнун аз самти хонаи Ҷаъфари Мала ба самти деҳаи Дуоба, бисёр не ба андозаи ним ангушт зарба бизан.

– Шуд ?

– Гузарондӣ…

– Аз куҷо фаҳмидед ?

– Зарбаат вазнин буд, гӯё пушки оҳангарӣ бошад, ки лаби каландро мечида бошӣ.

– Гузарондед бобо…

– Биё, болғаро ба ман деҳ, – аз ҷой хест мусафеди Камол, дасторашро рӯи сандалӣ ниҳода, ҳамчунин ҷелаки сабзи, рах – рахашро бароварда ба мехи девор овехт.

– Маҳ бигир, – ба қаҳр болғаи чӯбинро ба ӯ дод Саттор ва бо ангушт араќи ҷабинашро сират кард, гӯё назди қураи оҳангарӣ аз субҳ то шом кор карда бошад.

– Ку биё, ба Камол рӯ овард пирамард, не, ҳоло ист. Бе иҷозат ягон кор накун ! Боз ангуштонамро набурӣ.

– Иҷозати шуморо интизорам…

– Сабр намо ! Ҳамин, ки фармон додам, ба кор шурӯъ бикун ! Кори вазнин нест, аммо майдаву дилгиркунанда аст.

Саросемагиро намепарварад. Асабоният ҳам ба манфиати кор нест, – ниҳоят ангушташро аз новак гирифт, – Акнун таёр шав. Аз дарафи хонаи Ҷаъфари Мала ба самти Дуоба, оҳиста бизан.

– Чанд бор ?

– Як бор…

– Шуд ?..

– А… Шуд ! Офарин !

Дар чеҳраи Саттор нишони малулӣ эҳсос гашт. Аз ҷой хест. Майли бародарон кард.

– Куҷо рафтӣ ?

– Ҳоҷатхона… – гуфт бо зарда.

– Медонӣ дар куҷост ?

– Меёбам… – дарро ғиҷиросзанон кушод.

– Акнун аз тарафи деҳаи Дуоба ба самти хонаи Ҷаъфари Малла, оҳиста бизан !

– Дурӯст шуд гуфтед ку ?

– Гапа бисёр накуну корра иҷро бикун.

– Хуб … Шуд ?

– Ку бинам… Шуд… аз ҷой хест, пӯшоки танамро шапид. – Вақте, ки бори аввал задӣ, дурӯст нашуда буд.

– Шуд гуфтед ку ?

– Касдан гуфтам, кӣ ба оҳангар сахт расад. Чи хеле ки дидӣ, ин чиз ба ӯ таъсир кард. Роҳи ҳоҷатхонаро пеш гирифт. Акнун рафтем… Чой менушем.

Пирамард ҷониби суфа равон шуд. Камол аз паси ӯ омад. Фариддун Аллакай чой дам карда, болои онро бо дастархон пушонда буд.

– Офарин набераи бобо, офарин, – пирамард сари Фариддун сила кардю Ва рӯи кӯрпача нишаст, рӯ ба деҳа, барои Камол рӯ ба рӯм худ ҷой нишон дод. Ин дам Саттор ҳам омад. Ба ходаҳои ба такяи девори осиёб буда, ишора кард.

– Хона мепушонед ?

-Чигина месозам.

– Чигина ?

– Санги осиёбро иваз кардан даркор. Дар якҷо як санг дидам. Онро бо чигина кашида меорам.

– Сабр бикун, имрӯз ё пагоҳ, дери дер то охири моҳ, геологҳо меоянд.

Дар қади дара, миёни Ҷангалаку деҳа, кофтуков мегузаро-

нанд. Онҳо тракторҳои гуногунтамға доранд. Илтимос мекунед, меоранд.

– Не, ман ҳеҷ намехоҳам, геологҳо биоянд.

– Деҳа обод мешавад, – гуфт Камол.

Чӣ обод мешавад ? Куҷояш ? Барқ меоранд. Хонаҳои Моро чаппа карда, шаҳр месозанд, мову шуморо маҷбур мекунанд, ки дар ин хонаҳо болои ҳам ҷой гирем.

– Муҳимаш Хами сафедорон, дигар барои харид намеравем. Ҳамааш дар деҳаи худамон ёфт мешавад. Чизе ки диламон хоҳад. Сагу пишакаш ба ҳоламон механдад. Гӯё мо аз тамадун, аз алами вақт канда шудаем. Гӯё Себзор одамони ҷанглӣ бошанду ба фаҳми одитарин ҷузъиётҳои рӯзгори инсонӣ сарфаҳм намерафта бошанд, – гуфт Саттор, дар ҷабинаш ҷинҳои амиқ пайдо шуд, – Қаҳрам меояд. Наход то имрӯз кассе ба дарки ин майда чӯйдаҳои рӯзгор, ки танҳо шаҳриён аз он бархӯрдоранд намерафта бошем. Ҳама чизро дорем. Аммо Хами сафедориён бо мағозаву чор бинои маъмурӣ, тасаввур мекунанд, ки аз мо болоянд ва дар осмони ҳафтум зиндагӣ доранд.

– Бо чӣ менозанд ? – ба шур омад пирамард, Як олим доранд ? Худат бигӯ ? Сабзор макони шерон аст. Ҳарчанд баъзеҳо ба дараҷаи рубоҳу шағол нарасидаанд. Дар замони Шӯравӣ, як котиби ҳизби коммунист аз он ҷо баромада буд.

– Ҳамон ҳам ин вазифаро ба ивази хоҳараш гирифта буд, гуфт Камол.

– Чӣ хел ? – ҳайрон шуд Саттор,

– Намедонистӣ ?

– Не…

– Ин даюс ба як калоншаванда, ки ба тарафҳои Ҷангалак ба сайёҳат ва шикор меоянд, хоҳари ҳанӯз ба балоғат нарасидаашро ҳамроҳ мекунад. Ва аз хоҳараш хоҳиш мекунад, ки нозу нузи меҳмонро бардорад, изаташро баҷо оварад. Хоҳараш калонро як ҳафтаи дароз «меҳмондорӣ» карда, бо хотири шод гусел мекунад. Расо баъд аз нӯҳ моҳ тифли ба дунё овардаи хоҳарашро гирифта, дари утоқи кори ӯро мекубанд. Хӯҷаин аз ин қазия чун саги дар об афтода, меларзад. Ва барои бастани даҳони ӯ ин вазифаро ба ӯ медиҳад.

– Тақдири хоҳараш чӣ шуд ?

– Қаҳрамон кори колхоз шуд, ӯро сарвари бригадаи пахтакорӣ таъин карданд. Бо кӯмаки хӯҷаин хӯҷаин дар ду –

соли бригадирӣ қаҳрамон шуд. Гӯё даҳ сол бенуқсон кор карда, нақшаи пахтасупориро барзиёд иҷро мекардааст. Онҳое ки воқеан кор мекарданд ба ӯ ҳасад набурданд. Зеро баланд бардоштани мақоми зан, дар он шабу рӯз ба масъалаи сиёсӣ, табдил ёфта буд. Ва Хӯҷаин дар маҷлиси ҳизбӣ ба ҳозирон, сардорони бригадаҳои пахтакорӣ рӯ оварда, тарбияи занонро вазифаи аввалиндараҷа ҳизбу давлат арзёби кард. Аз ҷумла баланд бардоштани мақоми занонро дар ин маврид қайд намуд ва онро тафсил дод. Ҳамаи ин ишора буд ба парторг ва хоҳари хушрӯяки ӯ, – гуфт мусафеди Камол, ки тӯли чил соли сардори мамнуъгоҳи Ҷангалак буданаш, чун узви ҳизби коммунист ҷаласаҳои онро аз Себзор намояндагӣ мекард. Ӯро дар деҳа дар ғайбат Чашми давлат ном мебурданд.

– Аз хами сафедорон, аскарони сурх баромад, як ду то не, панҷ нафар. Бобу ҷаддди моро онҳо ба Собир бадарға карданд. Онҳо Шердорро Себзор ном ниҳоданд. Гӯё Шердор номи кӯҳна будаасту ба замони Шӯравӣ мувофиқат намекардааст, – ба эҳсосот омада буд пирамард.

– Дер ҳам бошад Себзор обод мешавад. Хоки Себзор дорӯи давоист. Ман мурдаву шумо зинда, инро бо чашм хоҳед дид. Аз Себзор даюс набаромадааст. Себзор макони шермардон аст, – гуфт Камол, ба қавли ҳамдеҳагон, чашми давлат. «Даюс» ин мафҳум боз сари Фаридунро гаранг кард. Аз ин пеш онро нашунида буд. «Калимаи хуб нест. Агар чунин мебуд, ҳаргиз онро хуб нест. Агар чунин мебуд, муқобил намегузоштанд. Чӣ маъно дошта бошад ? « Хост пурсад, аммо боз андешае ӯро ба сар омад, ки дар ин маврид таҳаммул мекунад. Хубаш ба сӯҳбати ширини онҳо гӯш медиҳад. Ва барои худ, масъалаҳои зиёдеро кашф мекунад. Маъниву мазмуни бисёр чизҳоро аз худ менамояд. Барояш алъон аз ин дида, вақту шароити бамаврид ва мусоид нест.

Пирамард аввал тарбуз ва сипас харбузаро кушта, тарбузро коса карду харбузаро тилим. Сипас ангури ҷавзро дар табақи сафолин шӯста овард.

– Хурусро чӣ кардед ? суол кард Саттор

– Ош андохта, меорад. Баъд аз намози пешин иншоолоҳ маза карда палов хоҳем хурд, – гуфт парамард.

– Дар аввалҳои ободшавии води Вахш, боре хонаи амакам рафта будам. Амакам ду километр аз заводи нуриҳои азотии

Вахш дуртар истиқомат мекунад. Аз палакаш харбузае кандам. Пеши шумо дурӯғ пеши Худо рост, асал буд…

Баъд аз сахта шудани завод, ду сол пеш меҳмон шудам. Харбуза оварданд, аз ҳамон замин. Агар намак зада хӯрӣ, ҳеҷ фарқе набуд байни бодирингу харбуза. Завод корашро карда буд. Замин нерӯи табии худро кайҳо аз даст дода, ҳосилнокии маҳсулот низ кироӣ набуд, – дарк гуфт Камол.

– Акнун тасаввур кунед, ки дар ин ҷо чунин завод бисозанд. Аҳволамон чӣ мешавад ? – чун марди ғолиб табассуми ғайриихтиёр дар чеҳраи пирамард гул кард.

– Ин ҷо завод не, шаҳр месозанд, – гуфт Саттор.

– «Лубиёву кадӯ, лаънат ба ҳардӯ,» ба суханаш ҷома пушонд пирамард.

– Ба ҳар ҳол, аз Хами сафедорон пеш мегуфта бошанд ?

– Думи сагат каҷ, мегуянд. Боз фикр мекуни, ки таъриф мекарданд ?

– Ман аз онҳо некиро ҳаргиз интизор намешавам. Ва чунин андеша ҳам надорам, ки рӯзе аз муваффақияти мо онҳо хурсанд шаванд. Агар онҳо нияти нек медоштанд, дар анна ҳамин ҷанги шаҳрвандӣ ба сари Себзориён бо танка ҳуҷум намекарданд. Роҳи Себзор аз гашти тасмачарххо ғилбол шуд. Онҳо бошанд қонеъ нашуданд. Дар масҷид ҳамаро бо Қуръони маҷид қасам доданд, ки эътиқодашонро муайян кунанд. Духтари Файзи урусро бурдани шуданд, ки дар телевизионашон чун чеҳра, барандагӣ кунад. Абдуқаҳор садди роҳ шуд. Ҳарчанд сояи ӯро Файзи урус аз девор метарошид. Ба хотири қавмдорӣ, хотири нангу номуси ҳамдиёрон пеши қумандонашон баромад. Сар хам накард. Ва ба ӯ ба сари баланд рӯ овард : «Барандаро аз деҳаи худатон ёбед, мо гурбаи модаамонро ба Хами сафедорон намедиҳем.» Қумандонашон ба сари пирамард шурид. «Старик, аз ҷонаш сер шудаӣ ?» Абдуқаҳори номус, шерри нар барин сина сипар кард. «Мебаред, фақат аз болои мурдаи ман…» Хами сафедориён чизеро фикр карданд, ки савор шудану ба танкашону гуз заданд. Дигар касе ба ин сӯ омадани ягон нафарашонро ёд надоранд.

– Гоҳ –гоҳ ҷосусҳояшон меоянд, бо баҳонаи гову гӯсфанд кофтан, – гуфт пирамард.

– Себзориён ночор меравант Хами сафедорон, илоҷ надоранд. Агар, дар деҳаи мо ҳам мағозаву дигар воситаҳои ба

рӯзгорӣ пайдо мешуд, он гоҳ тарафшонии нигоҳ намекардем, – гуфт Саттор.

– Имрӯз баъзе Себзориён гандумашонро Хами сафедорон мебаранд, гуфт Камол,

Дар ин ҷо айби мо ҳам ҳаст, осиёбро сари вақт таъмир накардем, – узр пеш овард пирамард.

– Акнун дурӯст шуд, боз чӣ баҳона мекарда бошанд ? – гуфт Саттор.

– Санги осиёбро низ дигар кардан даркор гуфт пирамард ва беихтиёр нигоҳаш ба ходаҳои сафед кардааш афтод.

– Айёми ҷуфту чигина гузашт, – гуфт Камол, – вақти он аст, ки пеш биравем, чуноне, ки муаллими Салом мегуяд : «Дар як ҷо пой кӯфта истодан ба манфиати мо нест. Оядагон низ Моро барои ин намебахшанд. Хуб аст ё бад пеш рафтан даркор.»

Пирамард аз ин суханон хурсанд нашуд. Дилаш фишор хурд, дар паҳлӯи чапи қабурғааш аз қисмати шона, гармиеро ҳис кард, ки дар умқи он гӯё ахгаре месухт ва он тадриҷан ба таги каш майл кард. Авзои ночора ӯро Саттор ҳис намуд. Балки муайян кард аз куҷо сарчашма гирифтааст. Ва баҳриислоҳи он кӯшид.

– Агар аз ман пурсанд, ки геологҳоро иҷозати фаъолият медиҳед, мутлаққо зид мебаромадам.

– Барои чӣ ? ҳайрон шуд Камол.

– Қадами онҳо шум аст. Як деҳаи беш аз ду ҳазорсоларо хароб мекунанд. Ман тоби дидани инро надорам.

– Дурӯст, – дар рӯи пирамард хун дамид, – мо зодагони Шердор, набояд ба вайроншавии он мусоидат кунем. Номусу нанги ватандориро бояд дар қабл нигоҳ дорем.

– Охир дунё дигар шудааст, – эътироз кард Камол.

– Чаро вақте, ки намояндаи Себзор дар Кумитаи ҳизбии ноҳия будӣ коре накардӣ ? – ғайричашмдошт ӯро эрод гирфт пирамард.

– Он вақт гапи ман намегузашт. Парторг аз Хами сафедорон буд.

– Хубии умрат гузашт гандагӣ монд. Дар ин ду – се рӯзи ғанимат шукри падарҷони деҳаро бикун ! – гуфт пирамард.

– Ман як орзу дорам.

– Чӣ орзӯ?

– Себзор аз Хами сафедорон пеш гузарад. Ба шаҳре бадал шавад, ободу озода…

– Ман бошам орзу дорам, даюсон аз Себзор рахт барбанданд, бираванд ба мулки дигар. Шерони Себзор баргарданду хомаҳои чортарафи онро макон кунанд.

Ва тоҷи зарини миллатро ба фарзандони содиқ вогузоранд. Дигар чизе намехоҳам, намехоҳам ҳатто шаҳр бунёд шавад ҷиҳати шикасти рақибони азалӣ, – пирамард суханонашро бо боварӣ баён кард ва рӯи Саттор, ки ин лаҳза, танҳо ӯ ҷонибдорияш дошт нигоҳи ғолибона афканд. Саттори рамузфаҳм дарк кард, ҳолати рӯҳии пирамард рӯ ба беҳӣ овардааст. Ва дар фарҷоми суханони ӯ илова намуд :

– Ман ҳам ҷонибдори ин ақидаам. –

– Аз даст шерони ту коре намеояд. Даврони бо Шеру фил тарсондани одамон гузашт. Имрӯз силоҳе ихтироъ намудаанд, ки ингуна деҳаҳо кучо, шаҳрҳои бузӯргро ба хок яксон мекунанд. Ёки Баракс,, шамолеро ба шаҳр равона месозанд, ки баробари нафас кашиданаш ягон ҷонзот зинда намемонад. Ҳама чун магаси заҳрхӯрда, виз – визкунон ҷон медиҳанд ба ҷонофарин. Аз он ҷумла он шероне, ки гӯё қаҳр карда, ба қуллаҳои барфшуха паноҳ бурдаанд, аз ин бало амон намемонанд.

– Нафаси хунук накун, мусафед ! – абрӯчин намуд Саттор.

– Одамон пеш рафтаанд, чӣ ту маро гунаҳгор мекунӣ ?

– Одамкушӣ, сохтани силоҳи қотеи он, магар пешравист ?

– Абарқудратон бо ҳамин доройи ноз доранду катагӣ. Садои Ҳусейнро дар рӯзи иди қурбон ба дар кашидан чӣ маънӣ дошт ?

Магар андеша карда наметавонистанд, ки як ё ду рӯз гузарад ва ё пештар ин корро барои он карданд, ки як ё ду рӯз гузарад ва ё пештар ин корро чаро накарданд ? Ин корро барои он карданд, ки зодагони сайёра бигӯянд, ки ба зодагони сайёра бигӯянд. Ҳарчики хоҳед мекунем. Нест нерӯи қавитар аз нерӯи мо; Тақиру эътиқоду мазҳаби шумо маро ба ташвиш намеорад. пайғамбаронашонро ҳаҷвумасхара мекунем. Ку овоз баланд кунед ? Бо озодии баён гуфтани мафҳум, аз об хушк мебароем. Ва ҷурмро ба сари фарде бор мекунему мегуем, фикри инфиродии ӯст. Ва худи ӯро ҳимоя мекунем аз терористон. Аз номи Бен Лондон изҳорот пахш карда, ақидаи ӯро ба сари миллионҳо мусулмон бор мекунем. Лозим шавад ба сари тифлону занон бомба меандозем. Касе гуфта наметавонад, ки мо гунаҳгорем. Чунки воситаҳои ахбори олам дар дасти мост. Дар ҳама ҷо хабарнигорон хизмати Моро ба ҷо меоранд. Чунки мо тавоноем, силоҳҳои

навтарини қатли ом дорем ва онро такмил медиҳем, ба кормандони воситаҳои ахбор маоши ҳангуфт медиҳем, – мӯсафеди Камол, чашмони обравашро бо гӯшаи рӯйпок тоза карда, ба ҳамсӯҳбатонаш далелҳои шайъӣ меовард. – Радио гӯш мекунед ? Имрӯз чунон шабакаҳои зиёд пайдо шудааст, ки намедонӣ кадомашро гӯш кунӣ.

Мо Себзориҳо ақаллан аз ин чиз бархӯрдор нестем. Магар бо он шерони дайду, ки ватани худро тарк кардаанд, умед баста мешавад. Аз кадом тоҷ гап мезанед ? Агар онро ба сари Файзи урус, гузорем кор ранги дигар мегирад ? Абдуқаҳори номус духтарашро аз беномуси раҳонд. Ӯ бошад гиребони мусафедро гирифт, ки ту сади пешравии фарзандонӣ ман шудӣ.

Ҳоло духтари, ман дар телевизиор ахбори расмӣ мехонд. Сад кас мегуфт, ки зодаи Себзор аст.

– Даври воизият гузашт, ниҳоят пирамард ба даҳони Камол мӯҳр зад,

– Оша оварданд, – ба ҳамсараш ишора кард. Фаридун офтобаро бигир. Дастҳоро бишӯй !

– Ё дурӯғ мегуям ? – гардан намефаровард Камол.

– Гапашон сад дар сад дурӯст, барои хомӯш кардани оташи даҳонаш, паст фаромад пирамард, ҳарчанд ин ба феълу хӯи ӯ рост намеомад, изати дастархон ва неъмати парвардигорро муқаддам донист. Моҳсурат дастархоне, ки дар он табақи ош фатири равғанинро оварда буд кушода, болои хони гӯстӯрда ниҳод. Ҳаври ҳарир аз табақ бархоста, буи зира ва дигар давогиҳоро, ки кампир ба биринҷ ҳамроҳ карда буд бо буи мурғи дар дами палав пухта, омехта шуда ба димоғ мезад, ки аз ин ҳаловате ба рӯҳу равон мебахшад. Пирамард дар болои пораи фатири гарм гушти мурғро ниҳода, сипас бо корди финӣ, ки дар ғилофи миёнбандаш буда овезон буд, онро пора, сипам реза карда, болои хонаи тафсони ош гузошт…

Фаридун бори аввал бо мардони солор, мусафедон сари табақ нишаст бо дасти рост луқма гирифт, гарми онро эҳсос кард. Ва чуноне, ки бобояш қаблан ёд дода буд, ба номи Худои бахшояндаи меҳрубон иқтидо намуд. Аммо калимаи «даюс» ӯро бисёр бисёр ба андеша оварда буд ва маънии онро донистан мехост. Аз ин ҷиҳат маврид меҷӯст, ниҳоят ба хулосае омад онро шом, вақте ки ба манзили бобояш ташриф меорад суол мекунад аз бибияш. Ва ин дам таҳаммул пеша кард, то ки аз ин пирони

рӯзгордида, ҳарчи бештар шунавад, ки онҳо ҳарчи мегуянд бо чашм дидаанд. Ва шоҳиди ҳол будаанд.

Шом пирамард табақу косаи холӣ ва дигар чизҳои нолозимро ба дастархон печонда, дар почаи хӯрҷин ниҳода, хӯрҷинро болои хар гузошт ва Фариддунро ба он савор кард.

Шоми деҳа бо баоси говони аз пода, оянда ва гусолаҳои чашминтизор, ки овои модарони пистондамидаи хешро шунида, ба он ҷавоб медоданд оғоз мешуд, ташвиши занони деҳа ҳаду ҳисоб надошт, бузу гӯсфандонашонро ҳел зада, гусолаҳоро мемаконданд, сипас шири боқимондаро мечӯшиданд. Подабонҳои ба гурду чанг олуда, боа вои баланд аз паси чорво дами дарвозаҳо таваққуф мекарданд :

«Оши ҳалол !» Яке тарбуз, дигаре ангур, сеюми нони гарм, чоруми қоқи тут ва ё каду эҳдо мекарданд ба чӯпонҳои деҳа. Роҳи печ дар печи деҳа, ки дар қисмати чапи он Рӯдаки сероб ҷорӣ буд, зери пои чорво монда, охурча пайдо мекард.

Ҳар кас паси хонаи худро, ҳар субҳу шом об мезад, ки хоки нармро нам карда, мӯҷиби чангхезӣ нашавад. Пирамард харро ба чапкандӣ баста, гӯсфандонро алаф дод, сарашонро дастмол кард, сипас ташноб даромада таҳорат намуд.

Фаридун интизори бибӣ буд, ки кай корашро анҷом дода, паҳлӯи ӯ қарор мегирад ва ӯ аз бибияш чанд суоли тамоми рӯз маҳфуз доштаашро иброз медорад. Асосан маънии даюсро фаҳмидан мехост.

Кампир ҳама корҳояшро бе шитоб тадриҷан иҷро менамуд, ки ин ба Фариддуни деринтизор хуш намеомад. Агар ҷои бибияш каси дигар мебуд ба сараш дод мегуфт. Ва тақозо мекард, ки суръат бахшад корашро. Вале бибӣ, шаҳомату қадру манзалати ӯ намегузошт Фаридун чунин тасмим гирад. Ҷуз таҳаммул чораи дигар надошт.

Кампир бошад дар дил нақшаи дигар дошт. Мехост ба наберааш афсонаи бофтаашро нақл кунад. Ин афсонаро танҳо худаш медонист. Ба қавли Ғуломалӣ, ки ҳар шом аз волидонаш шунидани афсонаи навро тақозо мекард, дар шаҳр дигар наафсонагӯй мондааст на гӯши афсонашунав. Вақти одамонро кино, телевизион, театр, радио, рӯзномаву маҷалла, китоб, компютер, Интернет барин чизҳо гирифтааст. Афсона чун моводи содаву кӯҳна танҳо дар забони муҳаққиқони фолклоршинос зинда мондаасту халос. Ғуломалӣ, ки афсонаҳои зиёдро баллад буд, наметавонист

ҳатто як афсонаро ба писаракаш нақл кунад. Камандири Моҳсурат бошад, барои ӯ махсус афсона бофта буд. Ва қасд дошт ин шом қарзи худро пеши уву виҷдонаш адо намояд. Азобе ки дар гӯшаи қабл нисбати ин қазия пайдо карда буд, рафъ созад. Ғайричашмдошт ба набера пешниҳоди биби хуш наомад. Ӯ аз биби чизи дигар талаб кард. Чизе, ки кампири Моҳсурат интизор набуд.

– Бибиҷон, даюс чӣ маъно дорад ?

– Даюс ? – ҳайрон шуд кампир, ба рӯи набераи ҳанӯз noболиғаш зеҳн монд.

– Бале,, даюс ?

– Даюс, шахси беномусро гуянд. Даюс касест, медонад, ки ҳамсараш бо мардони бегона алоқа дорад, вале чашм мепушад, вонамуд мекунад, ки чизеро намедонанд. Аз пушти амалҳои пасти ҳамсараш рӯз мегузаронад. Занашро барои равнақи корҳояш ба одамони тавоно пешкаш мекунад.

– Агар аз кирдори ҳамсараш хабар надошта бошад ?

– Дар ин сурат ҳам даюс аст.

– Барои чӣ ? Охир ӯ намедонад.

– Аммо дигарон медонанд.

– Дигарон ҳам надонанд чӣ ?

– Ҳамон марде, ки бо ӯ алоқа дорад медонад, худи ин чиз ба даюс буданаш далолат мекунад. Даюс ҳаргиз рӯи биҳиштро намебинад…

Фаридун дигар савол надод, як пиёла чой хунукшударо ба як дам нушида аз ҷой хест.

– Афсона гӯш намекунӣ ?

– Хоб дорам.

– Ҷой хобатро тахт кардан, – гуфт кампир ва аз ин тағироти рӯҳу равони набера ба шигифт монд. «Чаро ин мафҳумро аз ман суол карда бошад?» Чӣ осиёб, бобояш дар ҳақи падараш ҳарфи дурушт гуфтааст ? Аз ӯ инчизро интизор шудан душворие надорад. Агар чунин шудааст, бояд аз дилаш баровард. Кампир ба азми ин ба набера нигарист. Фаридун ба болин сар монда, вонамуд карда буд, ки хабидааст. Моҳсурат низ чунин пиндошт. Ва дигар ба ӯ кордор нашуд, чароғро паст карда радиоро монд.

Фаридун ба гузашта, ба он айёме, ки дар хонаи падар, дар он бинои муҳташан ба сар мебурд баргашт, хотираашро варақгардон кард. Воқеан, дар хонааш гоҳ – гоҳ марде меҳмон

мешуд, чун падараш ба сафари корӣ мерафт. Модарашро мебусид, меҳмондорӣ медид, ба ӯ ширинӣ меовард. Меҳмон дар ҳарамхонаи волидонаш мехуфт бо модараш. Бобояш ҳам меҳмон мешуд бо ҷӯраҳояш. Ӯ мисли ин бобояш намоз намехонд, дастор намебаст, риш ҳам надошт, муи сари мошубиринҷ ошро қафо шона зада, тавқи рах – рахашро кушода, ба роҳаткурсӣ такя мезаду ҷуръа – ҷуръа оби ҷавро мазида мазида менушид. Модараш ба онҳо хизмат мерасонд. Ҷӯраҳои падараш бахусус ҳамон чашмтанги дандонтилояш чашми бобояшро хатто карда, бо пушти даст ба суринҳои модари Фаридун мезад. Ва аз ҷониби ӯ муқобилият намедид. Фаридун ҳамаи инро ба чашми худ дида буд. Боз хонааш бо марде дар ҳуҷраи волидонаш то субҳ хуфту хоб доштанд. Модараш барои онҳо шароит муҳайё кард. Фаридунро танбеҳ дод, ки паси дари онҳо наравад. Ҳама ин воқеаҳо дар вақти набудани падараш воқеъ меафтад. Ҳамин, ки падараш ба бобояш телефон мекард :

– Ҷӯраашро биёр, бароятон манту пухтан, пиво, каняк, арақ, вино, ликёр ҳарчики хоҳед ҳаст.

Шом меҳмонони шикамғафси бобояш, ки чун машки пуроб чеҳраҳояшон таранг буд, ҳозир мешуданд. Менушиданду мерақсиданд ва чун хар алосак мезаданд. Гули сари сабади маҳфил модари ӯ буд. Боре бо чашмаш дид, ки он чашмтанги дандонтило модари ӯро рӯи даст бардошта ба ҳуҷраи шафат бурд, болояш хам шуд.

Фаридун аз тарс фиғон бардошт ва шишаи шампонро ба сари ӯ зад, аммо шиша ба рӯи модараш бархӯрд, ки биниаш шикаст. Рӯи бистар пур аз хун шуд. Барои ин амалаш аз модар танбеҳ дид, сару рӯяш Алов гирифт. Гумон кард аз бобояш пуштибонӣ мебинад, аммо аз суи ӯ садои хӯроккашӣ меомад. Марди дастдароз ба модари ӯ мегуфт.

– Ӯро чӣ гуна тарбия кардӣ, ки эҳтироми модарашро намедонад ?

– Аз деҳа кай одам руида буд ?

– Ман ҳам дар деҳа таваллуд шудаам.

– Пирамард ин, чи тавр доштани корду шохаки хурокхӯриро намедонист. Дар сар тоқӣ мемонд, ман ӯро одам кардам. Аз ӯ руидагӣ чӣ қадар фаросат дорад ?

– Бовар дорӣ кӣ, аз пушти ӯст.

– Ин ҷурми ман буд, ки аз пушти ӯ зоидам.

Фаридун ин гуфтороро хуб дар хотир дошт. Пеш ба он сарфаҳм намерафт. Акнун дарк мекард, он чӣ маънӣ дорад. «« Не, намеравам, агар дасту поямро баста ҳам баранд. Намеравам ва салом.»

– Кай деҳа рафта будӣ ?

– ӯро дар курсии паҳлӯ шинонда, гуфт бобояш.

– Хеле шуд…

– Аниқ кай ?

– Ду моҳ пеш…

– Бобояш чӣ хел аст ?

– Нағз.

– Аз думи гову хар давида гаштааст ?

Ҳайфи умри одамӣ, ки дар чуниншароити вазнин мегузаронданд. Ин чӣ рӯз аст ?

– Онҳо шояд ба ҳоли мо биханданд ?

луқма партофт чашмтанг.

– Ақлашон ҳамин қадар мерасад. Ба пиндори онҳо шаҳр дилгир асту танг.

– Воқеан ҳамин тавр фикр мекунанд.

– Бе онҳо ҳам намешавад.

– Калом бобояшро дӯст медорӣ ? – суол кард чашмтанг.

– Ман тӯро бад мебинам, – ба рӯи ӯ песонда гуфт Фаридун.

-Чӣ ? – абрӯвони бобо чин шуданд. Чӣ гуфтӣ ? – аз дасти Фаридун кашид бобо, – Ту киро бад мебинӣ ?

– Тӯро нагуфтам.

– Медонам, ки маро нагуфтӣ. Чаро меҳмонро чунин гуфтӣ ? Ку гап зан, тӯро мегуям. Эй сагбача…

– Маро бад диданаш ҳикмат дорад, – гуфт пӯзханд чашмтанг. Ва ба суи Фаридун чашмак зад.

– Ман тӯро бад мебинам, – такрор кард Фаридун, алахчаи бобояш шах шуд.

– Чӣ гуфтӣ ? барӯи Фаридун шалоқ зад, писарак дошт надода афтод, сараш ба девор бархӯрд. Фиғонаш баромад.

– Бад мебинам ӯро, ба падарам мегуям.

– Чӣ мегӯӣ ? – ӯро ба пояш рост монда ба истинтоқ гузошт.

– Мегуям, ки ҷӯраи бобоям модарамро хобонда, болояш баромад. Ва боз мегуям, ки…

– Хонуш ! – даҳони ӯро бо кафи дасташ пушонд. Бобояш субҳ Фаридунро хонааш бурд. Барои он бурд, ки ба бозӣ машғул

шуда, хабари шум аз хотираш барояд. Ва ба зиндагии хуши волидонаш осеб нарасад.

Фаридун он воқеаро ба ёд оварда, ба бобои зиёинамояш, нафрат кард. Дилаш ба ҳоли падари заҳматкашаш сухт. Аз як паҳлӯ ба паҳлӯи дигар гашт. Рӯ ба девор овард, ки буи хоки нам дошт. Радиои хабарҳои охиринро медод. Аммо ба гӯши Фаридун чизе намедаромад. Сараш гиҷу вазнин буд, гӯё рӯи шонаҳояш санги осиёбро гузошта бошанд. Сангеро, ки бобои осиёббонаш ба иллати фарсудагӣ нияти иваз кардан дошт.

Хобаш бурд, ба ҳамин фикру хаёл. Бобои шаҳрияш ӯро паҳлӯи худ шинонда буд, мизи пур аз нозу неъмат. Дар миёна миз торти бузӯрге дошт, ки дар болои он шамъчаҳои рамзӣ месухтанд. Бибиву холаҳояш ҳама дар атрофии миз нишаста буданд. Тағояш низ ҳузӯр дошт. Фаридун ҳузӯри ӯро дар ин нишаст бо баёни суханони дурӯст ба унвони худ, эҳсос намуд. Тағояш обгинаи оби маъданро кушода, ба истакони шафоф рехт ва онро ба лаб бурда, як дам ба рӯи ҷиянаш нигарист.

– Падари булфузулат куҷост ?

– намедонам…

– Ӯ мудом дар ин гунна маъракаҳо ғайб мезанад.

– Киро мегӯй ? – гулпурсӣ кард бибии шаҳрӣ.

– Ғуломро…

– Метарсад.

– Аз чӣ ?

– Аз тӯҳфа овардан.

– Тӯҳфа овардааст, – гуфт модари Фаридун.

– Куҷост ки надидем, – бо ноз нописандона луқма партофт холааш.

– Ана, калидро нишон дод.

– Мошин ?

– Чӣ хаёл кардӣ ? – табассум дар лабони модари Фаридун гул кард.

– Ба ту гап надорам, – чашмак зад холааш.

– Гусфанде беш нест, илова кард бибии Фаридун, – агар ҳамин гузаштҳояш намебуд, паҳлӯи ӯ як лаҳза истодан шармандагие беш нест.

Фаридун ба бибияш песонда нигарист. Суханони кассе аз ҳозирон писандаш наомад. Чизе гулӯяшро фишор медод. Ба хусус, вақте ки чашмтанги дандонтило сухан гуфт. Бобояшро

таъриф карду бусид, қадаҳи булуринро як ҷуръа худаш ва як ҷуръа ба модари ӯ нушонд. Сипас бибӣ, холаҳояш ва модари ӯро бусид. Тағояш низ аз ин қатор дур намонд. Аз он пас омад назди Фаридун, ки паҳлӯи бобои ширамасташ нишаста буд. Хам шуд,, то ӯро аз ҷабин бӯсад. Аммо Фаридун сари ӯро тела дод. Ва бо тамоми овоз дод зад : «Не е е е …» Бибияш болои сараш ҳозир шуд.

– Ба ту чӣ шуд ? Тарсидӣ ? Сахт тарсидӣ ? – ба рӯи Фаридун об зад.

Ин лаҳза бобояш сулфид. Ва чуноне, ки одам дошт пойҳояшро шарфа дода, ба айвон омад.

– Ба ту чӣ шуд ? – ба Фаридун рӯ овард.

– Бобо…

– Ҷони бобо ?

– Ман дигар намеравам.

– Куҷо ? –

– Шаҳр…

– Мо ҳам тӯро намефиристем.

Фаридун ба гардани бобояш часпид. Ашки чашмонаш рӯи гунаҳояш шорид.

– Хоб дидааст, хобби даҳшат, – гуфт бибияш.

– Мо ҳаргиз чунин ният надорем, – сари Фаридунро сила кард бобо. – Аммо модарат даъво мекунад.

– Агар моне шавад, мегурезем,

– гуфт Фаридун.

– Ман бо ӯ гуфтугӯ мекунам, – бобо аз ҷабини Фаридун бусид.

– Не, бо ӯ гап назан. Ӯ ба ин намеарзад.

– Чаро ? Охир ӯ модараш аст ?

– Намехоҳам…

Пирамард Фаридунро бардошта назди дастархон овард. Моҳсурат низ даступохӯрда буд. Дастархонро шапонда, аз нав паҳн кард. Чой дам кард. Фаридун чун кӯдакони эрка аз бағали бобояш хестан намехост. Пирамард ҳам ба ӯ меҳрубонӣ мекард.

Субҳ пирамард ҳамроҳи Фаридун ба дорои сангин омаданд. Хаару хайбар ҳамроҳонаш буд. Пирамард белу зоғнулро гирифта, ба кандани санге, ки нима дар хок ғутида буд, шурӯъ намуд. Корашон равнақ дошт, Фаридун ҳини дамгирии пирамард бо зоғнул хоки хушкро, ки дар атрофии санг пайваста буд, канда

нарм мекард, пирамард баъд аз рафъи хастагӣ, боз ба корч аспид. Корашон равнақ дошт. То нисфирӯзи сангро аз ҷалди хок берун карданд, сангро бо таноб баста ду коса берун кашиданд, чун ин фоида накард, ба он занҷири харро пайваста, маркаброниз ба ёрӣ хостанд. Ниҳоят санг берун баромад. САнги вазнин, ки аз тарошидан метавонад, солҳо хизмати мардумро ба ҷо оварад. Чун он санге, тӯли сол хизмати мардуми деҳро ба ҷо оварда буд. Пирамард ба санг нигаристу дар сараш фикрҳои дигар пайдо шуд:

Агар Себзор, ба шаҳр бадал шавад, дар ин сурат ин санг, наваку тирак, ҳама чун маводи намоишгоҳ ба маъраз гузошта мешавад. Намегуянд ин сангро кӣ ва маҳсули дасти кист? Не, ин чиз барои тамошобин аҳамият надорад.»

Пирамард сари набераашро сила кард. Ва аз ҷабинаш бусид.

– Фаридун ҷони бобо… Афсӯс, ки ту танҳоӣ, волидонаш фикри ба дунё овардани додаракеро мисли ту ба гӯшаи хотир наоварданд. Имрӯз набудани ту онҳоро зиқ мекунад.

– Онҳо маро дӯст намедоранд.

– Чаро ?

– Намедонам, – оҳ кашид Фаридун. Вақти ки дар хона набошам модарам хурсанд мешавад. Мехоҳам зуд –зуд ба хонаи бобоям, холаҳоям равам. Падарам бошад ҳеҷ гоҳ бекор нест. Мудом саргарми кори худ аст. Аз он чи ки манн дар ин ҷоям онҳо зарае дар изтиробу шигифт нестанд. Модарам хурсанд аст, чунки ман ба ӯ дигар халал намерасонам. Бобоҷон, маро нафиристед. Ман ин ҷо мемонам.

– Фаридун, ман ҳам инро мехоҳам, бибият ҳам. Осиёб баъди сари ман бесоҳиб намемонад. Як лафка нонатро аз он ҷо меёбӣ.

– Ман аздусар, дигар шаҳр намеравам. Агар ҳазор лат – лаин бихонанд, ки қадамамро он сӯ намемонам.

Пирамард чунин мешуморид, наберааш Фаридун сари эҳсос чунин хулоса баровардааст ва он муваққатист, ҳарчанд аз тасмими ӯ шод буд. Фаридун бошад ҳанӯз дар мавқеи худ истодагарӣ мекард. Ақидаашро дигар кардан намехост.

«Бо кадом рӯ меравам? Не, намехоҳам ангуштнамо бошам. Намехоҳам таънаи дӯсту душманро шунавам.

Тамғаи даюсро бардошта наметавонам. Ва бо он замонасозон, ки худро гули сари сабади ҷомеа медонанд. Худро чун гули аз гулбун канда, ки дар кӯзаи пуроб ниҳодаанд, тасаввур мекунанд,

зоҳиран намуд доранд, вале решаи теғзадаашон дар ҳоли пурсидан аст. Ҳама медонанд, ки умри ин гулдаста тӯлонӣ нест. Рӯзе он ба поён хоҳад расид, зеро аз бунёд, аз асл бурида шудаанд. Бобои ишкамбузаргаш низ бо ҳама он сояи ғафс, касеро дар наноҳаш гирифта наметавонад. Зеро худи ӯ низ бо чонлусӣ ба ин рӯз расидааст. Умед аз дигарон дорад. Ва бо умеди онҳост. Холаҳояшро ба тавонгарон як ду рӯза пешниҳод мекунад, ки умри айши ӯро дароз кунанд. Модараш низ хизмати падарро мекунад, барои таъмини рӯзгори ӯ, айши ӯ, ба ҷодае ки ҳидоят менамояд гом мениҳад. Фаридун ба дили сиёҳ ин ҳама олами фаҳшу фуҷурро пеши рӯ меовард. Ва нафраташ ба ҷомеа, ба дунё, ки бошандагонаш аз он тафокур мекунанд ҷуш мезанад. «Ба чияш дил бандам ? Ба бобоям ? Ба он марди чашмтанги дандонтило, ки чанд рӯзе чанбари идораи ҷомеаро дар як гӯшаи шаҳр ба даст дорад ? Ва бобои ман фармонбардораш аст ? Ба бибиям, ки муи сари сафедашро ранг зада, дар теппаи сараш ғунча кардаасту, куртаи атласаш аз зону болост. Соқи сафеди пойҳояшро намоиш медиҳад, мижгонҳояшро Сурма мезанад, ба абрувонаш усма мекашад. Боз холаҳоямро, ҳатто модарамро таъна мезанад, ки ба хеш аҳамият намедиҳанд. Мардонро аз худ мегурезонанд. Ба ҳамонҳо дил бандам ? Ба тағои беномусу даюсам бошам, ки хоҳарашро аз пешаш мебаранд. Мошини ҷавонмардон паси хонаашон ба « ғуриш медарояд. Ва ӯ хоҳарашро сарзаниш мекунад, ки танбал асту бо ин амалаш ҷавонмарди даркориро маҳтал кард. Айб шуд, набахшиданӣ. «Аз дилаш барор!». Ба такид мегӯяд, додари модарам.

Фаридун сар ба сукут соатҳо андеша мекард, вуҷудаш меларзид, дилаш тадриҷан ба зуғоласанг бадал мешуд, ки ҳанӯз сӯхтанаш дар пеш аст. Ва фақат як гапро такрор мекард. «Намеравам! Бо онҳо будан намехоҳам. Тоби дидани башараашонро надорам». Бобову бибиаш бошанд чунин тасмим гирифтани ӯро эҳсоси ноӯстувор ва тағйирёбандаи наврасӣ арзёбӣ мекарданд. Фаридун борҳо ният кард, воқеиятро фошо-фош мегӯяд. Сабаби тасмими хешро дар ин маврид баён мекунад. Аммо боз ҳам чизе садди роҳаш мешуд. Фикрашро дигар мекард. Намехост бадбиние, ки бобову бибияш, нисбат ба модари ӯ доранд ба маротиб афзояд. Пирамард дар асснои роҳ, то расидан ба ҳавлӣ дигар чизе нагуфт. Андешааш дар мавораи осиёбу санги он гардиш мехӯрд. Алъон мизоҷон роҳи осиёбро аз нав пайдо карда буданд. Аробаи

гандумашонро ба самти осиёб гардонда, ҳоҷати хешро мебароварданд. Аммо гардиши сангу сифати орд, ӯро қонеъ намекард, сабӯс ҳанӯз зиёд буд, ки ин меъёрро убур менамуд. Хайбар ҳам бо сари хам, чун гӯсфанди кар коҳилона гом мекашид. Гӯё хоҷаашро, ки ба душ бори андеша дошт халал расонидан намехост, то ки фикру хаёлаш парешон шуда, ҳосили заҳматаш барабас наравад. «Гандум омадагист, то бегоҳ орд карда, пас фардо тавассути чигина, сангро саҳни осиёб мебарам. Як рӯзи корӣ бо сангтарошӣ мегузарад. Баъд аз ин боз як рӯзи дигар ҳашар мекунем. Ин дафъа кор бо мӯйсафедон буд намешавад. Ба ҳар ҳол ба хотири равнақи кор, Бале,гӯӣ даъватшон мекунам. Бигзор рӯҳи ҷавононро бардоранд. Ин дафъа кор вазини аст. Онро саҳл гирифтан маънӣ надорад». Бо ин андеша ба дари ҳавлияш расид, пайғоми ҳамсараш авзояшро якбора парешон кард.

– Ношинос буд? – сар хорида чизеро ба хотир оварданӣ шуд пирамард.

– Аз ин деҳа набуд.

– Кӣ бошад?

– Намедонам, ӯро Саттор роҳбаланд буд.

– Куҷо рафт?

– Назди осиёб меистам, гуфт.

– А... – пирамард гӯё масъалаи муҳимеро кашф карда бошад, пушти сар хорид. Дар ҷабинаш чинҳои амиқ пайдо шуданд. Ва оҳиста-оҳиста дар рӯи ҳавлӣ пешу пас қадам зад.

– Харро бандам? – суол карл набера.

– Ҳоло не, осиёб рафтан даркор, – овозаш ҳузн пайдо кард ва он ҳазину паст баромад.

– Он ҷо бошад, бигзор сабр кунад.

– Кӣ бошад?

– Касе, ки набошад, – гуфт Фаридун, чун мардони солору ботаҷриба. Пирамард аз шердилии наберааш, ки қазияро беаҳамияту муқаррарӣ арзёбӣ мекард, хурсанд шуд. Ва изтироб, ки дар рӯҳу равонаш ҷойгузин буд то андозае рафъ гирдид. Ва ба ҳамсараш рӯ овард.

– Ягон зиндагӣ ҳаст?

– Биншинед!

– Чӣ пухтӣ?

– Самбӯсаи кадугин.

– Айни муддао... Биёр, чой нӯшида баъд меравем, – гуфт пи-

рамард, мӯзаҳои латтагинашро кашида, рӯи яккандози шоҳӣ нишаст. Фаридун низ рӯ ба рӯи бобояш қарор гирифт.

Пирамард пиндошт корманди шӯъбаи андоз аст. Пеш аз осиёби ӯ андоз намегирифтанд. Ҳатто дар даврони Шӯравӣ ҳам. Чанде пеш, аниқтараш як ҳафта ва ё зиёдтар аз он Камол – муллоқат ба чашми давлат, чун одат, хабари навро ба аҳли деҳа, чун боги бум гӯшрас кард, ки гӯё кормандони шӯъбаи андози ноҳия, хона ба хона даромада воситаҳои даромади аҳолиро аниқ муайян мекарданд. Ва ба ҳар кадоми онҳо андоз муқаррар мекардаанд, мувофиқ ба ҳаҷми даромад. Пирамард пиндошт намояндаи ин хадамот омадааст. Ва дилаш андак сиёҳ шуд. «Вақти омаданашонро ёфтаанд. Кош осиёб соз бошад? Охир ду рӯз пеш баъд аз бекории як ҳафтаина қисман таъмир кардем. Ҳамагӣ то имрӯз дусад килло гандумро орд кардем ё не. Шайтонҳо кор карда истодаанд. Хами сафедорон, илоҳо ҳамтақдири Гургдара шавӣ. Наход дар як рӯзи ба кор шурӯъ кардани ман чашми шумо сих зада бошад? Наход ман нони даҳони шуморо нимта карда бошам? Баракс, шумо нотавонбинҳо паси ҳам се осиёби чинӣ бунёд кардед. Ман чӣ гуфтам? Акнун корманди андозро фиристодед, ки ба ман фишор оваранд. Ҷонамро ба лаб биёранд. Ба хотири он ки худ ба худ аз пешаи меросӣ, ки аз бобу ҷаддам мондааст, даст бишӯям? Хобатонро ба об гӯед. Шерзодро шумо буздил гумон накунед. Фикр накунед, ки аз фишору таҳдиди шумо метарсам. Ҳақатонро мегиред, ҷонамро не». Пирамард самбӯсаҳои варақиро, ки ҳамсараш бо кадуи ҳаётаи худаш пухта буд, бо дандонҳои қисмати рост мехоид. Дандони ашкашро ки дар паҳлӯи чап ҷойгир буд, кайҳо боз табобат карданӣ буд. Ин дандон сӯрох шуда, ҳини хӯрокхӯрӣ ба ногоҳ ба он мағзаке дар мемонд, оҳ мегуфту дардашро фурӯ мебурд. Пирамард баъд аз таъмири пурраи осиёб ба маркази ноҳия рафтан мехост. Ҳамсарашро низ бурданӣ буд. Ӯ ҳам шикоят аз дандон дошт. Ва бо сабру таҳаммул он рӯзро интизор буд, ки кай фаро мерасад. Пирамард пиёлаи чойро саросема дам кашида, пойтобаҳоро ба пояш печонд. Ва ба Фаридун рӯ овард.

– Ту дам бигир, ман осиёб меравам, бинам, ки омада бошад, – мӯзаҳояшро ба пой кашида, ба хар савор шуд, ки дар сутуни назди даромадгоҳ баста шуда буд.

Пирамард, пиндошт масъалаи пешомада ҷанҷолист. Ва дар шоҳидии наберааш суханони пасту баланд заданаш аз рӯи исоф

нест. Аз ин рӯ ширкати набераашро дар ин қазия, ки ба пиндораш гарон меомад лозим надонист. Ҷониби осиёб равон буду дар сараш ҳазору як андеша, ки оҳангаш ҳазин буд туғён мекард. Ана мошини баланду ғайриодии сохти хориҷӣ, ки дар назди осиёб меистод ба чашм афтод, дарҳо кушода, аз кабини он овози магнитофон ба гӯш мерасид. Пирамард аз ин манзара фоли бад бардошт. «Кадом шайтон, ба миён даромада бошад? Ин мошин бо дилу нияти нек наомадааст. – Аз дилаш гузашт. Ва ба пордуми хар халачӯб зад, ки гашториро тезонад. Аз дохили мошин, аз магнитофон овози Андриано Челентано меомад, ки ба гӯши пирамард хуш намерасид. Хар бо аҷала пеш мерафт. Инак, лаҳзаи ҳаяҷоновар наздик омад. Пирамард баробари дар паҳлӯи мошин қарор гирифтани маркаб ба дохили он нигарист. Ронанда, мутакои чавкиро фароварда ба ҳузӯр дароз кашида, ба оҳанги магнитофон гӯш фаро дода буд.

– Тинҷист? – овоз баланд кард пирамард. Ронанда айнакро ба даст гирифта, нимхез шуд. Ва ба рӯи пирамард нигарист. Ба ҷои салом бо оҳанги барои пирамард дағал суол кард.

– Ин осиёби кист?

– Аз шери нар! – дурушт ҷавоб дод пирамард.

– Маълум, ки аз шери модда нест. Куҷост худи ӯ?

– Аввал бигӯ худи ту кистӣ ва ба чӣ мақсад омадаӣ? – ҳамчунин бо тундӣ ҷавоб дод пирамард.

– Омадаам, ки корамро буд кунам.

– Чӣ кор?

– Ба осиёб барои чӣ меравaнд?

– Барои ҳарчӣ. Ту корманди шӯъбаи андоз нестӣ?

– Не – е… Ман як ронандаам. Омадаам, ки ду халта гандумамро орд кунам, – тугмаҳои куртаашро як-як андохта, ба сӯи мӯйсафед, ки болои хар менишаст, наздик омад.

– Аз куҷо меоед?

– Аз шаҳр…

– Кадом шаҳр?

– Душанбе…

– Чӣ? – ҳайрати пирамард даҳчанд афзуд. Дар Душанбе орд нест?

– Ҳаст, лекин калон фармуданд гандумашро дар осиёби бобогӣ, осиёби сангӣ орд кунам. Намедонам ба калон барои чӣ лозим шуда бошад? Ҳикматашро нагуфт ва ман ҳам ҷуръат на-

кардам, ки пурсам.

– Ҳикмати бисёр, – дар лабони пирамард табассуми малеҳ падид омад, – дар он бару гузар осиёб ёфт нашуд?

– Буд, вале чунинаш не. Кофта-кофта омадам. Ин осиёбро дар ҳама ҷо медонистаанд, ки яккаву ягона мондааст.

– Ку гандумат?

– Дар бағоҷ, ҳозир мефарорам, – ронанда ба қафои мошин гузашт, то ки халтаҳои гандумро бигирад. Пирамард бошад харро ба сабзазори пушти осиёб, ки заминаш шибар буд барои лангар бастан ҳай кард.

– Дар ин ҷо барқ нест?

– Хушбахтона…

– Чаро хушбахтона?

– Барқ дарди сар меорад.

– Барои мо шаҳриён Баракс,, як соат набудани он фоҷиа меорад.

– Агар дар мо ҳам, бисёр не, як рӯз барқ диҳанд ҳама дигар мешаванд.

– Чӣ хел дигар мешаванд?

– Мисли шумо шаҳриён, ғулом мешавед ба равшанӣ.

– Равшанӣ магар бадӣ дорад?

– Не албатта, мардуми Себзор ба ҳамон миқдор, равшание ки худованд барояшон лоиқ дидааст қаноат мекунанд. Аз он зиёд талаб надоранд. Одамизод ҳарчи бисёр дид, ҳамон қадар талаботаш зиёд мешавад. Нафсашро наметавонад лаҷом занад. Шукр ки дар Себзор ин мушкилот ҳанӯз вуҷуд надорад. Ва ҳар рӯз дар панҷ вақт намозам, аз Худованди мутаол таманно дорам, саде ниҳод пеши пешрафту тараққиёт, то ки Себзориёни мо чӣ тавре ки буданд, бо ҳамон фаросоту фаҳмише, ки доштанду доранд боқи бимонанд; Ватандӯсту созандаву одамдӯсту дасткушоду боимону ҷавонмарду накукор!

– Э бобо – бобо, – машаи ханда кард ронанда.

– Кӣ инро намехоҳад? Одамизод ҳар рӯз дигар мешавад. Ҳар рӯз дар баробари пешравӣ, мушкилоти нав ба вуҷуд меояд, ки ҳосили навгониҳои зиндагист.

– Магар мушкилоти худамон кам аст, ки бо пайдо шудани навгониҳо онро дучанд кунем? Худо кама диҳаду ғама не, – пирамард гандуми овардаи ронандаро ба соғаи осиёб рехта, бодизро аз дами чарх бардошт, об сангро ба ҳаракат даровард,

донаҳои гандум тадриҷан ба дами осиёб рехта, гарди он ба орд табдил ёфта ба новак ҷамъ мешуд.

– Агар дар деҳаи шумо хати барқ кашида мешуд, он гоҳ ин осиёб бекор мемонд, – хулоса кард ронанда.

– Чаро?

– Чунки осиёбҳои барқӣ пайдо мешуданд. Осиёби шумо чандсола умр дорад?

– Аз он рӯзе, ки ин деҳа бунёд ёфтааст?

– Деҳа чандсола аст?

– Ҳазору чорсад сол зиёдтар…

– Дар ҳазору чорсад сол мавҷудияташ ягон дигаргунӣ дар он дида намешавад.

– Ба фикри ту, бояд одамон тадриҷан, бо мурур шох бароранд?

– Ман ба ин маънӣ нагуфтам.

– Ман ҳам мақсади тӯро фаҳмидам, ки чист? – оҳ кашид пирамард. Себзор макони шерон буд, онро Шердор мегуфтанд. Тадриҷан шерони он тарки деҳа карданд, шерзодагони қавибозуяш, ки аз насли тоҷдорон буданд мисли ман ба нимтанаҳо табдил ёфтанд, ки зӯрашон ба бардоштани ним халта гандум базӯр мерасад. Акнун деҳаро Себзор меноманд, магар ин тағйирот нест? Шеронаш тарки деҳа намудаанд, аз насли бонангу номусаш чун Файзи урус якчанд даюс рӯидааст. Магар инро дигаргунӣ намегӯянд?

– Ман дигаргунии мусбатро дар назар дорам.

– Фарқ надорад, мусбат аст ва ё манфӣ дигаргунӣ ба амал омадааст. Ман аз ин тағйиротҳо, ки Шердори моро ба Себзор бадал кардааст хурсанд нестам. Дигаргуние, ки ту дар назар дорӣ иборат аст аз хатти барқ, пайдо шудани фурӯшгоҳ, лулаи об, роҳи ҳамвори мумфарш, ҳаммом, мактаби замонавӣ, беморхона ва монанди ин баъзе чизҳои дигар.

– Бале,, шумо фаҳмидед.

– Ин чизҳо маро ва ҳамдеҳагони маро ба ваҷд намеоранд. Чуки ба муҳити деҳи худ одат кардаанд. Ва ин далели иродатмонандии онҳост. Деҳаи ман боз бартариҳои худро дорад, ки шумо шаҳришинҳо ба он ҳасад мебаранд. Мо ончики шумо мехаред аз бозор, худ истеҳсол мекунем ва баҳри парвариши он ҷаҳд менамоем. Магар ин муваффақияту бартарии мо нест? Имрӯз дар хонаи ман шир, байзаи мурғ, ангур, себ, нок, тарбузу харбуза, по-

мидор, бодиринг, боқило, сабзӣ, лаблабу, шалғам, пиёз, картошка, нахуд, лӯбиё, кунҷит, наск парвариш меёбад. Осиёб ҳам дорем. Ба рузгорамон мерасад. Дигарон ҳам аз ин чиз бархӯрдор ҳастанд.

– Офарин! Гоҳо маро низ эҳсосе боло мегирад, деҳаро маскан кунам. Чорводорӣ кунам ва дар заминаш зироат парвариш намоям.

– Орзуи нек дорӣ. Шаҳр ҷои хуб ба роҳ монд, вале деҳа ҷозибаи дигар дорад, хоса агар дар он ҷо тарбия ёфта бошӣ. Ва онро дӯст бидорӣ.

– Ман ҳатман деҳа мекӯчам… Вале як чиз мудом сади роҳам мешавад. Андешаи нобаладӣ.

– Мардуми деҳ хислати дигар низ доранд. Дасткушодӣ, дилкушодӣ, фараҳбинӣ ва одамдӯстӣ. Агар майл дорӣ, таъхир макун, ки Иблис сади роҳат мешавад. Душворӣ меорад, парешонӣ меорад. Хотир қавӣ дор, бикуш, ки орзуят амалӣ шавад… Даҳони халтаҳои ордро ҷавон баста, ба боғоҷи мошин гузошт. Ва ба пирамард сад доллар дод.

– Пули майда надорам.

– Ман ҳам бақияашро талаб накардаам. Ошат шавад. Як ҳафтаи дароз дар ҷӯстуҷӯи осиёбӣ сангӣ будам. Калон худаш омаданист. Ният дорад, тарҳи осиёбӣ шуморо гирифта, дар шаҳр чунин осиёб созад.

– Одатан одамони мансабдор орди осиёбиро намехӯранд.

– Бале,, сардори мо бошад Баракс, ба маводҳои табии таваҷҷӯҳ доранд.

Пирамард аз барори кораш саргарм, дари осиёбро қулф зада, савори хар рафтанро ба манзили зист аз хотир баровард. Дар рӯи ҳавлӣ ба ҳамсари хавотиравзояш бархӯрд.

– Ба хайр будааст?

– Занак барои ду халта орд, сад доллар доданд. Корам омад кард…

– Мардак, ҳамаи ин бо мусоидати фолбин ба даст омад. Дидам, ки пеши корат бастааст. Дидори Диломро баҳона карда, Навободи лулиён рафтам. Хоҳ мезанӣ ё мегӯӣ ихтиёр доред. Ман ҳамин корро кардам, дар ҳаётам якумин маротиба.

Пирамард хурсанд нашуд, дар ҷабинаш чинҳои амиқ пайдо шуданд. Ва чашмони гирди бузӯргаш, хӯрда чун нигоҳи ворисони Чингизхон дунёро танг диданд. Ҳамсараш бо ҳамон ҷусса ба

сони мурғи катак ба назараш арзиш надошт.

– Ту ба ман хиёнат кардӣ?

– Ҳарчӣ кардам ба хотири пешрафти кори шумо кардам. Охир осиёб аз кор монда буд. Дастатон ба кор пеш намерафт. Агар аз шумо мепурсидам, ҳаргиз розӣ намешудед.

– Ту аҷуза оқибат кори худро кардӣ? Боз бо забони дароз муваффақияти маро ба кадом як лулизани бесавод мансуб медонӣ? Ба фолбин эътимод бастӣ? Ба тоифае, ки ҳаргиз ихлос надорам. Дидаву диниста муқобили раъйи ман баромадӣ? Ҳамин тавр маро ангуштнамои мардум кардӣ? Нанги даюсиро дар пешонаам часпондӣ? Акнун бо кадом рӯ ба чашми одамон менигарам?

– Охир аз ин чиз касе хабар надорад, ҷуз мову шумо? – овози Моҳсурат саҳл баланд баромад.

– Худо чӣ? Аз назари он зот пинҳон кардӣ? Ку гап зан. Ё ман дил надорам? Виҷдони ман ба тамом сӯхтаасту аз хокистари он заррае ахгар наметавон ёфт? Ҳамин тавр? Чӣ хомӯш мондӣ? Эй сурати девор?

Кампир гӯё ба пайкараи беҳаракате табдил ёфта бошад, ҳатто авояш дар гулӯ дармонда буд. Фаридун бошад ба ин бархӯрди бобову бибияш бо тааҷҷуб нигоҳ мекард, ки дар он даҳшат ва тарсу ҳарос ғунҷоиш ёфта буд. Пирамард сар то по меларзид.

– Ту бовариро дар ман куштӣ. Тӯли панҷоҳ соли зиндагии якҷоя, ту ин эҳсосро дар қалби ман бунёд гузошта буд. Ба сони пайкараи меҳру вафо, ки аз хоросанг бунёд ёфтааст. Диламро чун обгинаи булурин ба замини сангфарш задӣ. Акнун фурсату сеоди ислоҳи он нест. Эҳ, кош инро барвақт, ақаллан дар синну соли Ғуломалӣ дарк мекардам. Он гоҳ тӯро як дақиқа дар ин кулба нигоҳ намедоштам.

– Нигоҳ надор, ҳоло дер нашудааст. Боз мегирӣ ягон парирухсорашро, дар ин шабу рӯзе, ки шавҳар кардан, барои духтарон мушкилии доимӣ шудааст. Ҷон-ҷон гуфта розӣ мешаванд, – оби дидаашро нигоҳ дошта натавонист Моҳсурат.

Пирамард, то ин дам гапгардонии ҳамсарашро ёд надошт, чашмонаш аз сараш баромад. Ва ба рӯи ӯ шалоқ зад, ки аз чашмони кампир алов парид. Сараш чарх зад, пойҳояш сӯст шуда, дар ҷояш нишаст. Пирамард аз ғояти ғазаб илова кард.

– Қанҷиқ!.. – бехудона рӯи ҳавлӣ пешу пас қадам зад. Фаридун тарс хӯрда, беҷуръатона пеши бибияш давид, пои луч. Ва

кӯшиши ӯро аз замин бардоштан кард.

– Бибиҷон, – овояш ба гиря омехт.

Пирамард ба рӯи наберааш нигоҳи сард афканд, вале боз таҳаммул кард, меҳмониашро рӯи хотир намуд. Аз ҷониби дигар хурсанд ҳам шуд, ки наберааш ба бибиаш дилсӯзӣ кард. Пирамард ҳамсарашро дӯст медошт. Ҳатто дар ин лаҳзаи ҳассос, ки вуҷудаш чун саги дар сармои зимистон ба об афтода меларзид, аз кирди Фаридун шод шуд. Ва шояд ҳамин чиз боис шуд, ки қаҳру ғазабаш тадриҷан сӯст гардид. Ва ба худ андешид. «Кампири сода, коре накардааст, ки ба ман зиён расонида бошад. Воқеан ғами маро хӯрдааст. Аламовараст, ки назди фолбин рафтааст. Ба тоифае, ки чашми дидан надорам. Гӯё сад долларе, ки ёфтаам, маҳсули заҳмати фолбин бошад? Гӯё саҳми ман дар ин ҳеҷ аст. Адабашро додам. Минбаъд ҳушёр мешавад. Қадамашро санҷида мемонад. Дар муддати зиндагии якҷояамон бори дуюм аст, ки ҷазои ҷисмонӣ дид. Аз ин пеш ҳам шалоқе хӯрда буд. Ин хеле пеш, дар айёми мактабхонии Фаридун ба вуқӯъ пайваст. Бе иҷозат ба маҷлиси падару модарон рафт. Ба гумони ӯ бо ин кораш ба ман кӯмак расонда аст. Чун шалоқи обдор хӯрд. Ақлаш ба сар омад. Дарк кард, бо ки сару кор дорад. Аз он айём вақти зиёд гузашт. Аҷаб не зарби шалоқро фаромӯш карда бошад. Ҳамин тавр ҳам ҳаст. Захми санг мерафтааст, аммо захми забон Баракс,». Пирамард маҳсули корашро бори дигар аз киса баровcovарда, ба он зеҳн монд: «Наход барои пешрафти корам «куфу суфи» ин лулизани рамол, ки дар Себзор обрӯи баланд дорад боис шуда бошад? Бовариам намеояд». Пирамард якбора ба ғазаб омад. Чун дид ҳамсараш рӯи суфа нишаста оби дида мерезад, китфонаш аз шиддати алам пасту баланд мегардад. Фаридун бошад, бо абрӯи гирифта ба ӯ ҳамдардӣ менамояд.

– Боз ин чӣ нағма аст? – болои сари ӯ қарор гирифт. – Ба ту мегӯям? – ба кампир рӯ овард. Моҳсурат аз тарс нозу нуз ва дарду аламро фаромӯш кард. Бо ҳарос ба рӯи шавҳараш нигарист. Пирамард боз чун анор сурх шуд.

– Даюсон, зан, хоҳар, духтарашонро барои пешрафти кор ба тавонгарон пешкаш мекарданд. Ту маро ба қатори онҳо даровардӣ?

– Чӣ гуфта истодаед, мардак. Охир мақсади ман дигар буд.

– Дигар буд, вале чунин оҳанг гирифт.

– Худо нишон надиҳад…

– Худо нишон дод, – ғазабашро нигоҳ дошта наметавонист пирамард.

– Бубахшед, пиндоштам аз кори ман хурсанд мешавед.

– Хурсанд мешудам, агар аз ман мепурсидӣ.

– Ҳис кардам, ки розӣ намешавед.

– Бе розигии шавҳар ба коре даст задан аз рӯи ахлоқ аст, магар ин оини оиладориро хос аст? Ку гап зан. Ё ту ҳам озодӣ мехоҳӣ, ки ҳама кор барои ин ашхос мубоҳ аст? Ҳама чиз бараяшон мумкин аст. Худо нишон надиҳад, рӯзе ин ашхос хонадоршавиро ба модару хоҳари худ раво медонанд ва ё Баракс,?

– Астағфуруллоҳ, – гиребон гирифт Моҳсурат. Ман ба ин, чӣ дахл дорам? Чаро чунин фикр мекунед, ки ман аз паси ин гуна одамон мегардам? – барошуфт Моҳсурат.

– Ба ту дарс нашуда будааст, – бо таассуф сар ҷунбонд пирамард.

– Боз чӣ гуноҳ кардам?

– Забонатро болои кунда монда бо табар калта кардан даркор. Ана он вақт ақлат ба сар меояд. Дар акси ҳол намефаҳмӣ аз даҳонат чӣ мебарояд, – абрувони пирамард рӯи чашмонаш афтод.

– Шуд, тавба кардам…

– Масхара мекунӣ?

– Не, ҷиддӣ мегӯям.

– Аввалу охир, дигар нашунавам, агар дар доди ҳаштод, зиндонӣ шавам ҳам зинда намемонӣ, – офтобаро аз офтобрӯя гирифта, ташноб даромад пирамард.

Фаридун, ки шоҳиди ҳол буд, аз бибияш суол кард:

– Чӣ гап гузаштааст бибӣ?

– Аз ӯ напурсида, назди фолбин рафта, будам. Барои кӯшоиши корҳояш. Ҳарчанд кораш равнақ овардааст, боз ҳам хурсанд нест. Маро бо худписандӣ гунаҳгор медонад.

– Хафа шудед бибӣ?

– Не… Худам ҳам аз карда пушаймонам. Ҳарчанд кори ман натиҷаи мусбат дод, – бо таассуф гиребон гирифт кампир.

Фаридун, ки шоҳиди ҳол буд ба андеша афтод. Бобову бибияшро ба волидони худ қиёс намуд. Аз замин то осмон фарқ дид. Бобояшро бо вуҷуди дағалӣ, нисбат ба бибии меҳрубонаш чун марди воқеӣ, шахсе ки метавонад иродаи худро идора кунад ва онро ба сари тобеон талқин менамояд писандид, ва ба ӯ эҳтиром

ниҳод. Бибияшро низ чун зани боифату солеҳа дӯст дошт, зиёдтар аз пиндор.

Аммо волидони худро, дар чанд соли идроки зиндагии солим шинохта натавонист. Яке ба зиндагӣ ба таври худ фурӯ рафтааст, шабу рӯз болои пешаи дӯстдоштааш андеша мекунад. Рӯзгори муқаррариро ба зинаи дуюм ниҳодааст. Аммо модараш, чуноне ки бибии шаҳрияш ба духтаронаш таълим медод: «Мардро чун лимӯ фишӯрда, шираашро ҷабида, пӯсташро ба халоҷо партофтан равост».

Фаридун дар ин ҷода интихоби худро дошт. Ба воқеият такя мекард. Ва роҳи бобову бибияшро писандида буд. Ҳатто дар ин лаҳзаи ҳассос, ки шоҳиди бевоситаи он шуд. Шоҳиди ҳодисае шуд, ки ҳеҷ интизораш набуд. Бобову бибияш дар доди ҳафтод, дар қуллаи зиндагии муштарак, ба нофаҳмӣ дучор шуданд. Яке шӯриду дигар таҳаммул кард. Агар ҳарду ғурури инфиродияшонро роҳандозӣ мекарданд чӣ мешуд, тасаввур кардан душвор буд. Фаридун бо зеҳнӣ нокомил, ки ба сар дошт, ин қазияро мукаммал таҳлил намуд ва хулосаи худро баровард. Ба андешаи ӯ бобояш ҳақ буду бибияш солеҳа. Ва дар ниҳояти кор ҳарду намунаи беҳтарин ва воқеии зиндагӣ маҳсуб меёфт.

Фаридун дар ин маврид, ғайричашмдошт ба деҳа меҳр баст, бобову бибияшро мояи ибрат ва намунаи инсони комил донист, ки омӯхтанро аз эшон пеши худ мақсад интихоб намуд. Пирамард намози асрро хонд ва ниёишаш пеши парвардигор зиёд буд, ки аз рӯи ҷойнамоз ба зуддӣ нахест. Дуру дароз дуо хонд: «Худоё Худовандо, поко парвардигорро мани бандаи осиву гунаҳгорро, аз кори бад, аз васвасаи шайтон, аз ҳамсояи баду бадгумон амон нигоҳ бидор…»

Кампири Моҳсурат низ, дигар дар атрофи пирамард намегашт, худро аз ӯ дур мегирифт. Дур-дур мегашт ва худро андармони кораке мекард. Балки баҳона мекофт, ки дуву дубора ғазаби ӯро наорад, дар ин вазъи ҳасосу хушунатсоз. Пирамард ба душ бори андӯҳ дошт, аз ғояти таҳаммул, гарданаш ёрӣ намедод, ин ҳама вазин гарони рӯзгорро канор андозад. Дар ин вазъ, ки осмони сарашро абри андӯҳ тор мекард, гӯлуяшро ғиҷдова мегирифт, ки ислоҳи он барояш ғашовар буд. Нафаси амиқ мекашид, нигоҳаш хира мешуд, сараву носараро фазои якранг медид, вазъе, ки дар моварои он афтода буд, кунун азияташ медод. Чун ғуке, ки умеди раҳоӣ дар қалбаш ҳанӯз зиндааст, дар косаи

шир почак мезад. Ҳаракат мекард, то ҳадде, ки шир ба ҷурғот ва ҷурғот ба чакка бадал шуда, рой ба сахтӣ ниҳода, ба фазои озод барояд.

Пирамард машаи ханда кард, чун ин қисса ба ёдаш омад, ки панд дошт. Ва тадриҷан осмони дилашро насимаке аз абри тираи андӯҳ соф намуд. Бибияш қисса кард, балки панд дода буд, ки одамизод дар лаҳзаҳое, ки мушкилӣ ба сараш меояд, набояд ба тақдир тан дода, хулосаашро бо ҳамин барорад.

Чуноне, ки ду ғук ба косаи шир меафтанд. Яке ба тақдир тан медиҳад, умеди раҳоӣ дар қалбаш маҳв мегардад, дигари Баракс, тамоми ҳастияшро ба он равона мекунад, ки наҷот ёбад. Почак мезанаду почак мезанад. Ва чуноне, ки дар боло хулоса кард. Шир ғафс шуда, ҷурғот ва сипас чакка шуд, ғук боло баромада дунёи равшанро дид.

Вазъи кунунӣ ҳарчанд ба ин андоза хатарзо набуд, бо вуҷуд аз он даҳшат сохта, андешаи раҳоӣ дар дил парварид. Бе хайру хуш шомгоҳ масҷид рафт. Дар кундаи беди назди ҳавлии масҷид, Файзи урусро вархӯрд, ки хабареро чун одат бояд ба пиру барно мерасонд. Хоҳ маст бошаду хоҳ ҳушёр. Худро девона вонамуд мекард. Ӯ пирамардро дида, ҳаракати аз ҷой хестан накард. Бо табассуми сохта, лабони тарашро мазида, бо чашмони хумор ба пирамард нигарист.

– Барои ду халта гандумро орд кардан шофири Вазир сад долларат дод?

– Ба ту кӣ гуфт? – ба тааҷҷуб афтод пирамард.

– Кореро ду кас донист, шахси сеюм бохабар мешавад, се кас донист, ҳама медонад. Ту ҳамин ҳикматро намедонӣ?

– Маълум, – дили пирамард якбора сиёҳ шуд, ба пиндори ӯ ба ин ҳад расидани қазия ҳамсараш саҳм дорад. Агар бе иҷозати ӯ ба назди фолбин, ба деҳи Навободи лулиён намерафт, ҳаргиз гумон намекард, ки дар ин кор ӯ гунаҳгор аст. Боварие, ки панҷоҳ сол дар қалби пирамард ӯстувор буд, якбора чун девори намзадаву фатарот фурӯ афтод. «Тӯли ним аср дар бағал мор доштаам, ки аз фитнаи ӯ бехабар ба сар бурдаам». Ба ёди пирамард расид, айёме, ки Файзи урус хостгори Моҳсурат шуда буд. «Шояд он вақт дили ин қанчиқ ба ӯ кашол будааст, тӯли панҷоҳ сол дар бағали ман, нону намак хӯрда. Бо ёди ӯ зиста бошад? Аз ин қазия ба ҷуз уву ман касе огоҳ набуд». Пирамард намози ҷамоатро тарзе, ки шариат оини намозгузорӣ тақозо мекард, са-

мимона ичро накард. Дар ҳама ҳолат андешааш ба ин қазия печид. Ба назараш симои писандидаи ҳамсарашро дид, ки акнун зишту бетароват метобад. Дар қафаси синааш як мушт дил не, балки зуғоласанг дарун ба дарун месӯхт. Чун намоз хонда шуд, осемасар ҷониби ҳавлияш давид. Омадан баробар фарёд кашид, девонавор. Бибиву набера, дар айвон, паҳлӯи ҳам нишаста буданд. Кампир афсонаи худро ба ӯ ҳикоят намуда, пиёлаи чойро акнун ба лаб бурда буд, Фаридун низ, саволҳои аз ин афсона, бароmадаро дар зеҳни хеш пазонда, фурсати муносибро интизор буд, ки ба бибияш дода аз ӯ посух мегирад. Аммо доду шавқуни пирамард, фикру хаёлашро чун селаи парандагони тарсӯ парешон кард. Пирамард

чун шери шарзаи нар наъра мекашид:

– Бигӯ ту ба Файзи урус чӣ алоқа дорӣ? – гулӯи кампирро чунон, ки гардани қозро медоранд фишурд, чашмони кампир булуқ зад, дасту пояш сӯст шуд. Фаридун дастони дурушту шахшӯли бобояшро аз гардани бибӣ ҷудо кардан хост. Барои ин ҷаҳду ҷаддал намуд, бобояш низ ниҳоят дарк кард, амали номатлубро содир менамояд. Дастонашро сӯст кард, кампир нафас кашида, чашмонашро пӯшид;

Пирамард ҳанӯз месӯхт, дарун ба дарун.

– Мекушам, ту қанчиқ якумр маро фиреб медодай. Якумр мани сода, мани хар ба ту бовар доштаам, – ба Моҳсурати беҳуш бо ангушти шаҳодат таҳдид мекард: – Ман хар будаам, хар будаам, вале гӯши дароз надоштаам. Ту қанчиқ, дар пушти ман, нишаста будай…

– Бобоҷон, – оби дидаашро бо сари остин тоза кард Фаридун, – шуморо чӣ шудааст?

– Мекушам ман ӯро…

– Охир бибиям гуноҳ надорад.

– Гуноҳ надорад-а? Ёфтааст Шерзоди гӯсфанда. Панҷоҳ сари сол гумон доштам дар Себзор аз ин дида зани боифату солеҳа нест. Акнун дарк кардам, ки сӯхта будаам. Даюс будаам…

– Гапе, ки аз он танҳо ману ӯ огоҳем. Файзи урус хабардор аст. Ман ба ӯ нагуфтаам, пас ӯ гуфтааст. Шахси сеюм аз ин қазия огоҳ набуд.

– Шояд роҳгузаре шунидааст?

– Роҳгузар? – ба худ омад пирамард. Не, ба фикрам инро ӯ гуфтааст.

– Бобоҷон, бибиям аз хона набаромада, чӣ гуна хабарро ба Файзи урус расонидааст?

– Чӣ? Аз хона набаромадааст?

– Аз он лаҳзае, ки ин хабарро ба ӯ расондед, бибиям касеро надидааст.

Пирамард сар ба сукут рафт. Тамоми рафти воқеаро таҳлил карда, аз мадди назар гузаронд.

– Ту медонӣ гап сари чӣ меравад?

– Бале, бобоҷон. Аз ҳама чиз хабар дорам, – намуди мутафаккирона гирифт Фаридун.

– Ба фикри ту дар ин қазия бибият гуноҳе содир накардааст? – қадре мулоим шуда гуфт пирамард.

– Бобоҷон, шумо ба ман бовар намекунед. Ман дар ин маврид ба шумо розӣ ҳастам. Омӯзед, санҷиш гузаронед. Ҳамааш оинабарин равшан хоҳад шуд.

Пирамард хомӯш монд, ба рӯи ҳамсараш дуздида нигарист, ки тарсхӯрда буд, такя ба девор дода, чашм аз шавҳараш намеканд, ки ин лаҳза аз ғояти ғазаб ҳоли зоре дошт. Пушт ба онҳо карда, дар позинаи айвон нишаст. Сарашро ба васати зонувони харобаш гузошт. Оҳ кашид: «Наметавонам узр бипурсам, ин амале нест, ки бобу ҷаддди мо ба ман мерос гузошта бошанд? Ё тавассути хун ба ҷисми ман гузаштааст? Не, ҳаргиз бахшиш намепурсам. Зан ин махлуқ аз рӯзе, ки ба дунё меояд, худ бо ҷурму гуноҳаш тавъам зоида мешавад. Ман пеши зан, ин мавҷуди ношукр ҳаргиз сари таъзим фурӯд намерам».

Фаридун воқеаи рӯйдодаро чун амри табии, амали мардони солору бонангу ор арзёбӣ мекард. Шод аз он буд, ки дар ӯстухони хеш, ҷасорати мардони асилро эҳсос мекунад. «Ман аз ин дудмон баромада будаам, зеро дар хӯи ман ин амал дида мешавад, ки бобоям содир кард. Хушбахтона даюсии авлоди модарамро надорам. Агар ин бибиамро чун бибии шаҳриам ҷӯраҳои бобоям пеши чашмаш мебӯсиданду ба нармии баданашон даст расонда, хору мол мекарданд, ягон кас зинда намемонд. Бобои Шерзодам, бо ҳамин ними танаш ҳамаро аз дами теғ мегузаронд. Ва худаш ба милиса рафта арз мекард. Бобои шаҳриям бошад бо як қадаҳ шароб, бибиямро ба оғӯши мардон тела дода, боз даъвои мард будан ҳам дошт».

Субҳ пирамард барзагови Сатторро талабид, як дарза аспист, як сатил кунҷора, чор тарбузу харбузаро ба почаҳои хӯрҷин ан-

дохта харро ба сӯи хонаи ӯ ҳай кард.

– Бачат ҳафта шавад. Барзагова кор мефармудед маро не, – ширингуфторӣ кард харбузаву тарбузу кунҷораву асписта дида Саттор.

– Барзагов соҳиб дорад. То барзагов шудан, соҳибаш заҳмат кашидаст.

– Гуфта будам ку, хасат даркор нест.

– Ҳеҷ гап не.

Пирамард барзагова юғ зад, ишкели биниашро барқарор карда, ҷониби осиёб ронд. Чигинаи ба тозагӣ сохтаашро ба барзагов баста, Фаридунро болои он шинонд. Чун ба деҳа, роҳе ки ба самти дара мебурду санги осиёб он ҷо воқеъ афтода буд, кӯдакони деҳа аз ду ҷониби чигина доду шавқункунон кӯчаро ба сар бардошта ба даву тоз даромаданд. Хайбар низ ин лаҳза ба шодиву хурсандии онҳо ҳамроҳ шуда, забони сурхашро аз миёни дандонҳои ашк бароварда ак-аккунон болову поин медавид. Пирамард аз тамошои ин манзара, ба худ меболид, аз он хурсанд буд, ки барои бачаҳои деҳа, намоиши булаҷаб доир намуд. Барзагов, ки ба дара наздик шуд, пирамард бачаҳоро як-як аз чигина фаровowarда, ба деҳа баргардонд. Дар болои чигина, танҳо Фаридун монду халос.

– Бобоҷон, бигзор онҳо ҳам мерафтанд, ҳамроҳ бо мо, – хоҳиш кард Фаридун.

– Волидонашон ба ташвиш меафтоданд. Аз ҷониби дигар ба кор халал мерасониданд, – гуфт пирамард, ҳине ки бачаҳои ба лутфи ӯ мафтуншуда, нияти бозгашт надоштанд. Аз ӯ тавалло мекарданд, то ки ба онҳо иҷозат диҳанд, савори чигина дилхушӣ намоянд.

– Равед, ку харатонро ҳай кунед, – аз ночорӣ овоз баланд кард пирамард, – шумо гапи хубро намефаҳмед. Овози баланди пирамард бачаҳоро тарсонд, дарк карданд, ки аз ҳад гузаронидаанд. Ва ҷониби деҳа, ки акнун аз он хеле дур рафта буданд баргаштанд. Ва гуноҳро ба дӯши якдигар партофта, бо ин гуфтан мехостанд, ки маҳз ҷурми ӯ боис шуд, пирамард аз баҳри чигинасавории онҳо гузашт. Шавқуну садои онҳо, то хеле вақт ба гӯши набераву бобо баланд расид ва ниҳоят тадриҷан паст шуда, заиф гардид.

– Сангро ба осиёб насб кардан, боз як рӯзи дарозро аз рӯзгори мо ба нестӣ мебарад, – оҳ кашид пирамард.

– Бобоҷон, вақтро эҳтиёт мекунед, чаро?

– Вақт арзишноктарин неъмати худованд аст, ки мо одамон бояд ба қадри он бирасем. Ва ҳар лаҳзаро бо самар гузаронем, то ки наслҳои оянда аз он баҳра бардоранд.

– Фикр мекунам, мо Себзориён зиндагиро якранг мегузаронем, ки он рангин нест. Ва аз худ чизе намемонем, ба наслҳои оянда. Онҳо моро барои кадом корамон муваффақ медонанд. Ва ба некӣ ба забон меоранд?

– Муҳим ҳимояи расму суннатҳои миллист, ки мо бояд ба он арҷ бигӯзорем. Ва тарзе, ки бечурм ба мо расидааст ҳамон тавр ба онҳо расонем.

– Бобоҷон, шумо бибиямро беҳуда азият додед? – аз мавзӯъ дур рафт Фаридун.

– Беҳуда, – пирамард аз эроди наберааш шӯрид. Беҳуда нест. Ҳанӯз ба хулосаи амиқ наомадаам. Шубҳаам ҳар лаҳза, ғазабамро ба таҳрик меорад. Бибии ту бе иҷозати ман назди фолбин рафтааст.

– Барои пешрафти кори шумо.

– Даюсон занҳояшонро дар ин роҳ истифода мебаранд. Ман аз ин зот нестам. Дар шаҷараи мо марди беномус набуд ва набояд бошад.

– Бобоҷон, чаро падари ман ба ин гуна рафтори модарам бепарвост?

– Падари ту ба илм дода шудааст. Ин корҳоро беҳуда меҳисобад. Ӯро фаҳмидан мумкин. Аммо тӯро дигар хел тарбият додан мехоҳам…

Пирамард барзаговро ба роҳи омадааш пасгардонд. Чигинаро дар нишебӣ, ҷое, ки санги осиёбро болои он ғеҷондан осонтар аст гузошт. Сипас ломро аз баландӣ, ба зери санг хаста, бардошт, санг саҳл ҷунбид. Ҳамин тариқ тадриҷан онро таҳрик дода, ба чигина наздик овард. Аммо якбора санги вазнин ба ковокии начандон азим, ки каламушҳо канда буданд фурӯ рафт. Пирамард, ломро ба замин гузошт ва ба ҷои фурӯрафтаи санг нигарист. Фаридун, ки барзаговро назорат мекард, то ки ҳаракат накунад, ба ёрӣ омад.

– Чӣ гап шуд?

– Ба мушхона дар монд, – сари зону нишаста, самти ҳаракат додани сангро муайян намуд. Ва ба Фаридун муроҷиат кард.

– Лулаҳоро биёр!

– Марҳамат, – лулаҳои обгузарро, аз болои чигина гирифта, пеши бобояш гузошт Фаридун.

– Аз аввал инро истифода набурдам. Агар чунин мекардам, ин ҳодиса рӯй намедод, – пирамард, мушхонаро канда, лулаҳоро сар нишеб, чун хати роҳи оҳан гузошт. Дар қисмати болои лула аз кундачаи ба ин мақсад буридааш шпала (бодиз) сохт, қисмати поёни луларо болои чигина ниҳод, сипас тавассути лом сангро болои лулаҳо, ки дар ду канори он гузошта буданд тела дод, санг ғеҷида-ғеҷида, дар болои чигина қарор гирифт. Пирамард дар чор тарафи чигина фона зад, ки санг беҷо нашавад, ҳини пастиву фарозиҳоро гузаштан. Ва сипас барзаговро ҷониби осиёб ҳай кард. Фаридун, ки аз паҳлӯи чигина мерафт, бо ҳидояти бобояш аз паҳлӯи рости он, ки дар қсими баландии он ҷой гирифта буд гузашт.

– Хайбарро бин, сар-сари теппаҳо меравад, раҳе ки ту меравӣ хавфнок аст, ба нишебӣ бор андохтани санг ва чигинаро ба ин самт кашиданаш аз эҳтимол дур нест.

Фаридун таъкиди бобояшро пазируфт. Барзагов чигинаро, ки болояш санги азим ниҳода буданд, кашида мебурд. Ҷонвар хаёли чапу рост ҳаракат кардан надошт. Чун ба деҳа наздик шуданд, аз куҷое чун селаи малах бачаҳо дар ду тарафи чигина ба даво-дав даромаданд, ҳар кадом ангушт ба санг мезаданд, гӯё он иборат аз ангубин буд, ки ин амали онҳоро нафси саркаш таҳрик медода бошад.

– Нарасед, боз поятон зери чигина намонад? – онҳоро таҳдид мекард пирамард.

– Бобои Шерзод, савор шавем! – хоҳиш мекарданд бачаҳо.

– Не, ҳамин қадар коратон мондааст, бо падару модаратон эзора лифа зада, дари хонаамро нагиранд.

– Ана савор шудам, болои чигина баромад писарбачаи шӯх.

– Э дар…

– Вой! Дард ёфтам!

– Гум шавед!

– Ба сари фарзанди худат дод бизан!

– Писари ту аст?

– Не, аз ҳамсоя…

– Зойдан ҳунар нест, одам тарбия кардан даркор. Пояш зери чигина монад, ташаккур мегӯӣ ба ман? – пирамард сӯст намеомад.

– Ба хубӣ гуфта наметавонед?
– Гӯё хубиро мефаҳмида бошанд?
– Намефаҳманд?
– Ту модараш ҳастӣ, гапи тӯро намегирад, аз маро мегирад? Пирамард бо химча дар пои писарбачаҳо зада, фалакро аз овози онҳо ба бозор табдил дод. Чун ба саҳни осиёб расиданд, ҳамчунон, ки ҳини бор кардан карда буд, фонаҳоро аз чорсӯи санг канда гирифт, бо таноби симин сангро баст, дар зери он лулаҳоро хаст ва сари симро ба кундаи бед баст ва говро ҳай кард. Санг болои лулаҳо ғеҷида, дар рӯи замин афтод. Пирамард барзаговро аз юғ ҷудо карда, хонаи соҳибаш бурд.
– Хизмат кард? – суол кард Саттор.
– Напурс! Як бор ҳам шикоят накард.
– Ин ҳафта бозор мебарам, – гуфт Саттор.
– Пагоҳ модговро меорам, аз пушти буқаат гусола гирем. Ба фикрам зоти хуб аст. Писарам аз Душанбе овард.
– Барои ман ҳам меоварда бошад?
– Буқа ҳаст, куҷо ташвиш мекашед?
– Ҷонвар дирӯз ду бор баос зад.
– Айёми гушнаш фаро расидагист?
– Ку имрӯз мушоҳида кунам.
Бобову набера, хона омаданд. Кампири Моҳсурат хӯрок пухта буд. Пирамард, рӯймоли миёнашро кушода, дар тори ҳавлӣ овехт. Ва ба ҳамсараш, ки қазияи дирӯза дар банди андешаҳои мағшуш нигоҳаш дошта буд, рӯ овард:
– Сангро овардам.
– Хуб кардед! – табассуми сохта намуд кампир.
– Ҳамааш бо заҳмати ту…
– Заҳмати ман? – ҳайрон шуд.
– Агар лулизани фолбин гиреҳи мушкилотро намекушод, аз куҷо ақли мо ба ин кор мегирифт?
Кампир аз киноям пирамард, дард кашид, саҳл монд бигӯяд. «Киноя назан!» Аммо якравию носолимии рӯҳи пирамардро андешида, таҳаммул намуд. Ба Фаридун рӯ овард.
– Дасти бобоятро бишӯй, хӯрокро мебардорам.
Пирамард машаи ханда карду супориши ҳамсарашро, ки ҳикмати мардумӣ; «Духтар ба ту мегӯям, сунҳор гӯш андоз» – ро хотиррасон мекард, хомӯшона иҷро намуд. Ва ҳамроҳи набераааш сари дастархон нишаст.

– Пагоҳ боми масҷидро андова мекунанд. Ту ҳам иштирок бикун, кори савоб аст, – пирамард баъд аз он ки рӯи кӯрпача чорзону нишаст, ба Фаридун рӯ оварда гуфт.

– Чаро боми хонаҳояшонро шифер намекунанд?

– Хушбахтона, ин падида, дар деҳаи мо расм нашудааст.

– Себзор шояд ягона деҳае бошад, ки аз деҳаҳои дигар бо надоштани воситаҳои замонавии рӯзгор фарқ мекунад, – гуфт Фаридун.

– Хушбахтона! – бо ифтихор гуфт пирамард.

– Ба ҳоли мо намеханданд?

– Худашон хандахаришанд.

Пирамард шом масҷид нарафт, ҳамроҳи Фаридун баъд аз хӯроки нисфирӯзӣ осиёб рафта, гандуми ҷамъшударо то як ҳиси шаб орд кард. Ва вақти хоб болои боми осиёб ҷойгаҳ андохт.

– Бибиям танҳост, намеравем? – суол кард Фаридун.

– Наметарсад, – ҳамчунон бо зарда гуфт пирамард. Фаридун дарк кард, сабаби дар осиёб шабмонданашон ранҷиши бобояш аст, ки ба бибияш дорад. Осмони ситоразор, манбаи пурсишу посухи бобою набера буд.

– Бобоҷон, ситораҳоро боре ҳисоб кардаед?

– Вақте ки хурд будам, айнан дар ин ҷо ҳамроҳи падарам хуфтем ва ман ҳисоб карда будам. Аммо бенатиҷа, ҳисобам гум мешуд. Ва ё хобам мебурд.

– Бобо, мегӯянд, ҳар инсон ситораи худро дорад?

– Бале,, ситораи ҳар як инсон ба андозаи муваффақияташ намоён мешавад. Ҳарки бузӯрг аст, ситорааш равшантар аст. Ҳарки ин хую хислатро надорад, ҷилои ахтараш заиф мебошад.

– Бобо ҳо ана он ситораи бузӯрг, аз шумост?

– Чиҳо мегӯӣ? – машаи ханда кард пирамард. – Шояд ситораи падарат аст.

– Барои чӣ?

– Падарат шӯҳратманд аст, бо ҷавонияш ном ба некӣ ниҳодааст.

– Фикр мекунам ситораи шумост.

– Ман чӣ корнамоӣ нишон додаам?

– Шумо аз насли тоҷдоред. Боз ифтихор доред аз он. Падари маро ҳатто занаш гӯш намекунад.

– Ин тавр нагӯй писарам, падари ту инсони шинохтааст. Дар Себзор, касе ба андозаи ӯ шахсият арзанда набаромад.

– Бобоҷон, ана он ситораи кист?
– Аз соҳибаш…
– Соҳибаш кист?
– Дар болои ситора навишта нашудааст.
– Чаро бобо?
– Чунки одам он ҷо баромада наметавонад.
– Бобоҷон, Худоҷон наменависад?
– Шояд навишта бошад, аммо мо бандаҳои осиву гунаҳгор онро намебинем.
– Агар навишта мешуду мо медонистем ситораи худро шояд ҳавасмандиамон зиёд мешуд, ҳар кадом ба он мекушидем, ки маҳсули корамон, шӯҳратамон афзун шавад ва он дар ситораамон, ки дар осмон аст намоён гардад.
– Бобоҷон.
– Ситораи ман, – пирамард хомӯш монд, намедонист чӣ тавр набераи кунҷкобашро ором кунад, – ба фикрам ҳо ана он аст.
– Кадом?
– Ҳо ана ситораи хираро мебинӣ.
– Ситораи хира?
– Бале,…
– Дидам…
– Ана ҳамон ситораи ман аст.
– Чаро ситораи шумо хираast?
– Чунки маро ба ҷуз Себзор, дар ҷои дигар намешиносанд. Ситораи равшан ба ашхосе дахл дорад, ки овозаи шӯҳраташ сарҳадҳоро убур мекунад.
– Шуморо дар шаҳр мешиносанд.
– Кӣ мешиносад?
– Ҳамсояи мо бобои Самад. Ӯ мегӯяд бобои ту дар ҷанги Бузӯрги Ватанӣ ду бор ба унвони Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ пешниҳод шуда буд, вале хату чакашро аз Душанбе сиёҳ карда фиристоданд. Барои ҳамин унвони қаҳрамониро нагирифт.

Пирамард хомӯш монд, андӯҳи гароне қалбашро фишӯрд, рӯи ҷойгаҳ нимхез шуд, ба пиёла чой рехта нӯшид. Рӯи ҷойгаҳ нишаст. Хотираҳояшро дар хусуси Ҷанги Бузӯрги Ватанӣ ба ёд овардан намехост, аммо ин лаҳза ба ёдаш овард, набераи кунҷковаш. «Хотираҳои ҷангиамро як-ду нафар дар ёд доштаанд. То ин дам гумон мекардам, ҳама фаромӯш шудааст». Пирамард дар ҷамъомадҳои мактаб низ сухан намегуфт, дилаш аз ғам

пур мешуд. Ҳар сол ӯ ва панҷ Қаҳрамони Иттифоқи Советиро, ки ин унвонро ба ҷурми фарзанди душмани халқ будан шарафёб нашуданд, дар рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузӯрги Ватанӣ ба вохӯрӣ даъват мекарданд, ки ба мактаббачагон хотираҳои худро аз корнамоии ҷангӣ ҳикоят кунанд. Тӯли ин солҳо, пирамард боре ҳам сухан накарда буд. Ва умуман ба ёд овардани мавзӯи ҷангро хуш надошт.

Се – чор сол пеш ба Себзор нависандае омад, ки пайраҳаи ҷангии қаҳрамононро меомӯхтааст. Ӯ ҳамаи панҷ қаҳрамонро, ки унвонро нагирифта буданд, вохӯрд. Иллати нокомияшонро муайян кард. Волидонашонро бо қарори Суди Олӣ сафед кард. Вале барқарор кардани унвони Қаҳармони Иттифоқи Советӣ муяссараш нашуд. Ҳарчанд ваъда дода буд, ки то ҷон дар рамақ дорад, паи ин масъала мекӯшад. Иттифоқи Советӣ барҳам хӯрд. Дар Тоҷикистон он идорае, ки ба он ҷо паи ислоҳи ин камбудиҳо даъво бурда адолатро барқарорсозӣ вуҷуд надошт.

Пирамард бо вуҷуди ин хурсанд буд. Хурсанд буд, ки истиқлолият ба даст омад, истиқлолияте, ки барои ба даст овардани он ҳаштод сол пеш бобу ҷаддаш ҷоннисорӣ карда буданд, ҳам худ ва ҳам деҳаашонро ба инзиво гирифтор карданд, аҳли авлодашонро тамғаи унсури бегонаро часпонданд. Пирамард гумон дошт адолат тантана мекунад, вале насибаш набудааст. Аз дуяк унвонро ҳам, ки медоданд кифоя буд. Афсӯс чунин нашуд. Аммо он нависанда китоберо ба табъ расонид, ки қаҳрамонии он панҷ нафарро дар бар мегирифт. Нависанда бо далелу бурҳон исбот намуда буд, ки ин панҷ нафар Себзорӣ аз он ҷумла пирамард тамоми шартҳои қаҳрамон шуданро риоя кардаанд, аммо писари душмани халқро, ки замоне ба номи падаронашон тавъам дониста буданд баҳона карда, унвони олиро бо нишони ҷангӣ иваз кардаанд. Китобро бо теъдоди кам чоп карда буданд. Ба пирамард ҳам як дона доданд. Китобро пирамард бе айнак хонд, як бору ду бор не…

Инак, дар боми осиёби бобоӣ, ҳамроҳи наберааш нишаста ситораи ӯро меҷӯстанд. «Агар унвон насибам мешуд, номам воқеан сарҳадҳоро убур менамуд. Ва он гоҳ ситораам, кирои дидан мекард» – Аз дил гузаронд пирамард. Фаридун хомӯшии бобояшро дар ин лаҳза, ба таври дигар баҳогузорӣ кард. Ба пиндори ӯ пирамард бефара шудааст, бар асари кори зиёд, ки аз субҳи содиқ водор кардани буд, ки Фаридун ӯро ба ҳоли худ гу-

зорад. Ба гӯшаш овои бибияш расид, ки аз ҳавлии осиёб меомад.

– Бобои Фаридун!..

Пирамард ба сӯи овоз рӯ овард. Дар даст фонус кампири Моҳсурат меистод, ки паҳлӯяш Хайбар забон аз миёни дандонҳо баровардa мингос мебаровард.

– Чӣ гап доштӣ? – бо оҳанги дурушт суол кард пирамард.

– Ҳаял кардед, алахон шудам.

– Чӣ алахон мешавӣ, гӯсфанд нестем, ки гургмон хӯрад.

– Саттор пурсид.

– Чӣ мехоҳад?

– Масҷид нарафтед?

– Дигарон умуман дар як ҳафта як ё ду рӯз масҷид маравaнд, касе кордорашон нест. Ман ки як рӯз нарафтам, бонги хатар мезанад.

– Дигарон шумо нестанд, – бо писханд гуфт Моҳсурат.

– Хайр шуд, воҳима накун! Бирав, ман субҳи барвақт ба кор шурӯъ мекунам.

Моҳсурат хост суол кунад. Чӣ кор? Вале боз аз раъяш гашт. Авзои пирамард, вақтҳои охир дигаргун шуда буд. Андак чизро баҳона карда, ғур-ғур мекард. Ба торҳои асабашон нохун мезад. Алъон ҷои баҳс набуд. Дар шаб овоз дур меравад. Аз ин рӯ хомӯшӣ ихтиёр кард. Ва ба роҳи омадан қафо гашт. Хафа шуд, аз пирамард. Ҳатто поён нафаромад, нагуфт, ки биё бишин. Моҳсурат ҷониби кулбааш равон буд, дар паҳлӯяш Хайбар бо сари хам, бо тамкин гом мениҳод.

Субҳ баъд аз намоз, пирамард ба сангтарошӣ машғул шуд, сангро шакл дода, онро ба санги кӯҳнаву фарсудаи осиёб монанд мекард. Гоҳ бо искана, гоҳо ба хосиг кор мекард. Фаридун ба чойҷӯш об гирифта, дар дегдон чой мемонд. Ва ҳезуми хушкро, ки ба ин хотир тирамоҳи соли гузашта захира карда буд, шикаста оташ дод Фаридун. Пирамард бо ҳавсалаи том кор мекард. Парахаҳои сангро ки аз санги бузӯрг канда мешуд, гирифта канор мепартофт, сипас ҷои онро бо хосиг суфта мекард.

Фаридун чойро дам карда, болои онро бо лаби дастархон пӯшонд. Ва дар ин бора ба бобояш хабар дод.

– Офарин ҷони бобо! Камтари дигар кор кунам.

Пирамард дар роҳи деҳа ҳамсарашро дид, ки ҷониби осиёб меомад. Дар даст кураи хӯрокгирӣ дошт. Ду рӯз боз, кампирро бо ҳар баҳона хафа мекард. Аз карда пушаймон ҳам набуд. Ба

фикри пирамард, ҳамсараш гапгардону ғурурманд шудааст, ба ҳадде ки рафтори худро ташхис дода наметавонад. Инак, дар кура барои пирамард ва наберааш ширбиринҷи гарм овард кампири Моҳсурат. Ва огоҳ ҳам кард, ки хунук нашуда, сари дастӯрхон нишинанд. Пирамард ба ҳарфи кампир ҷавоб надод. Ба кори худ машғул шуд. Нахост бо ин амалаш нишон диҳад, дилаш ба кампир сӯст аст. Аммо кампири Моҳсурат боз такид кард.

– Коратон гурехта намеравад, биёед, ки ширбиринҷ хунук шуд.

– Садқаи сарам, хунук шуд, – аз аспи ҷаҳл фаромаданӣ набуд, пирамард. Кампир дигар чизе нагуфт, хомӯш лаби суфа нишаст.

– Бибиҷон, – ӯро ба гап гирифтан хост Фаридун.

– Лаббай… – дар овои кампир ҳузн руид.

– Хафа нашавед, то осиёбро пурра ба кор наандозад, андешаи дигарро дар сар намепарварад. Аз ин рӯ асабҳояш таранг аст. Дидед ку масҷид ҳам нарафт.

Кампир чизе нагуфт, пирамард мувофиқи табъ кор кард. Ниҳоят хосигро ба замин гузошт. «Куфрони неъмат нашавад» – дастонашро ба ҳам соида, ҷониби суфа гом ниҳод. Фаридун офтобаро бардошт, ба дастони бобояш об рехт. Ҳарду сари дастархон нишастанд. Кампири Моҳсурат ширбиринҷро дар табақи сафолин бардошт. Болояш равғани яхини маска ниҳод, ки дар тасфи хӯрок об шуда, лаззати онро фузунтар кунад.

– Species Species Бобоҷон, табақро аз куҷо харидед? – суол кард Фаридун.

– Ин табақро ӯсто Зоҳид сохтааст. Гилаш аз Ҷангалак, обаш аз чашмаи Анҳор, чӯбаш аз зардолуи қади ҷӯйбор. Баъди фавти ӯсто Зоҳиди кулол танӯраш вайрон шуд. Писаронаш беномус баромаданд. Ягон нафараш пешаи падарро интихоб накард. Ӯсто Амони оҳангарро низ писарон беҳунар баромад. Хосиге, ки бо он санг метарошам мероси ӯст. Дар назъи ҷон асбоброро ба ман бахшид. Ва ҳасрат кард, ки бачаҳояш пешаи ӯро ба худ лоиқ надонистанд. «Замона пеш меравад, касбу амали кухна ба дарди ҷомеа намехӯрад» гуфта ба захми мӯйсафед намак пошидаанд. Имрӯз на кулолгарӣ мондаасту на оҳангарӣ, табақтарошиву гаҳворасозӣ ҳам аз байн рафт. Шердор ба Себзор бадал шуд, метарсам рӯзе Себзорро ба Хорзор бадал накунанд. Осиёби маро ҳам хуш надоранд, ҳама дар орзуи вайроншавияш ҳастанд. Аммо ман ба ин роҳ намедиҳам…

– Иншооллоҳ, – кӯтоҳ вале ба маврид гуфт кампир.

Луқмаи ӯ ба гӯши пирамард форам нарасид. Ҳарчанд медонист ягон мусулмон пеш аз орзуву амалашро ба забон овардан ин калимаро фаромӯш намекунад. Вале ҳарфи кампирро дар ин маврид низ мақбул надонист. Ва ба он такя накард.

Пирамард дастонашро пок карда аз ҷой хест. Кампири Моҳсурат табақро шӯста, дастархонро ғун дошт. Ва ба Фаридун рӯ овард.

– Нисфирӯзӣ хӯрок биёрам ё меоед? Фаридун пеши бобояш давид. Ва суоли бибияшро ба ӯ расонд.

– Меоем! – гуфт пирамард ва арақи пешонаашро пок намуд. Кор мувофиқи табъ пеш мерафт. Пирамард бо ҳавсалаву эҳтиёт, санҷида, санг мечинд, параҳои дурушту носуфтаро суфта мекард. Фаридун бошад ба кори ӯ зеҳн монда, ҳарфе намегуфт. Баногоҳ дар фарозии теппа, дар баландии роҳ ки ба сӯи деҳа нишеб мешуд, ду-се мошини ғайриодӣ намоён шуданд. Садои мошинҳо низ ғайриодӣ буд. Пирамард ба дастаи хосиг такя карда рӯ ба мошин овард, ҷабинашро бо остини камзулаш тоза кард. Миёнаш ҷазаст сӯхт. Ва дар рӯи санг нишаст. Ва ин дам аз даҳонаш баромад калимаи маънидор:

– Омаданд!

– Кӣ? – суол кард набера, вале аз ҷониби пирамард дигар овозе набаромад. Китфони васеъаш худ ба худ хам зад, сараш гӯё миёни зонувонаш медаромад. Чашмонаш хира шуданд, хосиг паҳлӯ афтод, ки ба дастаи он такя карда буд.

– Бо – боооооо… – овози набера чунон даҳшатангез буд, ки аз қади дара, чанд ҷавони ба найдаравӣ машғул достҳо дар даст, ҷониби осиёб давиданд.

– Чӣ гап шуд?

– Бобоям, – Фаридун гуфта тавонисту халос.

Ҷавонон пирамардро болои кӯрпача дар суфа гӯстӯрда хобонданд. Ба рӯяш об заданд. Об нӯшонданд. Авзои пирамард ниҳоят бад буд, нафасаш ба тангӣ мебаромад. Чашмонаш нимкоф, ҳаракат надошт. Боз каме дар ин ҳолат нигоҳ доштанд, мунтазир шуданд, ки вазъи хастагӣ дар ӯ рафъ мешавад.

– Ба ӯ чӣ шуда бошад? – суол кард яке аз ҷавонон.

– Дилаш сӯст шудааст, дар ин синну сол ба ӯ иҷрои корҳои вазин номумкин аст.

– Бечора, дар дами пирӣ бедастёр монд.

– Ба фикри ту бояд Ғуломалӣ дасташро гирад?

– Боз кӣ мешуд?

– Ғуломалӣ бо ҳамон илму дониш дар ин ҷо хор мешавад. Пирамард инро аз ману ту дида, хубтар медонад.

– Медонад, ки ба ин ҳол афтодааст.

Пирамард ҳанӯз ҳам беҳаракат буд. Ғуриши мошинҳои ғайриодии геологҳо аз дур ба гӯш мерасид.

– Омаданд! – гуфт яке аз ҷавонон.

– Даҳ сол боз дар ин бора мегуфтанд.

– Ҳатто дар замони Шӯравӣ овозаи омад-омаданашон буд.

– Себзори мо ҳам обод мешавад.

– Ҷазир бигӯ…

– Чӣ хел ҷазир?

– Деҳаро вайрон карда, барои геологҳо дар ин ҷо шаҳр месозанд.

– Аҷаб содаӣ-да. Барои геолог шаҳр чӣ лозим? Онҳо чор хайма зада, он ҷо ба сар мебаранд. Хаймаро аз сад шаҳр боло медонанд. Онҳоро маҳз ҳамин хислат, ғайриодигии кор моил ба интихоби пеша кардааст. Онҳо ҳаргиз дар якҷо дуру дароз намеистанд. Заминро мекобанд, ягон чиз ёфт шуд хуб, нашуд мераванд ҷои дигар, дар он ҷо корашонро идома медиҳанд.

Пирамард гуфтугӯи онҳоро намешунид, ҳанӯз ҳам бехуд буд.

– Бобоҷон, бобоҷооон, боообооҷооон, – оби дидаи Фаридун рӯи гунаҳои сурхидааш мерехт.

– Ҳозир нағз мешавад, – гуфт бепарвоёна, яке аз ҷавонон, ки нисбати дигараш хурдтар менамуд.

– Духтӯр ҷеғ занед!

– Духтӯр, дар ин ҷо аз куҷо ёфт мешавад?

– Хами сафедорон барем?

– Натарсед, ҳозир ба худ меояд, – гуфт яке аз ҷавонон, ки худро дар ин гуна воқеаҳо ботаҷриба нишон медод.

– Куҷо шудед? – арақи пешонаашро пок карда, омад марди солхӯрдаи калтариш, ки ҷабини пурчин дошт.

– Мӯйсафедро дилаш сӯст шудааст, – бо овози баланд гуфт ҷавони ботаҷриба.

– Чиии? – ҳамчунон баланд суол кард.

– Мӯйсафедро дилааաш, – ба кундаи сина тап-тап зад ҷавон.

– Дилаш?

– Ҳа, дилаш.

– Чӣ шудааст?
– Сӯст…
– Сӯст?
– Ҳа…
Мард болои сари мӯйсафед амонат нишаста, гӯши чапашро хурмача карда боз суол кард.
– Духтӯр набурдед?
– Нағз мешавад…
– Чӣ?
– Наағз мешааваад!
– Дил шӯхӣ намекунад.
– Чӣ коор кунеем?
– Хонааш баред!
Ҷавонон ба по шуданд. Харро оварда, пирамардро болои он савор карда, аз ду ҷониб доштанд.
– Зуд ба Ғуломалӣ занг занед, – ба ҷавоне фармуд Саттор.
– Ғуломалии ту бекор мондааст, ки меояд, – пусханд зад Файзи урус, ки аллакай аз даҳонаш бӯи шароб меомад.
– Тӯро, ки ин ҷо даъват кард, – шӯрид Абдуқаҳҳори номус.
– Тӯро ку даъват кардаанд?
– Даҳоната пуш!
– Даҳони ман соҳиб дорад. Ба фармони ҳар хару хуг онро намепӯшам.
– Ҳой бедаҳанҳо, ҳамин ҷо ҷои баҳс аст? – муллои деҳа Камол мулаққаб ба чашми давлат ба насиҳат даромад.
– Ман «бенават» (виноват) нестам, – ба худсафедкунӣ даромад Файзи урус. Ҷавоне дар даст телефони таъҷилӣ ҳозир шуд:
– Ғуломалӣ нест.
– Куҷо бошад? – ҳайрон шуд Саттор.
– Занаш телефонро бардошт, мегӯяд сафари хизматӣ рафтааст.
– Гуфтӣ, ки падараш бемор шудааст?
– Гуфтам.
– Чӣ гуфт?
– Куҷо буданашро намедонам, хуб мебуд ба пажӯҳишгоҳаш занг мезадед.
– Тавба, – гиребон гирифт Саттор, – Дунё вайрон шудааст. Падари шавҳараш бемор асту ӯро пИнак,аш вайрон намешавад.
Аз куҷое духтӯр омад. Одамонро аз айвон пеш кард, ҳама дар

лаби суфа қатор нишаста, мавзӯи геологҳоро баррасӣ мекарданд.

– Кори хуб шуд.

– Хубиро баъд мефаҳмӣ.

– Себзор шаҳр мешавад.

– Ҷазир не?

– Аз чӣ метарсед?

– Кули явмин бадтар…

– Оқибаташ ба хайр шавад.

Баҳс иборат буд аз кинояву пичинг, хушҳоливу навмедӣ, ашхоси бепарво ҳам ёфт мешуд, ки чун мурғобӣ аз зери об мондани дунё ҳаловат мебарад, ки об ба зонуи ӯ баробар аст. Касе аз ҳозирон дарк намекард ҳолати кунунии пирамардро маҳз ҳамин рӯйдод боис шудааст. Ҳама бӯҳрони ба амал омадаро ба он нисбат медоданд, ки нерӯи ҷисмонии пирамард заиф шудааст ва ба ин илат алъон ба бистар афтода, мӯҳтоҷи кӯмаки табиб аст. Кампири Моҳсурат бесаранҷом буд. Намедонист ба чӣ кор даст занад. Якбора пур аз одам шудани ҳавлияш ӯро сахт тарсонид. Пиндошт пирамард, ки ҳафтаи охир ба ҷону ҳолаш намонда, бо ҳар баҳона ба ӯ ҷанг мекард, гирифтори бемории вазнин шуда. Пайваста ба Саттор муроҷиат мекард.

– Аз Ғуломалӣ ягон хату хабар ҳаст?

– Не сафари хидматӣ рафтааст. Умуман дар ин хусус ташвиш накашӣ ҳам мешавад.

– Барои чӣ?

– Худамон ҳастем, камтар мазааш гурехтааст. Иншооллоҳ ба по мехезад. Ғуломалиро ташвиш додан даркор нест.

– Мардум чӣ мегӯянд?

– Мардуми ту ҳоло ба тангкӯчае, ки Ғуломалӣ по мондааст нарасидааст. Чӣ мегӯянд? Ҳақи гуфтан надоранд. Ғуломалӣ ифтихори на танҳо Себзор, балки тамоми мамлакат аст. Ту чиҳо гуфта истодаӣ? Ӯро умуман ташвиш додан маънӣ надорад.

Суханони Саттор чунон бovarибахш буд, ки Моҳсурат ҳиҷолат кашид, амали худро номатлуб донист, пиндошт ҳанӯз дар шинохти фарзанди хеш ба ҷое нарасидааст, фарзанде, ки худ тарбия карда, ба ин ҷода ҳидоят намудааст. Саттор низ бовар кард, суханонаш, дурӯст аст, ки ин дам барои тасаллои дили Моҳсурат гуфт. Ҳарчанд ба ҳоли пирамардаш дилаш сӯхт. «Не, ӯ ҳаргиз бекас нест. Себзориён дар ин гуна ҳолат ҳама дар як

саф меистанд. Ҳарчанд дар баъзе маврид ҳамфикр нестанду байни ҳам сагалғов мекунанд. Ӯро худамон гӯру чӯб мекунем. Дар мазори Шайх ба хок месупорем. Аз Ғуломалӣ бӯи умед нест. Агар сари қадам омада монад, давлати бузӯрг». Саттор ин фикрро аз мадди назар гузаронду хиҷолат кашид. «Тавба, одами зиндаро ба хок супурдам. Худо умрашро дароз кунад. Худо болои ду по росташ гузорад. Бо асо ҳам, ки бошад, бигардад. Зеби деҳа аст».

Духтӯр ба Саттор рӯ овард.

– Ин қадар одам чаро ҷамъ омадааст? Ҷавобашон диҳед! Сӯзан задам, як дам пас мехезад. Ҳоло хобаш бурд. Саттор ҳам чун пири кор, узви шӯрои машваратӣ сухани худро дошт. Дар ин маврид, ба духтӯр ироа намуд.

– Ин одати қишлоқдорист, онро халадор кардан хуб нест.

– Оини соҳаи мо бошад ба ин чиз иҷозат намедиҳад.

– Мефаҳмам, – ором кард Саттор ӯро, – ҳозир ҳамашонро ҷавоб медиҳам.

– Ҷавоб диҳед!

Духтӯр рафт. Моҳсурат Саторро ба гӯшае хонд.

– Дастархон партоед, чой мемонам.

– Чойхӯрӣ наомадаанд.

– Айб нест?

– Не, ҳоло ҷавобашон медиҳам.

– Ин корро накунед, акои Саттор, айб мешавад.

– Беташвиш бош, як фикр мекунем, – Саттор кампири Моҳсуратро ба ҳоли худ гузошта, ба суфа наздик шуд. Баҳс ҳанӯз ҳам давом дошт.

– Бачаҳо, беморро хоб бурд, ба ҳамаатон ташаккур. Беташвиш бошед.

– Ба хайр будааст? – суол кард Абдуқаҳҳори номус.

– Камтар дилаш бехуд шудааст.

– Рости гап тарсидем, – гуфт Камол.

– Мегузарад… Тани гарм бе дард нест.

Ҷамъомадагон пароканда шуданд. Дар даст дастархон Моҳсурат ҳайрон монд.

– Чой нахӯрда меравед?

– Ташаккур! – гуфт Абдуқаҳҳори номус. Худо шифоят диҳад, – ҳама аз паси ӯ баромаданд. Саттор низ азми рафтан кард.

– Шумо ҳам меравед?

– Байтор омаданӣ буд, рафта бинам. Гашта меоям.

– Биёед ака, ҳоло ба худ наомадааст.

– Натарс! Фаридун ҳамин ҷост.

Фаридун назди пирамард нишаста, ба андеша рафта буд. Ӯ дар хусуси падараш фикр дошт, ки дар ин вазъият сафари хидматӣ баромадааст. Модараш бошад дар хизмати он чашмтанг аст, ки бобояш низ инро мехоҳад. «Ман ӯро мекушам. Куҷои ӯ аз падари ман болост? Афсӯс, падарам чун бобоям нест. Агар чун бобоям сиёсат медошт, ҳаргиз хонаи мо макони айши ин чоплусон намешуд».

Пирамард баъд аз ду-се соат аз хоб бедор шуд. Вале мадори ба по хестан надошт. Саттор рӯ ба рӯяш нишаста чой менӯшид. Пирамард ӯро дида машаи ханда кард, вале ба ин ҳам зӯраш нарасид. Саттор наботчойро ба ӯ дароз кард.

– Нӯшед! Гарм-гарм…

– Ташаккур! – гуфт пирамард, пиёларо аз дасти Саттор гирифта, ба лаб бурд. – Гарм аст, – онро дар лаби дастӯрхон ниҳод.

– Фоидааш дар гармияш аст.

– Намефорад, даҳонам талх аст, – нафасаш ба душворӣ баромад ва сарашро ба болин гузошт. Чашмонашро пӯшид.

Ҳамин лаҳза дар даст табақи макаронпалов Камол даромад. Табақро болои дастархон ниҳода, бо Саттор вохӯрӣ намуд.

– Беҳбудӣ ҳаст?

– Ҳаст?

– Ягон чиз хӯрд?

– Алъон не…

– Якбора афтод, бегоҳ ҳам масҷид нарафта буд.

– Кораш вазнин омад. Дирӯз санги осиёбро як худаш, аз қади дара, тавассути чигина кашонда осиёб бурд. Ва шаб он ҷо кор кард, субҳи барвақт низ ба ин кор машғул шуд.

– Маълум, – сар ҷунбонд Камол.

– Шояд кор вазнинаш афтодааст?

– Ҳамин тавр аст. Масъулиятшинос намебуд, ба ин ҳол намеафтод. Мехоҳад осиёб ба тамоми талаботҳо ҷавобгӯй бошад.

– Бале,…

– Геологҳо дар назди мазори шаҳидон хайма задаанд.

– Аллакай?..

– Зани Файзи урус, дарав оши бурида карда, ҳамроҳи духта-

ронаш бурданд.

– Ба онҳо?

– Бале,, зебу зинаташонро медидед. Гӯё Душанбе мерафта бошанд.

– Наход?

– Пеши ту дурӯғ, пеши Худо рост, бо ду чашми сар дидам.

– Тавба, – гиребон гирифт Саттор, – Файз аз пушти ин падар нест.

– Аз чуян гӯҳ мерӯяд, падараш одами хуб буд. Бе маслиҳати ӯ касе маърака намеорост. Аз ӯ рӯидагиро бинед.

Пирамард чашм кушод, ба рӯи Камолу Саттор нигарист, вале ёрои баёни ҳарфе надошт. Суханони онҳо низ аранге ба гӯшаш медаромад. Камол ба Саттор ишора карда пирамардро нишон дод.

– Ҳанӯз қувват надорад, – гуфт Саттор.

– Худо болои по бихезад, ки лаззати даҳонмонро гум карда будем. Орди ин осиёбро лаззаташ дигар аст.

– Аз Душанбе вазире гандум равон кардааст, ки ин ҷо орд кунанд. Чор халта гандумашро орд карда, ҳақи хизмат сад доллар додааст.

– Мо бошем, Хами сафедорон меравем.

– Рост, ба хонаи душман. Дирӯз як меҳмон аз маркази ноҳия омада буд. Ҳамон кас нақл кард. Дар чойхона як мӯйсафед аз Хами сафедорон нақл кардааст, ки мо Себзориён дар асри сангин зиндагӣ мекарда бошем, гӯё мо дар ин давру замон чӣ будани фарши чӯбин, шиферу тахтаи ҳамвор ва дигар воситаҳои ёрирасони замонавии рӯзгорро надидаем. Гӯё мо босмачӣ будаем. Ба гуфти ӯ Шерони Себзорро, ки чун чорёрон ҳофизи деҳаи мо будаанд, маҳз онҳо тарсонда, маҷбур кардаанд, ки тарки мавзеъ кунанд.

– Шояд, аз дасти Хами Сафеддориён меояд, – гуфт Камол.

– Гӯҳ хӯрдаанд, – ба ногоҳ барошуфт пирамард, чашмони бароқаш дурахшиданд ва дар як нуқта дар монд, – лоф мезананд. Шерони Себзорро касе натарсондааст. Онҳо қаҳр кардаанд. Онҳо беномусии мо Себзориёнро дида ба барфшуха паноҳ бурдаанд, то ки бо мо рӯ ба рӯ наоянд.

Ҷабини пирамард арақ кард, гунаҳояш сурх шуд, даст бурд ба наботчой, ки хунук шуда буд. Ду-се ҳурт нушид.

– Бигир, – чумчаро ба пеши ӯ гузошт, – Саттор, – палави гарм

аст. Бигир…

– Ташаккур!.. – ва боз сар ба болин ниҳод.

– Рост мегӯяд, – гуфт Саттор, – Шерони Себзор худ ба худ аз деҳа рафтаанд.

– Ба шунидам, рӯзе кадом як Себзорӣ, ки ӯро аз деҳа минбаъд барои бадахлоқӣ рондаанд, дар навбати худ ба назди ҳар чор шер бузи мурда мениҳад. Шерон аз ин рафтори ӯ ба хашм омада, деҳаро тарк мекунанд. Ва дубора сари хомаҳо пайдо намешаванд. Он фитнагар пеши мардум лоф мезанад, ки маҳз бо ҳилаи ӯ аз ин муфтхӯрон, ки чорвои аҳолиро ба нестӣ расонданӣ будаанд халос шудаанд. Баъзеҳо ба ӯ аҳсант хонданду баъзеҳо не. Онҳое, ки аз рафтани шерон табли шодӣ задаанд, баъд аз ин бечорво мондаанд. Зеро гургу шағол ба деҳа ҳуҷум оварда, маҳз чорвои онҳоро талаф додаанд. Онҳое, ки аз рафтани шерон таассуф хӯрдаанд, чорводор мондаанд, – гуфт Камол.

– Солҳои пеш, ҳар сол падарам як бузро дасту по баста, пеши асп мегирифт, мерафт барфшуха, дар он ҷо харсанге ҳаст, ки шерон ҳар пагоҳ қабл аз тулӯъ меоянд, офтобро истиқбол мегиранд ва мераванд ба камингоҳи худ, болои он мегузорад бузро ва пас меояд. Боре маро низ бурда буд.

– Барои чӣ бурда буд?

– То ки ман кори ӯро давом диҳам.

– Бале,… – пусханд зад Камол. Чаро ин корро давом надодӣ?

– Худам намедонам.

– Чорво дорӣ?

– Худоро шукр дорам.

– Ин корро бояд идома дод.

– Бале,… – чашмонашро кушод пирамард, – ҳайбати шерон буд, ки касе ба Себзор кор надошт. На ба заминаш, на ба фазояш ва на ба зери заминаш. Бубин, Аллакай омаданд. Дидед? Геологҳоро дидед?

– Бале,, – сар ҷунбонд Саттор.

– Беномусҳо тӯй мекунанд. Файзи урус, ки ба хатнаи писараш мурғ накуштааст. Ин корро мекунад.

– Карда бошад ҳам аҷаб не, – гуфт Саттор.

– Ӯ табли шодӣ мезад. Ин рӯзро интизор буд, – оҳ кашид пирамард, чойро то охир нӯшид ва чумчаро ба даст гирифт, ду-се навбат гирифт, вале мадораш сӯстӣ кард.

– Назди мазори шаҳидон хайма задаанд, – гуфт Саттор.

– Арвоҳҳо намегузоранд… – гуфт пирамард.

– Бегоҳ назди масҷид дар ҳамин хусус сухан рафт. Файзи урус бо ҳамон суханони худро иброз дошт: «Он бечораҳо агар каромат медоштанд, аз дасти чор мулҳид кушта намешуданд». Ҷавононро ханда гирифт.

– Худоё Худовандо, нишон бидеҳ ин мулҳидони шакокро, ки бидонанд шаҳид кисту чӣ мартаба дорад, – пирамард ба дард ниёиш кард.

– Худо мезанад, мебинед, – гуфт Камол.

– Иншооллоҳ, ба мақсад намерасанд, – ба тавқияти ӯ баён намуд Саттор.

Фаридун ба гуфтугӯи онҳо гӯш фаро дода, чизе намегуфт. Аз он шод буд, ки бобояш ба гап даромад, ҳатто ба бибияш, ки ин муждаро интизорӣ мекашид, нагуфт. Мутаваҷҷеҳ шуд. Пирамард тагсариро баланд гузошт, такя кард ба он. Ва ба Фаридун рӯ овард:

– Аз бибият пурс, гӯсфандонро алаф дод ё не?

Фаридун ки шоҳиди ҳол буд, ҳаракати хестан накард ва ҷавоб дод:

– Дод!

– Бипурс ку?

Фаридун ночор назди бибияш, ки дар дегдонхона машғули кор буд рафт. Пирамард ба гап даромад.

– Хоб дидам ва ё шунидам, Файзи урус зану духтаронашро ба хизмати геологҳо фиристодааст?

– Воқеан ҳамин тавр аст.

– Шумо ба куҷо нигоҳ мекунед?

– Чӣ кор мекардем?

– Моне…

– Намешавад, дар вақти ҷанги шаҳрвандӣ моне шудем. То ҳол даъво мекунад, гӯё Абдуқаҳҳор аз рӯи бахилӣ ин корро кардааст, то ки уву духтари ӯ шӯҳрат пайдо накунад. Гӯё Абдуқаҳҳор ризқу насибаи фарзандони ӯро баста бошад.

– Ин тавр бошад, бигзор шарманда шавад.

– Ӯ ба фикри шумо обрӯ дошт?

– Дар деҳа, ку надошт, акнун дар тамоми мамлакат шарманда мешавад. Обрӯи Себзорро низ мерезонад, – гуфт пирамард.

– Биё дастҳоро шӯем, – дар даст ташту офтоба ҳозир шуд Фаридун. Баъд аз шӯстани дасти ҳозирон, кампири Моҳсурат дар

табақи чӯбин оши бурида овард, ки ҳаври ҳаррир аз он боло мехест.

– Барои ман дар як косаи чинӣ алоҳида бардор, серчака бикун, камтар мон ки хунук шавад, – гуфт пирамард, ки овозаш беморгун буду канда-канда мебаромад.

– Хуб! – бо чеҳари кушод даст пеши бар гирифт Моҳсурат.

– Ассалому алейк… – табақи палав дар даст пайдо шуд Абдуқаҳҳори номус. Ба ҳозирон вохӯрӣ намуд. Фаридун дасти ӯро низ об гирифт. Пирамард аз илтифоти онҳо шод шуд, ҳарчанд хастагии рӯҳу равон, ки қазияи маъданчӯён боис гардида буд, ҳанӯз дар ҷисмаш нуфуз дошт.

– Духтари Файзи урусро мор газидааст, – гуфт Абдуқаҳҳори номус, ки дар гуфтораш оҳанги изтироб эҳсос намешуд.

– Кай? – ҳайрон шуд Саттор.

– Худо дурӯғгум накунад, як бист ё бисту панҷ дақиқа шудда.

– Дар куҷо? – чашмонашро танг карда гуфт Камол.

– Дар дарахтзори мазори шаҳидон. Бо кадом геолог даруни он даромадаанд. Дар болои алафҳо ғалтанак задаанд хар барин, ки вақт расида море аз дунбааш неш задааст. Доду вои ӯро дида, геолог думро хода кардааст. Писари Рауфи дароз ҳамон замон ба ҷойи воқеа шитофта, ҷабрдидаро ба канори роҳ баровардa, заҳрро макида туф кардааст.

– Думбаи духтари Файзи уруса? – мунтазири идомаи ҳикоя нашуда, суол кард Саттор.

– Албат, охир ҳамон ҷояшро неш зада будааст.

– Агар ман ба ҷои мор мебудам, дигар кор мекардам, – гуфт Камол.

– Чӣ кор мекардӣ? – суол кард Саттор.

– Медаромадам дар ягон ҷои дигараш, ки якумр хунук мешуд, фикри оғӯши бегона намекард, то он рӯзе, ки ҷон дар рамақ дошт.

– Ҳай кори хубе нашудааст… – нимхез шуд пирамард. – Он аблаҳ писари Рауф он ҷо чӣ хел пайдо шудааст?

– Онҳо тамошо рафтаанд.

– Акнун геологҳо фаҳмидагистанд, ки бо арвоҳҳо бозӣ карда намешавад, – пиёлаи чойро ҳурт кашид пирамард.

– Геологҳо ба ин масъала сарфаҳм намераванд. Ба пиндори онҳо танҳо зери замин-мағзи онро кофтан бахт меоварад, – гуфт

Камол, муллои имрӯзаи деҳа, ки замоне ҳама ӯро бинобар узви ҳизби ягона ва ҳоким буданаш чашми давлат меномиданд. – Онҳоро гӯру лаҳад наметарсонад. Шояд оромгоҳи садҳо ва аз ин зиёди одамонро тагу рӯ карда бошанд.

– Духтари Файзи урусро ҳам тагу рӯ карданд, – писханд зад Саттор.

– Барои мо Себзориён аз ин зиёд шармандагӣ намешавад, – ба гап ҳамроҳ шуд Абдуқаҳҳори номус.

– Падару модараш шарм надоранд, мо чӣ ғами духтари ӯ шармандагии ӯро мехӯрем? – дурушт гуфт Саттор.

– Гӯсолаи рихин подаро рихин мекунад, – шӯрид Абдуқаҳҳори номус, – мову ту вазифадорем деҳаро аз ин гуна шармандагӣ ҳифз намоем.

– Ҷавонон куҷо шудаанд? – аранге овоз баровард пирамард.

– Яке аз ҷавонони «бономус» писари Рауф, дидед чӣ кор кард? – ғур-ғур кард Абдуқаҳҳори номус.

– Ҷавонон чаро хомӯш бошанд? – Камол барошуфт.

– Ба назарам чунин менамояд, ки дар Себзор ҷавон нест, – гуфт Саттор.

– Ҷавон, ки набошад оянда ҳам нест, – бо таассуф гуфт Камол.

– Дили ман аз ин ҷавонон чун яхи барфшуха хунук шудааст, – гуфт Абдуқаҳҳори номус, – ба ёд биёред, ҷавонони сарсупурдаи Себзорро, бо аскарони сурх чӣ гуна мубориза бурда буданд? Сарвари сурхҳоро дар даштак буз кашиданд. Ба мо наврасон тамошо барпо карданд, балки ибрат нишон доданд. Дар Ҷанги Бузӯрги Ватанӣ низ мо пешсаф будем. Ҳарчанд номардӣ карданд. Мо мардонагӣ нишон додем, даъво накардем, ки унвони қаҳрамониро ба мо диҳед. Чаро ин тавр кардем? Чаро? Ку гап занед?

– Чунки мо худ, унвони Шерзодагӣ дорем, – гуфт бо ифтихор пирамард.

– Бале,, чунки мо пушт ба пушт аз ҳавои номусу нанг нафас мегирем. Номус Конститутсияи мо, қонуни асосии мо Себзориён аст, ки дар дафтаре сабт нашудааст. Ин қонун дар ботини мо куҳансолон, онро ангеза намедиҳем, ба наслҳои минбаъда талқин накардаем, аз онҳо тақозои риояи расму суннатҳоро надорем. Як чиз эҳсос мешавад, ин қонун тадриҷан бо ҷисми мо, ки рӯзе аз ғояти заифӣ тарки олами воқеӣ мекунад маҳв меша-

вад, ба фаромӯшӣ меравад. Мо дар ин ҷода, кори ибратбахше накардаем. Ва карданӣ ҳам нестем. Вақти он аст тан ба кор диҳем, чанд рӯзе, ки аз умри азиз дорем, ба ин масъала тарбияи наслҳои ҷавон сарф кунем.

Суханони Абдуқаҳҳори номус оҳанги даъватро дошт. Камол каме гаранг шуд. Ӯ ки дар ин деҳа низоми ислом, риояи намозу рӯзаро чун мулло назорат мекард, аз бозпас гаштан ба оини бобу ҷаддаш, ки танҳо дар ин деҳаи ба қавли Файзи урус аз ёди Худову бандааш фаромӯш шуда, роиҷ буд, ягон зарурат надид. Хост бигӯяд, мо рӯди деҳаро пас гардонда наметавонем. Агар инро хоҳиш дорем, бояд тарҳи дунё дигар шавад, ки чунин нерӯи созанда дар ихтиёри мо нест. Агар чунин суратро мехоҳем, бояд Себзор Барфшуха шавад, бо қуллаҳои яхпӯш ва Барфшуха Себзор бо домани кушоду ҳамвор, заминҳои лаҳму хокӣ. Оё ҳаминро мехоҳед? Мехоҳед, ки ба ғори аждодӣ баргардем, он ҷо чун одамони ибтидоӣ зиндагӣ ба сар барем? Не, бародарон ин ҳеҷ маънӣ надорад. Ҳазору чаҳорсад сол шуд, ки аз он ҷо баромадем. Ин муддат дар ин деҳа маскан гирифтем, ба зиндагии осоишта ба ислом гаравидем. Магар ин бад аст? Магар ин бад аст, ки худро шинохтем? Не бародарон, мо бояд аз рӯи ақл кор кунем, бо андеша рафтор кунем, санҷида по гузорем, ё ба пеш гом мениҳем ё ба пас. Бале, азизон, Бале,…

Мулло Камол-мулаққаб ба чашми давлат, сухани худро ниҳоят баён кард, ки ҳама шуниданд.

– Дар ин ҷода бояд, санҷида по гузошт. Вагарна, боз амали моро инқилоб напиндорад…

Сухани чашми давлат ончунон таъсир дошт, ки ниҳоди ҳозирон такон хӯрд, ҳатто пирамард, ки дар бистари беморӣ азият мекашид ба худ омад, ба таъкиди ин марди сиёсӣ, ки алъон узви ҳизб буд ва чун пешвои диёнат дар деҳа эҳтироми мардумро сазовор буд эътимод баст.

Воқеан дурӯст мегӯяд. Магар кам азият кашидаем, аз дасти ин мардум. Бояд дар ин маврид, тавре рафтор кунем, ки душманон ҷурми моро пай набаранд. Гап ба даҳони онҳо нарасад. Аз назари Файзи урус, духтарони бегонапарасти ӯ ки хуни нарро дар марзи деҳа бинанд шаҳваташон ба ҷунбиш меояд магар пинҳон карда мешавад? Не – не… Мо бояд роҳи дигарро пеш гирем. Роҳеро, ки хавфу хатар надошта бошад. Ва ниҳоят хулосаи худро баён кард.

– Мулло ҳақ аст… Табаддулотҳо дар ҳамин ҷо ва ҳама вақт болонишинҳоро ба даҳшат меоранд. Фарқ надорад, ӯ кист? Ва чӣ мартабаву манзалат дорад.

– Не, шумо нафаҳмидед, – Абдуқаххори номус қоматашро рост кард. – Гап дар сари ягон хел табаддулот намеравад. Ба гуфтаҳои ман оҳанги сиёсӣ надиҳед! Ман бо забони содаи тоҷикӣ фаҳмондам, ки моро зарур аст аз ин жарфнои тираву тор, ки мағзу афкори мо дар он дармондааст, берун барорем. Олами равшан, ғуруру номус ки замоне дар ихтиёр доштем, бунёд, ирода, афкорамон ба он сиришта шуда буд, барқарор намоем. Барои ба ин ҷода қадам мондан, ягон хел табаддулот лозим нест. Ба воҳима наафтед. Муҳим он аст, наслҳои ҷавонро водор кунем, ба оянда нигаранд, на ба як даврai тираву тор, замони даҳшату ваҳшат, балки давроне, ки мояи ибрати ҳамагон аст, зеро маҳз гузашта ба мо ин давронро дод, ки дар домани он зиндагии осуда дорем. Аз гузаштагони худ, ифтихор кунем, ки ба мо панди рӯзгор додаанд. Дар ин лаҳза муаллим номдори деҳа Салом ворид шуд, ӯ дар табақе ангуру шафтолуи зард бардошта буд. Табақро дар рӯи дастархон ниҳода, ғайричашмдошт сухане гуфт, ки хоси ӯ набуд. Агар ин хабарро каси дигар мегуфт, худи ӯ бовар намекард. Ӯ баъд аз вохӯрӣ ба ҳозирон гапро аз геологҳо сар кард:

– Дар Мазори шаҳидон трактори онҳо чаппа шудааст.

– Трактори геологҳо? – ҳайрон шуд Саттор.

– Хостанд, вагони худро он ҷо гузоранд. Ва ба ин хотир бо трактор заминашро ҳамвор карданӣ шудаанд. Баногоҳ трактор, чуноне, ки бозичаеро кӯдаке аз ғояти қаҳр дур ҳаво медиҳад, ба қади дара афтодааст.

– Тавба, – гиребон гирифт Камол, – Шунидем духтари Файзи урусро мор газидааст?

– Бале,, чунин воқеа шуда буд. Инаш ҳодисаи дуюм аст.

– Тақдири он бадбахт чӣ шуд? – суол кард Саттор.

– Сардори геологҳо дар мошинаш савор карда, ба маркази ноҳия бурдааст, он ҷо табобат мекунанд.

– Авроҳ мезанад ин бешарафҳоро, – оҳ кашид Камол.

– Саломатӣ чӣ хел? – суол кард аз пирамард муаллим.

– Қувват надорам, – гуфт пирамард.

– Худро ба даст гиред!

– Беморӣ бо хости ман нест, ки тавонам онро бартараф созам,

– нафасаш ба тангӣ баромад.

– Чӣ боиси бемориатон шуд?

– Рости гап намедонам, – пирамард дар чӣ будани мӯҷиби беморияшро гуфтан нахост. Чунки онҳо зоҳиран омадани геологҳоро хуш қабул намекарданд, дар асл таи дил табли шодӣ мезаданд. Пирамард ин чизро дар чеҳраи эшон мехонд, ки дар он нишоту хурсандӣ ҳувайдо буд. Ба ҷуз Абдуқаххори номус, ки ҳанӯз ба навгониҳои ҷомеа назари нек надошт. Рафту аз воқеият хабар ёбанд, намегӯянд дарди маро ҳифозоти нангу номуси Себзор боис шудааст. Агар инро эҳсос ҳам намоянд, амали маро, дарди маро мавриди истеҳзо қарор медиҳанд. Пирамард аз он ашхос дида ба рӯҳи гузаштагон зиёд эътимод дошт, ки дар ин қазия таарруз мекунанд, то ки Себзор ба асли қадимаш баргардад. Чунон, ки хабарҳоро дар ин маврид шунид.

Рӯзи дигар субҳ хабари нав шунид, чашми яке аз геологҳо ҳини шикастани чӯб дар дарахтзори мазори шаҳидон кӯр шудааст. Нафари дигар бошад ба оббурда афтода, ҷисмашро баъд аз ду-соати ҷон канданҳо берун баровардаанд. Пирамард аз шунидани ин хабар даст ба гиребон бурд. Куҷост Файзи урус, ки бинад? Куҷоянд шаккокон? Куҷоянд он бегонапарастон? Куҷоянд, куҷоянд, куҷоянд?.. Шиддати дарди пирамард, ончунон баланд буд, ки ҳини баёни афкор ба эҳсосот дода шуда, ғофил монд, ки ҳамсару набераaш он ҷо ҳузӯр доранд. Ӯ инро вақте дарк кард, ки кафи дасти Моҳсурат ба ҷабинаш гузошта шуд, ба хотири дарки ҳарорати бадани ӯ.

– Бобоҷон, – ба ҳарос афтод Фаридун.

– Лаббай…

– Бархезед!

– Наметавонам… – сар ба болин монд. Аз шарм, чашмонашро пӯшид.

– Куҷоятон дард мекунад? – суол кард Моҳсурат.

– Маро ба ҳоли худ гузоред!

Моҳсурат паи кори худ рафт. Фаридун такя ба сутуни айвон дода, ба андеша рафт. Хабари ба шаҳр хонда шуданашро шунида, хиҷил шуд. Хабарро муаллими мактаб Ҳаллим овард. Ба гуфти ӯ расо баъд аз як ҳафта падараш барои ӯ мошин мефиристад. «Намеравам!» – гуфт кӯтоҳ ва қатъӣ. Баробари ба хотир овардани модар дилаш сиёҳ шуд. «Падару модарро интихоб намекунанд. Не, намеравам. Намеравам. Наметавонам, ӯро бинам.

Дигар онҳоро таҳаммул карда наметавонам». Пеши назараш чеҳраи холаҳояш, ки аз ҳама ганҷи олам, одаму одамгарӣ, боло пулро медонистанд омад. Бобояш бибияш, марди чашмтанг ва ниҳоят падари ғамхораш, ки аз онҳо дида ба касбу кораш мафтун буду вақташро зиёд ба он сарф мекард. Дилаш ба падараш сӯхт. Азм кард дар нахӯст фурсате, ки ба ӯ даст медиҳад, ҳама воқеаро фош месозад, мегӯяд, ки модараш хиёнатпеша аст. «Мегӯям, бигзор ҷудо шаванд. Бигзор бо ҳамон чашмтанг монад, ки ба ӯ бобову бибиям зиёд таваҷҷӯҳ доранд, падарамро ҳатто дар радифи ӯ намегузоранд. Намеравам. Агар исрор кунанд. Танҳо дидори падарамро талаб мекунаму халос… Агар падарам, маро қабул накунад? Гуфтори маро сафсата бидонад? Он гоҳ ман, якумр дурӯғгӯй, бадният шинохта мешавам». Пирамард риштаи хаёлоти ӯро барканд.

– Ин садои чист?

– Садои путки геологҳост, ки ба замин фона мезананд, – гуфт Фаридун.

– Ту он ҷо будӣ?

– Не, дидагиҳо гуфтанд.

– Саттор куҷост?

– Он ҷо рафтааст.

– Уф… – пирамардро арақ пахш кард, дилашро дард фишор дод. Ва он аз шонаи дасти чапаш тадриҷан ба зери каш гузашта, сипас дар қафаси сина ворид шуд ва якбора дилашро ба каф гирифта, онро фишӯрд. Сахт фишӯрд, чунон фишӯрд, ки бегумон оҳ гуфт. Кампир ба сӯяш шитофт.

– Чӣ гап шуд?

Пирамард лаб газид, вале дар ин ҳолат низ шармаш омад ва ба фишор додани лабон қаноат ҳосил кард, чун эҳсос кард, ин амалро занон ҳини зоиш, аз ғояти дард иҷро мекунанд. Ва тадриҷан худро ба даст гирифт. Танҳо ба ғур-ғур даромад. Садқаи номи мардӣ шаванд? Дирӯз худро ҳомии нангу номус арзёбӣ мекарданд. Имрӯз бошад, якбора ҳаваси дидани фонаи чор аҷнабӣ карданд. Ҳушашонро бурдааст… Э…

– Чиҳо мегӯед мардак?

– Ту ҳам нарафтӣ?

– Куҷо?

– Аз паси мардони бонангу номуси Себзор. Назди геологҳо…

– Вақти ҳамин гуна гап аст, мардак?

– Боз чӣ буд?

– Худо бигӯед, ки танатонро шифо бахшад.

– Масхарабоз, ту ғами маро мехӯрӣ?

– Боз чӣ?

– Мурдаи маро меноливу чашм ба кӯча медузӣ, ки марди кирой аз дарат медарояд ё не.

– Бахудо девона шудаед мардак.

– Ман девона шудаам, рост. Ту фикри ягон мардаки ҳушёр бикун!

– Ба шумо чӣ шудааст?

– Намебинӣ?..

– Мардакҷон, худро ба даст гиред! Ҳозир ягон кас аз дар медарояд. Айб аст, боз пеши онҳо шарманда нашавем.

– Шарм медорӣ?

– Бешарм нестем.

– Ту хиёнаткор, гапи чор ҷугиро аз ман боло медонӣ. Боварии маро, ки тӯли панҷоҳ сол ба ту доштам ботил кардӣ. Ман аз дасти ту ба ин ҳол афтодам.

– Аз дасти ман?

– Аз дасти ту!

– Не, мардакҷон, шуморо геологҳо ба омадани хеш, ба ин ҳол гирифтор кардаанд. Ҳоло бошад садои путкашон дучори қаҳру ғазаб намудааст. Гуноҳро ба ман бор накунед, шарм доред!

Пирамард як дам лол монд, лабонаш парсинг баст, арақи ҷабинаш хушк шуд. Ва чашмони булуқаш аз ҳаракат монданд. Ӯ ҳаргиз интизор набуд, ки аз дасти ҳамсари мулоимхунукаш ин гуна гап меояд. Ӯро бо дурӯғгӯӣ муттаҳам мекунад. Боз пеши наберааш. Дарду алам якбора дар қалбаш нуфуз кард ва чунон ки вулқон метаркад, ҷӯшид.

– Ту қанчиқ, маро дар бистари беморӣ дида, гумон кардӣ, ки дигар намехезам? Маро мурда хиёл кардӣ? Э марг ба сабру тоқатат. Ту дасти худро боло дидӣ? Тасаввур кардӣ, ки Шерзод мурдаасту дигар, ба по намехезад? Ҳамин тавр? Чӣ хомӯш мондӣ, гап зан?! Ба андешаи ту Шерзод аз паи шерон рафт, хона чун Себзор ба дасти ту барин беномус монд?

Моҳсурат аз карда ҳазор бор пушаймон шуд, намедонист бо кадом роҳу восита ӯро ором кунад. Хомӯшӣ ихтиёр карда буд, вале бемаврид, худро маломат мекард, ки сабурӣ накард, пирамардро ба шур овард, ҳарчанд медонист гапбардор нест, ба ху-

сус ба ҳарфу садои зан. Номусаш таҳрик меёфт, сабру таҳаммулаш осеб медид.

– Чаро гап намезанӣ? Бирав, табарро бигир, ба сари мани бемор бизан! Корат осон мешавад, зиёд интизор намешавӣ, дунёи кушод ба назарат боз кушодтар мешавад. Чӣ истодаӣ? Зиёд худро азият мадеҳ! Эй кунда, ба ту мегӯям? – пирамард канда шуд, авзояш тағйир ёфт ва ба болин сар ниҳод. Фаридун тарсид.

– Бобоҷооон… Бобоҷоон…

– Гиря накун, хаста шуд. Охир ӯро доду шавқун бардоштан мумкин набуд.

– Пас чаро, ӯро асабӣ кардед, бибӣ? Намедонистед, ки ба гап тобовар нест, зуд ба хашм меояд. Акнун ба ин ҳол афтод, – оби дида мекард Фаридун ва аз ҷой хест, – меравам.

– Куҷо?

– Духтӯр ҷеғ мезанам.

– Ҳеҷ ҷо намеравӣ, ҳозир ба худ меояд, ӯро оромӣ, хоб зарур аст. Аз ин боб ташвиш накаш!

– Чаро ин қадар бепарвоед бибӣ? – бо тааҷҷуб ба рӯи кампир нигарст Фаридун, – Магар дарди бобоям то ҳамин андоза, сабук аст?

– Бобоятро ғам ба ин ҳолат расонидааст. Ва ғамро бо ин амал аз ҷисмаш метавон рафъ кард. Танҳо оромӣ лозим ба ӯ.

Ин лаҳза аз дар пирони деҳа, Абдуқаҳҳори номус, Камоличашми давлат ва Саттори роздону дардфаҳмаш даромада омаданд. Омаданду рӯи кӯрпачаҳои гӯстӯрда гузашта нишастанд, чойро, ки дар болои зарфаш, сачоқ ниҳода буданд, барои нигоҳдоштани гармӣ кашида ба якдигар муроот намуданд.

– Аҷаб коре шуд, – пусханд зад Саттор, – ба қавли сардорашон ин замин ҷин дорад. Ман ба ӯ гуфтам, ба мазор беҳурматӣ накунед, ки ба ягон балои дигар гирифтор нашавед! Сардорашон аз имон бу бурдагӣ нест. Як марди Худозадаи, булғундорӣ, бешарафи беҳаё будааст.

– Духтари Файзи уруса, ба даҳони мор партофтагӣ ҳамон аст, – писханд зад Камол.

– Ҳамин уштӯри пурғамза?

– Ана ҳамин…

– Ё тавба, куҷои ӯро маъқул карда бошад?

– Ҳамон ҷои даркорияша…

– Худоё Худовандо, имону амону тандурӯстиро ба ҳар як

бандаат ато фармо, ки чунин шармандагиву беимониву бешарафиро, дигар тобу тоқати дидан надорам, – гиребонашро ду даста гирифт Абдуқаҳҳори номус.

– Куҷо шуд он бешараф? – суол кард Саттор.

– Ба шунидам, дар беморхонаи ноҳиявӣ даво наёфта, аз ин ҷо ба Душанбе бурдаанд, – ҷавоб дод Камол.

– Илоҳо ҳаргиз даво наёбанд, – дуои бад кард Абдуқаҳҳори номус.

– Чӣ мегӯяд сардорашон? – суол кард Камол аз Саттор.

– Ҳамон чизе, ки Файзи урус мегӯяд, гӯё ҳардуро як модар зоида бошад.

– Як модар назоидааст, вале пайванду қаробат пайдо кардаанд, агар мори шарза пайдо шуда, ин пайвандро намешикаст, – бо оҳанги дурушт гуфт Абдуқаҳҳори номус.

– Кори хуб шуд, умуман Себзорро аз азал баробари мардони бономусаш, дарандагон ҳифз мекарданд, имрӯз ба ҳифозоти он хазандагонаш камар бастаанд, – гуфт Камол ва ба реби чашм ба ҳозирон нигарист.

«Вой аруси хонаам… вой гули хазонам, вой ҷигари кабобам, вой моҳи тобонам. Дар ин рӯзи рушан куҷо рафтӣ? Чароғи баркро надида рафтӣ? Ободиро надида рафтӣ?» Ин овои гиряолуди Файзи урус буд, ки ҳозиронро безобита кард, ҳама лаҳзае моту маҳбут гӯш ба овои дардолуди бадмаст доданд, ки аз куча меомад.

– Аҳ бача, духтари девонаро чӣ балое шудааст? – нимхез шуд Камол.

– Худо душмани каса ба ин бало гирифтор накунад! – оҳ кашид Саттор.

– Қаҳри парвардигор омадааст, – чашмони гӯсфандияшро, ки дар миёни чинҳои зиёд монда буд ба нуқтае дӯхт Абдуқаҳҳори номус.

– Кай хоб кард? – ба Фаридун рӯ овард, Саттор.

– Як бист дақиқа шуда буд, то омадани шумо.

– Хоби сахташ бурдааст, – гуфт Камол, – мон бихобад, хастагияш мебарояд.

– Хестем! – гуфт омирона, Камол – чашми давлат.

– Саг аст, лекин худист, – ночор аз ҷой хест Абдуқаҳҳори номус.

– Дар чунин рӯз мефаҳмад, ки инсон будан чӣ маънӣ дорад.

Мастӣ оқибат ба пастӣ мебарад, – гуфт Саттор пойпӯши онҳоро пеш монда, ба Фаридун ишора кард, ки ин амалро минбаъд ёд гирад. Ва худ аз паси онҳо баромад. Фаридун онҳоро то дами дар гусел карду шитобон баргашт

Пирамард чашмонашро кушода оҳ кашид.

– Рафтанд?

– Хонаи Файзи урус рафтанд.

– Фаҳмидам, бедор будам, қасдан худро ба хоб задам. Беномусҳо, – бо таассуф сар ҷунбонд. Боз ваяшро Абдуқаҳҳори номус ном ниҳодаанд. Шунидӣ чӣ гуфт?

– Чиро?

– Суханашро…

– Кадом суханашро?

– Бо забони тоҷикӣ гуфт, ки Файзи урус саг аст, лекин саги худист. Куҷои ӯ саг аст? Садқаи сагӣ шавад. Ӯ шағол аст. Саг вафо дорад. Аз саг бадӣ намебарояд. Ин шағол ҳар шом дар назди масҷид онҳоро интизорӣ мекашид, ҳамин ки рӯ ба рӯ омаданд дучори таҳқир мешуданд. Таҳқир медиданд, вале таҳаммул мекарданд. Худашон мегуфтанд, рӯзе ба пастӣ задӣ, мо даркор мешавем. Он гоҳ остони даратро зер намекунем. Дидед, ки пеш аз ҳама ба сӯи хонаи ӯ давиданд. Худоихӯрони беномус. Фикр накарданд, ки ҳамсафашон бемор аст, дастгириву ҳарфи тасаллояшонро интизорам. Баъд аз намози бомдод ба назди домодашон рафтаанд.

– Домодашон кист?

– Геологҳо… Духтари Файзи урусро дар ҳамон луҳзае ки пояш ба ин ҷо расид ҳалол карданд. Язнаашон мешавад, ба мову шумо ҳам ҳамчунин. Барои дидани ӯ рафтанд, ки бубинанд чӣ гуна мард аст. Дигар гапҳояшон дурӯғ аст. Мо рафтем, ки бубинем, мазор дар чӣ ҳолат аст? Ва ғайраву ва ҳоказо… Ба ин бовар надорам. Рӯяшонро ба куни дег сиёҳ мекунанд. Бале, яқин мақсади ин беномусҳои даюс дидани сардори геологҳо буду бас. Акнун хунук, ки шуданд, боз барои тасаллои дили даюси дигар, ҳамсафи худашон ба хонаи ӯ рафтанд. Рафтанд, ки духтари бадзоту ҳароммурдаи ӯро ба хок супоранд. Ӯро гӯр роҳ намедиҳад, мебинед.

– Киро?

– Духтари Файзи урусро…

– Чӣ хел ба роҳи бад рафту нафаси кашидааш гуноҳ содир

намуд, ба ин бало гирифтор мешавад. Ҳа писарам, ман мурдаву ту зинда инро мебинӣ бо ду чашми сар. Дар ин айём ҳар сари қадам бо чунин ашхос рӯ ба рӯ мешавӣ. Оқибат ҳамаи онҳоро ҳамин чиз интизор аст.

– Чӣ бобоҷон?

– Бадбахтӣ…

Пирамард ончунон гуфтан кард, ки аз ғояти хастагӣ, сараш ба бистар афтод, Фаридунро низ хоб бурд. Гиряи Файзи урус деҳаро ба сар бардошта буд. Пиру барнои Себзор тобути духтари ӯро ба назди масҷид бурданд. Ҷаноза хонда шуд. Ва ҳамчунон тобутро ба гӯристон оварда ба хок супурданд. Теппаи қабр гӯё лаҳза ба лаҳза обила карда, он тадриҷан бузӯрг мешуд. Одамон бозпас гаштанд, баъд аз шиба кардани теппаи қабр. Ҳамагӣ ҳафт қадам нагузошта буданд, ки гулдурос замину замонро ларзонд. Гӯр ба осмон хест, мурдаҳам бо кафани тикаву пора, бо хоку чанг омехта, аввал ба осмон сипас ба қади дара афтод. Ҳама чун лашкари аз тиру тупи ҳариф ҳаросон рӯи замин хобида буданд. Чун оромӣ ҳукмрон шуд, як-як чун калаи тарбуз сар бардоштанд. Ва ба рӯи якдигар саволомез нигаристанду нимхез шуданд ва ба гӯри беодам назар духтанду ҳайраташон афзуд. Касе тӯли умр ин ҳодисаро дар хотир надошт. Яқин ин кори душманон аст. Онҳо дар гӯр бомба гузоштаанд. Ва мурдаро кофта аз нав гӯр карданд. Ҳамин, ки аз гӯр ҳафт қадам дуртар по монданд, боз гулдурос баланд шуд, одамон ба замин хобиданд аз тарс. Чун ба худ омаданд, дигар касе аз паи дафни мурда нашуд. Ҳатто Файзи урус аз ҳама пеш думро хода кард…

Фаридун аз шарфаи пои Саттору Абдуқаҳҳору Камол бедор шуд. Хушҳол буданд. Гӯё аз сур омада бошанд. Пирамард ин дафъа чашм кушод. Вале чизе нагуфт. Онҳо худашон воқеаро бозгу кардаанд. Файзи урус маст шуда, пеш аз пода чанг андохта будааст. Духтарашро дармон карда ба по рост кардаанд, аммо бадмаст инро дигар хел фаҳмидааст. Ва сабаби гиряву шеванашро ҳамин чиз боис шуда.

– Ҷанозаро хондед? – пусханд зад пирамарди бемор.

– Рости гап, тааҷҷубам зад, ки дар ин рӯзи хуб, рӯзи одина мурд, пешнамозии намози ҷамоат ба ҳар кас муяссар намешавад. Бо ин фикру хиёл, кулбаи Файзи урус рафтем, ки ҳама пиндори мо ботил баромад. Духтараш дар хона, каме мелангид. Сардори геологҳо болои чорқабат кӯрпача якпаҳлӯ зада, бо ӯ

хушгӯӣ мекард. Худи Файзи урус бошад дар болои кати симтӯрӣ дароз кашида, лабу лунҷашро пашша ғов карда буд. Аз духтараш саҳл пурсидем, ки ин мардак кист? Писари тағои модарам, гуфт.

– Шояд рост гуфта бошад, – шубҳа кард Камол-чашми давлат.

– Зани Файзи урус, ягон хеш надорад, ҳатто волидонашро намедонад, ки кист? Ӯро аз аскарӣ, оварда буд. Тоҷикиро намедонист, баъдтар иқрор шуд, ки дар сағирахона тарбият дидааст, – гуфт Саттор.

– Пас духтараш ба таври худ сиру савдояшро пинҳон кардааст?

– Бале,, гумонаш мо гови гарангем.

– Садои путкашон ягон лаҳза оромӣ надорад, гӯшу майнаамро хурданд, ба ҷои он ки саломатиам беҳбуд шавад, якбора хуруҷ карда истодааст, – ба шикоят даромад пирамард.

– Мекобанду корашон барор намегирад. Мераванд боз ба ҷои дигар, – хулоса кард Камол.

– Бовар доред, ки корашон бенатиҷа анҷом меёбад? – дар чеҳраи пирамард сурхӣ дамид.

– Агар ёбанд, деҳаро каму беш обод мекунанд, роҳро ҳамвор карда, барқ мегузаронанд, – гуфт Саттор.

Пирамард аз ин сухани Саттор хиҷил шуд, таи дил дашномаш дод. Вале сир бой надод. Дар кунҷи дилаш оташи умед дурахшид, ки онро хулосаи Камол боис шуд. Кош наёбанд? Кӯшишашон бенатиҷа анҷом ёбад. Чашми ҳамаашон осиёби маро дидаанд. Мехоҳанд осиёби барқӣ сохта, эҳтиёҷро ба осиёби ман барҳам зананд. Бухлпешаҳо, Худо хоҳад ба мақсад намерасед. Кору мақсади шумо ба ҳован об кӯфтанро монад. Дуконҳои оҳангариву кулолгарӣ, заргариву гаҳвортарошӣ, аз кор монданд. Он сӯстпаймонҳо корамон равнақ надорад, гуфта аз пешаи бобу ҷаддашон даст кашидаанд. Касе ёфт намешавад, ки ҳунари онҳоро пеш барад. Мани сарсахт танҳо мондаам. Фишор ҳаст, ҳарчиқадар, фишор оваранд ҳамон андоза, ман ҳам истодагарӣ мекунам. Ана ҳамин ҳам фишор аст. Гурс-гурси путк, гӯё майнаамро талқон мекарда бошад, ҳеҷ тоқати сабру таҳаммул надорам. То кори онҳо поён меёбад, ки мадорам хушк мешавад.

– Ҳеҷ беҳбудӣ ҳаст? – Абдуқаҳҳори номус рӯ овард ба пирамард.

– Ин садо якбора асабамро хароб кард. Гӯшҳоямро мебандам, намешавад.

– Ин тавр бошад, ягон ҳафта шаҳр равед, дар хонаи Ғуломалӣ истед. Шояд то он рӯз корашонро тамом кунанд.

– Не, кори онҳо будшавӣ надорад. Ба фикрам, ин ҷо муқимӣ шуданд. Шаҳр мӯҷиби раҳоӣ аз ин ҳол нест. Ҳамин ки ягон фикр мекунам, – гуфту ба андеша афтод, дигар онҳо чӣ мегуфтанду мавзӯи сӯҳбаташон чӣ буд, ӯро ба худ намекашид. Ба банди фикру хаёли худ афтода, атрофи он меандешид. Меравам ба ғори аждодон. Танҳо меравам, дигар ин кампири аблаҳро бо худ намегирам. Ӯ ба ман хиёнат кард. Дар ҳамин синну сол. Шояд ин барои дигарон аҳамият надошта бошад. Аммо барои ман душвор аст. Сахт душвор аст таҳаммул кардан. Фаридунро бо худ мегирам. Ӯ дастёри хуб аст. Маро мефаҳмад, дар ҷисми ӯ яқин хуни ҷавонмардон, ки аз гузашатгон тавассути хуни ман ба падараш ва сипас ба ӯ гузаштааст ҷараён дорад. Ӯ посдори урфу одат, хулқу хуй ва зеҳну тафаккури миллии мо хоҳад буд. Ман инро аз падараш тақозо мекардам. Аммо ӯ роҳи дигарро интихоб кард. Роҳи ӯ ҳам роҳи бад нест, боиси ифтихор аст. Аммо, андешаи миллат, нангу номус, ягон зарра ӯро ба ташвиш намеорад. Ташвиши ӯ дигару дигар аст, андешааш ҳам ба фикру хаёли мо монанд нест. Гӯё аз ин макон аз ин замин набошад. Мудом андешаеро ба сар дорад, ки на ман ва на каси дигар, ба он сарфаҳм намеравем. Дар ин деҳа низ маро намефаҳманд. Гӯё кору кирдори ман ба андешаи давру замон мувофиқ набошад. Модом, ки ҳамин тавр аст, дигар дар ин ҷо истоданам маънӣ надорад. Бояд, ки биравам, ба ҷое биравам, ки он ҷо касе набошад, овози ин дурӯяҳоро дигар нашунавам. Танҳо бошам ва танҳо бимирам, баъд аз он ки мақсадам амалӣ шавад.

Пирамард чашмонашро пӯшида буд сараш ғувос мезад, лабони хушку парсингбастаашро бо забонаш тар мекард. Мӯйсафедон ҳам хомӯш набуданд, бо ҳам аз ину он ҳарф мезаданд. Фаридун ин дафъа тоби шунидан надошт, ба хусус сухани онҳоро, ки барояш аҷоибу ғароиб менамуд. Хоби дидааш ончунон воқеӣ намуд, ки гумон мекард дар бедорӣ дида бошад, ҳама ҷузъиётҳои он равшан дар хотираш монда буд. Мӯйсафедон бошанд, аз гумони ботилашон ҳарф зада сардори хомфарбеҳу бадрӯи геологҳоро ба зиштиву бадзабонӣ таъна мезаданд, ки нотавонбинии онҳоро дар ниҳод рашк эҳсос мешуд. Сӯҳбаташон

ба пирамард низ хуш намеомад, ки худро хаставу хоб вонамуд медошт. Дар асл андешааш ба ғори аҷдодӣ, ки бозгашт ба он мақсади ниҳоияш маҳсуб меёфт, печида буд. Деги сафолин, кӯзаи сафолин, табақи сафолин, қошуқи чӯбин, корди дастааш чӯбин, табар, теша, арра ва ду-се кӯрпача, кӯрпа ва чанд ҷомаву ҷелакро дар хар бор мекунаму меравам. Бо кампир хайру хӯш намекунам. Хайбарро намебарам. Агар биояд аз қафо чизе намегӯям. Шарики бад нест. Аммо Фаридун, мушкилӣ эҷод мекунад. Падару модараш моне мешаванд. Кӣ хоҳиши кӯдакро ба инобат мегирад? Ба хусус Ғуломалӣ, ки танҳо хоҳиши дар рӯҳияи нав тарбия кардани ӯро дорад. Модараш ку даҳ солаҳо пеш рафтааст. Ба ҳар ҳол дар бораи ӯ, алъон фикр кардан барвақт аст. Намешавад, дар ин бора ба ӯ маслиҳат кард. Интизор бояд шуд, ки падару модараш чӣ хулоса мебароранд. Вақт дар пеш аст. Пирамард ба лақ-лақи онҳо гӯш намедод, хафа буд, ҳарчанд зоҳир намекард.

– Либоси духтари Файзи уруса дидед? – муғамбирона аз зери чашм нигарист Саттор.

– Тавба-тавба, – гиребон гирифт Абдуқаҳҳор.

– Сатрро ба ҷо наовардааст, вале ин ҳоло дарди бахайр, дар шаҳр аз ин бадтарашро дидан мумкин. Шаҳр ҳам не, Хами сафедоронро бигӯ. Инро пешрафти ҷомеа мегӯянд. Ҳарки узвҳои шармоварашро пӯшонд қафомонда будааст. Мо ба назари дигарон бозмондаем.

– Парво накун, як-ду моҳ пас аз Хами сафедорону Душанбе ҳам мегузарем. Сабр кунед, ки геологҳо корашонро буд кунанд. Корро аз хонаи Файзи урус сар кардаанд. Шароб Файзро бешарму беномус кард, духтари фоҳишааш чанд марди дигарро ба ин роҳ мебарад. Ду-се моҳ пас мебинед, ки пайравонаш кӯчаро чун пода хок ба сар мекунад. Дар пеши чашми мо, ахлоқ вайрон мешавад, аммо мо мӯҳр ба лаб задаем. Ҳамин ҳам одамгарӣ шуд? Ахлоқ ки вайрон шуд, нангу номус намемонад. Ана аз чӣ ман метарсам, – гуфт пирамард, ки натанҳо Фаридун, балки дигарон низ мутаваҷҷеҳи ӯ шудаанд.

– Рост, – оҳ кашид Абдуқаҳҳори номус, – мо то ба дараҷае, ки аз фасод, аз пастӣ бароем чӣ қадар заҳмат накашидем. Чӣ қадар китобҳо дар ин роҳ мавриди мутолиаи гузаштагон ва муосирон қарор нагирифт. Ҳамаи ин барои он буд, ки ахлоқи намунавӣ ва ӯстувор созем, ҷодаи мукаммал ва дурӯст бунёд гузорем. Имрӯз

дидед, ки ба чӣ омада расидем? Дурӯст гуфтед, ки мо мӯҳр ба лаб задаем. Мӯҳр ба номус, ба қалб, ба гурда…

– Ба гурда? – пусханд зад Саттор.

– Бале,, дилу гурдаамон карахт шудааст. Охир мо худро шерзод мегуфтем ва дигарон ҳам чунин мепиндоштанд. Имрӯз дидед, бо ду чашми сар дар хонаи мардак, кадом як хомфарбеҳи сурхидаи бадафт, ришу мӯи сарашро дурӯст шона назадааст, ба чӣ кор машғул аст.

Гуноҳи мо калон аст. Мо ба ӯ созиш кардем. Мо имкон додем, ки ин аблаҳ, дар деҳа озод бигардад, озод нӯшад. Озодона фикрашро баён кунад. Баъзан, ба сухани ӯ механдидем, гоҳо бо истеҳзо, гоҳо бо тааҷҷуб ва мешуд, ки онро ҳақ меҳисобидем. Кӣ гунаҳгор аст ба ин? Мо худамон. Ӯ бояд деҳаро тарк кунад. Деҳа ҷои зисти онҳо нест. Медонам, ки ин хилофи қонунҳои имрӯза аст. Вале намешавад, ба он созиш кард. Мо худамон то имрӯз зистем, мусоидат кардем, ки ахлоқ пойдор бимонад, аммо то охир иродаамон нарасид. Коре кардем, ки хилофи одобу ахлоқи ниёгон шуд, – мӯйсафеди Абдуқаҳҳор, ба Саттор рӯ овард ва оҳ кашид. Ёд дорӣ падарат чойеро, ки дар он қанд андохта буданду он кафк дошт нахӯрд?

– Ёд дорам.

– Фикр мекунӣ, ки ӯ нафс надошт? Худро идора мекарданд, медонистанд, ки агар ин шириниро истеъмол кунад, минбаъд зиндагӣ талх мешавад. Одамон ба фарқи ҳарому ҳалол намераванд. Онҳо рӯзашонро талх карда, аз лаззати зиндагӣ даст мекашиданд, ба хотири он ки мо вайрон нашавем. Мо чӣ? Мо чӣ кор кардем?

Пирамард оҳ кашид, тагсариро баландтар монд, суханони Абдуқаҳҳори номус қоматашро рост кард. Ва табассум даври лабонаш дамид, ки дар ниҳод захр дошт.

– Бо чашм дидед!

– Мурданамон беҳ, – ҷабинаш чин хӯрд, чашмонаш хурд шуд, чун чашми Чингиз ҷаҳл болош гирифт ва ба ҳозирон як-як нигарист, – афсӯс, ки танҳоям, вагарна як лаҳза намемондам аз ин боду ҳаво нафас гиранд.

– Асабӣ нашавед, танҳо нестед, – гуфт пирамард, рӯи ҷойгаҳ нимхез шуд.

– Аҳволатонро худатон намебинед?

– Саломатиатон на танҳо ба худатон, балки барои хурду ка-

лони деҳа, чун обу ҳаво зарур аст, – бо ҷиддият гуфт Камол.
– Барои аҳли деҳа? – ҳайрон шуд пирамард
– Бале,, ҳайрон нашавед, назди осиёб даҳҳо халта гандум ҷамъ шудааст.
– Хами сафедорон набурданд? – бо пичинг гуфт пирамард.
– Ба қадри орди сангӣ акнун расидаанд.
– Ассалому алейк… – аз дар даромад муаллими Салом, ба ҳозирон вохӯрӣ кард, – мебинам, ки саломатиатон рӯ ба беҳбудӣ овардааст, – ба пирамард рӯ оварда гуфт ӯ.
– Худоро шукр!
– Гапи нава шунидед?
– Не…
– Файзи уруса, бузаш бо шох зада, шикамаша дарондааст.
– Бузаш? – ҳайрон шуд Саттор.
– Кӣ медонад? – писханд зад муаллими Салом. Гуноҳро ба шохи буз задаанд. Нозири минтақавиро дидам, гуфт, ки домодаш ӯро шаҳр бурд. Гуфтам, ки домод надошт. Гуфт, сардори геологҳоро гирифтааст. Дар соғаи мотосиклаш бузро мебурд. Куҷо мебарӣ гуфтам? Ташхиси экспертӣ мекунам, гуфт.
– Аҷаб не номусаш, ба ҷунбиш омадааст, – писханд зад Камол.
– Шояд, бо ӯ дасту гиребон шудагист? – хандид Саттор.
– Муҳимаш гунаҳгорро ёфтаанд, – лабханд кард пирамард.
Отаи бонангу номусам, отаи донишмандам, отаи духтардӯстдорам, отаи ростқавлу адолатпарварам. Гиряи духтари Файзи урус деҳаро ба по хезонд. Ҳатто пирамарди бемор ба по шуд. Ҳозирон ҳайрон шуданд. Файзи урус дар роҳ, даруни мошини сардори геологҳо ҷон ба ҷонофарин супурдааст. Духтараш низ он ҷо буд. Дар воқеъ ишкамаш ба ҷои чор панҷ сӯрох дошт, ҳамчунин гулӯяш сиёҳ шуда, дар он паи панҷа дида мешуд. Нозири минтақавӣ сӯст наомад, то он лаҳзае, ки тақдири бузро ҳаволаи ӯ накарданд.
– Душанбе бурдан даркор, – гуфт ба домоди навбаромад, нозир.
– Аз нав зинда намешавад.
– Медонам, қонун талаб мекунад, мурча не, балки инсон кушта шудааст.
– Қотил дар дастат аст, мекушӣ, зинда ба зинда месӯзӣ, ихтиёр дорӣ. Кабоб карда мехӯрӣ, ҳақи ҳалолат.

– Набошад, мурдаро тезтар бардоред, – гуфт нозир қадре нарм шуда.

Аммо Абдуқаҳҳори номус эътироз кард.

– Намешавад, мурдаро ташхис кунед.

– Ба ту чӣ? Додарат набошад, хешат набошад, – соҳиби ҳақ шумурд худро писари марҳум.

– Ҳамдеҳаам аст, – якравӣ кард Абдуқаҳҳори номус.

– Аз рангаш безор будем, – ба гӯши ӯ пичирос зад Саттор.

– Он хук, – ба сардори геологҳо ишора кард, – бояд ҷавоб диҳад, дар назди қонун ва он қанчиқ чун ҳамдаст.

Камол – чашми давлат, ноаён ғайб зад. Аз хонааш ба марказ хабар дод, тавассути телефони мобилӣ. Ва хушҳолона баргашт. Ба Абдуқаҳҳори номус хабар дод, ки мутахассисон дар роҳанд. Мурда мавриди баҳс қарор гирифт. Пирамард низ нагузошт, гунаҳгорон ба мақсад расанд. Ҷасадро мутахассисон таҳқиқ карданд. Буз бегуноҳ баромад. Сардори геологҳо ва духтари марҳумро даст ба қафо бастанду ба мошини милисаҳо бор карданд. Ба ҷаноза иҷозат доданд, аммо марҳумро беҷаноза ба хок супурданд.

– Падари ман чӣ гуноҳ дошт? – Шӯрид писари марҳум.

– Агар ту ҳам пайрави ӯ ҳастӣ, беҷаноза ба хок хоҳӣ рафт, – оташин шуд Камоли чашми давлат.

Рӯзи дигар аз ноҳия хабар омад, ки гунаҳгорон ба ҷурми худ иқрор шудаанд. Кори геологҳо қатъ гардид. Пирамард ба осиёб рафт. Қоматаш рост буд. Дар намозаш ба рӯҳи гузаштагон салавот фиристод, ки дастгиру пушту паноҳи Себзор бошанд. Сипас бо қомати рост, бардам-бардам ҷониби осиёб равон шуд. Фаридун, ки тӯри дар ҳалқаи симин насбкардашудаашро, дар хода баста буд, бардошта бо хушҳолӣ, паҳлӯи бобояш қадам мезад.

– Инро чӣ мекунӣ?

– Сӯзанак медорам.

– Барои чӣ?

– Барои муаллими мактаб, ӯ хоҳиш карда буд, деҳа ки рафтӣ сӯзанаку дигар ҳашаротҳоро дошта биёр.

– Пагоҳ меравӣ?

– Куҷо?

– Хонаатон, шаҳр?

– Не-е…

– Пас сӯзанакро барои чӣ медорӣ?

– Мефиристам… Охир ваъда дода будам.

– Дар ин ҷо мехонӣ?

– Намеравам…

Пирамард даст ба китфи наберааш ниҳод, ӯро ба оғӯш кашид, вале эҳсоси худро баён накард, ки аз фаросарии ин рӯз дошт. Мувофиқи ваъда имрӯз бояд мошини Ғуломалӣ биояд, то ки Фаридунро назди волидон барад. Фардо таҳсил дар мактабҳо оғоз меёбад ва таътил ба охир мерасад. Пирамард аз ин ҷиҳат хиҷил буд, ки бо набераи азизаш, ки дар ҷабини ӯ ҷавонмардиву далериро мехонд, ҷудо мешавад. Ӯро ба шаҳр мебаранду пирамард бо ҳамсараш Моҳсурат, ки вақҳои охир бо ӯ бедимоғ буд, мемонад. Наметавонам. Ман дигар ба ин тоқат карда наметавонам. Нерӯям заиф шудааст. Ба ман дастёр лозим. Дигар каси наздик надорам ба ҷуз ӯ. Падараш думи ҳамон зани бӯқаломунро гирифт. Фикри издивоҷи дигар накард. Ба ёдаш намеояд, ки ақаллан як фарзанди дигар кунанд.

Пирамард ба осиёб баргашт, машғули кори худ буд, болғаву хосиг дар даст санг метарошид, баъд аз беморӣ суръати кораш сӯст буд, нерӯи пештараи ҷисмонияш ҳанӯз барқарор нашуда буд. Вале ба кор ҳаваси қавӣ дошт. Ба набераааш, ки машғули даводав буд бо Хайбар нигарист. Ду рӯз боз таи дилаш сиёҳ буд. Падараш нияти бурдани ӯро кардааст. Агар Фаридунро баранд, пурра ӯ бе дасту по мешавад. Ба ӯ сахт одат кард, ҳине ки бибияш куртаву эзори патнокаш дӯхт, ба сараш тоқии нақшин ниҳод. Ва бо дард хабари бозгашташро ба шаҳр, ба назди волидонаш гӯшрас кард. Фаридун рӯирост не гуфт. Бибияш насиҳат хонд, фаҳмонд, ки волидонашро ба ҳоли ногувор намонад. Нашуд. Намеравам гуфта ду поро ба як мӯза мехаст. Пирамард санг метарошиду нигоҳашро аз роҳ, ки дар фарозӣ ҳар гуна автомобили ба деҳа воридшавандаро дидан мумкин буд намеканд. Набераааш бошад аз ин чиз бехабар буд. Ба ӯ нагуфта буданд, ки рӯзи таъиншуда, фаро расидааст. Ва ин лаҳза ва лаҳзаи дигар, мошини падараш вориди деҳа мешавад, ки ӯро ба шаҳр ба он кулбаи баланд, ки дар ошёнаи шонздаҳум воқеъ афтодааст, бубарад. Пирамардро андешаҳои мағшуш хаста карда буд, аз ин рӯ хосигро канор ниҳода, рӯи санг нишаст, як раҳ ба ҷодаи сангфарш, вале ноҳамвор медӯхту як чашм ба набераи зираку донояш Фаридун. Пирамард ба ҳамсараш Моҳсурат фаҳмонд, ки бо писараш Ғуломалӣ дар ин хусус гуфтугӯ кунад. Ӯро ба гап дарорад,

розӣ кунонад. Аммо вохӯрии онҳо доир нашуд, Ғуломалӣ ин тобистон ба зодгоҳаш ба дидорбинии волидонаш омада натавонист. Кор гуфта, одамгариро аз даст додааст. Хаёлаш ӯро падару модар не, балки шамол овардааст. Чун қатра аз осмон чакидааст. Ҳамин хел яку якбора олими калон шуда, дар ошёнаи шонздаҳум ба сар бурда, чунин деҳаҳои назарногирро чашми сараш надидааст. Пирамард бо дард мегуфт, аламаш мекард. Мисли дигар волидон нагуфтам, ки бачаам дар шаҳри дур меафтад, пулам сарф мешавад. Камбизоатиро баҳона накардам, яккаписар буданашро низ пеши рӯ наовардам. Мисли дигарон, ки зоида пешу пасашонро пур кардаанду намехоҳанд як писарашон аз пеши чашмонашон дур афтад, худро падари ғамхор вонамуд накардам. Ғуломалии мо бошад, заррае андеша надорад Намегӯяд падару модар, хоҳар дорад. Хоҳарашро боре ҳам хабар нагирифт, гӯё андешаву кори дунё ҳама дар дӯши ӯст. Ӯ ҳам яккаписар дорад. Базӯр дар як сол як маротиба мефиристанд. Ҳамон ҳам як ё ду ҳафта, аммо имсол мӯҳлатташро дарозтар кард. Имкон дод то оғози таҳсил дар деҳа монад. Имрӯз он мӯҳлат поён меёбад. Барои мард душвор аст ҷудоӣ аз Фаридун, ки ба ӯ таи якуним моҳи якҷоя будан сахт одат карда буд. Акнун ҳеҷ тасаввур карда наметавонист, ки аз ӯ ҷудо мешавад. Аммо ин воқеа ногузир буд. Зеро набераи ӯ падару модари худро дошт. Ва ғамхорӣ медид, аз онҳо, чунон ки пирамард ба фарзандони худ мекард. Аз миён чандин сол гузашт, пиру кампир ба танҳоӣ одат карда буданд, гумон доштанд, ки боқии умрашон якҷоя бе ҳузӯри набераву абера мегузарад. Аммо Фаридун андешаҳои онҳоро ботил намуд бо ҳузӯри худ, дар ин тобистони гарм.

Пирамард бо ҳавсала кор мекард, санг метарошид, мехост осиёб аз ҳама ҷиҳат ба талабот ҷавоб гӯяд, касе аз коркарди маҳсулоташ дар он зиён набинад. Осиёбҳои барқӣ бо вуҷуди суръати баланд, коркарди осони ғалла, ордро бесифат мекард, кадбонуҳо ба шикоят даромаданд. Завола дар танӯр намечаспад, гуфта, гӯшу майнаи шавҳаронашонро хароб карданд. Ниҳоят роҳи Хами сафедоронро монда, оби дари хонаро софу мубарро диданд. Осиёби меросӣ, ҳама он ношукронро ба зону шинонд, муттаҳам кард, боз ба остонаш хонд, бесавдову даъват, ҳамин тавр бо шаҳомат, бо сифати хуби ордаш.

Фаридун аз паси сӯзанак медавиду Хайбар аз паси ӯ.

Сӯзанаку кунғуз ва дигар ҳашаротҳоро бо тӯр ба даст оварда, дар шишаҳои дору, ки холӣ монда буду онро чанд рӯз пеш шӯста дар офтоб хушконид, мегузошт. Пирамард ба дунёи софу мубарро, амали беғаши ӯ менигаристу ҳавасаш мерафт. Аввал дар фарози роҳ чанг бархост, сипас мошин пайдо шуд, суръаташ тез. Мошини навтарин ҳам набошад, дар ин замон намунавӣ буд. Бо ҳамон чархҳои баланд, камини кушод, дилкашу зебо менамуд. Пирамард як ба мошин нигаристу як ба Фаридун, хосиг аз дасташ афтод, рӯи теша, садои тинг баланд шуд, гӯё огоҳие буд ба Фаридун, ӯ ҳам мутаваҷҷеҳи оҳанг шуд ва чашмаш ба нигоҳи ҳаросону маҳзуни бобояш бархӯрд, ки ба мошини бо суръат ҷониби деҳа оянда лағшиш дошт. Дили Фаридун таҳ зад, мағзи сараш дар инзивои тарс фишор хӯрд. Ва ғайриихтиёр аз замираш чун вулқони шадид даҳшат рӯид.

– Не-е-е-е-еееее…

Ва рӯ ба Ҷангалак оварду фирор кард. Ба гӯши пирамард, ки ин дам риштаи нигоҳашро аз мошин канда ба писарак дӯхт, овои шерони Себзор расид, ки дар қаъри асрҳои дароз гум шуда буд. Ва ҳар лаҳза танини он боз ҳам кашиш хӯрда, эҳсоси ғайриодиеро дар замираш ба ҷунбиш овард.

– Неееееее… – овои писарак ҳар қадар ки аз деҳа дур мешуд, чун садои раъд баланд гашта, шерони овозадору қавипанҷаву тездандони Себзорро хотирнишон мекард. Дави писарак суръат дошт, суръати баланд, то мошин ба осиёб расид, ки писарак охирин хомаи баланди суфашакли Себзорро, ки дар паси он Ҷангалак воқеъ афтода буду дар замонаш болои он яке аз шерон камин мегирифт, баромад ба сӯи мошин ва бобояш нигарист чун шери нар. Дили бобояшро аз ғояти изтироб ларзонд. Ва паси он нопадид шуд. «Куҷо рафтӣ шери бобо?». Пирамард воқеаро ба ронандаи писараш нақл кард. Ронанда ҳодисаро ба Ғуломалӣ расонд. Аҳли деҳа аз паси Фаридун афтоданд. Ҷангалак, ин ҷузъи дарахтзори бузӯргро, ки чун нишона дар васати Себзор ва фарози барфшуха доман гӯстӯрда буд, таҳу рӯ карданд. Натиҷае ҳосил нашуд. Рӯз ба шом расида буд. Ғуломалӣ бо дастаи ҷӯяндагон бори дигар, бо сагони бӯйгир Ҷангалакро сар то сар ҷӯстанд, дараки Фаридунро наёфтанд. Пирамард бемориро фаромӯш карда, хастагиро намедонист. Ӯ ба сӯи ғор роҳ пеш гирифт. Кори хуб накардам, ки ғорро ба ӯ нишон додам. Акнун ӯ дар ин торикӣ, он ҷо чӣ кор мекарда бошад? Чӣ кори кардаги-

аш буд? Э хок бар сарам… Ду моҳ гул барин нигоҳубинаш кардам. Дар охир ин бало ба сарам омад. Чӣ кор кунам? Сарамро ба куҷо занам? Пирамард дар обу арақ тар шуда буд. Оҳу уфкунон роҳ мерафт. Дар пайраҳаи танг пешпо хӯрд, аз шохи бодоми талхдона, ки дар нишебӣ рӯста буд, илоҷе карда дошт ва худро аз варта раҳо кард, боз ба нишебӣ роҳаш идома дод. Аммо вараҷааш гирифт, даҳшат тадриҷан дар вуҷудаш раъша давонд. Охир бепарво буд, саҳл монд, ки ба варта афтода, худро ба ҳалокат расонад. Варта ниҳоят баланду бадҳайбат буд. Шарманда мекунад ин бача маро. Фикрашро бинед, фирор кард аз шаҳр. Сода… Ҳама рӯ ба шаҳр овардааст. Дар хобу бедорӣ орзуи инро доранд. Ӯ бошад аз шаҳр безор. Чӣ мӯҷиби ин амали ӯ шуда бошад? Чаро чунин тасмим гирифтааст? Охир ҳама чизи замонавиро дорад. Аз ягон чиз танқисӣ накашад, пас чаро мегурезад? Ҳайронам… Пирамард ҳамчунон бошитоб, танҳо мерафт. Ба самте равона буд, ки он ҷо будани Фаридунро касе гумон намекард. Он ҷоро худи ӯ, пирамард ба ӯ нишон дод. Ба хотири он ки бидонад замони хеле дур аз он ҷо баромадаанд, тӯдае будаанд муттаафиқу якҷоя мехӯрдаанд, якҷоя шикор мекардаанд ва якҷоя мехобиданд. Тоҷ надоштаанд он вақт, шерон низ дар он замон бо онҳо аҳди ёрӣ набаста будаанд. Буд рӯзе, ки ба азми паноҳ бурдан ба ин ғор ва фирор аз ҳамдеҳагон соатҳо андеша мекард. Тадриҷан ин фикр дар мағзаш заиф мешуд, чунин эҳсос болош мегирифт, ки гӯё ҳеҷ гоҳ дар ин хусус хулоса набаровардааст. Оҳиста-оҳиста пирамард ба деҳа, одамонаш боз қарин мешуд, боз Себзорро дӯст медошт. Инак, дар ин шоми тира, дар ҷӯстуҷӯи набераи дӯстрӯяш ҷон мекоҳонд. Бо шитоб афтону хезон, мувофиқ ба тақозои роҳ, дараҷаи пастиву баландӣ, вусъату паҳно хамидаву чамида, давидаву парида мерафт.

Акнун ба падари ту чӣ ҷавоб медиҳам? Модари ту дар чӣ хаёл бошад? Ҳафт пушти моро аз лаҳад бароварда, дашному дуо мекунад. Ту бошӣ ин чизро андеша намекунӣ. Инсон ҳаргиз ин корро ба худ раво намебинад. Нишони маҳбубият пайдо кардан низ ин нест. Не, Фаридун ту биё, ба шаҳр бирав. Зеро ту ҳоло дар ихтиёри худ нестӣ, тасмими тӯро касе дарк намекунад ва ба инобат намегирад. Ман худро дар назар надорам. Медонӣ барои чӣ ман танҳоям. Биё худатро нишон деҳ Фаридун. Ҷони бобо, азизам, ту куҷо паноҳ бурдаӣ? Ту оё медонӣ, ки роҳи наҷот аз дунёи мутамаддин ин нест? Ту оё медонӣ, ки хилофи аҳли ба-

шар амал кардан девонагист? Ту оё медонӣ, одамизод аз бунёд роҳи фирор аз зулмотро меҷӯяд? Донистан намехоҳӣ, медонам. Ту ҳам якравӣ дорӣ, чун бобоят. Хайр акнун баро! Куҷоӣ охир? Ту наметарсӣ? Ту маро дилкаф мекунӣ. Инак,, ду-се бор қалбам сих зад. Ту мурдани маро мехоҳӣ? Агар ман бимирам, ту чӣ кор мекунӣ? Фаридун ҷони бобо, шери бобо…

Пирамард шер гуфту эҳсоси гуворое дар қалбаш нуфуз кард. Аз он шод шуд, ки дар ин рӯзи барояш серташвиш садои наберааш ба шеваи шерони Себзор ҳамоҳанг буд, балки чунин оҳанг дошт.

Пирамард пиндошт ин фиреби назар асту гӯшаш садо додааст. Наход ман девона шуда бошам? Наход дарде ба ман ёр шуда бошад, ки онро эҳсос карда наметавонам. Наход аз мардум дилмонда шуданамро ин чиз боис шуда бошад? Ҳамин тавр ҳам ҳаст. Охир, ман душмани пешрафти ҷомеа ҳастам. Мехоҳам зиндагӣ мувофиқ ба меъёрҳои табиии рӯзгор, муҳит, табиат ҷараён гирад. Барои чӣ, худам намедонам? Яқин ин нишонаҳои беморист, ки худ дарк накардаам. Дигарон ҳам ёрои баёни ин хулосаро надоштанд. Касе намегӯяд. Гоҳ-гоҳ баҳсҳо буданд. Вале тан медоданд, ду даст боло бардошта, оромии маро тақозо мекарданд. Э Фаридун – Фаридун бобои ту ҳам шери нар аст. Ту шербачаи… Пирамардро машаи ханда гирифт, намедонист барои чӣ? Чӣ эҳсос онро ба бор овард? Шитоб дошт, гӯё бо кори таъҷилие даъваташ карда бошанд, ки вақташ танг буд. Пирамард, худро мехӯрд. Фаридун куҷо шудӣ? Баро, охир. Ту шербачаӣ, ту набояд тарс дошта бошӣ. Гумон накун ки шерони Себзор аз тарс тарки ин диёр намудаанд? Онҳо қаҳр карданд. Чунки ноҷавонмардон пайдо шуданд, заҳмати онҳоро қадр накарданд… баро Фаридун, куҷое бошӣ аз худ дарак деҳ! Ҷони бобо, шери бобо. Охир ман тӯро дӯст медорам. Мекушӣ маро Фаридун. Ман ба падару модари ту чӣ ҷавоб медиҳам? Диламро хун накун, Фаридун! Пирамард илтиҷо дошт, пешпо мехӯрду мехест, дардро эҳсос намекард. Дастони кордидааш захмин шуда буд, пойҳояш месӯхт, вале дардаш дигару дигар буд. Ҳеҷ намехост бо Ғуломалӣ рӯ ба рӯ занад. Намехост пеши писараш лолу мулзам монад. Аз ин чиз тарс дошт, боре ҳам ба чунин ҳолат гирифтор нашуда буд. Дар ин вазъият низ ҳеҷ хоҳиш надошт, ки пеши ӯ сар фурӯд орад, худро гунаҳгор нишон диҳад. Дар ин қазия худро гунаҳгор ҳам намедонист. Не, ман ягон ҷурму гуноҳ

надорам. Намедонам барои чӣ Фаридун аз шаҳр, аз хонаи худашон, волидони худ дилмонда аст. Нияти бозгашт надорад. Ба ман ҳам намегӯяд, дар дил чӣ мақсад дорад. Фақат ва фақат як чизро дастак карда мегӯфт, намеравам. Аммо ман инро ҷиддӣ намеҳисобидам, гумон надоштам, ки ба ин андоза ба қавлаш ӯстувор аст. Фикр мекардам, андешааш дар ин маврид бо мурур дигар мешавад.

Пирамард ба дари ғор омад, аз махфигоҳ, ки он ҷо гӯгирд ва чанд ходаи нӯгаш дар равғани нафт олуда ниҳода буд, гирифт. Чодари оташ доду ворид шуд ба он:

– Фаридун! – нидо кард, на он қадар баланд, овозаш ҳузн дошт. Фаридун! – ҳини пеш рафтан такрор мекард ва ба гирду пеш назар менамуд. Фаридун!!!

– Бобоҷон! – овои Фаридун баромад.

– Фаридунҷон! – ашки пирамард рӯи гунаҳояш шорид. Фаридун ба истиқболи бобояш шитофт. Ӯро ба оғӯш гирифт.

– Маро ба дасти падарам надеҳ! Ман ба он қафас намеравам…

– Шери бобо, ҷони бобо… Фаридунро мебӯсид пирамард.

– Ман дар ин ҷо меистам. Ман овози шерро шунидам.

– Чӣ? Овози шер?

– Бале, бобо, ман онро дар боғи ҳайвонот шунида будам...

– Бозгаштааст… – дар лабони пирмард табассум дамид. Бозгаштааст… Бояд биояд, яқин меояд…

Пирамард рӯи шохаҳои хушк паҳлӯ зад. Субҳ ҳамроҳи Фаридун роҳи деҳаро пеш гирифт.

Деҳа ором набуд, ҳама то субҳ, дар интизории мӯъҷизаи илоҳӣ, бозгашти бобову набера мижа таҳ накарда буданд. Ҳама чашм ба роҳ дар майдони назди масҷид ҷамъ омада, машварат доштанд, ҷодаҳоро байни худ тақсим мекарданд, ки он ҷониб раҳсипор шаванд, то ки дараки бобову набераро ёбанд.

Офтоб тулӯъ мекард, дар фарози суфакӯҳ бобову набера пайдо шуданд. Пирамард ба сӯи деҳа, ба майдони серодами назди масҷид нигарист. Наход, ҷаноза бошад? Наход дар деҳа касе мурдааст? Дар ин субҳи солеҳон, ин қадар одам чаро ҷамъ шуда бошад? Офтоб чун тоҷ дар сари набераи бобо дурахшид. Тавре ки ӯ ҳайрону беҳаракат ба деҳа, ба майдон, ба одамон менигарист. Инро аҳли деҳ мушоҳида кард. Диданд, ки сари ҳомун, дар ҷое, ки замоне яке аз шерони муҳофиз пеш аз тулӯи офтоб пайдо

мешуд, истодааст. Тоҷаш зарин, нурҳояш тезу мунаввар, тадриҷан боло мешавад… Халқ оҳи сабук кашид. Ҳама дар забон як чизро талаффуз карданд.

– Бозгашт…

Ғуломалӣ ба он ҷониб шитофт. Афтону хезон. Ниҳоят рӯ ба рӯи ҳам заданд Фаридунро ба оғӯш гирифт. Бӯсид, бӯид.

– Куҷо будӣ писарам?

– Дар ғори шерон!

– Чӣ?

– Ман овози онро шунидам.

– Чиҳо мегӯӣ? – ва ба рӯи падараш, ки хушҳолона ба онҳо дида медӯхт, нигарист. – Ба ӯ чӣ шудааст?

– Ҳеҷ чиз… – ҳамоно табассум мекард пирамард.

– Зуд бош писарам, аз кор мондам, ту ҳам аз мактаб, модарат аз ин воқеа хабар надорад, – аз дасти Фаридун гирифта кашола кард Ғуломалӣ. Фаридун дасташро аз кафи падараш раҳо кард.

– Намеравам…

– Барои чӣ?

– Ман ин ҷо мемонам.

– Охир он ҷо, компютер меомӯзӣ, боз забонҳои русӣ, англисӣ…

– Намехоҳам.

– Барои чӣ?

– Чунки модарам ба шумо хиёнат мекард… Бо ду чашми сарам дидам.

– Чӣ? – Ғуломалӣ дар ҷояш нишаст. Ба ту инро кӣ ёд дод?

– Худам дидам…

Ғуломалӣ писарашро ба ҳоли худ гузошт. Назди падар омад, ки канортар аз онҳо меистод.

– Майнааш осеб дидааст. Бигзор ин ҷо монад. Ҳоло корам бисёр аст. Ҳамин ки корро яктарафа кардам, духтӯр меорам.

– Барои чӣ?

– Рӯҳан мариз аст.

Пирамард писханд зад ва оҳ кашид. Даст ба китфи Ғуломалӣ ниҳод. Ва бори аввал ба чашми ӯ амиқ нигарист.

– Писарам, ҳайрон нашав, рӯҳан мову ту мариз ҳастем. Фаридун солим аст…

Ғуломалӣ ҷавобе наёфт, хомӯшона паҳлӯи набераву бобо, ки рӯ ба нишебӣ ба сӯи майдони серодам, ки ҳама ба истиқболи

онҳо баромада буданд, сархам гом ниҳод. Фаридун чун ғолиб сабук, бо ифтихор қадам мезад, гӯё бори вазнинеро, ки солҳо азияташ медод, канор гузошта бошад, гоҳ ба чеҳраи самимии бобояш менигаристу гоҳ ба рӯи андӯҳгину дар инзивои андешаҳои мағшуш мондаи падар…

**Аброри Зоҳир**

**БОЗГАШТ**

*(роман)*

Муҳаррири ороиш *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 09.07.2012 супорида шуд.
Чопаш 12.07.2012 ба имзо расид. Андоза 60х84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 15,0. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17 а